# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ 2-юм

**барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я2 81.2 (2тоҷик)+74.261.4я72**
**Р-84**

**Р-84.** Ф. Ниёзов, С. Куйбекова, М. Зиёев, Ҳ. Ҷумъаева, М. Азизова. **Роҳнамои фанни Забони модарӣ барои синфи 2-юм барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, «Маориф», 2016, 408 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-396-7**
**© «Маориф», 2016**

## МУНДАРИЉА

**I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ РОҲНАМОИ СТАНДАРТИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ДУЮМ ..... 12**

**1.1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ РОҲНАМОИ СТАНДАРТИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ДУЮМ ..... 12**

**1.2. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ РОҲНАМОИ СТАНДАРТИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ДУЮМ ..... 13**

**II. САЛОҲИЯТҲОЕ, КИ АЗ ОМӮЗИШИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ДУЮМ БА ДАСТ МЕОЯНД ..... 14**

2.1. Салоҳиятҳои гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан ..... 15
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан, навиштан, шунидан ва гуфтан ..... 17
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ ..... 20
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо ..... 21
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ..... 22

**III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ ДУЮМ ..... 22**

3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан ..... 23
3.2. Принсипҳои таълими самаранок ..... 23
3.3. Ташаккули малакаҳои фикрронӣ ..... 24
3.4. Алоқаи байнифаннӣ ..... 24
3.5. Стратегияҳои таълими фанни забони модарӣ дар синфи дуюм ..... 25
*3.5.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан ..... 25*
*3.5.2. Таълими луғат ..... 26*
*3.5.3. Таълими хониши равон ва бурро ..... 27*
*3.5.4. Таълими хониши бошуурона ..... 29*
*3.5.5. Таълими малакаи навиштан ..... 34*

**IV. АРЗЁБӢ ..... 37**

4.1. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан ..... 37
4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулидиҳандаи малакаҳои хондан ..... 37
*4.2.1. Санҷидани хондани калимаҳои шинос ..... 37*
*4.2.2. Гӯш додан ба тарзи хондани хонандагон ..... 37*
*4.2.3. Саволҳо барои санҷидани дарки маънии матни хонда ..... 37*
4.3. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии малакаҳои хондан ..... 38
*4.3.1. Санҷидани суръати хониш ..... 38*
*4.3.2. Санҷиши дарки маънӣ ..... 38*
4.4. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи навиштан ..... 38
*4.4.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи навиштан ..... 39*
*4.4.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии навиштан ..... 40*
4.5. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи шунидан ..... 41
*4.5.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардан (шунидан) ..... 41*
*4.5.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии шунидан ..... 42*
4.6. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гуфтан ..... 42

*4.6.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои шунидан* ..... 42
*4.6.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан* ..... 42
**V. МАҶМӮИ НАҚШАҲОИ НАМУНАВИИ ДАРСҲО АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ 2.** ..... 43
*5.1. Сохтори дарсҳои намунавӣ* ..... 43
**§ 1. ДАРСҲОИ 1–2** ..... 44
**§ 2. ДАРСҲОИ 3–4** ..... 47
**§ 3. ДАРСҲОИ 5–6** ..... 50
**§ 4. ДАРСҲОИ 7–8** ..... 53
**§ 5. ДАРСҲОИ 9–10** ..... 55
**§ 6. ДАРСҲОИ 11–12.** ..... 57
**§ 7. ДАРСҲОИ 13 –14.** ..... 59
**§ 8. ДАРСҲОИ 15 –16.** ..... 62
**§ 9. ДАРСҲОИ 17–18.** ..... 64
**§ 10. ДАРСҲОИ 19–20.** ..... 67
**§ 11. ДАРСҲОИ 21–22.** ..... 69
**§ 12. ДАРСҲОИ 23–24.** ..... 71
**§ 13. ДАРСҲОИ 25 – 26.** ..... 73
**§ 14. ДАРСҲОИ 27–28.** ..... 75
**§ 15. ДАРСҲОИ 29–30.** ..... 77
**§ 16. ДАРСҲОИ 31–32.** ..... 79
**§ 17. ДАРСҲОИ 33–34.** ..... 83
**§ 18. ДАРСҲОИ 35 – 36.** ..... 85
**§ 19. ДАРСҲОИ 37–38.** ..... 88
**§ 20. ДАРСҲОИ 39–40.** ..... 90
**§ 21. ДАРСҲОИ 41–42.** ..... 93
**§ 22. ДАРСҲОИ 43–44.** ..... 95
**§ 23. ДАРСҲОИ 45–46.** ..... 97
**§ 24. ДАРСҲОИ 47–48.** ..... 98
**§ 25. ДАРСҲОИ 49–50.** ..... 100
**§ 26. ДАРСҲОИ 51–52.** ..... 102
**§ 27. ДАРСҲОИ 53–54.** ..... 104

**§ 28. ДАРСҲОИ 55 –56.** .......... **106**
**§ 29. ДАРСҲОИ 57–58.** .......... **109**
**§ 30. ДАРСҲОИ 59–60.** .......... **111**
**§ 31. ДАРСҲОИ 61–62.** .......... **112**
**§ 32. ДАРСҲОИ 63–64.** .......... **114**
**§ 33. ДАРСҲОИ 65–66.** .......... **116**
**§ 34. ДАРСҲОИ 67–68.** .......... **118**
**§ 35. ДАРСҲОИ 69–70.** .......... **120**
**§ 36. ДАРСҲОИ 71–72.** .......... **122**
**§ 37. ДАРСҲОИ 73–74.** .......... **124**
**§ 38. ДАРСҲОИ 75–76.** .......... **125**
**§ 39. ДАРСҲОИ 77–78.** .......... **127**
**§ 40. ДАРСҲОИ 79–80.** .......... **129**
**§ 41. ДАРСҲОИ 81–82.** .......... **131**
**АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РЕЙТИНГИ ЯКУМ – 2 СОАТ.** .......... **133**
**§ 42. ДАРСҲОИ 83–84.** .......... **137**
**§ 43. ДАРСҲОИ 85–86.** .......... **140**
**§ 44. ДАРСҲОИ 87–88.** .......... **142**
**§ 45. ДАРСҲОИ 1–2.** .......... **144**
**§ 46. ДАРСҲОИ 3–4.** .......... **146**
**§ 48. ДАРСҲОИ 5–6.** .......... **147**
**§ 49. ДАРСҲОИ 7–8.** .......... **149**
**§ 50. ДАРСҲОИ 9–10.** .......... **151**
**§ 51. ДАРСҲОИ 11–12.** .......... **153**
**§ 52. ДАРСҲОИ 13–14.** .......... **154**
**§ 53. ДАРСҲОИ 15–16.** .......... **156**
**§ 54. ДАРСҲОИ 17–18.** .......... **158**
**§ 55. ДАРСҲОИ 19–20.** .......... **160**
**§ 56. ДАРСҲОИ 21–22.** .......... **162**
**§ 57. ДАРСҲОИ 23–24.** .......... **164**
**§ 58. ДАРСҲОИ 25–26.** .......... **166**

**§ 59. ДАРСҲОИ 27–28.** ........ **168**
**§ 60. ДАРСҲОИ 29–30.** ........ **171**
**§ 61. ДАРСҲОИ 31–32.** ........ **172**
**§ 62. ДАРСҲОИ 33–34.** ........ **174**
**§ 63. ДАРСҲОИ 35–36.** ........ **176**
**§ 64. ДАРСҲОИ 37–38.** ........ **178**
**§ 65. ДАРСҲОИ 39–40.** ........ **180**
**§ 66. ДАРСҲОИ 41–42.** ........ **181**
**§ 67. ДАРСҲОИ 43–44.** ........ **184**
**§ 68. ДАРСҲОИ 45–46.** ........ **186**
**§ 69. ДАРСҲОИ 47–48.** ........ **188**
**§ 70. ДАРСҲОИ 49–50.** ........ **189**
**§ 71. ДАРСҲОИ 51–52.** ........ **190**
**§ 72. ДАРСҲОИ 53–54.** ........ **192**
**§ 73. ДАРСҲОИ 55–56.** ........ **194**
**§ 74. ДАРСҲОИ 57–58.** ........ **197**
**§ 75. ДАРСҲОИ 59–60.** ........ **199**
**§ 76. ДАРСҲОИ 61–62.** ........ **201**
**§ 80. ДАРСҲОИ 69–70.** ........ **209**
**§ 82. ДАРСҲОИ 3–4.** ........ **213**
**§ 83. ДАРСҲОИ 5–6.** ........ **214**
**§ 84. ДАРСҲОИ 7–8.** ........ **216**
**АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РЕЙТИНГИ ДУЮМ – 2 СОАТ.** ........ **218**
**§ 85. ДАРСҲОИ 9–10.** ........ **221**
**§ 86. ДАРСҲОИ 11–12.** ........ **222**
**§ 87. ДАРСҲОИ 13–14.** ........ **224**
**§ 88. ДАРСҲОИ 15–16.** ........ **226**
**§ 89. ДАРСҲОИ 17–18.** ........ **228**
**§ 90. ДАРСҲОИ 19–20.** ........ **229**
**§ 91. ДАРСҲОИ 21–22.** ........ **231**
**§ 92. ДАРСҲОИ 23–24.** ........ **233**

§ 93. ДАРСҲОИ 25–26. .......... 235
§ 94. ДАРСҲОИ 27–28. .......... 236
§ 95. ДАРСҲОИ 29–30. .......... 238
§ 96. ДАРСҲОИ 31–32. .......... 240
§ 97. ДАРСҲОИ 33–34. .......... 242
§ 98. ДАРСҲОИ 35–36. .......... 245
§ 99. ДАРСҲОИ 37–38. .......... 247
§ 100. ДАРСҲОИ 39–40. .......... 248
§ 101. ДАРСҲОИ 41–42. .......... 250
§ 102. ДАРСҲОИ 43–44. .......... 251
§ 103. ДАРСҲОИ 45–46. .......... 253
§ 104. ДАРСҲОИ 47–48. .......... 254
§ 105. ДАРСҲОИ 49–50. .......... 256
§ 106. ДАРСҲОИ 51–52.. .......... 258
§ 107. ДАРСҲОИ 53–54. .......... 259
§ 108. ДАРСҲОИ 55–56. .......... 261
§ 109. ДАРСҲОИ 57–58. .......... 262
§ 110. ДАРСҲОИ 59–60. .......... 264
§ 111. ДАРСҲОИ 61–62. .......... 267
§ 112. ДАРСҲОИ 63–64. .......... 269
§ 113. ДАРСҲОИ 65–66. .......... 271
§ 114. ДАРСҲОИ 67–68. .......... 274
§ 115. ДАРСҲОИ 69–70. .......... 277
§ 116. ДАРСҲОИ 71–72. .......... 279
АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РЕЙТИНГИ СЕЮМ – 2 СОАТ .......... 281
§ 117. ДАРСҲОИ 73–74. .......... 285
§ 118. ДАРСҲОИ 75–76. .......... 286
§ 119. ДАРСҲОИ 77–78. .......... 290
§ 120. ДАРСҲОИ 79–80. .......... 292
§ 121. ДАРСҲОИ 81–82. .......... 294
§ 122. ДАРСҲОИ 83–84. .......... 296

§ 123. ДАРСҲОИ 85–86. ........ 298
§ 124. ДАРСҲОИ 95–96. ........ 301
§ 125. ДАРСҲОИ 97–98. ........ 303
§ 126. ДАРСҲОИ 99–100. ........ 305
§ 127. ДАРСҲОИ 101–102. ........ 308
§ 128. ДАРСҲОИ 1–2. ........ 310
§ 129. ДАРСҲОИ 3–4. ........ 312
§ 130. ДАРСҲОИ 5–6. ........ 315
§ 131. ДАРСҲОИ 7–8. ........ 317
§ 132. ДАРСҲОИ 9–10. ........ 319
§ 133. ДАРСҲОИ 11–12. ........ 321
§ 134. ДАРСҲОИ 13–14. ........ 324
§ 135. ДАРСҲОИ 15–16. ........ 325
§ 136. ДАРСҲОИ 17–18. ........ 327
§ 137. ДАРСҲОИ 19–20. ........ 329
§ 138. ДАРСҲОИ 21–22. ........ 331
§ 139. ДАРСҲОИ 23–24. ........ 333
§ 140. ДАРСҲОИ 25–26. ........ 335
§ 141. ДАРСҲОИ 27–28. ........ 336
§ 142. ДАРСҲОИ 29–30. ........ 339
§ 143. ДАРСҲОИ 31–32. ........ 340
§ 144. ДАРСҲОИ 33–34. ........ 343
§ 145. ДАРСҲОИ 35–36. ........ 346
§ 146. ДАРСҲОИ 37–38. ........ 349
§ 147. ДАРСҲОИ........ 351
§ 148. ДАРСҲОИ 41–42. ........ 353
§ 149. ДАРСҲОИ 43–44. ........ 356
§ 150. ДАРСҲОИ 45–46. ........ 359
§ 151. ДАРСҲОИ 47–48. ........ 361
§ 152. ДАРСҲОИ 49–50. ........ 364
§ 153. ДАРСҲОИ 51–52. ........ 366

**§ 154. ДАРСҲОИ 53–54.** ........ **369**
**§ 155. ДАРСҲОИ 55–56.** ........ **371**
**§ 156. ДАРСҲОИ 57–58.** ........ **374**
**§ 157. ДАРСҲОИ 59–60.** ........ **377**
**§ 158. ДАРСҲОИ 61–62.** ........ **379**
**§ 159. ДАРСҲОИ 63–64.** ........ **381**
**§ 160. ДАРСҲОИ 65–66.** ........ **384**
**§ 161. ДАРСҲОИ 67–68.** ........ **387**
**§ 162. ДАРСҲОИ 69–70.** ........ **389**
**§ 163. ДАРСҲОИ 71–72.** ........ **393**
**§ 164. ДАРСҲОИ ХОНИШИ ИЛОВАГӢ – 6 СОАТ.** ........ **396**
**АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ ХОНАНДАГОН ДАР РЕЙТИНГИ ЧОРУМ – 4 СОАТ** ........ **399**
**VI. ҶАДВАЛҲОИ АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ ХОНАНДАГОН** ........ **403**
6.1. ҶАДВАЛҲОИ АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ ХОНДАН ........ 403
6.2. ҶАДВАЛҲОИ АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ НАВИШТАН ........ 404
6.3. ҶАДВАЛҲОИ АРЗЁБИИ МАЛАКАҲОИ ГУФТАН ........ 406
6.4. ВАРАҚАИ НАЗОРАТИ ФАЪЛИЯТИ ХОНАНДАГОН ҲАНГОМИ КОРҲОИ ГУРӮҲӢ ........ 407

## МУҚАДДИМА

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонад сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардорад.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши асосӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: “... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”.

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амал мебошанд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни забони модарӣ барои синфи дуюм аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳоиислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни забони модарӣ барои синфи дуюм ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни забони модарӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни забони модарӣ-ро дар синфи дуюм фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чи бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллӣ арзёбӣ ва санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;
- Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;
- Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);
- Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунанд, даъват менамояд.

## I. Мазмун ва мундариҷаи роҳнамои стандарти фанни забони модарӣ барои синфи дуюм

### 1.1. Мафҳумҳои асосии роҳнамои стандарти фанни забони модарӣ барои синфи дуюм

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-и хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ барои паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон, ки берун аз дарс таҳия мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Лавҳи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ – ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ ва филизӣ, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд.

**Мақсади таълим** – банақшагирии пешакии натиҷаҳои омӯзиш, инкишоф ва тарбия, натиҷаи чашмдошти фаъолият. Мақсад, равиши дарс, усул ва воситаҳои таълимро муайян мекунад.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро диниста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ** – фаъолияти пайдарпай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод** (юн.methodos – роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузоштташуда.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) ба омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Нишондиҳандаҳо** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио** – калимаи итолиёӣ буда, маъноящ ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиш, пешрафт ва дастовардҳо (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо, маводди иловагии методӣ, ки тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, дониш омӯхтан аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои ақлии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки маҳорати хондан, навиштан ва баён кардани мазмуни ягон матни одиро дорад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ва маърифатӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну мухтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида, ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад.

**Таҳлил** – яке аз усулҳои таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

### 1.2. Принсипҳои асосии роҳнамои стандарти фанни забони модарӣ барои синфи дуюм

Роҳнамои стандарти фаннии забони модарӣ барои синфи дуюм дар асоси як қатор принсипҳо таҳия гаштаанд. Бо назардошти он ки китоби дарсии фанни забони модарӣ ин принсипҳоро инъикос намекунад, барои татбиқи стандарт роҳнамо ва замима ба китоби дарсӣ таҳия шудааст.

Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ китоби дарсӣ яке аз маводди таълим аст. Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ дар асоси як стандарти фаннӣ даҳҳо китобҳои дарсӣ таҳия мешаванд ва омӯзгор китоби дарсӣ ва дигар маводди таълимиро мувофиқи салоҳдиди худ ва қобилияти хонандагон интихоб мекунад.

Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо шарти зарурии ҷараёни таълим аст.. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

– хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;

– хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;

– раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;

– барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;

– ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;

– омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;

– ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;

– раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;

– ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;

– нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

**Ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон**

Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.

**Ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим**

Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

**Ташаккули арзишҳо**

Стандарти мазкур, дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ, инкишофи арзишҳоро низ ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани Салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

**Алоқамандии таълим бо ҳаёт**

Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне, дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

**Омӯзиш дар тӯли ҳаёт**

Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз Низоми таълими салоҳиятноки хонандагон раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

**Арзёбии натиҷаи таълим**

Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем ҳангоми зарурат усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## II. Салоҳиятҳое, ки аз омӯзиши фанни забони модарӣ барои синфи дуюм ба даст меоянд

Фасли мазкури стандарти фанни забони модарӣ барои синфи дуюм хеле муҳим аст. Дар он салоҳиятҳо мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.

– дар таҳияи салоҳиятҳо усули зинавӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои мибаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр хонанда дараҷаи баландтари салоҳиятнокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

**2.1. Салоҳиятҳои гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан**

| Синфи 1 (Марҳилаи «Забони модарӣ») | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Гӯш кардан (шунидан)** | | | |
| 1.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи васеи вазъиятҳо риоя мекунад. | 2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад. | 3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъият-ҳои гуногун риоя намуда, аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад. | 4.1.1.Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд. |
| 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. | 2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. | 3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. | 4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад. |
| 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро мувовофиқи синну соли худ муайян мекунад. | 2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад. | 3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро мувофиқи синну соли худ муайян карда, хулоса мебарорад. | 4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян карда, муносибати худро баён менамояд. |
| **Гуфтан** | | | |
| 1.2.1. Дар вазъиятҳои муайян қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. | 2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. | 3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад. | 4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад. |
| 1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста | 2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста | 3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста | 4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | хусусиятҳои синнусолӣ самаранок истифода мебарад. |
| 1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсад дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад. | 2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад. | 3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад. | 4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтарро истифода мебарад. |
| **Хондан** | | | |
| 1.3.1. Қоидаҳои одии хондан ва оҳангро медонад ва риоя мекунад. | 2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад. | 3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад. | 4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хонданро медонад ва риоя мекунад. |
| 1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос, доранд, мехонад. | 2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки бештар калимаҳои ношинос доранд, мехонад. | 3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад. | 4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад. |
| 1.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима) -ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад. | 2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 200 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад. | 3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима)-ро, ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад. | 4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 клима)-ро, ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад. |
| **Навиштан** | | | |
| 1.4.1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. |
| 1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад. | 2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад. | 3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад. | 4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби матни хурд менависад. | 2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад. | 3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад. | 4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад. |

## 2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан, навиштан, шунидан ва гуфтан

| **Гӯш кардан** |
|---|
| **2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– суханони гӯянда (ҳамсинфон, омӯзгор, калонсолон, хониши намунавӣ ё сабти овозӣ, нақшофарӣ, нақли воқеаҳои дидаю шунида)-ро бодиққат гӯш мекунад;<br>– ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ мекунад;<br>– ба фикрҳое, ки ба гӯш кардан халал мерасонад, диққат намедиҳад;<br>– ба садоҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон аҳамият намедиҳад;<br>– ҳар сари вақт сар меҷунбонад;<br>– қоматро рост ва кушода нигоҳ медорад. |
| **2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– тарзи дурусти талаффузи калимаҳоро такрор мекунад;<br>– луғати бештари дар нутқ шунидаро ҳангоми гуфтор истифода мебарад;<br>– ба маънои саволҳои таҳлилӣ сарфаҳм рафта, ҷавоби мувофиқ медиҳад;<br>– матнҳои хеле хурди шунидаашро менависад;<br>– калимаҳои имлояшон мураккаберо, ки тарзи навишташон аз талаффуз фарқ доранд, дуруст менависад;<br>– тарзи ғалати талаффузро муайян карда, дурусташро нишон медиҳад;<br>– табъи гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро истифода мебарад. |
| **2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– дастурҳои шифоҳии сеамаларо иҷро мекунад;<br>– ба саволҳои одӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ ҷавоб дода метавонад;<br>– мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ, барномаҳои телевизиону радио, муҳокима)-и шунидаро муайян мекунад;<br>– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян месозад;<br>– суханони шунидаро мазмунан нақл карда метавонад. |
| **Гуфтан** |
| **2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.** |

| |
|---|
| *Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ба забони адабии тоҷикӣ сухан меронад;<br>– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён мекунад;<br>– дар вазъиятҳои шинос ва ношинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад;<br>– дар суҳбатҳо бо навбат сухан мегӯяд;<br>– ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром мекунад;<br>– наҳаросида, бо боварӣ сухан мегӯяд. |
| **2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми суханро муайян мекунад;<br>– барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода мебарад;<br>– ҳангоми муошират суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда метавонад. |
| **2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– бо мақсади суҳбат оростан мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб мекунад;<br>– бо мақсади дар бораи чизе хабар додан, воқеаю ҳодисаҳои дидаю шунидаро муфассал нақл мекунад;<br>– бо мақсади аниқ кардани ахбор ё қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ медиҳад;<br>– бо мақсади касеро ба амале водор кардан дастур медиҳад;<br>– бо мақсади ба чорабиние даъват кардан шифоҳӣ эълон мекунад;<br>– бо мақсади ҳазлу шӯхӣ кардан латифа мегӯяд;<br>– бо мақсади хурсанд кардан шахсро шифоҳӣ табрик мекунад;<br>– бо мақсади дар бораи чизе огаҳӣ доштани худро баён кардан хусусиятҳои ашёро номбар мекунад. |
| **Хондан** |
| **2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ба синтагмаҳо ҷудо карда мехонад;<br>– калимаҳои имлояшон мураккаби ба синфи дуюм мувофиқро хонда метавонад;<br>– матнҳои навъ ва жанри гуногун (назмию насрии ба синну сол мувофиқ; матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ)-ро мехонад;<br>– бурро (талаффузи калимаҳо тибқи қоидаҳои имло) мехонад;<br>– ба оҳанги аломатҳои китобат риоя карда мехонад;<br>– ҳангоми хондан ғалатҳои содиркардаашро мустақилона ислоҳ мекунад. |
| **2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– равон (бо суръати муътадил 40-50 калима дар як дақиқа) мехонад;<br>– тарзҳои хондан (тасаввур кардан, такроран хондан, муайян кардани маънои калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд)-ро истифода карда, матнро мехонад; |

| |
|---|
| – стратегияҳои гуногунро истифода бурда, унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо (ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян карда метавонад;<br>– матнҳоро аз рӯйи навъ (назмӣ, насрӣ) фарқ карда метавонад;<br>– матнҳои ба синфи дуюм мувофиқро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ, дарёфти ахбори зарурӣ, дарки маънӣ) мехонад.<br>– ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан ҷавоб мегӯяд;<br>– мазмуни матнҳои ҳикоягиро пешгӯйӣ мекунад;<br>– мустақилона бо овози баланд хонда, ба саволҳо ҷавоб меёбад;<br>– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнро муайян мекунад;<br>– маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғати зери матн, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;<br>– ҷадвал, нақша, диаграммаҳои хеле содаро мехонад;<br>– аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас рӯзномаву маҷалла ва китобҳои бачагонаро мунтазам мутолиа мекунад. |
| **2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 200 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– доир ба мазмуни матнҳои ношинос саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ) карда метавонад;<br>– мазмуни матн (асарҳои бачагонаи хурд)-ро муфассал ва интихобӣ нақл карда метавонад;<br>– ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад;<br>– доир ба мазмуни матн хулоса бароварда метавонад;<br>– мазмуни матнҳои гуногунро таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ мекунад;<br>– мазмуни матнҳои содаро бо ҳаёт алоқаманд карда метавонад;<br>– тахайюлот ва воқеият будани мазмуни матнҳои на он қадар мураккабро муайян карда метавонад. |
| **Навиштан** |
| **2.4.1. Қоидаҳои навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад**.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– хоно, зебо ва тоза менависад;<br>– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, е, ё, ю, я, й, д, т, х, ъ) менависад;<br>– қоидаҳои аз сатр ба сатр гузарондани ҳиссаи калимаро риоя мекунад;<br>– аввали ҷумла ва мисраъҳои шеъриро бо ҳарфи калон менависад;<br>– аввали номи одамон, лақаби ҳайвонот ва мавқеъҳои географиро бо ҳарфи калон менависад;<br>– дар охири ҷумла аломати мувофиқ (нуқта, савол) мегузорад;<br>– пас аз калимаҳои номбаршудаи ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат аломати вергул мегузорад;<br>– ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст мегузорад. |
| **2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятноки хонанда:*<br>– миқдори ками луғат (калимаҳо)-и навро дар нутқи хаттӣ истифода мебарад;<br>– бо мақсади аниқ кардани ахбор ё қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ хаттӣ |

| |
|---|
| саволҳои одӣ ва таҳлилӣ тартиб медиҳад;<br>– бо суръати мувофиқ (тахминан 15-20 ҳарф дар як дақиқа) менависад;<br>– имлоҳои зиёди таълимиро барои инкишофи малакаҳои беғалатнависӣ истифода мебарад;<br>– дар доири мавзӯъ муколамаи хаттии хеле хурд тартиб медиҳад;<br>– аз рӯйи намуна сохтори матнҳои гуногун (эълон, табрикнома, мактуб, ҳикоя)-ро фарқ карда метавонад;<br>– мустақилона малака ва маҳорати навиштани худро такмил дода, дафтар ва варақаҳои навиштанро аз қабили "Дафтари имло", "Луғати аввалини ман"истифода мебарад;<br>– маълумотнома (анкета)-и хурд, кроссворд ва сканвордҳои содаро пур мекунад. |
| **2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– бо мақсади нишон додани донишу таҷрибаи тавассути дигар навъҳои нутқ (гӯш кардан, хондан) андӯхта иншо, ҳикоя, афсона (40-50 калима) навиштанро машқ мекунад;<br>– бо мақсади ба чорабиние даъват кардан аз рӯйи намуна эълон менависад;<br>– бо мақсади хурсанд кардан аз рӯйи намуна табрикномаи хурд менависад;<br>– бо мақсади муоширати хаттӣ аз рӯйи намуна мактуби хурд навишта метавонад. |

### 2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф кунем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 5 (10, 20, 100)-балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад:

| **Худро идора карда тавонистан** | м | о | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | | |
| Барои таваккал кардан омода аст | | | |
| Тобовар аст | | | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | | |
| Таҳаммулпазир аст | | | |
| Ҳамкорӣ мекунад | | | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | | |
| Фаъол аст | | | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мешавад | | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | | |
| Эҷодкорӣ | | | |

Мунтазам
одатан
баъзан

### 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки андозаи лаёқати хонандаро нишон медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад:

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора кардан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз ёрӣ пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худаш кӯшиш мекунад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише мақсад мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад. Кӯшиш мекунад баҳои сазовор гирад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун намуна арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба кардани донишро эътироф мекунад, ҳарчанд он қисман боиси нокомӣ ё танқид гардад. Аммо ин нокомӣ ё танқид набояд барои бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод кунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият, хифз мекунад. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истисной ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан, дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳамулпазир аст | Ақида ва арзишҳои шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯйиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ мекунад | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс, кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |

| | |
|---|---|
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад (нигаред ба «Блум») . |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

### 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни забони модарӣ омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

– назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
– тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
– усулҳои таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро бо мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
– роҳу воситаҳои самаранокро, ки барои салоҳиятнок шудани хонандагон ёрӣ мерасонанд, донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни забони модарӣ барои синфи дуюм

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд. Дар стандартҳои фанни “Забони модарӣ” ба истифодаи дуруст ва моҳиронаи забони тоҷикӣ бо мақсади муошират ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан зарур диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон мафҳумҳои “хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “чӣ тавр меомӯзанд?” аз саволи “ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд. Масалан, дар синфи дуюм салоҳияти ***“2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад”*** натиҷаи омӯхтани хонанда аст. Муҳим он аст, ки хонанда барои ифодаи андешаҳои худ ва мақсадҳои гуногун матнҳои сохторашон гуногун таҳия кунад. Агар ин амалро хонанда иҷро карда тавонад, ӯ метавонад дар мавзӯъҳои гуногун, масалан, дар мавзӯъҳои “Ватан”, “Сулҳу дӯстӣ” матн офарад. Ин маънои онро надорад, ки мавзӯъҳо муҳим нестанд. Мавзӯъҳо ҳамчун восита барои ноил шудан ба салоҳият хизмат мекунанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба омӯзгор имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо

нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвимӣ) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода мешавад, аммо ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгорон танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро, новобаста ба қобилият ва вазъи иҷтимоӣ, дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад, дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои имкониятҳои мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на аз рӯйи дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. Принсипҳои таълими самаранок

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

– хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи заминавиашон инкишоф ёбанд;
– хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
– мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
– вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
– раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
– барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
– омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро бо мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
– ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
– омӯзгорон усулҳои гуногунро бо мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
– ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
– раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
– ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
– нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;

– омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 3.3. Ташаккули малакаҳои фикррони

Дар низоми таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона гардида, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд. Низоми нави таълим диққати асосиро ба ташаккули фикррони равона мекунад.

Дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар нақшаи зерин мушоҳида карда метавонем:




Фикррони тафаккурро пурра фаро мегирад, ки нишондиҳандаҳои он чунинанд:
- таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
- санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳҳои гуногун, аз ҷумла, таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;
- таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо бо мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
- истифодаи усулҳои мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан, масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
- таҳия ва додани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
- муайян намудани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд намудани донишҳои фаннӣ.

Оид ба фикррони якчанд нуктаро бояд ба хотир гирифт:
1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои фикррони, арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, низоми арзёбии мо бояд тағйир ёбад.
2. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки малакаи фикррони маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 3.4. Алоқаи байнифаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими хубтар мегирад. Бо назардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқаи фанҳо ба даст меояд (асосан, алоқаи байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Намунаи алоқаи байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст:

Омӯзгор дар синф "дукони фурӯши маҳсулот" ташкил карда, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки бо "маблағи шартӣ" маҳсулот харанд. Онҳо бо навбат нақши фурӯшанда ва харидорро иҷро карда метавонанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки маблағи доштаашонро сарф карда, маҳсулот харанд ва оид ба амали иҷрокардаашон иншо нависанд.

Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:
1) Истифодаи пул/маблағ (математика)
2) Ҳисоб кардани нарх ва бақия (математика)
3) Муқоисаи нарх ва андоза (математика)
4) Пурсидани маҳсулот (забон – гуфтан)
5) Муайян кардани сифат ва макони истеҳсоли мол (табиатшиносӣ)
6) Оид ба маҳсулот маълумоти пурра пайдо кардан (забон – гуфтан)
7) Оид ба вазъият навиштан (забон – навиштан)
8) Навбати худро интизор шудан (малакаи иҷтимоӣ)

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳанд. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи бонақшагириро тақозо мекунад.

## 3.5. Стратегияҳои таълими фанни забони модарӣ дар синфи дуюм

### 3.5.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарк кардани ахбори шунида ва муошират бо дигарон таъсири калон мерасонад. Шахс ба мақсадҳои гуногун суҳбатҳо, нақл ва дигар навъҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) Гирифтани ахбор;
2) Дарки маънӣ;
3) Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);
4) Барои омӯхтан.

Таҳқиқоти гуногун нишон медиҳанд, ки шахс аз 25 то 50 фоизи маълумоти шунидаашро ба хотир мегирад. Аз ин лиҳоз, ташаккул додани малакаи гӯш кардан ба хонандагон имконият медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводди таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи самаранокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин, малакаи хуби гӯш кардан имконият медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд:

1) Ба суханони гӯянда диққат додан, яъне:
   - Ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан;
   - Фикрҳоеро, ки ба гӯш кардан халал мерасонанд, ба як тараф гузоштан;
   - Ҳангоми гӯш кардан хаёлан ихтилоф омода накардан;
   - Ба омилҳое, ки ҷараёни гӯш карданро халалдор месозанд (ба монанди овозҳои атроф, гуфтугӯи дигарон ва ғ.), аҳамият надодан;
   - Ба имову ишораи гӯянда диққат додан.
2) Дар ҳақиқат гӯш карданро нишон додан, яъне, истифода бурдани воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора) барои ба гӯянда равона намудани диққат:
   - Такрор ба такрор сар ҷунбондан;
   - Табассум кардан ва аз имои мувофиқ истифода бурдан;
   - Қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан;
3) Тавзеҳот додан ва ҷавоб гардондан.

   Ақидаҳо, боварӣ, таҷриба, арзёбии шахсӣ метавонанд ахбори шунидаро таъриф намоянд. Вазифаи шунаванда дарки ахбори шунида аст. Барои ин шунаванда бояд ба ахбори шунидааш диққат диҳад ва барои аниқ сохтани маълумот савол диҳад. Тавзеҳ додан тавассути "Яъне шумо мегӯед, ки ...", "Ман шуморо дуруст фаҳмидам, яъне ..."
4) Ба таъхир гузоштани хулосабарорӣ.

   Буридани сухан сарфаи беҳудаи вақт аст ва гӯяндаро хафа карда, барои пурра дарк кардани ақида халал мерасонад.
   - Ба гӯянда имконияти ба охир расонидани суханро дода, сипас савол додан лозим аст;
   - Суханони гӯяндаро бо ақидаҳои мухолиф набояд бурид.
5) Ҷавоби мувофиқ додан.

   Фаъолона гӯш кардан эҳтиром ва дарк кардани масъаларо нишон медиҳад. Шахси шунаванда ахбор ва ақидаҳои навро қабул мекунад. Агар шахси шунаванда

ҳангоми суҳбат нияти ба гӯянда ҳамла кардан ё ӯро таҳқир кардан дошта бошад, он гоҳ аз ин суҳбат чизе намегирад.

- Дар ҷавоб додан дақиқ ва одил будан;
- Ақидаро эҳтиромона пешниҳод кардан;
- Ба шахси мусоҳиб муносибати мувофиқ нишон додан.

### 3.5.2. Таълими луғат

Дониши луғавӣ маънои онро дорад, ки шахс аз захираи калимаҳо самаранок истифода мебарад. Захираи луғавӣ аз ду қисм: захираи луғавии нутқи шифоҳӣ ва нутқи хаттӣ иборат аст. Захираи луғавии нутқи шифоҳӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми гуфтан истифода мебарад ва ҳангоми шунидан дарк мекунад. Захираи луғавии нутқи хаттӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми хондани матн дарк мекунад ё ҳангоми навиштан истифода мебарад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дониш (захира)-и луғавӣ дар омӯхтани малакаи хондан нақши муҳим дорад. Хонандае, ки акнун малакаи хонданро аз худ мекунад, ҳангоми хондани калимаҳои матн онҳоро ба калимаҳои шунидааш (дониши заминавӣ) алоқаманд карда, маънои онҳоро дарк мекунад. Масалан, ҳангоми хондани калимаи ***нон*** хонанда аввал овозҳои калимаро муайян карда, онро мехонад ва бо дониши луғавии шифоҳиаш муқоиса карда, маънии онро муайян менамояд. Хонанда калимаи мазкурро хеле зиёд шунидааст ва дар нутқи шифоҳӣ истифода бурдааст. Ин тартиб бо калимаҳое, ки ба хонандагон шиносанд, осон ба роҳ монда мешавад. Аммо кор бо калимаҳое, ки ба хонандагон ношиносанд (эҳтимол хонандагон ин калимаҳоро ягон маротиба дар нутқи шифоҳӣ истифода набурда бошанд ё нашунида бошанд), мураккабтар аст.

Ба омӯхтани луғат дар шароити Тоҷикистон бояд диққати махсус дода шавад, зеро:

- Танҳо 10 фоизи кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанд;
- На ҳамаи волидон бо фарзандонашон оид ба мавзӯъҳои гуногун суҳбат мекунанд;
- Шумораи ками волидон ба фарзандонашон китоб мехонанд;
- Захираи луғавии хонандагон хеле маҳдуд аст ва танҳо доираи маҳдуди мавзӯъҳоро фаро мегирад.

Қобили қайд аст, ки ақидаҳои “дар китобҳо калимаҳои мушкил ва нофаҳмо истифода мешаванд”, “хонандагон маънои матнро намефаҳманд, зеро калимаҳо мушкиланд” ва амсоли он барои ташаккул додани захираи луғавии хонандагон монеа шуда наметавонад ва сабаби наомӯхтани луғати нав намебошад.

Аз ин лиҳоз, дар стандартҳои фанни “Забони модарӣ” барои синфҳои ибтидоӣ ба ин малака диққати махсус дода мешавад ва аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки захираи луғавии хонандагонро мунтазам бой гардонда, ба онҳо тарзи истифодаи усулу стратегияҳои луғатомӯзиро таълим диҳанд.

Луғат барои хониши бошуурона аҳамияти муҳим дорад. Хонанда агар маънои аксари калимаҳоро надонад, маънии матни хондаашро дарк карда наметавонад. Вақте ки хонандагон ба мутолиаи матнҳои мураккабтар оғоз мекунанд, онҳо бояд маънои калимаҳоеро, ки намедонанд, аниқ созанд.

Аз худ кардани луғат бо ду роҳ сурат мегирад: бевосита ва бавосита. Хонандагон маънои аксари калимаҳоро ***бевосита,*** тавассути муошírати шифоҳӣ ва хондани матн аз худ мекунанд. Аз ҷумла:

- Хонандагони хурдсол маънои калимаҳоро ҳангоми муошират бо одамони дигар, махсусан калонсолон, аз худ мекунанд. Ҳангоми муошират хонандагони хурдсол калимаҳои гуногунро мешунаванд ва ин калимаҳоро якчанд маротиба такрор мекунанд. Ҳамон қадар, ки хонандагон муошират намоянд, ба ҳамон андоза маънии калимаҳои зиёдро аз худ мекунанд.

- Хонандагон ба маънии калимаҳо тавассути аз тарафи калонсолон хондани матн (афсона, ҳикоя ва ғайра) сарфаҳм мераванд. Аз тарафи калонсолон бо овози баланд хондан дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар шахси мутолиакунанда ҳангоми пайдо шудани луғати мураккаб ист карда, маънои онро шарҳ диҳад ё бо хонандагон онро муҳокима кунад. Инчунин, муҳокимаи матн пас аз хондан ба хонандагон имконият медиҳад, ки калимаҳои навро аз худ кунанд ва онро бо дониши заминавии худ муқоиса намоянд.
- Хонанандагон маънии калимаҳоро ҳангоми мустақилона кор кардан бештар аз худ мекунанд. Ҳар қадар ки хонанда зиёдтар мустақилона хонад, ҳамон қадар калимаҳои бештарро меомӯзад.

Баъзе калимаҳо бояд ба воситаи усул ва стратегияҳои гуногун аз худ карда шаванд. Усулҳои омӯзиши луғат ба хонандагон имконият медиҳанд, ки калимаҳои маънояш мураккабро (ки дар нутқи шифоҳӣ қариб истифода намешаванд) дарк кунанд. Таълими бавоситаи луғати матни додашуда ба дарки маънии матн таъсири мусбат мерасонад. Роҳу воситаҳои гуногуни таълими луғат мавҷуданд, ки дар ҷараёни дарс тарзи истифодаи онҳоро ба хонандагон омӯзондан мумкин аст.

- **Таълими луғати мушаххас пеш аз хондани матн.** Таълими луғати нав пеш аз хондани матн ҳам ба дониши луғавӣ ва хониши бошууронаи хонанда таъсири мусбат мерасонад. Тавсия мешавад, ки пеш аз хондани матн омӯзгор калимаҳои душворфаҳм ва мураккаб, вале барои дарки маънӣ ва мавзӯъ аҳамиятноки матнро ба хонандагон омӯзонад. Зеро ах худ кардани калимаҳои асосии мавзӯи матн ба дарки он мусоидат мекунад.
- **Машқи тӯлонӣ ва пайдарҳами луғатҳо.** Пӯшида нест, ки машқ ва истифодаи зиёди луғат ба дарки маънӣ ва босалоҳиятона истифода бурдани калимаҳо ёрӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, тавсия мешавад, ки омӯзгорон роҳу усулҳои гуногуни таълими луғатро бо хонандагон машқ кунанд, аз ҷумла, тарзи истифодаи луғату фарҳангҳои гуногун, таҳияи луғати тафсирӣ, кроссвордҳои мавзӯӣ, гурӯҳбандии калимаҳо аз рӯйи хусусиятҳояшон (маъноӣ, сарфиву наҳвӣ ва амсоли он), бозиҳои гуногуни таълимӣ (бозии “Бинго”, “Майдони муъҷизот” ва ғайра), навиштани ҷумла бо калимаҳои додашуда ва ғайра.
- **Такроран ва мунтазам кор кардан бо луғат.** Тавсия мешавад, ки луғати нав дар вазъиятҳои гуногун (гуфтан, шунидан, хондану навиштан) мунтазам ва такроран истифода гардад. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро ба хотир гиранд ва бамаврид истифода баранд.

### 3.5.3. Таълими хониши равон ва бурро

Хониши равон ва бурро қобилияти дуруст ва босуръат хондани матн аст. Хонандагоне, ки равон ва бурро мехонанд, калимаҳоро ба зудӣ гурӯҳбандӣ карда, маънии матни хондаашонро дарк мекунанд. Хонандагоне, ки қобилияти хониши равон ва ифоданок доранд, бо овози баланд бемамониат ва ифоданок мехонанд. Хониши онҳо табиӣ буда, ба суръат ва оҳанги гуфтор мувофиқат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро надоранд, оҳиста ва калима ба калима мехонанд.

Хониши равон ва ифоданок муҳим аст, зеро он байни шинохти калима ва хониши бошуурона ҳамчун воситаи пайвасткунанда хизмат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро доранд, диққати худро ба маънии матн равона мекунанд, на ба хондани калимаҳои алоҳида (ё рамзкушоӣ). Онҳо байни ақидаҳои дохили матн ва матну дониши заминавии худ алоқа барпо мекунанд. Ба ибораи дигар, хонандае, ки қобилияти хуби хониши равон ва бурро дорад, ҳангоми хондан маънои чизи хондаашро ба осонӣ дарк мекунад.

Хониши равон ва бурро тадриҷан ва тавассути машқҳои зиёд такмил дода мешавад. Дар марҳалаҳои аввали таълими хондан хонандагон хеле оҳиста мехонанд, зеро онҳо акнун ҳарфҳоро мешиносанд, овозҳоро ба ҳамдигар пайваст карда, калимаро мехонанд.

Хонанда калимаҳоро дар алоҳидагӣ ва ба таври автоматӣ хонад ҳам, шояд ҳангоми хондани матн онро равон ва ифоданок хонда натавонад, зеро ҳангоми хониши ифоданок хонанда бояд матнро ба қисмҳо ҷудо кунад. Қисмҳо аз ибораҳо ва ҷумлаҳо иборат буда метавонанд.

Таҳқиқоти фаннӣ ду навъи усули таълими хониши равон ва бурроро пешниҳод кардаанд: 1) хониши такрорӣ бо овози баланд бо роҳнамоии омӯзгор ва 2) хониши мустақилонаи хомӯшона. Ҳар ду усул ба ташаккули малакаи хондани равон ва бурроӣ хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Аммо усули якум – хониши такрорӣ бо овози баланд бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор назар ба хониши мустақилонаи хомӯшонаи хонанда ба ташаккули малакаи равон ва бурро хондани хонанда таъсири бештар мерасонад.

Такроран якчанд маротиба хондани матн (на камтар аз се маротиба) имконият медиҳад, ки хонанда матнро равон ва бурро хонад. Тавсия мешавад, ки барои машқи хондан бо овози баланд матнҳое интихоб шаванд, ки аксари калимаҳо бояд ба хонанда шинос бошанд ва ба дараҷаи хониши мустақилонаи хонанда баробар бошанд. Ин маънои онро дорад, ки хонандагон қариб 95 фоизи матнро дуруст хонда метавонанд, яъне – 1 ғалат дар 20 калима.

Усули хониши такрорӣ бо овози баланд ва бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор усули самараноки такмили малакаи хониши равон ва бурроӣ хонандагон мебошад. Онро метавон тавассути воситаҳои зерин ташкил намуд:

**Хониши намунавии омӯзгор**. Бо гӯш кардани намунаи хуби хониши равон ва бурро хонандагон тарзи гузоштани овозро, ки ба фаҳмидани матн ёрӣ мерасонад, аз худ мекунанд. Тавсия мешавад, ки омӯзгорон ҳар рӯз ба хонандагон бо овози баланд ҳамчун намуна хонанд. Ҳангоми равон, бурро ва ифоданок хондан омӯзгор ба хонандагон намунаи хуби хонданро намоиш медиҳад. Пас аз хониши намунавӣ омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки матнро бори дигар хонанд. Онро бо чунин тартиб ба роҳ мондан мумкин аст: *Омӯзгор матни ба дараҷаи қобилияти хониши хонандагон мувофиқро интихоб мекунад (душвории луғат, мавзӯъ, ҳаҷми матн ба эътибор гирифта мешавад). Ӯ онро ҳамчун намуна ба хонандагон бо овози баланд, равон, бурро ва ифоданок мехонад. Сипас хонандагон дар алоҳидагӣ (ё дунафарӣ ва чорнафарӣ) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд.*

Вақти барои дарс ҷудошуда ба омӯзгорон имконият намедиҳад, ки ҳамаи хонандагон матнро ба пуррагӣ се ё чор маротиба хонанд. Агар имконият бошад, омӯзгор метавонад аз омӯзгорони дигар (ё калонсолону хонандагони синфҳои болоӣ) хоҳиш кунад, ки дар дарс иштирок карда, ба хонандагони алоҳида матнро хононанд ё тарзи хондани хонандагонро гӯш кунанд.

- **Хониши такрорӣ**. Такроран якчанд маротиба хондани як матн стратегияи хуби ташаккули малакаи хониши равон ва бурроӣ хонандагон мебошад. Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд ба хонандагон имконияти зиёди хондани ҳамон як матнро фароҳам оранд. Чунин имкониятро тавассути усулҳои зерин ба даст овардан мумкин аст:
  - *хониши дунафарӣ* – яъне як хонанда ба хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонад. Хуб мешавад, ки агар яке аз хонандагони ин гурӯҳи дунафарӣ малакаи хубтар дошта бошад. Ин хонанда аввал мехонад ва хонандаи дигар гӯш карда, сипас онро дар навбати худ мехонад.
  - *хониши умумӣ* – хонандагон ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ ҷудо шуда, бо навбат ҳамон як матнро бо овози баланд, равон ва бурро мехонанд. Омӯзгор ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ба хонандагон ҳангоми зарурат ёрӣ мерасонад, ё ин ки онҳоро раҳнамоӣ мекунад.

- *хониши калонсол ба хурдсол* – хонанда бо калонсол Як ба як мехонад. Шахси калонсол волидайн, омӯзгор ё хонандагони синфҳои болоии мактаб буда метавонад. Шахси калонсол аввал матнро ба хонанда мехонад ва тарзи дурусти равон ва бурро хондани матнро намоиш медиҳад. Сипас хонанда ҳамин матнро мехонад ва шахси калонсол ба ӯ ёрӣ мерасонад, ғалатҳояшро ислоҳ мекунад ва ӯро раҳнамоӣ мекунад.
- *хониши якҷоя (хор)* – хонандагон якҷоя ҳамчун гурӯҳи калон бо омӯзгор мехонанд. Барои ин хонандагон бояд матни мехондагиашонро бубинанд, ин матни китоби калонҳаҷм ё дар вараҳи калон навишташуда буда метавонад. Инчунин, омӯзгор ва хонандагон метавонанд матнҳои китоби дарсиро якҷоя хонанд. Матн набояд калон бошад. Аксари калимаҳои матн бояд ба хонандагон шинос бошанд.
- *хониш баробари матни сабтшуда* – хушбахтона, айни замон сабти матнҳои китобҳои дарсӣ (аз ҷумла, китоби дарсии фанни "Забони модарӣ" барои синфи 2) мавҷуданд. Матнҳо аз тарафи санъаткорони касбӣ равон, бурро ва ифоданок хонда мешаванд. Дар марҳалаи аввали хондан, дар баробари гӯш кардани сабти матн, хонандагон онро бодиққат нигоҳ мекунанд. Сипас хонанда баробари сабт матнро мехонад. Хонандагон бояд се-панҷ маротиба матнро баробари сабт хонанд. Ин корро на дар як рӯз, балки дар давоми якчанд рӯз иҷро кардан мумкин аст.
- *нақшофарӣ* – хонандагон матнҳои муколамавиро ба нақшҳо ҷудо карда, байни худ тақсим мекунанд ва ба дигарон намоиш медиҳанд.

#### 3.5.4. Таълими хониши бошуурона

Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: "Хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад". Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани "қобилият, малака, дониш ва таҷриба"-и шахс ва он матнест, ки мехонад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими фанни забони модарӣ дар синфи дуюм мебошад. Аз ин рӯ, стандартҳои фанни мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Тамоми низомҳои маорифи мамолики дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин, арзёбиҳои стандартии байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона (PISA, PIRLS, EGRA) мавриди истифода қарор ёфта, сатҳи саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ мешаванд.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад:

- матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онро дарк мекунад;
- ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои хаттиро мехонад;
- аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
- малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;
- матнро аз рӯйи сохтор фарқ карда метавонад;
- ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад.

Дар поён панҷ тавсияе, ки дар асоси таҳқиқоти фаннӣ[1] таҳия шудаанд, пешниҳод мегардад. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонанд.

**Тавсияи 1.** *Тарзи истифодаи стратегияҳо (усулҳо)-и хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзед.*

Стратегияҳои хониши бошуурона ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифтаест, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикрронӣ) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Стратегияҳои хониши бошуурона ба хонанда имконият медиҳанд, ки сатҳи фаҳмишашонро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намуда, дониши суст ва номукамали худро оид ба матн ҷуброн кунанд.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣ мерасонад (ба ҷойи аз ёд додани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стартегияҳоро ба хонандагон омӯзанд.

Таълим ва истифодаи стратегияҳои зерини хониши бошуурона тавсия мешавад:

| Стратегияҳои самаранок | Тафсир |
|---|---|
| **Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯӣ** | Хонандагон бо истифода аз маълумот ва донише, ки ба даст овардаанд, аз рӯйи нишонаҳо маънои чизи хондаашонро дарк мекунанд ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки талабагон хондани матнро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯйии худро аниқ месозанд. |
| **Саволгузорӣ** | Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ифодаҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ* истифода мебаранд. |
| **Тасаввур кардан** | Хонандагон чизи дар матн тасвиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд. |
| **Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан** | Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд ё не, онҳо матнро бори дигар мехонанд ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки матн ёрӣ мерасонанд. |
| **Хулосабарорӣ** | Хонандагон ахбореро, ки барои дарки маънии матн ошкоро наомадааст, муайян мекунанд |
| **Ҷамъбаст/Нақл кардан** | Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён/тасвир мекунанд. |

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонда шаванд. Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст. Яъне, хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд. Масалан, пеш аз хондани матн хонандагон метавонанд машққоеро иҷро намоянд, ки барои муайян кардани дониши заминавӣ оид ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои матн ёрӣ мерасонанд, сипас оид ба

[1]Шанаҳан Т., Коллисон К., Карриер К., Дюк Н., Пиерсон П.Д., Шатчнейдер К. ва Торгесен Ҷ. (2010). Такмили малакаи хониши шуурнок дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ (то синфи 3-юм) (NCEE 2010-4038). Вашингтон ОК: Маркази миллии арзёбии таълим ва дастгирии минтақаҳо, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Вазорати маорифи ИМА. Гирифта шуд аз: whatworks.ed.gov/publications/practiceguides

ҳамон матн пешгӯйӣ мекунанд, савол мегузоранд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, хаёлан ҳодисаҳои матнро тасаввур мекунанд, ҳамзамон ҷараёни хондани хешро мушоҳида карда, сатҳи фаҳмишашонро месанҷанд, хулоса мебароранд ва маънии матнро ба каси дигар ҳикоя мекунанд. Тавсия мешавад, ки тадриҷан дараҷаи раҳнамойии омӯзгор ҳангоми истифодаи стратегияҳои хониш кам шуда, дараҷаи масъулияти хонандагон дар истифодаи стратегияҳо зиёд гардад.

**Тавсияи 2.** *Тарзи муайян кардан ва истифодаи сохтори матнро ба мақсади дарк, омӯхтан ва дар хотир нигоҳ доштани муҳтаво ба хонандагон омӯзед.*

Агар хонандагон бо сохтори матн шинос шуда бошанд, маънои матнро хубтар дарк мекунанд ва ахбори онро ба хотир мегиранд, зеро сохтор ҳангоми хондан ба хонандагон барои бардоштан ва сохтани маънӣ ёрӣ мерасонад. Масалан, дарки сохтори матн ба хонандагон имконият медиҳад, ки фарқи байни ҳодисаҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро донанд ва ҳодисаҳои ҳикояро пешгӯйӣ кунанд. Хонандагон метавонанд дар зинаи таҳсилоти томактабӣ бо сохтори матн шинос шаванд. Таълим дар ин зина дар асоси матнҳои ҳикоягӣ ба роҳ монда шавад ҳам, хонандагони синфҳои поёнӣ бояд ҳатман ба матни ахборотӣ шинос гарданд, зеро сохтори он фаҳмиши онҳоро ташаккул дода, ба онҳо имконият медиҳад, ки масъалаҳои асосии онро бозгӯйӣ кунанд (нигаред ба тафсири навъҳои матн).

**Матнҳои бадеӣ** – тасвири ҳикоя ё тартиби ҳодисаҳои бофта ё ҳаққоние, ки симоҳои тахайюлотӣ ва ё шахсҳоро фаро мегирад. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои бадеӣ-таърихӣ, афсонаву ҳикоят ва тарҷумаи ҳол низ буда метавонанд.

**Матнҳои ахборӣ** – иншои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки дар он як мавқеъ назар ба мавқеи дигар бартарӣ дода мешавад ва матнҳои дастурдиҳиву ҳуҷҷатҳоро фаро мегиранд. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои ахборотӣ хабар, суханони шахсони машҳур (баромад) ва ҷадвалҳо (тақвим ва амсоли он) буда метавонанд.

Барои ташаккул додани дониши хонандагон оид ба сохтори матн ва истифодаи ин дониш барои дарки маънои матн воситаҳои гуногуни таълимӣ мавҷуданд. Масалан, омӯзгорон метавонанд ба хонандагон тарзи истифодаи нақша ва ҷадвалҳои гуногунро омӯзанд. Яке аз чунин воситаҳо тартиб додани ҷадвали қайдҳо аст. Омӯзгор метавонад аз хонандагон хоҳиш намояд, ки рӯйхати унсурҳои асосии матнро (макон, симоҳо, ҳодиса, масъала/проблема, ҳал) тартиб диҳанд. Омӯзгорон, инчунин, метавонанд қисмҳои матни ҳикояро тавассути харитаи матн ё дигар воситаҳои графикӣ, ба монанди (1) нақшаи мувофиқгузории сохтор ба мундариҷа, (2) ҷобаҷогузории қисмҳои матн, расмҳои ҳодисаҳои асосӣ ва ба тартиби муайян гузоштани қисмҳои матни бадеӣ ё (3) диаграммаи сархатҳои матн, ки ҳодисаҳои асосии матнро алоқаманд мекунанд, пешниҳод намоянд.

Омӯзгорон бояд на танҳо унсурҳои сохтори матни бадеӣ, балки унсурҳои умумии сохтори матни ахборӣ ё тавзеҳиро низ шиносонанд. Сохтори матнҳои ахборӣ одатан аз сархатҳо ё параграфҳо иборат буда, матни пурра метавонад якчанд сохторро фаро гирад. Омӯзгорон барои таълими сохтори матни ахборӣ аз мавзӯъҳои ба хонандагон шинос истифода бурда, матнҳоеро интихоб менамоянд, ки намунаҳои осонфаҳм ва мушаххаси сохтори матни ахбориро фаро мегиранд. Муқоиса ва монандкунӣ намунаи хуб аст. Омӯзгор метавонад матнҳоро оид ба навъҳои гуногуни ҳайвонот, ду ё се навъи нақлиёт истифода бурда, аз хонандагон хоҳиш кунад, ки якҷоя кор карда, ҷадвал тахия намоянд ё тавассути диаграммаи Венн монандӣ ва фарқи онҳоро муайян кунанд.

**Тавсияи 3.** *Хонандагонро ба муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ кунед.*

Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас раҳнамоӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ мерасонанд. Чунин муҳокимаронӣ байни хонандагон ё байни хонандагону омӯзгор тавассути саволу ҷавоби мантиқиву таҳқиқӣ ташкил мешавад. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон тарзи ақидаеро дастгирӣ кардан

ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмиҳои матнро равшан мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Ҳангоми ташкил намудани муҳокимаронӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бештар савол медиҳад. Омӯзгор тарзи дар доираи саволи додашуда фикр карданро ба хонандагон намоиш медиҳад. Масалан, омӯзгор чунин гуфта метавонад: “Савол дар бораи он аст, ки оҳувон чӣ мехӯранд. Ман ба сарлавҳаҳо оид ба ғизогирӣ нигоҳ мекунам. Сарлавҳа бо калимаҳои ғафси сиёҳ оварда мешавад ва он ба мо мефаҳмонад, ки дар ин қисми матн сухан дар бораи чӣ меравад. Ана, нигаред, сарлавҳа оид ба “Ғизои оҳувон”. Ман ин қисмро хонданиам. Ба фикрам, он ба ман оид ба хӯроки оҳувон маълумот медиҳад.” Муҳокимаро доир ба матни хондашуда ҳамин тавр ба роҳ мондан мумкин аст.

Инчунин, омӯзгор метавонад матнро бо овози баланд ба талабагон хонад ва ба тартиби муайян оид ба ҳодисаҳои матн ба хонандагон савол диҳад (ҳикоя дар бораи чист, ё ба фикри онҳо, сипас чӣ ҳодиса мешавад ва ғ.). Муҳокимаро бо истифодаи саволҳои гуногуни фикрронии дараҷаи баланд ба роҳ мондан ба талабагон имконият медиҳад, ки матнро таҳлил намоянд.

Гоҳе барои муҳокима омӯзгор метавонад матнеро интихоб кунад, ки ба масъалаи фарогирифтаи он хонандагон шояд розӣ набошанд, ба монанди дурустии рафтори симо, оё натиҷаҳои ҳикоя ба ҳақиқат рост меоянд ё не ва ғайра. Пас аз хондан омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо мувофиқи ақидаашон (розӣ будан ё розӣ набудан) ҷудо менамояд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз матн ақидаеро интихоб намоянд, ки ақидаи онҳоро дастгирӣ кунад (масалан, ҳодисаҳое, ки натиҷаҳоро ҳаққонӣ ё тахайюлӣ мегардонанд). Барои ба роҳ мондани ҷараёни мазкур омӯзгор ба хонандагон варақаҳо супорида, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки бо ин варақаҳо қисмҳои матнро ба қайд гиранд.

Омӯзгор бояд саволҳои дараҷаи баланди фикррониро таҳия намояд, ки оид ба маънии матн хонандагонро ба амиқ фикр кардан водор намояд, на гуфтани маълумоти одӣ. Саволҳо бояд он чизеро инъикос кунанд, ки омӯзгор мехоҳад, то хонандагон аз матн гиранд, аз ҷумла, ахбори мушаххас ва муфассал. Саволҳо набояд хеле сода бошанд (“Номи писар чӣ буд?”) ё танҳо ақидаи хонандагон пурсида шавад (“Ҳикоя ба шумо маъқул шуд?”). Саволҳои дараҷаи баланди фикрронӣ асосан чунин унсурҳоро фаро мегиранд:

- Барои чӣ ...?
- Шумо дар бораи ... чӣ фикр доред?
- Агар шумо ба ҷойи муаллиф мебудед ...?
- Ин чиро ба ёди шумо меорад ва чаро?

**Тавсияи 4.** *Матнро мақсаднок интихоб намоед, то ки хониши бошууронаро тақвият диҳад.*

Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи “як ченак барои ҳама” бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии маводди зиёди хониш, ки дар синфҳои минбаъда пеш меояд, ташаккул медиҳад. Омӯзгорон на танҳо хонандагонро бо матнҳои гуногун шинос мекунанд, балки боварӣ ҳосил мекунанд, ки матни интихобшуда (1) ақида ва ахбори бой дорад, (2) дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равон ва хониши бошууронаи онҳо мувофиқ аст, (3) ба мақсади таълимии дарс мувофиқ аст. Матнҳои мушаххасе, ки барои таълими стратегияҳои хониши бошуурона назар ба дигар матнҳо мувофиқтар бошанд, вуҷуд надоранд. Барои хонандагони хурдсол кор бо ҳамаи матнҳо таҳлил ё санҷиши фаҳмишро талаб мекунад. Малакаи хониши бошууронаи хонандагон тавассути нақли унсурҳои матн беҳтар гардонида мешавад.

*Хониши бошууронаро тавассути матнҳои жанрҳои гуногун омӯзед.* Дар стандартҳои фаннӣ матнҳо ба ду навъи фарогир – бадеӣ ва ахборӣ ҷудо мешаванд. **Матнҳои бадеӣ** ҳикояҳо ва шеърҳое мебошанд, ки ҳодисаеро тасвир мекунанд, ё тартиби воқеаҳои тахайюлотӣ ё ҳақиқии дорои персонажҳо (одамон) ё симоҳои тахайюлӣ ҳастанд. **Матнҳои ахборӣ** таҳлил ё тафсири ахбори ҳақиқӣ оид ба табиат ва ҷомеа мебошанд. Дар стандартҳо навъҳои жанрҳо вобаста ба навъҳои матн ва мувофиқи синфҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Матнҳои бадеӣ – матнҳои ҳикоя ва шеър мебошанд; дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои таърихӣ, афсонаҳо, ривоятҳо ва ҳолномаҳо низ буда метавонанд.

- Матнҳои ахборӣ – матнҳои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки як ақидаро нисбат ба ақидаи дигар бартарӣ медиҳанд, матни дастурдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои расмӣ мебошанд. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои ахборӣ чунинанд: хабарҳо, баромадҳо ва ҷадвалҳо.

Тавсия мешавад, ки омӯзгорон барои таълими хониши бошуурона ҳар ду навъи матн (бадеӣ ва ахборӣ)-ро истифода баранд. Зеро на ҳамеша малакаву маҳорати кор бо як навъи матн ба навъи дигар мегузарад. Стандартҳои фаннӣ дастурҳои иловагиро оид ба жанрҳои матне, ки бояд хонандагон дар синфҳои гуногун аз худ кунанд, фаро мегиранд.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки сифати баланд, ақида ва ахбори бою рангин доранд.*** Ҳикояҳое, ки услуби баланди бадеӣ доранд ва матҳои ахборие, ки хуб таҳия шудаанд ва шавқоваранд, барои таълими хониши бошуурона хуб мусоидат мекунанд. Дар поён баъзе хусусиятҳои баландсифат будани матн, ки барои ташаккули малакаи фикрронии интиқодии хонандагон муосидат мекунанд, оварда мешаванд:

- Муҳтавои бой (инкишофи симоҳои матнҳои бадеӣ ё тафсири маълумот дар матнҳои ахборӣ) ;
- Сохтори хуб;
- Луғати гуногун ва услуби хуби баён.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки дараҷаи мураккабии калимаҳо ва дарки маънӣ ба синну сол ва қобилияти хондани хонандагон ва мақсади таълим мувофиқ аст.*** Омӯзгорон бояд матнеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон на осон бошад ва на мушкил. Ду нишондиҳандаи мураккабии матн мавҷуд аст: муракабии иншо/унсурҳои забонӣ (масалан, мураккабии хондани калима, мураккабии ҷумлаҳо ва ташкили матн, равшании қолаб/сохтор) ва муракабии муҳтаво (яъне, то кадом андоза маълумот, ақидаҳо ва ҳодисаҳо мураккабанд). Ин ду нишондиҳандаи мураккабӣ дар ҳамон як матн аз ҳам фарқ карда метавонад, аз ин рӯ, омӯзгорон бояд ҳардуро ба эътибор гиранд. Ҳарчанд матн ба осонӣ хонда шавад ҳам, агар ахбори пешниҳодшуда мураккаб ё тамоман ба хонандагон ношинос бошад, дарки матн ба хонандагон хеле мушкил мегардад. Ҳамин тавр агар матн муҳтавои осон дошта, бо калимаҳои мураккабу ношинос иншо шуда бошад, дарки чунин матнҳо низ мушкил мегардад.

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳоеро, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолияти таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд (хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда), мувофиқанд. Шавқи хонандагон ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн метавонад ҳавасмандии онҳоро ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд гардонад, аз ин рӯ, омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, ки мавзӯъ ба хонандагон маъқул аст ё ба хонандагон шинос аст, интихоб намоянд.

***Матнеро интихоб намоед, ки ба мақсади таълим мувофиқ бошад.*** Мақсадҳои гуногуни дарсҳои хониши бошуурона инҳоро фаро гирифта метавонанд: (1) ташаккули малакаи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона; (2) ташаккули дониши хонандагон оид ба жанр, сохтор ва матнҳои мушаххас; (3) ташаккули малакаи онҳо барои иштирок дар муҳокимарониҳо оид ба матн. Ҳадафҳои гуногунро ба эътибор гиред, ҳайати машваратӣ боварӣ дорад, ки ин нуктаҳо ба омӯзгор дар интихоби матн барои таъмини мақсади дарс ёрӣ мерасонанд.

**Тавсияи 5.** *Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намоед.*

Барои дарёфтан ва сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд ва агар онҳо дар фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор метавонад фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани он ки чӣ тавр стратегияҳои хониши бошуурона ба хонандагон барои омӯхтан ёрӣ мерасонад, ташкил мекунад ва доимо ҳис мекунад, ки кадом хонанда муваффақ аст. Илова бар ин, омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо дар иҷрои вазифаи таълимӣ, инчунин, барои ба ҳадафҳои калони таълимӣ диққат додани онҳо ёрӣ расонанд. Омӯзгорон бояд ҳамон маводди хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки чӣ тавр қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамарӯза таъсир мерасонад, ҳаловат мебахшад ва барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад.

Инчунин, омӯзгорон метавонанд шавқи хонандагонро ба хондан тавассути фаъолиятҳои шавқоваре, ки ба мавзӯи таълимӣ мувофиқанд, бедор намоянд. Масалан, иҷрои саҳнача аз рӯйи матни китоб, расмкашӣ ё дигар навъи воситаҳои санъату меҳнат, ки метавонанд хонишро ба ашёи ҳаққонӣ алоқаманд кунанд. Барои бедор намудани шавқи хонандагон хондани матнҳои ахборӣ оид ба рустаниҳоро пешниҳод кардан мумкин аст. Масалан, хонандагон метавонанд дар тубакҳо донаҳои растаниро шинонанд ва ҷараёни инкишофи онро мушоҳида намоянд. Сипас ҳангоми хондани матн омӯзгор метавонад ба хонандагон барои алоқаманд кардани маънои матн ба таҷрибаи шинондан ва нигоҳубини рустанӣ ёрӣ расонад.

**Хулосаҳои умумӣ**

Омӯзгорон бояд ба хонандагон тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошууронаро таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо ба мақсади ташкил намудани фикрронӣ ҳангоми хондан омӯзанд. Инчунин, ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур хонандагон бояд бо матнҳои босифат, ки аз лиҳози мухтаво ва сифат барои фикррониии амиқ мусоидат менамоянд, кор кунанд. Бояд қайд кард, ки хонандагон на танҳо стратегияҳои хонишро бояд дуруст истифода баранд, балки аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин рӯ, истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона бо муҳокимаронии фаъол оид ба мухтавои матн бояд тақвият дода шавад ва хонандагон барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонида шаванд.

#### 3.5.5. Таълими малакаи навиштан

Дар стандарти мазкур як қатор салоҳиятҳои навиштан муайян шудаанд. Барои шавқовар ба роҳ мондани навиштан, дар баробари саволу супоришҳои китоб, чанд масъалаҳои шавқовар эҷод карда метавонед:

1. Навиштани дастурамал (Тарзи пухтани ягон навъи хӯрок. Тарзи омода кардани суманак. Тарзи гуфтугӯ бо телефони ҳамроҳ ва ғайра).
2. Нақлҳои эҷодӣ (Агар ман миллионер мебудам, чӣ кор мекардам? Рӯзе, ки ман бо шахси шинохта вохӯрдам. Зиндагӣ дар деҳаи мо дар соли 2050 чӣ гуна хоҳад буд?)
3. Нақлҳо аз гузашта. (Рӯзи аввале, ки ман компютерро истифода бурдам. Як рӯзи фаромӯшнашавандаи тобистон).
4. Муколамаҳои эҷодӣ (Мусоҳиба бо қаҳрамонҳои матнҳо). Сипас шумо метавонед аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро нишон диҳанд. Инчунин шумо аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки силсилафилми телевизиониеро тамошо карда, қисмҳои минбаъдаи онро пешгӯйӣ кунанд.
5. Навиштан бо мақсади боваркунонӣ (иншо доир ба вайрон накардани хомӯшӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, матни эълонномае, ки дигаронро ба харидани чизе даъват мекунад).
6. Навиштан бо мақсади тасвири чизе ё ҳодисае (тасвири симои қаҳрамоне аз барномаи телевизионӣ ё китоби бадеӣ, Баромадани офтоб дар фасли зимистон, Рӯзи аввали ман дар Душанбе пас аз зиндагӣ дар деҳа, Дарёи назди хонаи мо, Ман укёнусро чӣ тавр тасаввур мекунам ва ғайра.)
7. Шеър/Суруд.
8. Плакатҳо (эълонномаи маҳсулот ё нақл дар бораи филм ё китоби бадеӣ).

Б) Усули «Навигариҳо»

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

1. Хонандагон бо навбат дар гурӯҳ (4-5 нафар) ба ҳамдигар дар бораи воқеаи ба қарибӣ рухдода нақл мекунанд, яъне бо навигариҳои ҳаёти худ ҳамсинфонро шинос мекунанд.
2. Паси ҳамдигар хонандагон навигариҳоро нақл мекунанд ва сипас дар варақ тасвир мекунанд.
3. Мазмуни расмро бо ду-се ҷумла менависанд.
4. Кори иҷрокардаро дар гӯшаи «Навигариҳо» меовезанд.

Навигариҳо бояд ҳар ҳафта иваз карда шаванд. Азбаски мақсад аз истифодаи ин усул инкишоф додани малакаҳои навиштан аст, сифати расм ба назар гирифта намешавад.

Мунтазам иҷро кардани ин фаъолият ба хонандагон имкон медиҳад, ки барои навиштани нақли хаттӣ ва иншо тайёр шаванд.

*Тавсия ба омӯзгор*: Усули «Навигариҳо» хоси синфҳои ибтидоист. Дар вақти кори гурӯҳӣ лаҳзаҳои нақли воқеаи шунидаву дидаи шогирдонро гӯш кунед. Ба назди ҳар гурӯҳ рафта, фаъолияти хонандагонро мушоҳида кунед. Ба ин васила ба шумо маълум мешавад, ки то кадом дараҷа малакаву маҳорати хонанда ташаккул ёфтааст.

Қисми асосии барномаи самараноки навиштан ин ба хонандагон омӯзонидани раванди навиштан аст. Ба ҷойи ба хонандагон пешниҳод кардани мавзӯъ ва интизор шудани он, ки онҳо матне эҷод мекунанд, беҳтар аст онҳоро ба таҳияи нақшаи матн ва зикри ақидаҳои асосии ҳар як банд водор кунед. Сипас онҳо дастхате таҳия карда, онро мехонанд ва таҳрир мекунанд. Баъд дастхати дигар навишта, аз ҳамсинфе хоҳиш мекунанд, ки онро хонад. Онҳо бояд онро бори дигар таҳрир карда, нусхаи дигари онро нависанд. Агар пас аз хондан қаноатманд шаванд, корро ҳамчун нусхаи охирин ба шумо месупоранд.

Шумо ба хонандагон дар ҳолате ёрӣ расонида метавонед, ки аввал диққататонро ба сохтор ва ташкилии матни навиштаи онҳо равона кунед. Танҳо ҳангоми навиштани дастхатҳои минбаъда ба ғалатҳои имлоиву грамматикӣ диққат диҳед. Шумо бояд таъкид кунед, ки то матнро ба шахси дигар барои хондан додан худатон онро пурра хонда, ғалатҳои имлоиву грамматикиашро ислоҳ кунед. Қайд кунед, ки барои нависандаҳои маъруф низ якбора навиштани асар бе навиштани чандинакаратаи сиёҳнавис ғайриимкон аст.

В) Усули «таҳрир».

Ин усул кор бо матни корҳои хаттӣ буда, он ҳамчун воситаи ба худ ва ё ба ҳамдигар баҳо додан истифода мешавад.

Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?

1. Навиштани матн, нақли хаттӣ ё иншо;
2. Саволҳо барои тахрири кори худ ё ҳамдигар:
   - оё ҳамаи калимаҳо дуруст навишта шудаанд? (Ба ёд овардани имлои калимаҳо);
   - ҳамаи ҷумлаҳо фикри тамомшударо ифода мекунанд?
   - ҷумлаҳо мураккаб нестанд? Агар мураккаб бошанд, чӣ тарз метавон онро ихтисор кард ё аз он ду ҷумлаи сода сохт?
   - оё баъд аз аломатҳои нуқта, савол ва хитоб ҷумлаҳо бо ҳарфи калон сар мешаванд? Аломатҳои китобат дуруст гузошта шудаанд?
   - сархатҳо дуруст гузошта шудаанд?
3. Ғалатҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунед.

Чи тавре ки аз номаш маълум аст, ин усул дар дарсҳои кори хаттӣ (имло, нақли хаттӣ, иншо) истифода мешавад.

Муаллим аз намунаи меъёрҳои арзёбии ташаккулдиҳанда истифода бурда метавонад.

Тавсия ба омӯзгор. Барои санҷидан ва ба кори худ баҳо додан шогирдонро таъкид кунед, ки дар кори хаттии худ ҷумла (ибора, калима)-и барояшон мақбулро бо ягон ранг (беҳтараш қаламӣ сабз) ишора кунанд. Сипас барои такмил додани корашон ҷумлаеро интихоб кунанд, ки ислоҳталаб аст. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳам хонанда муваффақият ба даст оварад ва ҳам кори устодаш (масалан, ислоҳи ғалатҳои китобат, имло) сабук шавад.

Воситаи хуб ин равона сохтани диққати онҳо ба навиштаи бад аст. Дар ин ҳолат диққати асосӣ ба сифат равона мешавад, на ба миқдор.

Барои равона кардани диққати хонандагон ба сифат, чунон ки қаблан зикр кардем, мо бояд боварӣ ҳосил кунем, ки дигарон матни эҷодкардаи онҳоро мехонанд. Шумо метавонед ҷузвдоне ташкил карда (барои ҳар як мавзӯъ ҷузвдони алоҳида), нусхаи охирини корҳои хаттии хонандагонро дар он нигоҳ доред. Ин матнҳоро минбаъд ҳамчун маводди хониши хонандагон истифода бурда метавонед. Тадриҷан метавонед аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни беҳтаринро аз ин маҷмӯа барои аҳли синф хонанд.

Ҳангоми таҳлили кори хаттии хонандагон чиро бояд арзёбӣ кард?

– сохтор ва пешниҳоди матн (кори хаттӣ);
– баёни мавзӯъ (агар пешниҳод шуда бошад);
– истифодаи воситаҳои бадеӣ;
– истифодаи луғати ғайриодӣ;
– сохтори дурусти грамматикӣ;
– истифодаи дурусти аломатҳои китобат.

***Г) Ҳамгироии малакаҳои муаррифӣ кардан – Кори лоиҳавӣ***

Корҳои лоиҳавӣ фаъолияти дарозмуҳлат буда, хонандагон ё гурӯҳи хонандагон таҳқиқот бурда, кори эҷодӣ таҳия мекунанд. Лоиҳа ба хонандагон имконият медиҳад, ки малакаи забондонии худро озодона ва эҷодкорона истифода бурда, воситаҳои гуногуни ахбор пешниҳод кунанд. Лоиҳаҳо низ воситаи хуб барои такрори маводди азхудкардаи хонандагон аст.

Илова ба мақсадҳои забонӣ кори лоиҳавӣ малакаҳои иҷтимоӣ ва ташкилии хонандагонро вусъат медиҳад. Барои таҳияи кори лоиҳавӣ хонандагон дар алоҳидагӣ ё дар гурӯҳҳо машғул мешаванд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки ҳамкорӣ кунанд, масъулиятро ба дӯш гиранд, вақтро ба ҳисоб гирифта, кори худро ташкил кунанд.

***Намуна:***

**“Қаҳрамонони Тоҷикистон”**

1. Синфро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо кунед. Ба онҳо супориш диҳед, ки қаҳрамонеро интихоб кунанд.
2. Якҷоя рӯйхати саволҳоро доир ба онҳо тартиб диҳед ва онро дар тахтаи синф нависед. Масалан,
   а) Кай ва дар куҷо фаъолият кардааст?
   б) Ӯ чӣ корнамоиҳо нишон додааст?
   в) Ягон чизи ғайриодиро доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ пешниҳод кунед:
   г) Дигарон дар бораи ӯ чӣ гуфтаанд? ва ғайра.
3. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки воситаи муаррифии ахбори дарёфтаашонро интихоб кунанд. Барои хонандагони деҳот ин метавонад плакат ё гузориш бошад. Хонандагони шаҳр метавонанд муаррифии компютерӣ таҳия кунанд.
4. Ба хонандагон таърихи супоридани корҳои лоиҳавиро пешниҳод кунед.
5. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нақшаи иҷрои кори лоиҳавиро омода кунанд.
6. Хонандагон муаррифии худро омода мекунанд.
7. Хонандагон муаррифиашонро пешниҳод мекунанд.
8. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки муаррифии дигаронро гӯш карда, ҷадвали зеринро пурра кунанд:

| **Ному насаби қаҳрамонон** | **Корнамоиҳо** | **Чизи наве, ки ман доир ба қаҳрамони мазкур донистам.** |
|---|---|---|
| | | |

Чиро бояд арзёбӣ кард?

Агар кор дар гурӯҳҳо бошад, оё ҳамаи хонандагон фаъолона иштирок мекарданд?
Хонандагон аз китобҳои дарсӣ ва дигар мавод самаранок истифода бурданд?
Муаррифӣ мувофиқи қоидаҳои имлоиву услубии забони адабии тоҷикӣ таҳия шудааст?
Плакат/муаррифӣ шавқовар тарҳрезӣ шудааст?
Муаррифии шифоҳии хонандагон равшан ва шавқовар буд?
Ахбори пешниҳодшуда дуруст буд?

Ҳангоми таҳияи масъалаи кори лоиҳавӣ боварӣ ҳосил кунед, ки барои гузаронидани таҳқиқот маводди зарурӣ доред. Масалан, шояд дар мактаби шумо китоб доир ба ҳаёт ва фаъолияти қаҳрамонон набошад. Маълум аст, ки деҳот сарчашмаи ҳикояҳои шифоҳӣ аст – масалан, шумо аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки мавзӯи «Мактабхонӣ 50 сол аз ин пеш»-ро таҳқиқ кунанд. Онҳо метавонанд аз модаркалону бобоҳои худ пурсон шаванд.

## IV. Арзёбӣ

### 4.1. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан

Бо назардошти мураккабии малакаи хондан, ки маҷмӯи малакаҳоро фаро мегирад, мо бояд як қатор тартиботи арзёбиро истифода барем. Аммо ин чунин маъно надорад, ки мо наметавонем як қатор салоҳиятҳоро дар як вақт тавассути воситаҳои содаи арзёбӣ санҷем. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи андозаи сатҳи иҷро карда тавонистани хонанда хеле муҳиманд.

### 4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулидиҳандаи малакаҳои хондан

#### 4.2.1. Санҷидани хондани калимаҳои шинос

Дар синфи дуюм хонандагон чанд калимаи шинос (маъмул)-ро ба таври автоматӣ мехонанд (яъне ҳарфакӣ ё бо ҳиҷо намехонанд). Роҳи осони санҷидани ин дараҷаи маҳорат гӯш кардани тарзи хондани матн аст.

Шумо, инчунин, метавонед чанд калимаҳои шиносро интихоб карда, дар варақе нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Албатта, тарзи хондани хонандагон аз ҳамдигар фарқ хоҳад кард. Дар ҳолате ки агар хонандагон калимаҳои ба синну солашон мувофиқро хонда натавонанд, онҳоро ба машқи хондани ақалан даҳ калима дар як рӯз водор кунед.

**Намуна**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| модар | корхона | сурх | китобхона | рӯбоҳ | себ | дастархон |
| муаллима | муаллиф | нардбон | падар | дилрабо | одам | гуворо |
| ҳашт | тобистон | паланг | садбарг | тирамоҳ | гандум | барф |
| Наврӯз | машқ | китоб | ошёна | бемор | шабнам | рафиқ |
| гунҷишк | навиштан | баҳор | дувоздаҳ | гӯсола | бадан | рухсора |
| курта | вазифа | каланд | меояд | зимистон | дӯст | сулҳ |
| омӯзгор | фароштурук | нома | тахта | чил | дил | шарбат |

#### 4.2.2. Гӯш додан ба тарзи хондани хонандагон

Вақте ки хонандагон хонданро оғоз мекунанд ва малакаи хонданашонро такмил медиҳанд, яке аз воситаҳои сода, ки шояд шумо истифода мебаред, ин аст, ки дар синф давр зада, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки ба шумо матнеро хонанд. Агар шумо ҷадвал ё вараќи бақайдгирӣ дошта бошед, ҳамзамон чанд салоҳияти хонандагонро санҷида метавонед. Масалан:

- Оё хонанда калимаҳои маъмул ва ба ин синф мувофиқро равон мехонад? (яъне калимаро мебинаду дарҳол мехонад.)
- Оё онҳо пешбинии мантиқии калимаро аз муҳтавои матн барои суръати хониш истифода бурда метавонад?
- Оё хонанда қобилияти бо овози баланд ва бо суръати ба ин синну сол мувофиқ хонданро, ки барои дарки маънӣ мусоидат мекунад, дорад?

#### 4.2.3. Саволҳо барои санҷидани дарки маънии матни хонда

Пас аз он ки хонанда матнро мехонад, барои муайян кардани қобилияти фаҳмиши ӯ чанд савол диҳед. Танҳо талаб кардани нақли маънои матн кофӣ нест. Шумо бояд санҷед, ки оё онҳо ҳодисаҳои дар матн инъикосгардидаро дарк кардаанд ва маънии матнро муайян карда метавонанд ё не. (Ба фикри шумо чӣ ҳодиса рух медиҳад?) Шумо сипас мувофиқи дараҷаҳои ташаккули тафаккур саволу масъалаҳо тартиб дода метавонед. (Шумо дар ин вазъият чӣ кор карда метавонед?)

Дар асл агар шумо нишонаи дарки маънии матни хондаро мушоҳида карда натавонед, бояд бо ин хонандагон барои такмил додани тарзи истифодаи стратегияҳои хондан бо онҳо кор кунед.

## 4.3. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии малакаҳои хондан

Баъзе воситаҳои арзёбиеро, ки дар боло шарҳ дода шудаанд, метавонед бо мақсади арзёбии ҷамъбастӣ низ истифода баред. Ҳарчанд мақсади арзёбии ҷамъбастӣ муқоисаи як хонанда бо хонандаи дигар бошад ҳам, истифодаи воситаи санҷиши хониши калимаҳои шинос натиҷа намебахшад. Зеро то рӯйхати калимаҳои шиносро барои ҳар як синф таҳия накунем, воситаи мазкур барои санҷидан мувофиқат намекунад.

Диққат!!! Мо ҳеҷ гоҳ набояд маълумоти аз арзёбии ташаккулдиҳанда ҷамъовардаамонро ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ истифода барем. Барои чӣ? Зеро мо бояд маълумотеро истифода барем, ки дар ҷараёни таълим ҷамъ оварда шудааст, на дар натиҷаи анҷоми таҳсил! Масалан, арзёбии оши палав пеш аз пӯхтанаш ғайриимкон аст!

#### 4.3.1. Санҷидани суръати хониш

Яке аз воситаҳои хубе, ки шумо айни замон истифода мебаред, дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти муқарраршуда матнро мехонад. Сипас мо миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Усули дигар ин шумораи аниқи калимаҳо ва санҷидани вақтест, ки барои хондани онҳо сарф мешавад.

Аммо мо бояд дарк кунем, ки ин усули дуруст аст, зеро ҳамеша матни монанд ва вақти муайян истифода мешавад, аммо он мувофиқ нест, зеро хонандагон метавонанд калимаҳоро нодуруст хонанд, аммо маънои он калимаҳоро донанд.

Умуман хуб мешавад, ки дар арзёбии ҷамъбастӣ ба натиҷаи ниҳоӣ диққат диҳем. Барои хондан ин дарки маънии матни хонда мебошад.

#### 4.3.2. Санҷиши дарки маънӣ

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур шумо бояд супоришҳои хондан ва дарки маънӣ, ки дар фасли "Арзёбии ташаккулдиҳанда" шарҳ дода шудааст, таҳия кунед. Аммо айни замон чанд воситаҳои стандартии арзёбии малакаи дарки маънӣ истифода мешаванд, ки тавассути онҳо метавонем натиҷаҳои хонандагонро байни худ, дар сатҳи синф ва мактаб муқоиса кунем.

Намуна:

***Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.***

*Ману бародарам ба хонаи бобоям ба деҳа рафтем. Аз назди хонаи бобоям дарёчае мегузарад. Ману бародарам ба назди дарёча рафтанӣ шудем. Модарам моро таъкид кард, ки дар дарёча оббозӣ накунем. Мо ба суханони модарамон гӯш надода, дар дарёча оббозӣ кардем. Ногаҳон дар вақти оббозӣ ба пойи бародарам шишапорае халид. Пойи бародарам захмин шуд. Мо ба хонаи бобоям баргаштем. Модарам инро дида, моро сарзаниш кард. Ба пойи бародарам дору гузошта, онро бастанд.*

***Саволҳо:***

*1. Бародарон дар куҷо буданд?*
*2. Модар ба писаронаш чӣ гуфт?*
*3. Бо бародари дуюм чӣ ҳодиса рух дод?*
*4. Чаро модар писаронашро сарзаниш кард?*
*5. Агар писарбачаҳо ба гапи модарашон гӯш медоданд, чӣ мешуд?*

Мо метавонем салоҳиятҳои қадр кардани хонишро чунин мушоҳида кунем, ки хонандагон то кадом андоза аз хондан ҳаловат мебаранд ва барои хондан чанд маротиба мустақилона китоб интихоб мекунанд ва ба дигарон мехонанд.

## 4.4. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи навиштан

Навиштан раванди хеле мураккаб буда, малакаҳои гуногунро талаб мекунад. Барои ҳамин ба омӯзгорон воситаҳои гуногуни арзёбӣ зарур аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо натавонем ба воситаи усулҳои сода як қатор салоҳиятҳоро бисанҷем. Дар ин

марҳала ташхиси малакаи навиштани ҳар як хонанда ва муайян кардани он ки хонанда кадом амалро иҷро карда метавонад ва кадом амалро наметавонад, хеле муҳим аст.

#### 4.4.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи навиштан

1) Ҳусни хат ва қоидаҳо. Мақсади воситаи мазкур муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои хат (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд, сархат гузоштан) аст. Барои ин матни хурде ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Хонандагон матнро дар дафтар мекӯчонанд. Сипас омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мегирад.

Намунаи матн:

*Мунира ва Озода аз дарс меомаданд. Пиразане пеш-пеши онҳо мерафт. Ногаҳон аз дасти пиразан рӯймолчае афтод. Духтарон рӯймолчаро гирифтанд. Дар рӯймолча дафтарча ва калидҳо буданд. Духтарон давида рӯймолчаро ба пиразан доданд. Пиразан хурсанд шуда ба онҳо ташаккур гуфт.*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, таҳти кунҷи 65°) | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ** | | | |
| **Ҳамагӣ** | | | |

2) **Санҷиши имло**. Рӯйхати калимаҳои имлояшон мураккабро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфҳои *ӯ, ӣ, ъ* ё ҳамсадоҳои такрор ба ғалат роҳ диҳанд. Сипас калимаҳоро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред. Сипас холи гирифтаи хонандаро бо холи қисми санҷиши наҳв ҷамъ карда ба ҷадвал нависед.

Намуна:

*рӯзнома, зиндагӣ, баъд, шанбе, якшанбе, муаллим, китобхона, парвозкунон, арра, раъд* ва амсоли ин.

Меъёрҳо:

Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол.

Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол.

Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3 хол.

3) **Санҷиши наҳв/синтаксис**. Барои санҷиш метавонед ба хонандагон чанд калимаи шинос пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки як ё ду ҷумла нависанд.

Намуна: *китоб, модар, мактаб, ҳамсинф, дӯст*

Сипас ҷумлаи навиштаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои поён санҷида, ба онҳо хол гузоред.

| Меъёрҳо | Дуруст нест | Қисман дуруст аст | Пурра дуруст аст |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷамъ | | | |

4) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонандагон чанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Сипас кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида мешавад ва натиҷаи холҳо дар ҷадвал дарҷ мешавад. Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

Намунаи мавзӯъҳо:

*Чаро ман мактабро дӯст медорам; Китоб – дӯсти инсон; Тобистон хуш гузашт; Дӯст; Тирамоҳ; Офтоб; Замин; Падар; Модар ва амсоли ин.*

| **Меъёрҳо** | Нодуруст | Қисман дуруст | Пурра дуруст |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ** | | | |

#### 4.4.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии навиштан

1) Санҷиши имло.

Барои ба роҳ мондани санҷиши имло омӯзгорон бояд рӯйхати калимаҳои маъмули синфи дуюмро таҳия кунанд. Мақсади асосӣ – муайян кардани сатҳи мувофиқи талаботи имлои забони тоҷикӣ, калимаҳои шиносро дуруст истифода бурдани хонандагон мебошад.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои навиштан омӯзгор кори хонандаро месанҷад ва рӯйхати калимаҳоеро, ки ғалат навишта шудаанд, тартиб дода, аз хонанда хоҳиш мекунад, ки тарзи навиштани калмаҳои мазкурро дар хона машқ кунад. Дар ин ҳолат омӯзгор воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода мебарад. Роҳи осони санҷидани имло ин санҷиши кори хаттии хонандагон ва муайян кардани дурустии имлои калимаҳо мебошад.

Дастурҳо:

- кори хаттии хонандагонро ҷамъ оваред;
- ибора, ҷумла ё матни навиштаи хонандагонро санҷед ва калимаҳои ғалатнавиштаро муайян кунед;
- миқдори калимаҳои ғалатро муайян кунед ва ба хонанда баҳо гузоред.

2) Санҷиши синтаксис (наҳв).

Дар синфи дуюм хонандагон ҷумлаҳои сода менависанд. Инчунин, матнҳои кӯтоҳ таҳия мекунанд. Кори хаттии хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ кунед:

- тартиби калимаҳои ҷумлаи навиштаи хонанда дуруст аст;
- ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи талаботи наҳви забони тоҷикӣ мебошад.

3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида.

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- матни навиштаи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;

– хонанда ақидаашро тавассути матн (навиштан) баён карда метавонад.

## 4.5. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи шунидан

Гӯш кардан ва гуфтан раванди мураккаби ба ҳам пайванд буда, алоқамандии малакаҳои шунавоӣ ва фикррониро талаб мекунад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки омӯзгорон салоҳиятҳои шунидану гуфтанро тавассути воситаҳои сода санҷида наметавонанд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи шунидану гуфтан барои муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонанда хеле муҳим аст.

### 4.5.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардан (шунидан)

1) Санҷиши малакаи қабули овозҳо.

Дар синфи дуюм омӯзгорон метавонанд малакаи мазкурро тавассути варақҳои махсуси санҷишӣ, ки дар онҳо ҳарфҳо навишта шудаанд, бисанҷанд. Онҳо овозро мегӯянд ва хонандагон ҳарфро нишон медиҳанд.

2) Санҷиши малакаи қабули калима ва иборaҳо.

Дар синфи дуюм омӯзгорон метавонанд малакаи мазкурро тавассути варақҳои махсуси санҷишӣ, ки дар онҳо калима ва иборaҳо навишта шудаанд, санҷида метавонанд. Онҳо калима ё ибораро мехонанд ва хонандагон онҳоро нишон медиҳанд.

3) Имло (диктант)

Омӯзгор машқи имлоро, пас аз он ки хонандагон хондану навиштанро ёд мегиранд, гирифта метавонад. Имло барои муайян кардани он, ки то кадом андоза хонандагон калимаи шунидаашонро мефаҳманд ва навишта метавонанд, истифода мешавад.

4) Санҷиши дарки ахбори шунида.

Матнро ба хонанда хонед ва сипас ба ӯ чанд савол дода, бисанҷед, ки то кадом андоза онро дарк кардааст. Дар ин ҳолат набояд танҳо дар хотир гирифтани ахбор, балки дараҷаи фаҳмидану таҳлили ҳодисаву воқеаҳои матн низ бояд санҷида шавад. Барои чунин санҷиш саволҳои мувофиқ таҳия карда мешаванд. Масалан, "Ба фикри шумо давоми ҳикоя чӣ мешавад? Дар чунин вазъият шумо чӣ кор мекардед?". Тавсия мешавад, ки дар синфи дуюм саволу ҷавоб ба таври шифоҳӣ сурат бигирад.

Агар дар натиҷаи санҷиш муайян шавад, ки малакаи дарки маънии ахбори шуданида дар хонанда то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст, он гоҳ бо чунин хонанда дар алоҳидагӣ кор карда, стратегияҳои ташаккули малакаи гӯш карданро биомӯзонед.

5) Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан.

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану шунидан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия кунед:

- ҳангоми гуфтор баландии овозаш мувофиқ аст;
- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бо навбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмо ва бо суръати мувофиқ гап мезанад;
- дигаронро бодиққат гӯш мекунад;
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

#### 4.5.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии шунидан

Асосан барои ба натиҷаи ниҳоӣ диққати махсус додан бояд дарки маънии ахбори шунида санҷида шавад. Аз ин лиҳоз, воситаҳои санҷиши дарки маънии ахбори шунида (нигаред ба боло) барои арзёбии ҷамъбастӣ мувофиқанд.

### 4.6. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гуфтан

#### 4.6.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои шунидан

1) Санҷиши тарзи талаффузи фонемаҳо ва калимаҳо.

Дар синфи дуюм санҷидани тарзи талаффузи фонемаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ, махсусан, фонемаҳои /ӣ/ ва /ӯ/ санҷида мешавад. Барои ин омӯзгор ба суханронии хонанда диққат дода, ғалатҳоро ба қайд мегирад ва мутаносибан барои ислоҳи ғалатҳо ба хонандагон тавсия медиҳад ва роҳҳои аз худ кардани тарзи дурусти талаффузи ин калимаҳоро нишон медиҳад.

2) Санҷиши сарф ва наҳв.

Бо вуҷуди он ки хонандагони хурдсол ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳои дуруст гуфта тавонанд ҳам, омӯзгор ба гуфтори хонандагон аҳамият дода, тавассути ҷадвали арзёбие, ки дар асоси меъёрҳои зерин таҳия мекунад, месанҷад:

- тартиби калимаҳои ҷумла риоя шудааст;
- ҷумлаи гуфтаи хонанда мувофиқи қолаби наҳви забони тоҷикӣ аст.

3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида.

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- нутқи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
- хонанда ақидаашро ба таври шифоҳӣ дуруст баён карда метавонад.

#### 4.6.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан

Бо мақсади арзёбии ҷамъбастӣ воситаҳои арзёбии кортҳои мавзӯиро истифода баред.

## V. Маҷмӯи нақшаҳои намунавии дарсҳо аз фанни забони модарӣ барои синфи 2.

### 5.1. Сохтори дарсҳои намунавӣ

Бо мақсади расонидани ёрии методӣ оид ба татбиқи стандартҳои фанҳои синфҳои ибтидоӣ Вазорати маориф ва илм тасмим гирифт, ки ба омӯзгорон дарсҳои намунавиро таҳия ва пешниҳод намояд. Барои таҳияи дарсҳои намунавӣ мутахассисони касбӣ ҷалб шуда, дарсҳои намунавӣ муддати як соли таҳсил дар 55 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар натиҷа дарсҳои намунавӣ барои ҳамаи фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ таҳия гардиданд. Нақшаҳои дарсҳо бо назардошти талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ тартиб дода шуданд.

Дарсҳои намунавӣ дар сохтори ягона таҳия шудаанд. Бо вуҷуди умумияти сохтор дарсҳо аз рӯйи мақсад фарқ мекунанд. Дар ҷадвали поён сохтори нақшаҳои дарс шарҳ дода мешавад.

| | |
|---|---|
| Номи параграф/мавзӯъ | Дар ин қисм аломати параграф, номи машғулият ва соати барои он муайяншуда навишта шудааст. Масалан, § 1. Китоб – дӯсти мо – 2 соат |
| Барнома | Дар ин ҷо маълумот оид ба мазмун ва мундариҷаи дарси мазкур оварда мешавад.<br>Масалан,<br>Инкишофи нутқи мураттаб. Нақл дар бораи таътили тобистона. Хондан ва таҳлили матн. |
| Салоҳиятҳо | Дар ин ҷо салоҳиятҳое, ки дар раванди дарси мазкур аз ягон ҷиҳат ташаккул дода мешаванд, оварда мешаванд.<br>Масалан,<br>– Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.<br>– Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.<br>– Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. |
| Мақсади таълим | Мақсади таълим дар асоси салоҳиятҳо бо назардошти мавзӯи дарси мазкур таҳия карда мешавад.<br>Масалан,<br>– доир ба чӣ тавр гузаронидани таътили тобистона нақл карда тавонад;<br>– ҷиҳози таълимиро номбар ва вазифаҳои онҳоро гуфта тавонад;<br>– калимаҳоро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ карда тавонад;<br>– имлои ҳафи и ва ӣ-ро донад ва дар нутқи хаттиву шифоҳӣ истифода бурда тавонад;<br>– сархат, аломатҳои китобатии матнро нишон дода тавонад;<br>– доир ба вазифаи ҷиҳози таълим ҷумла навишта тавонад. |
| Равиши дарс | Дар ин ҷо тартиби таълими дарс нишон дода мешавад. Лаҳзаҳои дарс батартиб навишта шуда, барои омӯзгор ҳамчун раҳнамо хизмат мекунанд. |
| Арзёбӣ | Дар фасли мазкур восита ва методҳои баҳодиҳии дониш, малака ва маҳорати хонандагон оид ба натиҷаҳои дарс пешниҳод мешаванд. |

Шарҳи пурраи қисмҳои нақшаҳои намунавии дарсҳо

1) **Номи параграф/мавзӯъ** асосан мувофиқи мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ мебошад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо бо сабаби мувофиқ набудани мавзӯъ ба синну соли хонандагон мавзӯъҳо иваз карда шудаанд. Инчунин, дар якчанд ҳолатҳо барои шавқовар гардондани мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ номҳои ҷолиб интихоб шудаанд. Дар баробари номи мавзӯъ миқдори соатҳои машғулият пешниҳод карда мешавад.
2) **Барнома** муайянкунандаи мазмун ва мундариҷа, инчунин фаъолиятҳои асосии дарс мебошад. Барнома имконият медиҳад, ки мундариҷаи асосӣ аз дуюмдараҷа ҷудо карда шавад.
3) **Салоҳиятҳо** аз стандартҳои фаннӣ мувофиқи ҷадвали салоҳиятҳо оварда мешавад. Салоҳиятҳо такроран дар чандин дарсҳо то охири сол оварда мешаванд.
4) **Мақсади таълим** барои як дарс таҳия шуда, дар худ хусусиятҳои салоҳият ва мундариҷаи таълимро фаро мегирад. Мақсади таълим мушаххас, санҷидашаванда, иҷрошаванда ва мувофиқ мебошад. Мақсади таълим аз нигоҳи хонанда навишта мешавад ва ба саволи "Хонанда чӣ кор карда метавонад?" ҷавоб мегардонад. Масалан, *Хонанда матнро мехонад ва симоҳои онро муайян карда метавонад.* Мақсади таълим имконият медиҳанд, ки самтҳои асосии дарс (равиш, методҳо) муайян гарданд.
5) **Равиши дарс** – тавсияҳои методӣ оид ба тарзи гузарондани дарс. Дар он марҳалаҳои гуногуни дарс шарҳ дода мешавад. Методҳо ва фаъолиятҳои таълимӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳо ва татбиқи мақсадҳои дарс тафсир дода мешаванд. Лаҳзаҳои дарс ва фаъолиятҳои таълимии пешниҳодшаванда хусусияти тавсиявӣ дошта, омӯзгорон онро мувофиқи шароит ва қобилиятҳои хонандагон тағйир дода метавонанд. Мақсади асосӣ ноил гаштан ба мақсадҳои таълим мебошад, интихоб ва истифодаи усулҳо ба салоҳияти омӯзгор вобаста аст.
6) **Арзёбӣ** асосан ҷамъбасти дарс буда, баъзан воситаҳои арзёбӣ (ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ) шарҳ дода мешаванд. Усул ва воситаҳои арзёбӣ вобаста ба салоҳиятҳо ва мақсадҳои таълимии дарс интихоб ва пешниҳод мегарданд. Ин қисми нақшаи дарс низ хусусияти тавсиявӣ дорад ва омӯзгор вобаста ба шароит ва қобилияти хонандагон онро иваз карда метавонад.

## 5.2. Дарсҳои намунавӣ

### § 1. Дарсҳои 1–2.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Бурдрову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро бурдрову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои асосӣ мазмуни матнро пешгӯӣ кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;

- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад.

**Равиши дарс**: Фаъолиятҳои пешбинишуда хусусияти тавсиявӣ дошта, шумо метавонед вобаста ба шароити муассиса ва қобилияти хонандагон миқдори имконпазирро истифода баред.

1) Қисми ташкилии дарсро гузаронед.
2) Мақсадҳои таълимии дарси мазкурро ба хонандагон муаррифӣ кунед. Онҳоро ба таҳлили мақсадҳои дарс ҷалб намоед.
3) Ба хонандагон муроҷиат карда гӯед, ки аз таътили тобистона чиро бештар дар хотир доранд ё ҳодисаи шавқоваре, ки бо онҳо рух додааст, ба ёд оранд. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, хотира ё ҳодисаро ба ҳамдигар нақл кунанд. Ба онҳо барои ин амал 5 дақиқа вақт диҳед. Сипас аз якчанд нафар хоҳиш намоед, ки нақлашро ба аҳли синф баён намояд.
4) **Гуфтан**: **Гузориши рӯз.** Гуфтаҳои поёнро дар варақҳои алоҳида навишта, онҳоро дар қуттие омехта намоед. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки як варақро интихоб кунанд. Ду дақиқа омода шуда, дар бораи ин гуфтаҳо ба аҳли синф гузориши хурд пешниҳод намоянд.
   Масъалаҳо:
   - Агар бисёр хонем, бисёр медонем.
   - Китоб дӯсти ҷонӣ аст.
   - Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад.

5) Хондани матн. Диққати хонандагонро ба сарлавҳаи матн равона намоед. “Китоб – дӯсти мо”. Аз онҳо пурсед: *“Ба фикри шумо матн дар бораи чист?”* Ақидаҳои хонандагонро гӯш кунед.
6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як маротиба мустақилона хонанд ва калимаҳои душворфаҳм ва мураккабро (хонданаш мураккабро) муайян намоянд. Сипас маънои калимаҳоро аввал бо ёрии мазмуни матн ва баъд бо овардани калимаҳои ҳаммаъно ба хонандагон маънидод кунед. Тарзи хондани онҳоро машқ кунед.
   ***Калимаҳои душворфаҳм:***
   ҷонӣ, раҳнамо, дида, тавоно, барно, ваъда, доно, вафо
   Маънои калимаҳо:
   **ҷонӣ** – самимӣ, ҳақиқӣ, содиқ
   **раҳнамо** – он ки роҳ нишон медиҳад, роҳбар, пешво
   **дида** – чашм
   **тавоно** – зӯр, пурзӯр, боқувват
   **барно** – ҷавон
   **ваъда** – қавлу қарор оид ба иҷрои коре
   **доно** – доноанда; пурдон, бисёр донанда; оқил, хирадманд
   **вафо** – ба ҷо овардани қавлу ваъда
   **меҳрубон будан** – мушфиқ будан, ғамхор будан; хушрафтор будан
   **зи** – аз
   ***Калимаҳои мураккаб:***
   Абулқосими Фирдавсӣ

   ***Ибораҳои рехта:***
   Дӯсти ҷонӣ – дӯсти ҳақиқӣ
   Ба дилу дида равшанӣ бахшидан

7) Матнро як маротиба буррову равон хонед. Ба тарзи талаффузи ҳарфи *ӣ* диққат диҳед.
8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, матнро бо навбат ба ҳамдигар хонанд. Тарзи хондани хонандагонро мушоҳида карда, муайян кунед, ки кадом хонанда малакаи сусти хониши бурро дорад. Матнро хонед ва аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо такроран хонанд.
9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки курсиҳояшонро гирифта, ба таври нимдавра дар атрофи шумо нишинанд, китобҳояшонро бо худ оранд.



*10)* Китобро дар даст гирифта, матнро хонед ва ҳангоми хондан аз хонандагон пурсед: *Ҷумла бо кадом ҳарф сар шуд? Ин кадом аломат аст? Чаро пеш аз матн фосила омадааст? (сархат).* Маънои сархатро фаҳмонед. Бори дигар ҷумларо хонед, аз хонандагон пурсед: *Ин ҷумларо чӣ тавр мефаҳмед?* Масалан, “Китоб дӯсти ҷонӣ, раҳнамои зиндагӣ аст.” *Чаро муаллиф китобро дӯсти ҷонӣ гуфтааст?* Ҳамин тавр дигар ҷумлаҳоро хонед.
11) Машқи имлои ҳарфҳои и ва ӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳоро хонанд ва фарқи талаффузи ҳарфҳои *и* ва *ӣ*-ро гӯянд.
*Намуна: дӯсти ҷонӣ, роҳнамои зиндагӣ, натиҷаи бадӣ, натиҷаи некӣ, кори хонагӣ, бародари калонӣ, кабки даштӣ, ҳайвони хонагӣ, ҳайвони ваҳшӣ, танбалӣ,*
*12)* Имлои дунафарӣ. Гурӯҳҳои дунафарaро ба А ва Б ҷудо намоед. Сипас аз хонандагони А хоҳиш намоед, ки калимаҳои дар замима бударо хонанд ва хонандагони Б дар дафтарашон нависанд. (Хонандагони Б калимаҳои дар замима бударо бояд набинанд.) Баъд хонандаи Б калимаҳоро мехонад ва хонандаи А менависад. Ҳар ду хонанда корашонро месанҷанд.
Намунаи калимаҳо:
*ҷонӣ, равшанӣ, некӣ, бадӣ, зиндагӣ, дурӣ, одӣ, хонагӣ, ваҳшӣ*

**Эзоҳ**: Бандҳои 11, 12, 13, 14, 15 интихобӣ буда, ба хонандагон имкон диҳед, ки аз рӯйи шавқу завқ интихоб ва иҷро намоянд.

13) Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки сканвордро аз назар гузаронда, дар муддати 5 дақиқа ҳар чӣ бештар калима ёбанд. Гурӯҳе, ки дар ин муддат калимаҳои бештарро меёбад, ғолиб меояд.
Сканворд

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| қ | а | л | а | м | к | и | т | о | б |
| ҷ | а | д | в | а | л | м | и | з | ӯ |
| е | р | а | н | г | о | и | н | а | р |
| в | р | ф | қ | о | л | и | н | н | к |
| о | а | т | а | б | а | р | т | б | у |
| н | с | а | н | д | у | қ | е | ӯ | р |
| ш | и | р | е | ш | о | л | ш | р | с |
| я | х | д | о | н | о | м | а | о | й |

14) Акнун аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бори дигар калимаҳои сканвордро бодиққат хонанд ва онҳоро дар сутуни мувофиқи ҷадвал нависанд. Раванди иҷрои машқро мушоҳида намоед ва ба хонандагон ёрӣ расонед.

Ҷадвал:

| **Асбобҳои таълим** | **Асбобҳои рӯзгор** | **Дигар** |
|---|---|---|
| *Дафтар* | *Табар* | *Нома* |
| | | |

15) Дар пештоқи синф мизеро гузоред. Як ҷузвдони хонандаро гиред ва онро дар болои миз гузоред. Аз хонандагон пурсед, “Ин чӣ аст?” “Дар он чӣ аст?” хонандагон тахминҳои худро мегӯянд. Сумкаро кушода, ашёи мактабии онро ба рӯйи миз гузоред. Ҳар як ашёро гирифта ба хонандагон нишон диҳед ва ду савол диҳед: Ин чӣ аст? Бо ин чӣ кор мекунем? (китоб, дафтар, қалам, мӯқалам, қалами ранга, ручка, фломастер, хаткуркунак, ҷадвал, қаламдон, ҳисобкунак, албом ва амсоли он).

Намунаи саволу ҷавоб:

- Ин чӣ аст?
- Ин албом аст.
- Бо он чӣ кор мекунем?
- Дар он расм мекашем.

16) Номҳои ашёро дар тахтаи синф нависед. Якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед. Хонандагонро дунафарӣ ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба ҳамдигар як ашёро нишон диҳанд ва ба монанди боло саволу ҷавоб кунанд.
17) Лаҳзаи дамгирӣ. Ба хонандагон оид ба ашёи мактабӣ чистонҳо гӯед. Намунаҳо:
Як порча замин доштем,
Тухми сиёҳ коштем,
Бо чашми худ бидидем,
Бо ақли худ шинохтем. (*Китоб*)
18) Хонандагон як ё ду ашёро интихоб карда, расмашонро мекашанд ва дар бораи онҳо менависанд. Омӯзгор ба имлои калимаҳо ва тартиби мантиқии ҷумлаҳо диққат медиҳад ва ба хонандагон ёрӣ мерасонад. Сипас аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки як ҷумларо хонанд.

**Намуна:**



Ин қалами одӣ аст. Ман бо қалами одӣ хат мекашам. Секунҷа ва чоркунҷа мекашам.

*19)* Бозии таълимӣ. Хонандае ба назди тахтаи синф даъват карда мешавад. Ӯ рӯ тарафи синф ба курсӣ мешинад. Омӯзгор дар тахтаи синф калима (расмеро мекашад) менависад. Масалан, “китоб”. Аз хонандагони синф хоҳиш мекунад, ки онро шарҳ диҳанд, аммо номи ашёро ба забон нагиранд. Хонандаи дар пеш нишаста бояд калимаро ёбад. Хонанда иваз карда мешавад.
20) **Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?
21) **Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди банди 15 дар хона ҷумла нависанд.

**Арзёбӣ.** Имлои луғат. Аз хонандагон имлои луғат гиред. Онро санҷида ба хонандагон баҳо гузоред.
Луғат: *дӯст, ҷонӣ, равшанӣ, некӣ, бадӣ, зиндагӣ, дурӣ, одӣ, хонагӣ, ваҳшӣ*

## § 2. Дарсҳои 3–4.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст

навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро бурровУ равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад.

**Равиши дарс**. Дар поён тартиби намунавии нақшаи дарс пешниҳод мегардад. Он тавсиявӣ аст. Шумо мувофиқи шароити муассисаи таълим ва қобилияти хонандагон онро тағйир дода метавонед. Инчунин, шумо метавонед барои гузарондани дарси мазкур матн, китобҳои бадеӣ ва сарчашмаҳои дигарро бар ивази матни пешниҳодшуда истифода баред. Шумо матнҳоро иваз карда метавонед. (**ДИҚҚАТ!** Ба тавсияҳои қисми мазкур дар дарсҳои минбаъда муроҷиат намоед.)

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. **Ба ҳамдигар баҳо додан.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед. Онҳоро ба муҳокима даъват намоед. Пурсед, ки аз мақсадҳои гузошташуда кадомашро аллакай хонандагон иҷро карда метавонанд. Дар бораи зарурати аз худ кардани ин мақсадҳо ба хонандагон нақл кунед.

**Фаъолгардонии донишҳои заминавӣ (ФДЗ)**. Дар тахтаи синф оид ба мавзӯи дарс ду ё се савол нависед. Саволҳоро хонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни онҳоро мефаҳманд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволҳоро бо ҳам муҳокима намоянд (3 дақиқа). Сипас аз се ё чор гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ҷавобашонро ба аҳли синф гӯянд.
Намунаҳои савол:
*А. Ба фикри шумо шахс бояд танҳо ба хешонаш ёрӣ расонад? Чаро?*
*Б. Дар кадом фасли сол замин яху лағжонак мешавад?*

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:

1) Ба калонсолон ёрӣ расондан амали хуб аст. Барои чӣ?
2) Як рӯз ман ба мӯйсафеде/пиразане ёрӣ расондам. Чӣ тавр?
3) Бе пир марав дар амонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло шумо як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм-қисм бурров равон хонед ва хонандагон аз паси шумо

такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

**Таҳлили симоҳои матн**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як симои матнро муайян намоед. Бори дигар мафҳуми “симои матн”-ро ба хонандагон фаҳмонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симоҳои матнро муайян кунанд ва ягон хусусияти онҳоро нависанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симо** | **Хусусият** |
|---|---|
| Писарак | |
| Духтарак | |
| Пиразан | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори хуро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Нақли пайиҳам.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд. (Агар хонандагон матнро бори дигар хонданӣ бошанд, ба онҳо ин имконро фароҳам оваред). Сипас хонандагон бо навбат матнро нақл мекунанд. Хонандаи 1 оғоз карда, хонандаи 5-ум онро ба охир мерасонад. Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва тартиботро дар синф таъмин намоед. (**ДИҚҚАТ!** Минбаъд барои татбиқи усули “Нақли занҷирвор” ба машғулияти мазкур муроҷиат намоед.) (Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4)

**Кори дунафарӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дигар хонанд ва дурусту нодуруст будани ақидаҳои поёнро муайян намоянд. Ақидаҳоро як-як хонда, дуруст ё нодуруст будани онро аз хонандагон пурсед. Аз онҳо пурсед, ки чӣ тавр муайян карданд? Барои иҷрои ин амал хонандагон бояд ҷумлаи мувофиқро аз матн ёфта, онро бо ақидаи пешниҳодшуда муқоиса намоянд ва дуруст ё нодуруст будани онро муқаррар намоянд. Шумо тарзи иҷрои амалро бо як мисол ба хонандагон намоиш диҳед.
Намунаҳо:
А. Ду мактаббача – як писару як духтар, аз хонаашон баромада ба мактаб мерафтанд. □ *дуруст;* □ *нодуруст*
Б. Дар кӯча пиразане пеш-пеши онҳо мерафт. □ *дуруст;* □ *нодуруст*
В. Замин лой буд ва пиразан лағжид. □ *дуруст;* □ *нодуруст*
Г. Духтарак ҷузвдонашро ба писарча доду ба ёрии пиразан давид. □ *дуруст;* □ *нодуруст*
Ғ. Пиразан бибии писарак буд. □ *дуруст;* □ *нодуруст*
**Навиштан.**
Ҷумлаҳои зеринро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро рӯйнавис кунанд ва ба ҷойҳои холӣ калимаи мувофиқ гузоранд.
А. Фасли ____________ буд. Ҳаво хеле сард буд.
Б. Баъд аз боридани ____________ замин лағжонак мешавад.
В. Дар фасли ____________ дарахтон гул мекунанд.
Г. Замира себи кашидаашро бо ____________ сурх ранг кард.

Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки як ҷумла хонда, чӣ тавр интихоб кардани калимаро ба ҳамсинфонашон гӯянд. Масалан: *Фасли ____________ буд. Ҳаво хеле сард буд. Фасли зимистон буд. Ҳаво хеле сард буд. Ман барои он калимаи зимистонро истифода бурдам, зеро мазмуни ҷумлаи дуюм инро талаб мекард. Танҳо дар фасли зимистон ҳаво хеле сард мешавад.*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда

мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хонданро машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни дар замима омадаро хонанд ва ба монанди намуна якчанд савол нависанд.

**Арзёбӣ.** Дар тахтаи синф се савол навишта, онҳоро бо хонандагон муҳокима намоед. Нигаред ба саволҳои поён.
*Чиро омӯхтед?*
*Чӣ ба шумо маъқул шуд?*
*Чӣ ба шумо мушкил буд?*

## § 3. Дарсҳои 5–6.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан бо мақсадҳои гуногун. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- дараҷаи фаҳмидани матнро мушоҳида ва арзёбӣ кунад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро ёфта ислоҳ кунад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
- барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра).

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволҳои таҳиякардаашонро ба ҳамдигар хонанд. Ба саволҳои якдигар ҷавоб гардонанд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки саволҳои таҳиякардаашонро ба аҳли синф хонанд. Инчунин, барои пурсиши вазифаи хонагӣ аз усули “Курсии сеҳрнок” истифода бурда метавонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**ФДЗ.** Ду ё се ақидаи ба ҳам мухолифро оид ба мавзӯи асосии дарс дар тахтаи синф нависед. Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафара/чорнафарӣ машғул шуда, бо ақидаҳои пешниҳодшуда розӣ мешаванд ё онҳоро рад мекунанд. Хонандагон бояд интихобашонро шарҳ диҳанд.

Намунаҳо:

1) *Агар шахс вақти зиёдро барои тамошои телевизор сарф кунад, доно мешавад.*
2) *Агар шахс кам телефизор тамошо кунаду зиёдтар китоб хонад, беҳтар аст.*
3) *Тамошои телевизор ба шахс фоида дорад.*

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.** (Ин қисмро якҷоя бо ФДЗ гузаронда метавонед).

Масъалаҳо:

1) Зиёд телевизор тамошо кардан зарар дорад. Барои чӣ?
2) Бо телефону смартфон рӯзи дароз бозӣ кардан хуб нест. Чаро?
3) Вақтро ғанимат донистан лозим аст.

**Кор бо луғат**. Дар тахтаи синф ҷумлаҳои зеринро нависед. Зери калимаи *тағйир* хат кашед. *Ҳамсинфамон Нодир яку якбора* ***тағйир*** *ёфт. Қариб як моҳ боз баҳои «2» намегирифт.*

Ҷумлаҳоро хонед. Гӯед: *Ман калимаи "тағйир"-ро намедонам. Ба ман мазмуни ҷумлаҳо барои фаҳмидани маънои калимаи нофаҳмо ёрӣ мерасонад. Агар як моҳ боз Нодир баҳои 2 нагирифта бошад, ӯ дигар шудааст. Фаҳмидам. Нодир дигар шудааст. Маънои калимаи тағйир ёфтан дигар шудан будааст.* Ба хонандагон фаҳмонед, ки барои фаҳмидани маънои калимаи ношинос мазмуни ҷумла ё матн ёрӣ расонда метавонад.

Аз хонандаон хоҳиш намоед, ки матни "Муаммо"-ро аз замима мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Маънои калимаҳоро аз мазмуни матн муайян намоянд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки баъзе намунаҳоро ба аҳли синф хонанд ва гӯянд, ки чӣ тавр маънои калимаи ношиносро фаҳмиданд.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки машқи луғатро аз замима иҷро намоянд. Яъне калимаҳоро бо калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи онҳо мувофиқ гузоранд.

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз нуҳ хонача кашанд:

**Намуна:**

**Калимаҳо:** табассумкунон, ҳаҷвия, яку якбора, баҳс, тағйир, муҳим, мақсад, озода, сарбаста, ҳайрат, ибрат, таъсир, маҷлис, рӯзнома, сабаб, ислоҳ, танқид, сир, муаммо.

| | | |
|---|---|---|
| Ҳайрат | Муаммо | Ибрат |
| Ислоҳ | Маҷлис | Рӯзнома |

– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз тахтаи синф нуҳ калимаро интихоб кунанд ва дар ҳар катаки ҷадвал як калимаро нависанд.
– Варақчаҳоро аз қуттӣ гирифта, калимаро хонед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар ин калимаро дар ҷадвал навишта бошанд, онро хат кашанд. Хонандае ки аввалин шуда ҳамаи калимаҳоро (пас аз хондани шумо) хат мекашад, ғолиб шуда "Бинго!" мегӯяд. Рафта кори хонандаро санҷед, то ӯ калимаҳои мувофиқро хат кашида бошад.
– Сипас аз хонандаи ғолиб хоҳиш намоед, ки калимаҳои дар қуттӣ бударо ба мисли шумо хонад ва аҳли синф бори дигар бозиро иҷро менамоянд. Ин бозиро се чор маротиба гузаронда метавонед.

Пас аз бозӣ аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Ҷумлаи якуми матнро хонед ва дар яке аз калимаҳо ғалат кунед. Масалан, калимаи «меомад»-ро «мемонад» хонед. Нафаҳмидам гуфта, ҷумларо бори дигар хонед ва калимаи «меомад»-ро дуруст хонед. Ҳа, акнун фаҳмидам гӯед. Ба хонандагон фаҳмонед, ҳангоми хондани матн агар ягон калимаро ғалат хонанд, маънои онро дуруст намефаҳманд, аз ин лиҳоз, ҷумларо бори дигар хонед ва ғалати худро ислоҳ кунед. Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки матнро бо овози баланд хонад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки хониши хонандаро гӯш кунанд. Агар хонанда ғалат содир кунаду дарҳол онро ислоҳ кунад, ӯро аҳсан гӯед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар хонда, хониши якдигарро мушоҳида кунанд ва ба ҳамдигар ёрӣ расонанд.
Дар тахтаи синф се савол нависед:
*Дар матн чӣ ҳодиса рӯй дод?*
*Матн дар бораи кӣ аст?*
*Бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дод?*
*Чаро матн «Муаммо» номида шудааст?*
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз матн маълумоти зарурӣро барои ҷавоб додан муайян кунанд. Тарзи алоқаманд кардани мазмуни саволро бо маълумоти матн ба хонандагон нишон диҳед. Ин корро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед. Сипас аз онҳо хоҳиш намоед, ки мустақилона кор кунанд. Дар асоси саволҳо муҳокима ташкил намуда, матнро таҳлил намоед.
Намуна
*Матн дар бораи **кӣ** аст? Матн дар бораи Нодир аст. Ман инро аз ҷумлаи якум фаҳмидам: Ҳамсинфамон **Нодир** яку якбора тағйир ёфт. Вақте ки бо калимаи "кӣ" савол пурсида мешавад, он гоҳ мо бояд шахсро (симоро) аз матн ёбем.*
**Навиштан**. Навиштани савол. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар асоси ҷумлаҳои додашуда ва калимаҳои ишорашуда савол тартиб диҳанд. Як ё ду намунаро якҷоя бо аҳли синф иҷро намоед.
**Намуна:**
1) Ҳамсинфамон **Нодир** яку якбора тағйир ёфт. (Кӣ?)
***Кӣ** яку якбора тағйир ёфт? Ҳамсинфамон **Нодир**.*
2) Сару либосаш **тозаву озода**, ҳатто мӯйҳояш шона кардагӣ. (Чӣ гуна?)
*Сару либоси ӯ **чи гуна** буд? Сару либосаш **тозаву озода** буд.*
3) Ба ӯ на **гапи падару модараш** таъсир мекарду на гапи мо. (Чӣ?)
4) Борҳо **дар маҷлиси синф** танқид кардем, сураташро дар рӯзномаи ҳаҷвии «Ҷайра» баровардем, ба воситаи радиои мактаб дар борааш ҳаҷвия шунавондем. (Дар куҷо?)
5) **Бегоҳирӯзӣ** маҷбур шудам, ки назди модари Нодир – Сайрам- хола равам. (Кай?)

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар хона кроссвордро бо аҳли оила пур кунанд.

**Арзёбӣ.** Дар тахтаи синф се савол навишта, онҳоро бо хонандагон муҳокима намоед. Нигаред ба саволҳои поён.
*Агар маънои калимаеро ҳангоми хондани матн нафаҳмед, шумо чӣ кор мекунед?*
*Барои ба саволи матн ҷавоб додан чӣ кор мекунед? Чӣ хел муайян мекунед, ки ҷавоб ба савол дар кадом қисми матн омадааст?*

## § 4. Дарсҳои 7–8.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Мавод**: китоби дарсии «Забони модарӣ” барои синфи 2. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- барои аниқ кардани мазмун ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои одии таҳлилӣ диҳад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои сода дода тавонад;
- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад;
- барои хондани калимаҳои мушкил стратегияи мувофиқро истифода барад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Насиҳати рӯз.**

Масъалаҳо:

1) Дониш аз сарват гаронтар аст. Чаро?
2) Агар шумо имконият медоштед, кадом китобро мехаридед? Чаро?
3) Чаро китоб ганҷи бебаҳо аст? Шарҳ диҳед.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои ду-чорнафарӣ ҷудо намоед. Дар тахтаи синф калимаи “ҷавоҳирот”-ро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якҷоя кор карда, ҳарчи бештар калимаҳои ба мавзӯъ мувофиқро дар дафтар нависанд. Гурӯҳҳо бо навбат калимаҳоро мехонанд. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дониши заминавии хонандагонро оид ба мавзӯъ муайян кунед ва онҳоро барои аз худ кардани маводди таълим омода намоед.

**Кор бо луғат**. Калимаҳои *анис, ҷавоҳирот, сарват, гаронтар, золим, шоҳ, ҳамла кардан, ғорат кардан, ваҳм, дороӣ, ба қатл расондан*-ро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Ҳоло якҷоя мо маънои калимаро меёбем. Ҷумлаеро, ки дар он ин калима омадааст, хонед. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно*

*дорад? Ҷумлаи дигарро мехонем? Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Офарин! Акнун калимаи дигарро мебинем.*

– Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда, маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва доир ба мазмуни матн чор ё панҷ ақида таҳия намоед. Ақидаҳо бояд дуруст ва нодуруст бошанд (Нигаред ба замима). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаҳоро хонанд ва ба онҳо розӣ ё норозӣ будани худро аниқ созанд (Шумо метавонед ақидаҳоро хонед). Пас аз пур кардани ҷадвал аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва пас аз хондани матн бори дигар ҷадвали пуркардаашонро санҷанд. Оё ягон ақидаи онҳо бо мазмуни матн мувофиқ омад ё не? Чаро? Як намунаро якҷоя бо аҳли синф таҳлил кунед. Тарзи таҳлил карданро ба хонандагон фаҳмонед. Ҳангоми фаҳмондан аз матн мисол оред.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф кашед ва тарзи пур кардани онро ба хонандагон фаҳмонед. Яъне онҳо мувофиқи ҷонишинҳои саволӣ аз матн маълумотро дарёфта, дар ҷадвал менависанд. Нигаред ба намунаи замима.

| **Кӣ? Киҳо?** | **Дар куҷо?** | **Кай?** | **Чӣ кор карданд?** |
|---|---|---|---|
| *Намуна: Шоҳи золим* | *Дар як мамлакат* | *дар як замон* | *Ҳамла мекард, ғорат мекард, аҳволаш бад шуд, пинҳон кард* |
| Чӯпонбача | | | |
| Падар | | | |

Кӣ? Киҳо? – симоҳои матн
Дар куҷо? – макон
Кай? – замон
Чӣ кор карданд? – амал
Дар асоси маълумоти ҷадвал саволу ҷавоб ташкил намоед.

**Навиштан.** Тарзи навиштани саволро бо хонандагон дар асоси матни «Чӯпон» машқ кунед. Намуна: Рашид бузҳоро **дар саҳро** мечаронад. *Рашид бузҳоро **дар куҷо** мечаронад?*

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар хона кроссвордро бо аҳли оила пур кунанд.

**Арзёбӣ.** Дар тахтаи синф се савол навишта, онҳоро бо хонандагон муҳокима намоед. Нигаред ба саволҳои поён.

*Агар маънои калимаеро ҳангоми хондани матн нафаҳмед, шумо чӣ кор мекунед?*

*Барои ба саволи матн ҷавоб додан чӣ кор мекунед? Чӣ хел муайян мекунед, ки ҷавоб ба савол дар кадом қисми матн омадааст?*

**§ 5. Дарсҳои 9–10.**

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Тарзи пешгӯйии мазмуни матн дар асоси нишонаҳо он (ном, расм, калимаҳои асосӣ ва ғайра). Тартиб додани нақшаи пайдарпайии ҳодисаҳои матн. Истифодаи нақшаву ҷадвалҳо барои пешниҳоди маълумот. Ба саволҳои таҳлилии оид ба матн ҷавоб додан. Муайян кардани мазмуни матни шунида. Машқи суханварӣ. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои *я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима*. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матн, номи он ва расмҳоро аз назар гузаронда, мазмуни асосии онро муайян карда тавонад;
- оид ба ҳодисаву воқеаҳои матне, ки мехонад, пешгӯйӣ ё ақидаҳо пешниҳод кунад;
- барои пурра дарк кардани мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб гардонад;
- ба суханони гӯянда сарфаҳм рафта, ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби мувофиқ дода тавонад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.
**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.**
**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:
1) Тирамоҳ фасли зебои сол аст. Чаро?
2) Дар тирамоҳ барги дарахтон ранги гуногун мегиранд. Дар бораи боғи мактаб нақл кунед.
3) Пас аз афтидан баргҳои дарахтон ба чӣ табдил меёбанд? Ин ба замин чӣ фоида дорад?

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф номи матнро нависед "Барги серташвиш". Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара машғул шуда, оид ба мавзӯъ ду калима гӯянд – як хусусияти мусбат ва як хусусияти манфӣ.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаънои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.

Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. Якчанд ақидаро оид ба мазмуни матн нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ақидаҳо бовар кардан ё накарданро гӯянд.
Намуна:

| | Ақида | Бовар мекунам | Бовар намекунам |
|---|---|---|---|
| 1 | Баргҳои дарахтон рақс мекунанд. | | |
| 2 | Баргҳои дарахтон дар тирамоҳ зард мешаванд. | | |
| 3 | Баргҳои дарахтон гиря мекунанд. | | |
| 4 | Баргҳо бо шохҳо гап мезананд. | | |
| 5 | Тирамоҳ баргҳои дарахтон меафтанд. | | |

Дар асоси интихоби хонандагон муҳокима ташкил намоед. Пурсед, ки чаро онҳо ба ин ақида бовар доранд ё надоранд. Масалан, *ман ба рақс кардани барги дарахтон бовар надорам. Барои он ки танҳо одамон рақс мекунанд.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни “Барги серташвиш”-ро хонанд ва ақидаҳоро бори дигар таҳлил кунанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки чаро муаллиф “баргҳо рақс мекунанд”, “баргҳо гиря мекунанд”, “баргҳо гап мезананд” гуфтааст. Ӯ чиро дар назар дорад? Ақидаи хонандагонро гӯш кунед. Ҳамаи хонандагонро ба муҳокима ҷалб намоед.

Дар асоси матн саволнома таҳия карда, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саволномаро пур кунанд. Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ.

**Навиштан**. Имлои ҳарфи *ӣ*. Дар тахтаи синф калима ва ибораҳоеро, ки ҳарфҳои *и* ва *ӣ* доранд, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед.
Намунаҳо: оштӣ, шиноварӣ, дӯстӣ, инсон, шӯхӣ, дурӣ, забони модарӣ, кори хонагӣ ва ғайра.
Муайян кардани ҳафрҳои *и* ва *ӣ* дар калима. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калима ва ибораҳои боло мавқеъ (ҷой)-и ҳарфҳои *и* ва *ӣ*-ро муайян кунанд. Чунин ҷамъбаст кунед: *ҳарфи и дар аввал, мобайн ва охири калима меояд. Ҳарфи ӣ танҳо дар охири калима меояд.*
Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.
Хонандаи А: синфӣ, хонагӣ, моҳӣ, имло, бузургӣ, ид, амир
Хонандаи Б: дӯстӣ, розӣ, бозӣ, қайчӣ, панир, сатил, кафгир
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки доир ба тирамоҳ як ҷумла гӯянд. Яъне як ҷумлае, ки тирамоҳро фаҳмонда тавонад. Масалан, *Баргҳои дарахтон дар тирамоҳ зард мешаванд.*

**Кор бо хонандагони сустхон.** Ба хонандагоне ки каме мушкилӣ мекашанд, ёрии бештар расонед. Ба онҳо "шарики таълим"-ро вобаста намоед. Яъне як хонандаи аълохон як хонандаи сустхонро ба шефӣ мегирад. Машқҳоро якҷоя иҷро мекунанд, ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд?Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шеърро хонанд. Яке аз ибораҳои ишорашударо интихоб намоянд ва онро дарси оянда ба таври шифоҳӣ шарҳ диҳанд. Он чиро мефаҳмонад?

**Арзёбӣ. Имло.** Калимаҳои зеринро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар варақи (дафтари) алоҳида нависанд. Варақҳоро ҷамъ оварда, санҷед ва ғалаҳои умумии синфро муқаррар созед:
*синфӣ, хонагӣ, моҳӣ, имло, бузургӣ, ид, амир, дӯстӣ, розӣ, бозӣ, қайчӣ, панир, сатил, кафгир.*

## § 6. Дарсҳои 11–12.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос. **Мавод**: китоби дарсии «Забони модарӣ" барои синфи 2

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширАт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Дар тахтаи синф ибораҳои “ранги сурх”, “ранги сафед”, “ранги сабз”, “тоҷ”-ро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як дақиқа фикр карда, гӯянд, ки мавзӯи дарси имрӯза чист?

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:

1) Ранги сурхи парчам чӣ маъно дорад?
2) Ранги сафеди парчам чӣ маъно дорад?
3) Ранги сабзи парчам чӣ маъно дорад?

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед. Маънои калимаҳоро аз фарҳанг муайян намоед.
Намунаи ҷадвал:

| | А | Б | В | Г |
|---|---|---|---|---|
| **1** | парчам | хушранг | ҷилва | фардо |
| **2** | тахт | лоиқ | рамз | омил |
| **3** | накӯ | бахт | субҳ | сафо |
| **4** | оинасо | пайк | тозабаҳор | манзил |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб мешавад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо шеърро мехонед, онҳо бояд биддиқат тарзи хондани шуморо гӯш кунанд. Шеърро буррову равон бо овози баланд хонед. Ҳангоми хондан ба талаффузи калимаҳо, оҳанг, зада ва ист (синтагмаҳо) диққат диҳед. Як мисраи шеърро дар тахтаи синф нависед. Онро хонед. Ҷойи исти кӯтоҳро бо як хати моил (/) ва ҷойи исти дарозро бо ду хатти моил (//) қайд кунед. Ба хонандагон гӯед, ки ин фосилаҳо ҳангоми хондан ба шахс имконият медиҳад, ки маънии мисраъро дарк кунад. Баъд шумо мисраи дуюмро мехонед ва хонандагон бо қалам фосилаи кӯтоҳ ва дарозро муайян мекунанд. Мисраи дуюмро хонед. Хонандагон фосилаҳоро қайд мекунанд. Аз хонандагон пурсида мешавад, ки онҳо дар куҷо фосилаи кӯтоҳ ва дарозро гузоштанд. Мисраъро бори дигар хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки корашонро санҷанд.

- Шеърро бори дигар ифоданок хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фосилаҳои кӯтоҳ ва дарозро қайд кунанд (хонандагон бо қалами одӣ кор мекунанд).
- Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки шеърро буррову равон хонад. Хонандагони дигар бодиққат тарзи хондани ӯро мушоҳида карда, хат мебаранд.
- Пас аз хондани шеър аз аҳли синф пурсед, ки тарзи хондани хонандаро арзёбӣ кунанд.
- Панҷ (шаш) нафар хонандагонеро, ки малакаи хуби хониши буррову равон доранд, интихоб намоед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Хонандагони интихобкардаатонро ба ҳар як гурӯҳ таъин кунед. Ба онҳо чунин супориш диҳед: *Матнро дар гурӯҳҳо буррову равон хонед. Аз аҳли гурӯҳатон хоҳиш намоед, ки хат баранд ва ба тарзи хондани шумо диққат диҳанд. Сипас аз аъзоёни гурӯҳ хоҳиш кунед,*

*ки матнро ба монанди шумо хонанд. Тарзи хондани аъзои гурӯҳро арзёбӣ кунед. Ҳамин тавр ҳамаи аъзоёни гурӯҳ матнро мехонанд.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, барои ҳар як ранги парчам аз шеър сифат ёфта нависанд.

**Навиштан**. Пеш аз дарс калимаҳои зеринро дар варақаҳои алоҳида нависед. Инчунин, онҳоро дар тахтаи синф нависед. Якҷоя бо хонандагон якчанд маротиба калимаҳоро хонед. Сипас варақаҳои калимадорро дар қуттӣ гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар кашанд. Аз рӯйхати калимаҳо 9 калимаро интихоб карда, дар ҳар катак яккалимагӣ нависанд. Аз қуттӣ калимаеро интихоб карда, хонед. Агар ин калимаро хонанда дар ҷадвал навишта бошад, он гоҳ онро хат мезанад. Ҳамин тавр калимаҳоро аз қуттӣ гирифта хонед ва хонандагон калимаро дар ҷадвал хат мекашанд. Хонандае, ки якумин шуда тамоми калимаҳои ҷадвалашро хат мекашад «Бинго!» мегӯяд. Калимаҳои хаткашидаи ӯро бо калимаҳои хондаатон санҷед. Ин бозиро Ду-се маротиба такрор намоед.
Намунаи калимаҳо: розӣ, зиндагӣ, синфӣ, сомонӣ, давлатӣ, тоҷикӣ, даштӣ, ваҳшӣ, гӯштӣ, ширинӣ, мусиқӣ, қайчӣ, бозӣ, дӯстӣ, гандумӣ, мардумӣ.
Намунаи ҷадвал

| | | |
|---|---|---|
| дӯстӣ | синфӣ | тоҷикӣ |
| мусиқӣ | ширинӣ | қайчӣ |

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шеърро аз ёд кунанд.

**Арзёбӣ. Имло.** Калимаҳои зеринро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар вараqи (дафтари) алоҳида нависанд. Варақҳоро ҷамъ оварда, санҷед ва ғалатҳои умумии синфро муқаррар созед.
*розӣ, зиндагӣ, синфӣ, сомонӣ, давлатӣ, тоҷикӣ, даштӣ, ваҳшӣ, гӯштӣ, ширинӣ, мусиқӣ, қайчӣ, бозӣ, дӯстӣ, гандумӣ, мардумӣ.*

### § 7. Дарсҳои 13 –14.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфи *ӣ*, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширатро)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки шеъри «Парчами мо»-ро ифоданок хонанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:

1) Тоҷикистон Ватани мо.
2) Мафҳуми Ватанро чӣ гуна мефаҳмед. Шарҳ диҳед.
3) Деҳаи (маҳаллаи, шаҳри) мо. Онро тавсиф кунед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расмро пешакӣ омода намоед (Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ). Расмҳо бояд мавзӯъро аз ягон ҷиҳат муаррифӣ кунанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед ё расмҳоро дар тахтаи синф овезед. Гурӯҳҳо расмҳоро шарҳ медиҳанд. Шумо метавонед барои водор намудани хонандагон пешакӣ савол омода кунед. Масалан: *Дар расм кӣ (чӣ) тасвир шудааст? Онҳо дар куҷоянд? Чӣ кор мекунанд?* ва амсоли ин.

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калимаи пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Масалан, *Маънои калимае, ки дар байни калимаҳои* ***ки*** *ва* ***бебаҳо*** *омадааст, чист?* Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

**Ҳаммаънои калимаҳо**:
ахтар – ситора
хушфол – нек
гавҳар – санги қиматбаҳо
навбол – навпарвоз
дилнишин – дилкаш, дилрабо, зебо
саргузшт – гузашта, пешина, кадима
ёд – хотир, ба хотир овардан
моҳпора – ними моҳ, қисми моҳ

ол – хонавода, оила

Ба ифоданок хондани иборахои зерин диққат диҳед: ахтари машриқзамини ту, саргузашти дилнавозу дилнишин

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Шеърро ифоданок хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо навбат матнро дар гурӯҳ ба ҳамдигар хонанд. Хонандаи А матнро ифоданок мехонад ва хонандаи Б хат бурда, калимаҳоеро, ки хонандаи А ғалат хондааст, муайян мекунад. Хонандаи Б ба хонандаи А калимаҳои ғалатхондаро нишон медиҳад ва тарзи дурусти хондани онро нишон медиҳад. Сипас хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Хонандаи Б мехонад ва хонандаи А мушоҳида намуда, калимаҳои ғалатхонданро аниқ карда, ба ҳамнишинаш мегӯяд. Пас аз хониши якуми гурӯҳҳо диққати хонандагонро ҷалб карда, аз гурӯҳҳо пурсед, ки асосан дар хондани кадом калимаҳо ғалат содир шуд. Калимаҳоро аниқ кунед, дар тахтаи синф нависед ва тарзи хондани онҳоро бо аҳли синф якҷоя машқ кунед.

Бори дигар матнро хонед ва аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш намоед, ки боз ба мисли пешина такроран бо ҳам матнро хонанд.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба сохтори матни шеър ба хонандагон маълумот диҳед.
Лаҳзаи дамгирӣ: Чистонҳо:

Як чодари зангорӣ
Шабҳо пуру рӯз холӣ.
(осмону ситораҳо)

Чароғи рӯйи равшан
Гаҳ торику гаҳ равшан.
(моҳ)
Рангзори рӯйи ҷаҳон
Гармиаш бахти ҷаҳон.
(офтоб)

Он чист ки шаби тар
Ба чашми мо намояд
Аз фазои беғубор
Ба олам нур фазояд.
(моҳтоб)

**Навиштан**. Якчанд ҷумлае, ки калимаҳои ҳарфи *и* ва *ӣ* доранд, дар тахтаи синф нависед. Ба ҷойи ҳарфҳои *и* ва *ӣ* хатча гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи *и* ё *ӣ* гузоранд.
Намуна:

1) Ман аз фанн__ “Забон__ модар__” баҳо__ “5” гирифтам.
2) Сафар пинҳон__ қалам__ сабз__ Ҳалимро гирифт.
3) Дуруштиву дағал__ кун__, меҳрубон__ намебин__.
4) Ҳеҷ гоҳ бад__ накун, ки бад__ хислат__ хуб нест.
5) Рӯбоҳе ба чоҳе фурӯд омад ва сер__ об нӯшид.
6) Ман дар умрам чунин об__ ширин нахӯрдаам.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Барои ин дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои муқобилмаъноро ба ҳам мувофиқ гузоранд.

**Арзёбӣ. Мо мехонем, омӯзгор менависад.** Аз хонандагон (ё як хонанда) хоҳиш кунед, ки ҷумлаеро аз матни ношинос хонанд. Шумо ҷумларо, чунон ки хонандагон талаффуз кардаанд, дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоеро, ки хонандагон бо душворӣ мехонанд ва ист мекунанд, ишораи махсус намоед (Барои шавқовар шудан ва бедор кардани кунҷковии хонандагон баъзе калимаҳоро метавонед хато нависед).
Масалан: *Ди . рӯз мо ба бо.ғ.и ҳҳ.айвоноот рафтем. Дар он ҷо мо баҳҳ.мутро дидем.* Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумларо хомӯшона хонанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумларо бори дигар бо овози баланд хонанд. Ин дафъа ҷумларо бори дигар дуруст нависед. Масалан: Дирӯз мо ба боғи ҳайвонот рафтем. Дар он ҷо мо баҳмутро дидем. Бо хонандагон моҳияти дуруст талаффуз кардани калимаҳоро муҳокима намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки агар калимаҳо дуруст ва бурро хонда шаванд, фаҳмидани онҳо осон мегардад. Ин машқро якчанд маротиба такрор намоед. Ба хонандагон гӯед, ки агар ҳангоми хондани калимае душворӣ кашанд, онро дубора хонанд, ё онро ба рафиқашон хонда, дуруст хондани ӯро арзёбӣ кунанд.

## § 8. Дарсҳои 15 –16.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Бурровy равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.
**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.
**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

Саволҳо барои вазифаи хонагӣ

1. Ҷумҳурии мо чӣ ном дорад?
2. Кай Тоҷикистон соҳибистиқлол шуд?
3. Ахтари Сомон чӣ маъно дорад?
4. Рамзҳои давлатӣ кадомҳоянд?
5. Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар куҷо ҷойгир аст?

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**

Масъалаҳо:

1) Барои чӣ ман модарамро дӯст медорам?
2) Модарон хеле меҳрубонанд. Дар бораи модари худ нақл кунед.
3) Модарам аз чӣ меранҷад ва аз чӣ хурсанд мешавад?

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расм омода намоед (Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ). Хуб мешавад, ки агар дар расмҳо ягон амал тасвир шуда бошад. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед. Расмҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ба онҳо як дақиқа вақт барои муҳокимаи расм ҷудо кунед. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки расмро ба гурӯҳи дигар супоранд. Ҳамин тавр, расмҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Вақтро назорат кунед.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳморо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаънои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаънои он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

Луғат:

ғамгин – хафа, зиқ
остона – пеши дар, хона
навозиш – меҳрубонӣ
сарзаниш – танбеҳ додан
ҳақ – рост
лаҳза – вақт

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо, ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм–қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба саволҳо ҷавоб гардонанд (Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ).

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3– 4.

Саволҳо барои нақл:

– Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
– Писарак аз мактаб чӣ гуна омад?
– Кӣ ӯро пешвоз гирифт?
– Чаро писарак ғамгин буд?

– Модар чӣ пурсид?
– Писарак чӣ ҷавоб дод?
– Чаро модар наранҷид?
– Чаро писар аз рафтори модар ҳайрон шуд?
– Агар шумо ба ҷойи писарак мебудед, чӣ кор мекардед?
– Оё бо шумо чунин воқеа рӯй додааст? Кай? Чаро?
– Рафтори писарак дуруст аст ё нодуруст? Чаро?

**Навиштан**. Тарзи хондану навиштани *ӣ* пас аз садонокҳо. Дар тахтаи синф калимаҳоеро, ки дар онҳо ҳарфи *ӣ* пас аз садонокҳо омадааст, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед.
Намунаҳо: танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ, бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ.
Тарзи хондану навиштани ин калимаҳоро ба хонандагон фаҳмонед. Намуна: мехонем танҳойӣ, менависем танҳоӣ.

Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.
Хонандаи А: танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ.
Хонандаи Б: бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** А. Калимаҳои парокандаро ҷобаҷо гузашта, ҷумла тартиб диҳед.
1. Рост, ба, гуфт, модараш, писарак, гапи.
2. Сафар, гапнодаро, дилозор, бачаи, буд.
3. Рафтанд, парида, ҷонваракон.

Намуна: Писарак ба модараш гапи рост гуфт.

**Арзёбӣ.** Саволу ҷавоб. Бо истифодаи саволҳои умумӣ оид ба матн сатҳи фаҳмиши хонандагонро санҷед. Ҷавоби хонандагонро мушоҳида кунед ва барои худ оид ба инкишофи онҳо қайдҳо кунед.
Намунаи саволҳо:
1) Симоҳои матнро номбар кунед.
2) Ҳодиса дар куҷо рух дод?
3) Каме дар бораи ҳодиса нақл кунед.
4) Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро?

## § 9. Дарсҳои 17–18.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,* ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намояд;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофикро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:
1) Киро шахси баодоб мегӯянд?
2) Шахси беадаб кист?
3) Шахси боадабро ҳама дӯст медорад. Чаро?

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф панҷ савол нависед. Ҳамаи саволҳо бояд ҷавоби ҳа ё не-ро талаб кунанд. Хонандагон дар гурӯҳи дунафарӣ машғул шуда, ба як савол ҷавоб медиҳанд ва як савол мепурсанд. Агар хонанда ба саволаш ҷавоби не гирад, он гоҳ саволи навбатиро аз хонандаи дигар мепурсад. Агар ҷавоб ҳа бошад, онро месанҷанд ва ба саволи навбатӣ мегузаранд. Синфро назорат кунед, то мағали беҳуда нашавад.
Намунаи саволҳо:
1) Оё пеши одамони калонсол хестан боодобӣ аст?
2) Оё ба калонсолон ва ҳамсолон салом додан нишонаи одоб аст?
3) Оё дар нақлиёт ба калонсолон ҷой додан нишонаи одоб аст?
4) Оё сухани падару модар ва омӯзгоронро гӯш додан нишонаи одоб аст?
5) Оё дурӯғ гуфтан нишонаи одоб аст?

Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ду нишонаи боадабӣ ва ду нишонаи беадабиро нависанд.

| **Нишонаи боадабӣ** | **Нишонаи беадабӣ** |
|---|---|
| *Намуна: ростгӯӣ* | |

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ё ибораҳоеро, ки ба ин луғат алоқаманданд, гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо кашидани хат онҳоро бо ҳам пайваст намоед.

Луғат:

рӯзнома - маҷалла, журнал
дағал - бад, носазо
хиҷолат - шарм, изо кашидан, шарманда шудан

Намуна:



**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло шумо як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм-қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан**. Бозии «Бинго!»-ро бо калимаҳои зерин гузаронед.
Намунаи калимаҳо: танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ, бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ
Намунаи ҷадвал

| | | |
|---|---|---|
| танҳоӣ | ошноӣ | гуфтаӣ |
| кардаӣ | раҳоӣ | доноӣ |

Якчанд калимаро (исмҳои хос)-ро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон пурсед, ки чаро ҳарфи аввали ин калимаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
Номи одам, номи шаҳру деҳа, дарё ва амсоли он.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи дар замима омадаро дар хона иҷро намоянд.

**Арзёбӣ.** Саволу ҷавоб. Бо истифодаи саволҳои умумӣ оид ба матн сатҳи фаҳмиши хонандагонро санҷед. Ҷавоби хонандагонро мушоҳида кунед ва барои худ оид ба инкишофи онҳо қайдҳо кунед.
Намунаи саволҳо:

5) Симоҳои матнро номбар кунед.
6) Ҳодиса дар куҷо рух дод?
7) Каме дар бораи ҳодиса нақл кунед.
8) Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро?
9)

## § 10. Дарсҳои 19–20.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои оди ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои и, ӣ доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро тайёр кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро тайёр намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:

1) Хашм одати бад аст. Шумо шахси бадхашмро дидаед? Нақл кунед.
2) Меваи бадӣ талх аст. Инро чӣ хел мефаҳмед?
3) Шахси дурӯғгӯйро касе дӯст намедорад. Чаро?

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс ду савол омода намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷойҳо хеста, аз ҳамдигар савол пурсанд. Агар ба савол ҷавоб ёфтанд, он гоҳ дунафарӣ барои ёфтани ҷавоб ба саволи дуюм бо дигарон саволу ҷавоб мекунанд. Дар натиҷа гурӯҳи чорнафарӣ пайдо мешавад. Аз гурӯҳҳои хоҳиш кунед, ки ба назди шумо омада, ҷавобҳои саволҳоро гӯянд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонандагон ба ҷойҳои худ мешинанд ва дарсро идома медиҳед.
Намуна:

*Хашм нишонаи кадом хислат аст?*
*Ростгӯйӣ нишонаи кадом хислат аст?*
*Дурӯғгӯйӣ нишонаи кадом хислат аст? Хуб ё бад?*

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед.
Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намоед. Ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед, гурӯҳе ки аксари калимаҳоро дуруст мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.
Калимаҳо:
**пиндор** – андеша, фикр
**мухолиф** – зид, муқобил
**Авесто** – китоби муқаддас
**ҳарисӣ** – баднафсӣ
**муқаддас** – пок, беолоиш, гиромӣ, азиз
**пеша** – касб, ҳунар
**шиор** – варақа ё лавҳаҳое, ки дар рӯйи он хитоба ё мурочиате навишта шудааст
**кирдор** – рафтор; кор, амал
**пиндор** – фикр, андеша; гумон, хаёл, тасаввур
**хашм** – қаҳр, ғазаб, ҷаҳл
**рашк** – ба касе ҳасад бурдан, ҳасадбарӣ
**суханчинӣ** – хабаркашӣ, иғвогарӣ
**дурӯягӣ** – мунофиқӣ, риёкорӣ
**нопокӣ** – олудагӣ, чиркинӣ
**ҳарисӣ** – гурусначашмӣ, тамаъкорӣ
**хасисӣ** – мумсикӣ, сахтӣ
**мудом** – доимо, ҳамеша

**Хондан**. **Хониши дунафарӣ.** Матни “Хислатҳои нек ва бад”. Нигаред ба § 18. Дарсҳои 35–36.
Тавассути саволҳои дар китоби дарсӣ омада муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шеъри “Қавли мард”-ро хонанд ва супориши дар замима омадаро иҷро намоянд.

**Гуфтан**. Калимаҳои зеринро дар варақаҳои алоҳида навишта, дар қуттичае гузоред. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки як варақаро интихоб карда, ду дақиқа омода шаванд ва доир ба хислат чизи медонистаашонро гӯянд.
*Хашм, рашк, суханчинӣ, дурӯягӣ, нопокӣ, ҳарисӣ, хасисӣ.*
**Навиштан**. **Имлои биноӣ.** Дар тахтаи синф калимаҳоеро, ки ҳарфи *и* ва ҳарфи *ӣ* доранд, нависед (се калима бо ҳарфи *ӣ* ва се калима бо ҳарфи *и*). Сипас рӯйи навиштаи худро пӯшед. Хонандагон калимаҳоро аз ёд менависанд. Сипас шумо рӯйи навиштаи худро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаи худро муқоиса кунанд ва ислоҳ намоянд. Хонандагон дафтарҳояшонро ба ҳамдигар иваз карда, кори якдигарро месанҷанд.
**Озмуни "Кӣ бештар!"** Ба хонандагон вазифа диҳед, ки қоидаи навиштани ҳарфи *ӣ* -ро ба хотир оранд ва калимаҳои *ӣ*-дорро нависанд. Пас аз ҳар калимаи навишта гузоштани аломати вергулро таъкид намоед. Ин фаъолиятро ба таври озмун гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар калимаҳои *ӣ*- дорро дар муддати як дақиқа беғалат менависад.
**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?
**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи дар замима омадаро дар хона иҷро намоянд.
**Арзёбӣ.** Аз хонандагон маънои калимаҳои дар луғат омадаро пурсед. Ҷавоби хонандагонро мушоҳида кунед ва барои беҳтар шудани натиҷаҳои он усули мувофиқ интихоб намоед.

### § 11. Дарсҳои 21–22.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,* ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- матнро бурровy равон, мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;

– хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**

Масъалаҳо:

1) Чаро шахс бояд китобу дафтарашро тозаву озода нигаҳ дорад?
2) Чизи худро эҳтиёт кун, ҳамсояатро дузд магир. Инро чӣ тавр шарҳ медиҳед?

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шаванд. Бо ҳам суҳбат карда, аз якдигар пурсанд, ки онҳо рӯзи (ҳафтаи) гузашта чӣ кор кардаанд ва рӯзҳои истироҳати навбатӣ (шанбе ва якшанбе) чӣ кор кардан мехоҳанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки оид ба яке аз ҳамсинфонашон нақл кунад. Масалан, *Салима рӯзи шанбе ба хонаи бибиаш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо дугонаҳояш бозӣ кардааст. Ин ҳафта ба боғи ҳайвонот рафтанӣ аст.* Шумо метавонед ин намунаро ба хонандагон хонед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми давраро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. (ДИҚҚАТ! Минбаъд дар дарсҳои оянда тартиби хониши намунавӣ оварда намешавад. Танҳо номи фаъолият. Барои иҷрои татиби фаъолият ба ин саҳифа муроҷиат намоед.) Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо матнро мехонед, онҳо бояд бодиққат тарзи хондани шуморо гӯш кунанд ва хат баранд. Матнро буррову равон бо овози баланд хонед. Ҳангоми хондан ба талаффузи калимаҳо, оҳанги ҷумла, задаи ҷумла ва ист (синтагмаҳо) диққат диҳед. Як ҷумлаи матнро дар тахтаи синф нависед. Онро хонед. Ҷойи исти кӯтоҳро бо як хати моил (/) ва ҷойи исти дароз бо ду хати моил (//) қайд кунед. Ба хонандагон гӯед, ки ин фосилаҳо ҳангоми хондан ба шахс имконият медиҳад, ки маънии ҷумларо дарк кунад. Шумо ҷумлаи дуюмро мехонед ва хонандагон бо қалам фосилаи кӯтоҳ ва дарозро муайян мекунанд. Ҷумлаи дуюмро хонед. Хонандагон фосилаҳоро қайд мекунанд. Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар куҷо фосилаи кӯтоҳ ва дарозро гузоштаанд. Ҷумларо бори дигар хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки корашонро санҷанд.

- Матнро бори дигар ифоданок хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фосилаҳои кӯтоҳ ва дарозро қайд кунанд (хонандагон бо қалами одӣ кор мекунанд).
- Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки матнро буррову равон хонад. Хонандагони дигар бодиққат тарзи хондани ӯро мушоҳида карда, хат мебаранд.
- Пас аз хондани матн аз аҳли синф пурсед, ки тарзи хондани хонандаро арзёбӣ кунанд.
- Панҷ (шаш) нафар хонандагоне, ки малакаи хуби хониши буррову равон доранд, интихоб намоед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Хонандагони интихобкардаатонро ба ҳар як гурӯҳ таъин кунед. Ба онҳо чунин супориш диҳед: *Матнро дар гурӯҳҳо буррову равон хонед. Аз аҳли гурӯҳатон хоҳиш намоед, ки хат баранд ва ба тарзи хондани шумо диққат диҳанд. Сипас аз аъзоёни гурӯҳ хоҳиш кунед,*

*ки матнро ба монанди шумо хонанд. Тарзи хондани аъзои гурӯҳро арзёбӣ кунед. Ҳамин тавр ҳамаи аъзоёни гурӯҳ матнро мехонанд.*

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3– 4.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба саволҳои дар замимаи китоби дарсӣ овардашуда ҷавоб гардонанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, шеъри “Эркатулфор”-ро хонанд ва рафтори Даврон ва Сайфиддинро муқоиса кунанд. Аз хонандагон пурсед: Даврон ва Сайфиддин оё монананд? Аз кадом ҷиҳат?

**Гуфтан**: Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, яке нақши Сайфиддин ва дигаре нақши “Насиҳатгар”-ро бозад. Насиҳатгар ба Сайфиддин барои дуруст шудани рафтораш насиҳат мекунад. Давраи дуюм аз хонандагон хоҳиш намоед, ки нақшҳоро иваз намуда, бо ҳамдигар суҳбат намоянд. Аз як ё ду гурӯҳ хоҳиш намоед, ки мусоҳибаро ба аҳли синф намоиш диҳанд. Диққат: Шумо метавонед ҳамчун намуна як саҳначаро намоиш диҳед.

**Навиштан**. Имлои ҳарфҳои *у* ва *ӯ*. Дар тахтаи синф калимаҳо ва ибораҳоеро, ки ҳарфҳои *у* ва *ӯ* доранд, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед.

Намунаҳо: мӯй, бӯй, рӯй, дӯст, дурӯғ, дӯғ, дӯзанда, дӯхтан, буд, бузург, кабуд.

Муайян кардани ҳафрҳои *у* ва *ӯ* дар калима. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калима ва ибораҳои боло мавқеъ (ҷой)-и ҳарфҳои *у* ва *ӯ*-ро муайян кунанд.
Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофикро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

**Хонандаи А**: хомӯш, ҷӯшон, фурӯд, рӯбоҳ, занбурӯғ, сӯрох, кӯча, хурӯс.
**Хонандаи Б**: дӯст, кӯдак, дӯструй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон, фурӯғ.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.
**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?
**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи дар замима омадаро дар хона иҷро намоянд.

**Арзёбӣ. Имло.** Калимаҳои зеринро хонед:
*хомӯш, ҷӯшон, фурӯд, рӯбоҳ, занбурӯғ, сӯрох, кӯча, хурӯс.*
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар дафтари имло нависанд. Кори хонандагонро санҷед ва ғалатҳои умумиро муайян карда, ислоҳ намоед.

## § 12. Дарсҳои 23–24.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ, у, ӯ* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро буррову равон, мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ дода тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. **Ба ҳамдигар баҳо додан** (Оид ба тарзи иҷро нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4. Як пиразани одӣ)

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:

1) Дар бораи деҳаи худ нақл кунед.
2) Идҳоро дар деҳаи шумо чӣ тавр ҷашн мегиранд?
3) Деҳа, маҳалла ё шаҳратон чӣ ном дорад? Ин ном чӣ маънӣ дорад?

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба маҷмӯи расмҳо оид ба деҳа назар карда, фикру ақидаашонро ба ҳамдигар гӯянд. Сипас маҷмӯи расмҳоро оид ба қалъаи Ҳисор бо хонандагон муҳокима намоед (нигаред ба замимаи китоби дарсӣ).

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онҳоро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон маънои калимаро аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

Доир ба матн панҷ савол омода намоед. Савоҳо бояд маълумотро оид ба “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар Куҷо? фаро гирад. Маҷмӯи саволҳоро ба гурӯҳҳо супоред ва аз сардори гурӯҳ (хонандаи интихобкардаатон) хоҳиш намоед, ки саволҳоро ба аъзоёни гурӯҳ хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоб пайдо кунанд.

Дар асоси саволҳои боло муҳокима ташкил намоед. Ба аҳли синф савол дода, ба ҳар як савол ҷавоби гурӯҳҳоро шунавед. Пас аз хондани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвале кашанд. Дар сутуни аввал саволҳои Кӣ/Чӣ? Кай? Дар куҷо? Чӣ ҳодиса рух дод?-ро нависанд.

Масалан:

| | |
|---|---|
| Кӣ/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур намоянд. Мухтасар нависанд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали навиштаашонро бо шарикдарсашон муҳокима намоянд.
- Баъд ҷадвалҳоро ҷамъ карда санҷед ва ба хонандагон тавсия намоед.

**Навиштан**. Бозии «Бинго!»-ро бо калимаҳои зерин гузаронед.
Намунаи калимаҳо: дӯст, кӯдак, дӯстрӯй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон, фурӯғ, хомӯш, ҷӯшон, фурӯд, рӯбоҳ, занбурӯғ, сӯрох, кӯча, хурӯс.
Намунаи ҷадвал

| | | |
|---|---|---|
| фурӯд | занбурӯғ | сӯрох |
| дӯстрӯй | рӯбардор | хурӯс |

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Барои ин дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи дар замима омадаро дар хона иҷро намоянд. Якҷоя бо аҳли оила кроссвордро пур кунанд.

**Арзёбӣ. Имло.** Калимаҳои зеринро хонед: *дӯст, кӯдак, дӯстрӯй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон, фурӯғ, хомӯш, ҷӯшон, фурӯд, рӯбоҳ, занбурӯғ, , сӯрох, кӯча, хурӯс.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар дафтари имло нависанд. Кори хонандагонро санҷед ва ғалатҳои умумиро муайян карда, аз болои ғалатҳо кор баред.

## § 13. Дарсҳои 25 – 26.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфи *ӯ*, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнҳо муайян карда тавонад;
- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**
Масъалаҳо:

1) Меҳнат кунӣ, роҳат бинӣ. Чӣ маънӣ дорад?
2) Бе меҳнат роҳат нест. Чӣ маънӣ дорад?
3) Бе ранҷ ганҷ ба даст намеояд. Чӣ маънӣ дорад?

**ФДЗ.** Дар асоси мавзӯи дарс як ақидаи асосии мубоҳисавиро таҳия намоед. Онро дар тахтаи синф нависед. Дар охири ақида илова кунед: "Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед?" Хонандагон дунафарӣ машғул шуда, ақидаро муҳокима мекунанд. Гурӯҳ ба аҳли синф розӣ будан ё набудани худро иброз медорад ва онро шарҳ медиҳад.
Намуна:
*"Тарбуз дар як дақиқа пухта мерасад".*
**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед. Масалан, м*аънои калимаи .... чист? Калимаи ... маънои ...-ро дорад.*

**Хондан**. **Хониши такрорӣ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Матнро ифоданок хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо навбат матнро дар гурӯҳ ба ҳамдигар хонанд. Хонандаи А матнро ифоданок мехонад ва хонандаи Б хат бурда, калимаҳоеро, ки хонандаи А ғалат хондааст, муайян мекунад. Хонандаи Б ба хонандаи А калимаҳои ғалатхондаро нишон медиҳад ва тарзи дурусти хондани онро мефаҳмонад. Сипас хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Хонандаи Б мехонад ва хонандаи А мушоҳида намуда, калимаҳои ғалатхондаро ба ҳамнишинаш мегӯяд. Пас аз хониши якуми гурӯҳҳо диққати хонандагонро ҷалб карда, аз гурӯҳҳо пурсед, ки асосан дар хондани кадом калимаҳо ғалат содир шуд. Калимаҳоро аниқ карда, дар тахтаи синф нависед ва тарзи дуруст хондани онҳоро бо аҳли синф якҷоя машқ кунед.

Бори дигар матнро хонед ва аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш намоед, ки боз ба монанди равиши пешина такроран бо ҳам матнро хонанд (**ДИҚҚАТ!** Мибаъд барои тартиби иҷрои усули "Хониши такрорӣ" ба машғулияти мазкур муроҷиат намоед).
Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. **Имлои биноӣ.** Дар тахтаи синф калимаҳоеро, ки ҳарфҳои ***у*** ва ***ӯ*** доранд, нависед (се-чор калима бо ***у*** ва се-чор калима бо ***ӯ***). Сипас рӯйи навиштаи худро пӯшед. Хонандагон калимаҳоро аз ёд менависанд. Сипас рӯйи навиштаи худро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаи худро бо навиштаи тахтаи синф муқоиса кунанд ва ғалатҳоро ислоҳ намоянд. Хонандагон дафтарҳояшонро ба ҳамдигар иваз карда, кори якдигарро месанҷанд.
**Озмуни "Кӣ бештар!"** Ба хонандагон вазифа диҳед, ки қоидаи навиштани ҳарфи ӯ ба хотир оранд ва калимаҳои "ӯ"–дорро нависанд. Пас аз ҳар калимаи навишта гузоштани аломати вергулро таъкид намоед. Ин фаъолиятро ба таври озмун гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар калимаҳои "ӯ"–дорро дар як дақиқа беғалат менависад.
**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарси кадом корҳоро иҷро карданд?
**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи дар замима омадаро дар хона иҷро намоянд. Якҷоя бо аҳли оила кроссвордро пур кунанд.
**Арзёбӣ.** Дониши хонандагонро оид ба сохтори матн пурсед. Якчанд навъи матнро нишон дода, аз онҳо пурсед, ки ин кадом навъи матн аст? Чӣ тавр муайян карданд? Чӣ ба онҳо ёрӣ расонд?

## § 14. Дарсҳои 27–28.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,* ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнҳо муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намояд;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;

– андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Гузориши рӯз.**

Масъалаҳо:

1) Агар шумо аз ягон кас ё чиз қаҳр кунед, худро чӣ гуна ҳис мекунед? Бо шумо ягон маротиба чунин ҳолат рух додааст? Нақл кунед.
2) Дағалӣ кунӣ, меҳрубонӣ намебинӣ. Чӣ маънӣ дорад?
3) Агар муросо накунӣ, дӯст ҳам душман мешавад. Чӣ маънӣ дорад?

**ФДЗ.** Дар доираи мавзӯи дарс бо истифодаи калимаи “агар” як савол таҳия намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф гашта, дар муддати 3 дақиқа ҳар чи бештар аз ҳамсинфонашон саволро пурсида, ҷавоби онҳоро шунаванд ва дар хотир гиранд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷавоби хонандагони дигарро ба аҳли синф гӯянд.

Намуна: *Агар шахс ҳамеша бадӣ кунад, чӣ мешавад?*

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синф катак кашед. Бозии “Майдони муъҷизот” гузаронед. Яъне синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Ҳамин тавр бо калимаҳои дигар бозӣ кунед. Гурӯҳе ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб диниста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм-қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

Ҷумлаҳоро як-як хонед. Аз хонандагон пурсед, ки онҳо ин ҷумларо чӣ хел мефаҳманд? Матнро ҳамин тавр таҳлил кунед.

Нақшофарӣ. Мӯйсафед ва набера. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунфара машғул шуда, яке нақши мӯйсафед ва дигаре нақши набераро бозӣ кунад. Мӯйсафед бо истифодаи мазмуни матн набераашро насиҳат мекунад. Аз якчанд гурӯҳи дунафарӣ хоҳиш намоед, ки саҳначаро ба аҳли синф намоиш диҳанд.

**Навиштан**. Калимаҳои муқобилмаъноро дар ду сутун ба таври омехта нависед (нигаред ба замимаи китоби дарсӣ). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои муқобилмаъноро ба ҳам мувофиқ гузоранд.

Дар асоси машқи мувофиқгузорӣ ҷумла тартиб дода, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷумла тартиб диҳанд.

Намуна: *Некӣ аз бадӣ беҳтар аст. Равшанӣ аз торикӣ беҳтар аст.*

Калимаҳои зеринро дар тахтаи синф ба таври омехта нависед. Ба ҷойи ҳарфҳои ӣ ва ӯ хатча гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи *ӣ* ё *ӯ* гузоранд.

Намунаи калимаҳо: дӯст, кӯдак, дӯстрӯй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон, фурӯғ, хомӯш, ҷӯшон, фурӯд, рӯбоҳ, занбурӯғ, сӯрох, кӯча, хурӯс, танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ, бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ, моҳӣ, розӣ, зиндагӣ, синфӣ, сомонӣ, давлатӣ, тоҷикӣ, даштӣ, вахшӣ, гӯштӣ, ширинӣ, мусиқӣ, қайчӣ, бозӣ, дӯстӣ, гандумӣ, мардумӣ.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Барои ин дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?
**Вазифаи хонагӣ.** Ба монанди машқи 4-уми замима хонандагон ҷумла менависанд. Намуна: *Некӣ аз бадӣ беҳтар аст. Равшанӣ аз торикӣ беҳтар аст.*
**Арзёбӣ.** Машқи 5-уми замимаро ҳамчун воситаи арзёбӣ истифода баред.

## § 15. Дарсҳои 29–30.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои сеамалаи таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо? Омадааст, ҷавоб гуфта тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.
**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Якчанд намунаи масъалаҳои шавқовар тартиб дода, ба хонандагон супоред. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як дақиқа омода шуда, дар дораи масъалаҳои интихобкардаашон нақл кунанд. “Лаҳзаҳои гуворо”-ро ҳар дарс гузаронда метавонед. Ин имконият медиҳад, ки малакаи гуфтани хонандагон ташаккул ёбад.
Намунаи масъалаҳо: *Рӯзи тӯйи бародарам. Падарам ба ман як тӯҳфаи аҷойиб овард.*
Тавсия: **маҷмӯи (бонки) мавзӯъҳоро** барои “Лаҳзаҳои гуворо” тартиб диҳед. 50-60 мавзӯро дар варақаҳои алоҳида нависед. Аз як ё ду хонанда ҳар дарс хоҳиш намоед, ки як мавзӯъро интихоб карда, камтар омодагӣ бигиранд ва дар бораи он нақл кунанд.

**ФДЗ.** Якчанд калимаҳоро доир ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар гурӯҳҳои чорнафара муҳокима кунанд ва мавзӯи дарсро аниқ созанд. Гурӯҳҳо мавзӯи дарсро дар вараќи алоҳида навишта, ба шумо месупоранд. Ҷавоби гурӯҳҳоро хонда, аниқ созед, ки кадом гурӯҳ мавзӯъро дуруст муайян намудааст.
Намуна:




**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаъноро нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамин тавр ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло шумо як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм-қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед. Ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат намоед:

*Ҳангоми қироати шеър ман дар куҷо ист кардам?*

*Овози ман дар кадом қисми матн баландтар буд?*

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки кроссвордро пур кунанд.

Доир ба “Ватан” озмуни мушоира (шеърхонӣ) ташкил намоед. Ба ифоданок хондани хонандагон диққат диҳед.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки ҳоло бозии “Калимаёбак!”-ро иҷро менамоянд. Гурӯҳҳо бояд дар панҷ дақиқа ҳар чи бештар аз сканворд калимаҳоро ёбанд, онҳоро ба давра гиранд ва ба вараќи алоҳида кӯчонанд. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад, ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Д*** | ***ӯ*** | ***с*** | ***т*** | о | Ҷ | и | к | ӣ | з | и | н | д | А | г | ӣ | М | О | ҳ | ӣ |
| Ӯ | ш | и | н | о | С | о | ӣ | т | а | н | ҳ | о | Ӣ | м | у | С | И | қ | ӣ |
| С | и | м | ӣ | р | О | з | ӣ | а | н | д | ӯ | ҳ | С | ӯ | р | О | Х | ӣ | о |
| Т | р | ӯ | б | о | Ҳ | о | м | ӣ | б | о | б | о | Ӣ | к | ӯ | Д | А | к | ш |
| Р | и | м | ӣ | б | О | з | ӣ | х | у | р | ӯ | с | Ч | ӯ | п | О | Н | ӯ | н |
| Ӯ | н | д | о | н | о | ӣ | ф | у | р | ӯ | ғ | с | И | н | ф | Ӣ | О | ч | о |
| Й | ӣ | г | а | н | д | у | м | ӣ | ӯ | м | а | р | Д | у | м | Ӣ | М | а | ӣ |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| С | о | м | о | н | ӣ | Г | ӯ | ш | ғ | д | а | в | Л | а | т | Ӣ | Ӣ | р | ӯ |
| ӯ | ф | у | р | ӯ | д | Р | ӯ | б | а | р | д | о | Р | х | ӯ | Р | Д | а | н |
| Й | д | а | ш | т | ӣ | В | А | ҳ | ш | ӣ | қ | а | Й | ч | ӣ | Ҷ | А | р | ӣ |

**Вазифаи хонагӣ.**
Бозии "Кӣ бештар калима тартиб медиҳад"




**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Арзёбӣ.** Дар асоси саволҳои зерин муҳокима ташкил намуда, ба тарзи ҷавоб додани хонандагон диққат диҳед:
*Имрӯз мо кадом амалҳоро иҷро кардем? Чӣ ба шумо маъқул шуд? Чаро? Дар куҷо мушкилӣ кашидед? Чӣ ё кӣ ба шумо ёрӣ расонд?*

## § 16. Дарсҳои 31–32.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил кардани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,* ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)–и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

1) Лаҳзаи ташкилии дарсро гузаронед.
2) **Ангезиши зеҳн**. Калимаи "падар"-ро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хислатҳои падарро гӯянд. Масалан, *меҳрубон, бақувват* ва ғайра. Калимаҳои гуфтаи хонандагонро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намунаи мазкур бо истифодаи калимаҳои гуфтаашон ҷумла гӯянд. Масалан, *Падари ман меҳрубон аст.*
3) **Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.
4) **Шиносоӣ бо матн ва муайян кардани мушкилот**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз китоб матни "Қадри падар"-ро мустақилона хонанд ва калимаҳои мушкилфаҳмро муайян кунанд. Хонандагон метавонанд ба болои калимаи нофаҳмо порчаи коғаз гузоранд (ё ин калимаҳоро дар дафтар нависанд). Сипас бо хонандагон калима ва ибораҳои мушкилфаҳмро таҳлил кунед (Нигаред ба тарзи таҳлили калимаҳои мушкилфаҳм).

**Луғат**:

**икром** – ҳурмат, эҳтиром
**инъом** – тӯҳфа, ҳадя
**дирам** – танга, пул
**ба ҳайрат мондан** – чизеро нафаҳмида, ҳайрон шуда истодан
**дучор шудан** – вохӯрдан бо касе
**ҳаргиз** – ҳеҷ вақт, ҳеҷ
**ба чӣ сабаб** – барои чӣ;
**аз бахри он** – аз барои он
**неъмат** – чизҳои зарури зиндагӣ ва рӯзгор, ризқу рӯзӣ; сарват
**пайванд** – ҳамбаст, пайваст; наздик
**ҳосил** – ба вуҷуд омадан, пайдо шудан
**ком** – мақсад, мурод, орзу

5) **Таҳлили калимаҳои мушкилфаҳм**.
   - Ҷумларо бо овози баланд хонед: *Дар роҳ мардеро* ***дучор шуд****.* Ба хонандагон муроҷиат намоед: *ибораи* ***“дучор шуд”*** *чӣ маънӣ дорад?* Биёед ҷумлаи якумро мехонем*: Мегӯянд, ки рӯзе шахсе аз хона берун баромад. Дар роҳ мардеро дучор шуд.* Ман фикр мекунам, ки ибораи “дучор шуд” маънои вохӯрданро дорад. Шумо чӣ фикр доред?
   - Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ҷумлаи калимаи нофаҳмо доштаро ба монанди шумо хонад. Онро якҷоя таҳлил карда, маънои калимаро муайян кунед. Бо ҳамин тарз калимаҳои дигарро маънидод кунед.
6) **Хониши дунафарӣ**. Усули таҳқиқшудаи такмили малакаи хониши буррову равони хонандагони сустхон мебошад. Дар усули мазкур хонандагон ба ҳамдигар матнро бо овози баланд мехонанд. Гурӯҳи дунафарӣ аз як хонандаи хубхон ва як хонандаи сустхон ташкил карда мешавад. Инчунин, хонандагони сатҳи донишашон якхеларо низ дар гурӯҳи дунафарӣ ҳамроҳ кардан мумкин аст. Усули хониши дунафариро бо матнҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Барои ташкил намудани гурӯҳҳои дунафара шумо рӯйхати хонандагони синфро мувофиқи сатҳи хондан таҳия намоед (Яъне, аълохонҳо аз аввал ва тадриҷан хонандагони сустхон). Рӯйхатро ба ду қисми баробар қат кунед. Варақро аз байн буред. Ҳар ду қисмро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафараро ташкил намоед. Масалан, хонандагони якум аз ҳар ду рӯйхат як гурӯҳи дунафариро ташкил медиҳанд.
7) Аввал хонандаи хубхон матнро буррову равон ба ҳамнишинаш мехонад. Сипас хонандаи дуюм матнро ба хонандаи якум мехонад. Агар хонанда ҳангоми хондан ғалат кунад, хонандаи ҳамнишин ӯро ислоҳ мекунад. Кори хонандагонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Дуруст кардани ғалатҳоро қадр кунед.
8) **Таҳияи саволҳо**. Якҷоя бо хонандагон дар асоси матн саволҳои гуногун таҳия намоед. Саволҳо бояд ба шахси дуюм равона шаванд. Масалан, *Шумо дар роҳ бо кӣ дучор шудед?* Саволҳоро дар тахтаи синф навишта метавонед.
9) **Курсии сеҳрнок**. Дар пеши синфхона курсиеро гузоред. Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки ба он шинад ва ба саволҳои хонандагони дигар ҷавоб гардонад. Хонандагон метавонанд аз саволҳои дар банди 7 таҳиякардаашон истифода баранд ё саволҳои иловагӣ тартиб диҳанд. Намуна: *Хонандаи 1: Шумо дар роҳ бо кӣ дучор шудед? Хонандаи дар курсии сеҳрнок нишаста: Ман дар роҳ бо марде дучор шудам.* Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон калимаҳои навро истифода бурда, бо забони адабӣ сухан ронанд. Ба курсии сеҳрнок якчанд хонандаро даъват намоед.
10) **Кроссворди ҳарфи ъ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, кроссвордро дар асоси калимаҳои мазкур пур кунанд. Кроссворд ва калимаҳо дар замима оварда шудаанд.
    Калимаҳо: *неъмат, инъом, таълим, ваъда, маъно, баъд, нашъунамо, эътибор, эътино, аъзо, яъне, дафъа.*

***Кроссворд***

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | н | | **Ъ** | | | | | |
| | | а | **Ъ** | | | м | | |
| н | | | **Ъ** | | | | | О |
| | | | **Ъ** | д | а | | | |
| | и | | **Ъ** | | | | | |
| | | | **Ъ** | | о | | | |
| | б | | **Ъ** | | | | | |
| | | | **Ъ** | | | б | | Р |
| | | э | **Ъ** | | | | о | |
| | | | **Ъ** | | о | | | |
| | | я | **Ъ** | | | | | |
| д | | | **Ъ** | а | | | | |

***Ҷавоб ба кроссворд***

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | н | е | Ъ | м | а | т | | |
| | т | а | Ъ | л | и | м | | |
| н | а | ш | Ъ | у | н | а | м | О |
| | в | а | Ъ | д | а | | | |
| | и | н | Ъ | о | м | | | |
| | м | а | Ъ | н | о | | | |
| | б | а | Ъ | д | | | | |
| | | э | Ъ | т | и | б | о | Р |
| | | э | Ъ | т | и | н | о | |
| | | а | Ъ | з | о | | | |
| | | я | Ъ | н | е | | | |
| д | а | ф | Ъ | а | | | | |

11) **Имлои дунафарӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шаванд. Яке хонандаи А ва дигар хонандаи Б мешавад. Хонандагон бо навбат ба ҳамдигар калимаҳои сутуни мувофикро мехонанд ва менависанд. Хонандаи А калимаҳои сутуни А-ро мехонад ва хонандаи Б ин калимаҳоро менависад. Сипас хонандаи Б калимаҳои сутуни Б-ро мехонад ва хонандаи А ин калимаҳоро менависад. Хонандагон имлои навиштаи якдигарро месанҷанд.

| **Сутуни А** | **Сутуни Б** |
|---|---|
| неъмат<br>инъом<br>таълим<br>ваъда<br>маъно<br>баъд | нашъунамо<br>эътибор<br>эътино<br>аъзо<br>яъне<br>дафъа |

12) **Машқҳои интихобӣ**. Шумо метавонед машқҳои зеринро бо машқҳои асосӣ иваз кунед ё агар вақт монад, онҳоро дар раванди дарс иҷро намоед.

А) Матнро бори дигар хонед ва ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ гузоред.

- Дар роҳ бо марде ______________ шуд.
- Ба ӯ чаҳор ҳазор ______________ дод.
- Мард ба ______________ монд.
- Он мард ӯро ______________ намешинохт.
- Марди ҷавон мӯйсафедро ______________ ва ______________ кард.
- Ҳеҷ ______________ аз фарзанд беҳ нест.

Б) **Дар асоси ҷадвал ҷумла тартиб диҳед**.

Намуна: *Падарам кордон аст.*

| | | |
|---|---|---|
| Падарам<br>Модарам<br>Бародарам<br>Хоҳарам<br>Бибиям | меҳрубон<br>ҳалим<br>кордон<br>зебо<br>доно<br>аълохон<br>далер<br>ҷасур<br>хирадманд | аст. |

В) **Дуруст ё нодуруст**. Дуруст ё нодуруст будани ақидаҳои поёнро пас аз хондани матн муайян кунед.

| Ақида | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Мард бо зане дучор шуд, ки ба модараш монанд буд. | | |
| Мардро ба хона даъват карда 4 ҳазор динор дод. | | |
| Мард соҳиби хонаро нағз мешинохт. | | |
| Марди ҷавон ба пирамард 4 ҳазор динор қарз дод. | | |

13) **Вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои ишорашударо бо калимаҳои ҳаммаъно иваз намоянд.

- Падарам ба ман китоби шавқовар **инъом** кард.
- Падарам суханони додарамро шунида, **дар ҳайрат монд**.
- Дар бозор ман бо амакам **дучор шудам**.
- Ман **ҳаргиз** зарофаро аз наздик надидаам.
- Рустам **ба чӣ сабаб** ба дарс наомаданашро нагуфт.
- **Аз баҳри он** ки ман ба дарс дер омадам, вазифаро нафаҳмидам.

**Навиштан**. Имлои аломати ъ. Дар тахтаи синф калимаҳо ва ибораҳоеро, ки аломати ъ доранд, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед.

Намунаҳо: ваъда, баъзан, нашъунамо, эътибор, беэътино, инъом, қаър, дарвоқеъ, даъват, баъд, шеър, аъло, наъра, яъне, фаъол, неъмат, ҷамъ, саъба, маъқул, хушфеъл.

Муайян кардани аломати ъ дар калима. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калима ва ибораҳои боло мавқеъ (ҷой)-и аломати ъ-ро муайян кунанд.

Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

**Хонандаи А**: ваъда, баъзан, нашъунамо, эътибор, беэътино, инъом, қаър, дарвоқеъ, даъват, баъд

**Хонандаи Б**: шеър, аъло, наъра, яъне, фаъол, неъмат, ҷамъ, саъба, маъқул, хушфеъл
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Арзёбӣ**.

Ақидаҳои зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ақидаи мувофиқро интихоб намоянд ё ақидаи навро пешниҳод кунанд.

*А) Ту ба қадри падарат чӣ гуна мерасӣ? Ман ба корҳои хона ёрӣ мерасонам.*
*Б) Ту ба қадри падарат чӣ гуна мерасӣ? Ман бо баҳои аъло мехонам.*
*В) Ту ба қадри падарат чӣ гуна мерасӣ? Ман …*

## § 17. Дарсҳои 33–34.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ, я, ё,* аломати ъ,

ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намояд;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф як ҷумлаеро аз матни дарси имрӯза нависед. Дар се варақ се ҳиссиётро нависед: хурсандӣ, ғамгинӣ, ҳаяҷон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ҷумлаи навиштаи шуморо бо ҳиссиёти гуногун ба ҳамдигар хонанд. Шумо метавонед бо навбат варақаи навбатиро боло бардоред ва хонандагон ҳиссиёташонро иваз карда, ҷумларо ба ҳамдигар мехонанд.

Намуна:

А. Ман дар умрам чунин оби ширин нахӯрда будам. (хурсандӣ)
Б. Ман дар умрам чунин оби ширин нахӯрда будам. (ғамгинӣ)
В. Ман дар умрам чунин оби ширин нахӯрда будам. (ҳаяҷон)

**Кор бо луғат. Бозии “Бинго!”** Пеш аз дарс дар варақаҳои алоҳидаи чоркунҷа (карточка) калимаҳои мушкилфаҳм ва шарҳи онҳо нависед. Калимаҳои мушкилфаҳмро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як ҷадвали чоркатакдор кашанд. Дар ҳар катак як калимаро аз тахтаи синф нависанд. Шумо як варақаро интихоб карда, шарҳи калимаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи ба шарҳ мувофиқро ёбанд, агар ин калимаро дар ҷадвал навишта бошанд, онро хат зананд. Бозиро бо дигар калимаҳо идома диҳед. Хонандае, ки аввалин шуда тамоми калимаҳоро хат мезанад, “Бинго!” мегӯяд ва ғолиби бозӣ мешавад. Сипас аз хонандаи ғолиб хоҳиш намоед, ки калимаҳои дар куттӣ бударо ба мисли шумо хонад ва аҳли синф бори дигар бозиро иҷро менамоянд. Ин бозиро се- чор маротиба гузаронда метавонед (ДИҚҚАТ! Минбаъд дар дарсҳои оянда танҳо номи бозӣ оварда мешавад. Шумо ба ин тартиб муроҷиат намоед).

**Рӯбоҳ** – ҷонвари гӯштхор аз навъи саг, ки думи калони сермӯй дорад ва ба ҳилагарӣ машҳур аст.

**Буз** – ҳайвони ҷуфтсуми алафхӯри хонагӣ аз ҷинси гӯсфанд, ки дорои шох, риши дароз ва думи кӯтоҳ аст ва барои гӯшт, пашм ва шир парвариш мекунанд.

**Чоҳ** – чуқурии рост кандашуда, ки аз он об мекашанд.

**Ҳамсоя** – ду касе ки дар паҳлӯи ҳамдигар хона доранд.

**Бечора** – он ки барои беҳбудии кори худ чораю илоҷ надорад.

Беақл – камақл, нодон; аҳмақ, аблаҳ.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

Нақшофарӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси афсона саҳнача офаранд. Саҳначаро ба аҳли синф намоиш диҳад. (аз якчанд гурӯҳ пурсида метавонед).

**Навиштан**. Бозии «Бинго!»–ро бо калимаҳои зерин гузаронед.
Намунаи калимаҳо: ваъда, баъзан, нашъунамо, эътибор, беэътино, инъом, қаър, дарвоқеъ, даъват, баъд, шеър, аъло, наъра, яъне, фаъол, неъмат, ҷамъ, саъба, маъқул, хушфеъл.
Намунаи ҷадвал

| | | |
|---|---|---|
| Шеър | Эътибор | неъмат |
| Даъват | Нашъунамо | қаър |

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки супоиши дар замима омадаро иҷро намоянд. Яъне аввал байн ва охири афсонаро муайян карда, ба таври мухтасар нависанд.

**Арзёбӣ**. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки афсонаро ба аҳли синф нақл кунанд. Ба тарзи нақл кардани онҳо диққат дода, барои беҳтар шудани малака ба онҳо тавсияҳо пешниҳод намоед.

## § 18. Дарсҳои 35 – 36.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла. **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо? омадааст, ҷавоб гуфта тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки 3 чизи оид ба мавзӯъ медонистаашонро нависанд. Сипас 2 чизе, ки оид ба мавзӯъ донистан мехоҳанд ва як савол оид ба мавзӯъ нависанд.
Намуна: ***Дӯстӣ.***

**Кор бо луғат**. Пеш аз калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чора–панҷнафарӣ ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва аҳли синф онро бояд ёбад. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунад. Пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худашро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вакт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1- ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Намуна: Мавзӯъ: Ҳайвоноти ваҳшӣ**
**Калимаи махфӣ: рӯбоҳ**
**Пешҷавоби 1: дар ҷангал зиндагӣ мекунад.**
**Пешҷавоби 2: дум дорад.**
**Пешҷавоби 3: рангаш одатан зард аст.**

**Хондан**. **Хониши дунафарӣ.** Матнро як ё ду маротиба ифоданок хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба тарзи хондани шумо диққат диҳанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро бо навбат хонанд. Хонандаи А матнро пурра мехонад ва хонандаи Б хат мебарад ва ба тарзи хондани хонандаи А диққат медиҳад. Сипас нақшҳо иваз шуда, хонандаи Б мехонад ва хонандаи А хат мебарад ва ба тарзи хондани хонандаи Б диққат медиҳад. Хонандагон матнро ба ҳамдигар пурра мехонанд. Синфро назорат кунед ва тартиботро дар синф таъмин намоед.

(**ДИҚҚАТ!** Минбаъд барои тарзи иҷрои фаъолияти “Хониши дунафарӣ” ба машғулияти мазкур муроҷиат намоед.)

Дар тахтаи синф доирае кашед. Дар дохили доира номи матнро нависед. Дар атрофи доираи маркази се доираи дигар кашида, дар онҳо калимаҳои “симоҳо”, “макон” ва “ҳодисаҳо”-ро нависед. Аз доираи марказӣ то доираҳои дигар хат кашед.

Масалан:




Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро хонда, симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро муайян карда, дар атрофи доираҳои мувофиқ доирачаҳои дигар кашида, номи симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро дар дохили онҳо нависанд. Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва тартиботро дар синф таъмин намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи корашонро ба аҳли синф гӯянд. Якҷоя бо истифодаи саволҳое, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо? доранд, матнро муҳокима намоед.

**Машқҳои иловагӣ:**

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

Нақшофарӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки сенафара машғул шуда, дар асоси афсона саҳнача офаранд. Саҳначаро ба аҳли синф намоиш диҳад. (аз якчанд гурӯҳ пурсида метавонед).

**Навиштан**. Имлои худамро месанҷам. Дар тахтаи синф се калимае, ки аломати “ъ” доранд, нависед. Сипас рӯйи навиштаи худро пӯшед. Хонандагон калимаҳоро аз ёд менависанд. Сипас рӯйи навиштаи худро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаи худро муқоиса кунанд ва ислоҳ намоянд. Хонандагон дафтарҳояшонро ба ҳамдигар иваз карда, кори якдигарро месанҷанд.

Озмуни “Кӣ бештар!”. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки қоидаи навиштани ҳарфи ъ-ро ба хотир оранд ва калимаҳоеро, ки аломати “ъ”доранд, нависанд. Пас аз ҳар калимаи навишта гузоштани аломати вергулро таъкид намоед. Ин фаъолиятро ба таври озмун гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар калимаҳои аломати “ъ”-дорро беғалат менависад.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Дар замимаи роҳнамои мазкур намунаи ҷадвалҳои санҷиши малакаҳои гуногуни хонандагон оварда мешавад. Дар раванди дарс шумо асосан воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода мебаред. Яъне фаъолияти хонандагоно мушоҳида мекунед, дастовард ва мушкилии онҳоро муайян карда, барои такмил додани натиҷаҳои таълимии онҳо ёрӣ мерасонед.

Аз замима мувофиқи салоҳият ва натиҷаҳои дарс як ҷадвалро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 19. Дарсҳои 37–38.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат. **Луғат**: қаър, нуқл, симу зар, камин кардан, баққол, нафс, аз ҳад гузаштан, ҳамён, андоза, сазовор.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан ( хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби моширату (саломy хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;

– хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ. Ақидаи рӯз**. Як ақида, савол ё масъалаи ба мавзӯъ мувофиқро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи он як дақиқа фикр кунанд ва чизеро, ки доир ба ақида (масъала, савол) медонанд ба хотир оранд. Ба онҳо фаҳмонед, ки дар охири дарс ба ин масъала бармегардед. Дар охири дарс диққати хонандагонро боз ба масъала ҷалб карда, фикри онҳоро шунавед.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Пеш аз калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Дар болои табақ ё қуттӣ 10 дона санг (чормағз ё ягон ашёи хурд) гузошта, онро дар болои миз монед. Ягон калимаро дар хотир гирифта, онро ба дигарон нагӯед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар бари дор хатча кашед. (масалан, агар калимаи интихобкардаатон «қалам» бошад, панҷ хатча кашед, ба монанди _ _ _ _ _ ). Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бо навбат ҳарфе гӯянд. Ҳар як хонанда танҳо як ҳарфро бо навбат гуфта метавонад. Агар ҳарфи гуфтаи хонандагон дар калима бошад, он гоҳ ин ҳарфро ба ҷойи тире нависед. Агар ҳарфи гуфтаи хонандагон дар калима набошад, як санг (чормағз ё ашёи хурди дигар)-ро аз болои табақча гиред. Баъд ҳарфи ғалатро дар поёни хатчаҳо нависед (ба хонандагон фаҳмонед, ки ин ҳарфро дубора нагӯянд). Барои ҳар ҳарфи ғалатгуфтаи хонандагон як сангро аз табақча гиред. Хонандагон гуфтани ҳарфҳоро то дуруст муайян кардани калима ё тамом шудани сангҳои табақча идома медиҳанд. Хонандагон метавонанд калимаро ҳар замон муайян намоянд, ҳатто дар ҳолате ки як ҳарф гуфта бошанд. Хонандагон дар ҳолате ғолиб мешаванд, ки калимаро пеш аз тамом шудани сангҳо ёбанд. Хазинадор (омӯзгор) сангҳои боқимондаро ба хонандаи ғолиб (яъне касе, ки калимаро ёфтааст) месупорад. Хазинадор дар ҳолате бозиро мебарад, ки агар ҳамаи сангҳоро аз табақча гирад (яъне хонандагон калимаро наёфтаанд). Барои мушкилтар гардонидани бозӣ ибораи маъмул ё зарбулмасалро дар тахтаи синф навиштан мумкин аст. Барои шавқовартар гардонидани бозӣ аз «ҷавоҳироти» ҳавасмандкунанда аз қабили «конфетаҳо» ё «чормағз» истифода баред. **(ДИҚҚАТ! Минбаъд, дар дарсҳои оянда танҳо номи бозӣ оварда мешавад, барои тарзи иҷрои ин бозӣ ба дарси мазкур муроҷиат намоед.)**

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо, ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм–қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори хуро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан**. Калимаҳои зеринро дар тахтаи синф ба таври омехта нависед. Ба ҷойи ҳарфҳои ӣ, ӯ ва аломати ъ хатча гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи ӣ, ӯ ё аломати ъ гузоранд.

Намунаи калимаҳо: дӯст, кӯдак, дӯстрӯй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон, фурӯғ, хомӯш, ҷӯшон, фурӯд, рӯбоҳ, занбурӯғ, дӯкон, сӯрох, кӯча, хурӯс, кӯҳна, танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ, бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ, моҳӣ, розӣ, зиндагӣ, синфӣ, сомонӣ, давлатӣ, тоҷикӣ, даштӣ, вахшӣ, гӯштӣ, ширинӣ, мусиқӣ, қайчӣ, бозӣ, дӯстӣ, гандумӣ, мардумӣ, ваъда, баъзан, нашъунамо, эътибор, беэътино, инъом, қаър, дарвоқеъ, даъват, баъд, шеър, аъло, наъра, яъне, фаъол, неъмат, ҷамъ, саъба, маъқул, хушфеъл

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 20. Дарсҳои 39–40.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои оди ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос. **Луғат**: бархестан, дарвоқеъ, фурӯ рехтан, сир, биҳишт.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйи кунад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад;
- ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ин мавзӯъ ду савол нависанд. Саволҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд. Ба ин саволҳо дар охири дарс баргардед. Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо ба саволҳои гузоштаашон ҷавоб ёфтанд. Агар не, якҷоя саволҳои онҳоро муҳокима кунед.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омода кардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳи дунафарӣ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳи дунафарӣ мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаҳову шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳе, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба <u>***§ 11. Дарсҳои 21– 22.***</u>

- Доир ба матн панҷ савол омода намоед. Саволҳо бояд маълумотро оид ба “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?” фаро гиранд. Маҷмӯи саволҳоро ба гурӯҳҳо супоред ва аз сардори гурӯҳ (хонандаи интихобкардаатон) хоҳиш намоед, ки саволҳоро ба аъзоёни гурӯҳ хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоб пайдо кунанд.
- Дар асоси саволҳои боло муҳокима ташкил намоед. Ба аҳли синф савол дода, ба ҳар як савол ҷавоби гурӯҳҳоро шунавед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвале кашанд. Дар сутуни аввал саволҳои Кӣ/Чӣ? Кай? Дар куҷо? Чӣ ҳодиса рух дод? -ро нависанд.

Масалан:

| Кӣ/Чӣ? | |
|---|---|
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур намоянд. Мухтасар нависанд.
- Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали навиштаашонро бо шарикдарсашон муҳокима намоянд.
- Баъд ҷадвалҳоро ҷамъ карда санҷед ва ба хонандагон тавсия намоед.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки ҳоло бозии "Калимаёбак!"-ро иҷро менамоянд. Гурӯҳҳо бояд дар панҷ дақиқа ҳарчи бештар аз сканворд калимаҳоро ёбанд, онҳоро ба давра гиранд ва ба вараќи алоҳида кӯчонанд. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад, ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| |
|---|
| д ӯ с т к ӯ д а к д ӯ с т р ӯ й р ӯ з х ӯ р д а н р ӯ б а р д о р г ӯ ш с ӯ й ч ӯ п о н ф у р ӯ<br>ғ з и н д а г ӣ с и н ф ӣ с о м о н ӣ х о м ӯ ш ҷ ӯ ш о н ф у р ӯ д б е э ъ т и н о и н ъ о<br>м қ а ъ р д а р в о қ е ъ р ӯ б о ҳ з а н б у р ӯ ғ с ӯ р о х к ӯ ч а х у р ӯ с н е ъ м а т ҷ а м<br>ъ т а н ҳ о й д о н о й р а ҳ о й о ш н о й б о б о й ш и н о с о й н а ш ъ у н а м о э ъ т<br>и б о р г у ф т а й к а р д а й м о ҳ ӣ р о з ӣ д а в л а т ӣ т о ҷ и к ӣ д а ш т ӣ в а ҳ ш ӣ<br>г ӯ ш т ӣ ш и р и н ӣ м у с и қ ӣ қ а й ч ӣ б о з ӣ д ӯ с т ӣ г а н д у м ӣ м а р д у м ӣ в а<br>ъ д а б а ъ з а н д а ъ в а т б а ъ д ш е ъ р а ъ л о н а ъ р а я ъ н е ф а ъ о л с а ъ б а м а<br>ъ қ у л х у ш ф е ъ л н у ш о к ӣ м а ъ д а н ӣ х у р с а н д ӣ ҷ а м ъ о в а р ӣ р а ҳ м д и<br>л ӣ д и р ӯ з о н а |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровaрда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 21. Дарсҳои 41–42.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат. **Луғат**: хаёл, нагзарад, сарват.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намояд;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.
**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро (калимаи асосӣ, ақидаи асосӣ) дар даврае нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки вобаста ба ин мавзӯъ он калимаҳоеро, ки медонанд, дар атрофи давра нависанд.
Намуна:



**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:

**Намуна:**

| | |
|---|---|
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5– 6.***

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21– 22.***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои сенафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки сканвордро кор карда, ҳар як аъзои гурӯҳ калимаи ҳарфи алоҳидаро ёбад ва ба дафтар нависад. Масалан, хонандаи А калимаҳоеро, ки ҳарфи **й** доранд, менависад. Хонандаи Б калимаҳои ҳарфи **ӯ**-дорро менависанд ва хонандагони В калимаҳоеро, ки аломати **ъ** доранд, менависанд. Хоандае, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| |
|---|
| д ӯ с т к ӯ д а к д ӯ с т р ӯ й р ӯ з х ӯ р д а н р ӯ б а р д о р г ӯ ш с ӯ й ч ӯ п о н ф у |
| р ӯ ғ з и н д а г ӣ с и н ф ӣ с о м о н ӣ х о м ӯ ш ҷ ӯ ш о н ф у р ӯ д б е э ъ т и н о |
| и н ъ о м қ а ъ р д а р в о қ е ъ р ӯ б о ҳ з а н б у р ӯ ғ с ӯ р о х к ӯ ч а х у р ӯ с а н |
| е ъ м а т ҷ а м ъ т а н ҳ о й д о н о й р а ҳ о й о ш н о й б о б о й ш и н о с о й н а |
| ш ъ у н а м о э ъ т и б о р г у ф т а й к а р д а й м о ҳ ӣ р о з ӣ д а в л а т ӣ т о ҷ и |
| к ӣ д а ш т ӣ в а ҳ ш ӣ г ӯ ш т ӣ ш и р и н ӣ м у с и қ ӣ қ а й ч ӣ б о з ӣ д ӯ с т ӣ г |
| а н д у м ӣ м а р д у м ӣ в а ъ д а б а ъ з а н д а ъ в а т б а ъ д ш е ъ р а ъ л о н а ъ |
| р а я ъ н е ф а ъ о л с а ъ б а м а ъ қ у л х у ш ф е ъ л н у ш о к ӣ м а ъ д а н ӣ х у р |
| с а н д ӣ ҷ а м ъ о в а р ӣ р а ҳ м д и л ӣ д и р ӯ з о н а |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровардa, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 22. Дарсҳои 43–44.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,* ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнҳо муайян карда тавонад;
- матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намояд;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна: *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Калимаи асосии мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо ҳарфҳои он калимаи нав нависанд. Калимаҳо бояд ба мавзӯъ алоқаманд бошад.

Намуна: Муаллим – илм, алла, алам, малла, амал.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Канӣ, биёед, якҷоя мо маънои калимаро меёбем. Канӣ, ҷумлае, ки дар он ин калима омадааст, хонед. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Биёед, ҷумлаи баъдинаро мехонем? Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Қанд занед. Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*

- Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Ҳамин тавр ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Имлои ҳарф ё. Дар тахтаи синф калимаҳоеро, ки ҳарфи **ё** доранд, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед.

Намунаҳо: сиёҳ, пиёз, пиёла, ёрӣ, бисёр, ёфтан, ҳамён, ёд, хаёл, ҳаёт, зиёрат, ёқуб, аҷнабиён, ёқут, поён, зиёд, ёла, тайёр, ниёз, фарёд.

Муайян кардани ҳарфи *ё* дар калима. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калима ва ибораҳои боло мавқеъ (ҷой)- и ҳарфи *ё*-ро муайян кунанд.

Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

**Хонандаи А**: сиёҳ, пиёз, пиёла, ёрӣ, бисёр, ёфтан, ҳамён, ёд, хаёл, ҳаёт.

**Хонандаи Б**: зиёрат, ёқуб, аҷнабиён, ёқут, поён, зиёд, ёла, тайёр, ниёз, фарёд.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.
**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровáрда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 23. Дарсҳои 45–46.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои оди ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои *и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я* доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Доир ба мавзӯи дарс панҷ (шаш) савол тартиб диҳед. Ҳар як саволро дар варақи алоҳида нависед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар як гурӯҳ варақи саволдорро супоред. Ба онҳо ду дақиқа вақт диҳед, то ба савол ҷавоб нависанд. Варақҳои саволдорро байни гурӯҳҳо иваз намоед. Гурӯҳҳо савол ва ҷавоби гурӯҳи дигарро мехонанд ва ҷавоби худро илова мекунанд. Ҳамин тавр варақҳо байни гурӯҳҳо иваз мешаванд. Ҷавобҳои гурӯҳҳоро хонед ва хонандагонро ба дарси нав омода намоед.
Намуна:
**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаънои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.

Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо, ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм–қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

**Навиштан**. Бозии «Бинго!»-ро бо калимаҳои зерин гузаронед.
Намунаи калимаҳо: сиёҳ, пиёз, пиёла, ёрӣ, бисёр, ёфтан, ҳамён, ёд, хаёл, ҳаёт, зиёрат, ёқуб, аҷнабиён, ёқут, поён, зиёд, ёла, тайёр, ниёз, фарёд.
Намунаи ҷадвал

| | | |
|---|---|---|
| пиёз | ёла | ёфтан |
| ёфтан | ҳамён | ҳаёт |

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 24. Дарсҳои 47–48.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,* ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;

- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.
**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Пешакӣ якчанд ақидаи дуруст ва нодурустро оид ба матн (мавзӯи дарс) таҳия намоед. Пеш аз оғози азхкудкунии матн(мавзӯъ) аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дуруст ва нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунанд. Натиҷаи кори онҳоро насанҷед. Дар охири дарс аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ин ақидаҳо баргарданд ва бори дигар дуруст ва нодуруст будани онҳоро шарҳ диҳанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед.
Намунаи ҷадвал:

| | **А** | **Б** | **В** | **Г** |
|---|---|---|---|---|
| **1** | | | | |
| **2** | | | | |
| **3** | | | | |
| **4** | | | | |
| **5** | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ва калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб мешавад.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм-қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан**. Имлои биноӣ. Дар тахтаи синф се калимае, ки ҳарфи “ё” доранд, нависед. Сипас рӯйи навиштаи худро пӯшед. Хонандагон калимаҳоро аз ёд менависанд. Сипас рӯйи навиштаи худро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаи худро муқоиса кунанд ва ислоҳ намоянд. Хонандагон дафтарҳояшонро ба ҳамдигар иваз карда, кори якдигарро месанҷанд.

Озмуни “Кӣ бештар!”. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки қоидаи навиштани ҳарфи “ё”-ро ба хотир оранд ва калимаҳои ҳарфи “ё”-дорро нависанд. Пас аз ҳар калимаи навишта гузоштани аломати вергулро таъкид намоед. Ин фаъолиятро ба таври озмун гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар калимаҳои “ё”-дорро беғалат менависад.

## § 25. Дарсҳои 49–50.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла. **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос. **Мавод**: китоби дарсии «Забони модарӣ” барои синфи 2, саҳ. 45. Замима барои китоби дарсӣ.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
– симоҳои матнро муайян карда тавонад;
– дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
– мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
– ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?” омадааст, ҷавоб гардонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷадвал кашанд. Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Ба онҳо ду дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар

дохили катакҳо калимаҳои ба мавзӯи дарс мувофиқро нависанд. Хонандагон калимаҳои навиштаашонро ба ҳамдигар мехонанд.
**Намуна:**

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калимаи пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр, ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

**Хондан**. **Хониши дунафарӣ.** Нигаред ба § 18. Дарсҳои 35–36.
Дар тахтаи синф доирае кашед. Дар дохили доира номи матнро нависед. Дар атрофи доираи маркази се доираи дигар кашида, дар онҳо калимаҳои “симоҳо”, “макон” ва “ҳодисаҳо”-ро нависед. Аз доираи марказӣ то доираҳои дигар хат кашед.
Масалан:




Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро хонда, симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро муайян карда, дар атрофи доираҳои мувофиқ доирачаҳои дигар кашида, номи симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро дар дохили онҳо нависанд. Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва тартиботро дар синф таъмин намоед.

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи корашонро ба аҳли синф гӯянд.
Якҷоя бо истифодаи саволҳое, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо? доранд, матнро муҳокима намоед.

**Навиштан**. Аз байни калимаҳои зерин 16 калимаро (чортоӣ бо ҳарфҳои *ӣ, ӯ, ъ* ва *ё*) дар тахтаи синф ба таври омехта нависед. Ба ҷойи ҳарфҳои *ӣ, ӯ, ъ* ва *ё* хатча гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфҳои ӣ, ӯ, ъ ва *ё* гузоранд.

Намунаи калимаҳо: дӯст, кӯдак, дӯстрӯй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон, фурӯғ, хомӯш, ҷӯшон, фурӯд, рӯбоҳ, занбурӯғ, сӯрох, кӯча, хурӯс, танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ, бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ, моҳӣ, розӣ, зиндагӣ, синфӣ, сомонӣ, давлатӣ, тоҷикӣ, даштӣ, вахшӣ, гӯштӣ, ширинӣ, мусиқӣ, қайчӣ, бозӣ, дӯстӣ, гандумӣ, мардумӣ, ваъда, баъзан, нашъунамо, эътибор, беэътино, инъом, қаър, дарвоқеъ, даъват, баъд, шеър, аъло, наъра, яъне, фаъол, неъмат, ҷамъ, саъба, маъқул, хушфеъл, сиёҳ, пиёз, пиёла, ёрӣ,

бисёр, ёфтан, ҳамён, ёд, хаёл, ҳаёт, зиёрат, ёқуб, аҷнабиён, ёқут, поён, зиёд, ёла, тайёр, ниёз, фарёд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон безеб аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 26. Дарсҳои 51–52.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан бо мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Луғат**: дур, зиннат, бехазон.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд.

**Равиши дарс**. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро

ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи дигар ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3 – 4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Барои иҷрои фаъолияти зерин пешакӣ вақтро муқаррар намоед (Масалан, 1 ё 2 дақиқа). Мавзӯи дарсро эълон кунед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ дар бораи он суҳбат кунанд. Хонандаи А як дақиқа ва хонандаи Б як дақиқа доир ба мавзӯъ он чи ки медонанд, ба ҳамдигар мегӯянд.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳмо답 аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаънои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаънои он иваз карда хонанд. Оё, калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

**Хондан**. Матнро як маротиба ба хонандагон хонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳ хонанд ва саволномаи дар замима бударо пур кунанд. Агар замимаи китоби дарсӣ надошта бошед, ҷадвали мазкурро дар тахтаи синф кашед.

| | |
|---|---|
| Номи матн | |
| Симоҳои асосӣ | |
| Ҳодисаи асосӣ | |
| Макони ҳодиса | |
| Хулоса | |

Пеш аз оғози кор як намунаи ҷадвали дар асоси матнҳои пешин пуршударо ба хонандагон намоиш дода, тарзи пур кардани онро фаҳмонед. Ё якҷоя бо аҳли синф дар асоси матни шинос ҷадвалро пур кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон тарзи пур кардани ҷадвалро медонанд.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки ҳоло бозии “Калимаёбак!”-ро иҷро менамоед. Гурӯҳҳо бояд дар панҷ дақиқа ҳарчи бештар аз сканворд калимаҳоро ёфта ба давра гиранд ва ба варақи алоҳида кӯчонанд. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад, ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| |
|---|
| п о ё н д ӯ с т ё ф т а н к ӯ д а к д ӯ с т р ӯ й б и с ё р р ӯ з х ӯ р д а н р ӯ б а р д о |
| р ҳ а м ё н г ӯ ш с и ё ҳ с ӯ й ч ӯ п о н п и ё з ф у р ӯ ғ з и н д а г ӣ п и ё л а с и н ф |
| ӣ с о м о н ӣ ё р ӣ х о м ӯ ш б и с ё р ҷ ӯ ш о н ф у р ӯ д ё ф т а н б е э ъ т и н о ҳ а |
| м ё н и н ъ о м ё д қ а ъ р д а р в о қ е ъ х а ё л р ӯ б о ҳ з а н б у р ӯ ғ ҳ а ё т с ӯ р о |
| х к ӯ ч а з и ё р а т х у р ӯ с ё қ у б а ҷ н а б и ё н н е ъ м а т ё қ у т ҷ а м ъ т а н ҳ о |
| ӣ д о н о ӣ р а ҳ о ӣ з и ё д о ш н о ӣ б о б о ӣ ё л а ш и н о с о ӣ т а й ё р н а ш ъ |
| у н а м о э ъ т и б о р н и ё з г у ф т а ӣ ф а р ё д к а р д а ӣ м о ҳ ӣ р о з ӣ д а в л а |
| т ӣ т о ҷ и к ӣ д а ш т ӣ в а ҳ ш ӣ г ӯ ш т ӣ ш и р и н ӣ м у с и қ ӣ қ а й ч ӣ б о з ӣ |
| д ӯ с т ӣ г а н д у м ӣ м а р д у м ӣ в а ъ д а б а ъ з а н д а ъ в а т б а ъ д ш е ъ р а |
| ъ л о н а ъ р а я ъ н е ф а ъ о л с а ъ б а м а ъ қ у л х у ш ф е ъ л н у ш о к ӣ м а ъ д |
| а н ӣ х у р с а н д ӣ ҷ а м ъ о в а р ӣ р а ҳ м д и л ӣ д и р ӯ з о н а ё д |

**Машқҳои иловагӣ.**

А. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз матн калимаҳои ҳарфҳои такрордоштаро ёбанд ва ба ҳиҷоҳҳо ҷудо кунанд.
Дурр, хуррам, лаззат.
дурр, хур-рам, лаз-зат.

Б. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки кроссвордро бодиққат пур кунанд ва калимаҳои ёфтагиашонро шарҳ диҳанд.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Т | | ч | | | | | |
| о | ф | т | | б | | | |
| ч | | ҳ | | н | | | |
| и | қ | л | | м | | | |
| к | | ҳ | с | | | | |
| т | | р | б | | з | | |
| и | | м | | | | | |
| р | | й | ҳ | | н | | |
| а | н | г | | р | | | |
| м | | н | д | | | | |
| о | ф | т | | б | | | |
| ҳ | | с | | л | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| б | | р | ф | | | | | |
| а | | р | | | | | | |
| ҳ | | в | | | | | | |
| о | б | х | | з | | | | |
| р | | ъ | д | | б | | Р | Қ |

В. Имлои шунавоӣ.
бой, бӯстон, кабӯтар, лӯбиё, кӯза, мӯрча, майда, майдон, майса.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомаширо ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 27. Дарсҳои 53–54.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои **ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,** ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнҳо муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**Фаъолгардонии донишҳои заминавӣ (ФДЗ)**. Дар тахтаи синф оид ба мавзӯи дарс ду ё се савол нависед. Саволҳоро хонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни онҳоро мефаҳманд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволҳоро бо ҳам муҳокима намоянд (3 дақиқа). Сипас аз се ё чор гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ҷавобашонро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо кашидани хат онҳоро бо ҳам пайваст намоед.
Намуна:



**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21– 22.***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3 – 4.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки сканвордро кор карда, ҳар як аъзои гурӯҳ калимаи ҳарфи алоҳидаро ёбад ва ба дафтар нависад. Масалан, хонандаи А калимаҳоеро, ки ҳарфи ӣ доранд, менависад. Хонандаи Б ҳарфи ӯ-дорро менависанд, хонандагони В калимаҳоеро, ки аломати ъ доранд, менависанд ва хонандаи Г калимаҳои ҳарфи *ё*-дорро менависанд. Хонандае, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад, ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| |
|---|
| п о ё н д ӯ с т ё ф т а н к ӯ д а к д ӯ с т р ӯ й б и с ё р р ӯ з х ӯ р д а н р ӯ б а р д о |
| р ҳ а м ё н г ӯ ш с и ё ҳ с ӯ й ч ӯ п о н п и ё з ф у р ӯ ғ з и н д а г ӣ п и ё л а с и н ф |
| ӣ с о м о н ӣ ё р ӣ х о м ӯ ш б и с ё р ҷ ӯ ш о н ф у р ӯ д ё ф т а н б е э ъ т и н о ҳ а |
| м ё н и н ъ о м ё д қ а ъ р д а р в о қ е ъ х а ё л р ӯ б о ҳ з а н б у р ӯ ғ ҳ а ё т с ӯ р о |
| х к ӯ ч а з и ё р а т х у р ӯ с ё қ у б а ҷ н а б и ё н н е ъ м а т ё қ у т ҷ а м ъ т а н ҳ о |
| ӣ д о н о ӣ р а ҳ о ӣ з и ё д о ш н о ӣ б о б о ӣ ё л а ш и н о с о ӣ т а й ё р н а ш ъ |
| у н а м о э ъ т и б о р н и ё з г у ф т а ӣ ф а р ё д к а р д а ӣ м о ҳ ӣ р о з ӣ д а в л а |
| т ӣ т о ҷ и к ӣ д а ш т ӣ в а ҳ ш ӣ г ӯ ш т ӣ ш и р и н ӣ м у с и қ ӣ қ а й ч ӣ б о з ӣ |
| д ӯ с т ӣ г а н д у м ӣ м а р д у м ӣ в а ъ д а б а ъ з а н д а ъ в а т б а ъ д ш е ъ р а |
| ъ л о н а ъ р а я ъ н е ф а ъ о л с а ъ б а м а ъ қ у л х у ш ф е ъ л н у ш о к ӣ м а ъ д |
| а н ӣ х у р с а н д ӣ ҷ а м ъ о в а р ӣ р а ҳ м д и л ӣ д и р ӯ з о н а ё д |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 28. Дарсҳои 55 –56.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я,

ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Луғат**: бебаҳо, фурӯд, сарват.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Ду ё се ақидаи ба ҳам мухолифро оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафара/чорнафарӣ машғул шуда, бо ақидаҳои пешниҳодшуда розӣ мешаванд ё онҳоро рад мекунанд. Хонандагон бояд интихобашонро шарҳ диҳанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед.

Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намоед ва ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед, гурӯҳе ки аксари калимаҳоро дурусту мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Алоқамандии саволу ҷавобҳо оид ба мазмуни матн. Барои таҳлили мазмуни матн якчанд савол омода намоед. Саволҳоро мувофиқи навъҳои зерин таҳия карда метавонед:

| Навъи савол | Шарҳ |
|---|---|
| **Саволҳои Як ба як** | Саволҳои одие, ки ҷавобашро ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст. Одатан калимаҳои савол ва калимаҳои матн яканд. Намуна |
| **Фикр кун, таҳқиқ намо!** | Ҷавоб ба чунин савол аз қисмҳои гуногун ҷамъ шуда, якҷоя маъно пайдо мекунанд. Барои ин шахс бояд матнро хонад ва каме фикр кунад. |
| **Муаллиф ва шумо** | Саволе, ки дар асоси маълумоти матн таҳия мешавад, аммо аз хонанда талаб карда мешавад, ки онро бо таҷрибаи худ алоқаманд намояд. Ҳарчанд ҷавоб ба савол дар матн бевосита оварда нашавад ҳам, барои ҷавоб додан шахс бояд матнро хонад. |
| **Мустақилона** | Чунин саволҳо аз хонандагон хондани матнро талаб намекунанд, аммо хонанда барои ба чунин саволҳо ҷавоб гардондан бояд дониши заминавии худро истифода барад. |

Дар ин дарс навъи *саволи Як ба як ро* истифода баред. Саволро дар тахтаи синф нависед. Намунаи савол: *Ҷавон бо кӣ вохӯрд?*

Порчаи матнро хонед. Аз хонандагон пурсед, ки аз кадом ҷумлаи матн ба ин савол ҷавоб гардондан мумин аст. Фикри хонандагонро гӯш кунед. Шумо чӣ хел фаҳмидед? Хонандагон мегӯянд, ки аз савол равшан аст. Ҷумларо дар тахтаи синф зери ҷумлаи саволӣ нависед. Калима ё ибораеро, ки ба савол ҷавоб мегардонад, ба давра гиред. Калимаи монанд ё алоқамандро аз савол муйян карда, онро низ ба давра гиред. Бо хат ҳар ду давраро ба ҳам алоқаманд карда, ба хонандагон алоқамандии савол ва ҷавобро нишон диҳед.

Як саволи дигар таҳия кунед ва онро дар тахтаи синф нависед. Матнро бори дигар хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаи ба савол алоқамандро ёбанд. Калима ё ибораеро, ки ба савол ҷавоб мегардонад, муайян кунанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед. Боз бо як саволи дигар машқ кунед.

Ба хонандагон фаҳмонед, ки чунин саволҳо ба воситаи ҷонишинҳои саволии кӣ? чӣ? кай? дар куҷо? ва амсоли онҳо пурсида мешавад.

Намунаи саволҳо:

*Марди кӯҳистонӣ чӣ бор дошт?*
*Ҷавон аз ин мард чӣ пурсид?*
*Мард чӣ ҷавоб дод?*
*Чавон чӣ гуфт?*
*Мард чӣ кор кард?*

**Навиштан**. Имлои ҳарф й. Дар тахтаи синф калимаҳоеро, ки ҳарфи **й** доранд, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед.

Намунаҳо: вай, ғайрат, сӯй, рӯй, мӯй, бойигарӣ, пойдор, байт, ҷой, дурӯғгӯй, тағйир, ростгӯй, тайёр, пойтахт, ҳайрат, пайдо.

Муайян кардани ҳарфи й дар калима. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калима ва ибораҳои боло мавқеъ (ҷой)–и ҳарфи й–ро муайян кунанд.

Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

**Хонандаи А**: вай, ғайрат, сӯй, рӯй, мӯй, бойигарӣ, пойдор, байт, ҷой.

**Хонандаи Б**: дурӯғгӯй, тағйир, ростгӯй, тайёр, пойтахт, оина, ҳайрат, пайдо.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.

Машқҳои иловагӣ:

А. Бозии калимаёбак. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳарфҳои аввал ва охири калимаҳои "хок" ва "зар" -ро иваз карда, калимаҳои нав тартиб диҳанд.




**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 29. Дарсҳои 57–58.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил кардани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
– матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;

– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тариқ 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара/чорнафарӣ ҷудо намоед. Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якҷоя кор карда, ҳарчи бештар калимаҳои ба мавзӯъ мувофиқро дар дафтар нависанд. Гурӯҳҳо бо навбат калимаҳоро мехонанд. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дониши заминавии хонандагонро оид ба мавзӯъ муайян кунед ва онҳоро барои аз худ кардани маводди таълим омода намоед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми давраро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Бозии «Бинго!»-ро бо калимаҳои зерин гузаронед.

Намунаи калимаҳо: вай, ғайрат, сӯй, рӯй, мӯй, бойигарӣ, пойдор, байт, ҷой, дурӯғгӯй, тағйир, ростгӯй, тайёр, пойтахт, ойна, ҳайрат, пайдо.

Намунаи ҷадвал

| | | |
|---|---|---|
| ғайрат | ҳайрат | пойдор |
| байт | ҷой | рӯй |
| | | |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешиҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 30. Дарсҳои 59–60.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои **я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю,** ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро боло бардоранд. Агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара машғул шуда, оид ба мавзӯъ ду калима гӯянд – як хусусияти мусбат ва як хусусияти манфӣ.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла маънии калимаро фаҳмида натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Пеш аз дарс матнро хонед ва 5 саволи навъи *Як ба як ( саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) тартиб диҳед. Аз ҷонишинҳои саволии кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо? истифоба баред.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷумлаи

мувофиқро ёбанд. Калима ё ибораи асосиро муайян намоянд ва онҳоро дар бари саволҳо нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Муҳокима ташкил намоед. Ҳар як саволро хонед, аз хонандагон пурсед, ки ҷавобро аз матн ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо барои муайян кардани ҷавоб ёрӣ расонд? Онҳо чӣ кор карданд?

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд ва ду саволи иловагӣ тартиб диҳанд. Ба хонандагон вақти кофӣ диҳед. Баъд саволҳои гурӯҳҳоро ба ҳамдигар тақсим намоед. Гурӯҳҳо ба саволҳои ҳамдигар ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан**. Имлои худамро месанҷам. Дар тахтаи синф се калимае, ки ҳарфи **й** доранд, нависед. Сипас рӯйи навиштаи худро пӯшед. Хонандагон калимаҳоро аз ёд менависанд. Сипас рӯйи навиштаи худро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаи худро муқоиса кунанд ва ислоҳ намоянд. Хонандагон дафтарҳояшонро ба ҳамдигар иваз карда, кори якдигарро месанҷанд.

Озмуни "Кӣ бештар!" . Ба хонандагон вазифа диҳед, ки қоидаи навиштани ҳарфи **й**-ро ба хотир оранд ва калимаҳои **й**-дорро нависанд. Пас аз ҳар калимаи навишта гузоштани аломати вергулро таъкид намоед. Ин фаъолиятро ба таври озмун гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар калимаҳои **й**-дорро беғалат менависад.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон безеб аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 31. Дарсҳои 61–62.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла. **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои **и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я** доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширати)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро бурдову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
– дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
– мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
– ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна: *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Пешакӣ амалҳое, ки аз ягон ҷиҳат ба мавзӯи дарс дахл доранд дар варақаҳои алоҳида нависед. Ба ҳар як хонандаи гурӯҳ бояд як амал ростояд. Хонандагон варақҳоро интихоб мекунанд ва онро бе сухан гуфтан иҷро мекунанд. Аҳли гурӯҳ бояд ин амалро муайян кунанд. Ҳамин тавр ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бо навбат кор мекунанд. Диққат барои иҷрои ин фаъолият ба гурӯҳ танҳо 5 дақиқа вақт дода мешавад.

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед. Масалан, *Маънои калимаи .... чист? Калимаи ... маънои ...- ро дорад.*

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

– Доир ба матн панҷ савол омода намоед. Савоҳо бояд маълумотро оид ба “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо? фаро гирад. Маҷмӯи саволҳоро ба гурӯҳҳо супоред ва аз сардори гурӯҳ (хонандаи интихобкардаатон) хоҳиш намоед, ки саволҳоро ба аъзоёни гурӯҳ хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоб пайдо кунанд.
– Дар асоси саволҳои боло муҳокима ташкил намоед. Ба аҳли синф савол дода, ба ҳар як савол ҷавоби гурӯҳҳоро шунавед.
– Аз хондани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвале кашанд. Дар сутуни аввал саволҳои Кӣ/Чӣ? Кай? Дар куҷо? Чӣ ҳодиса рух дод? -ро нависанд.

Масалан:

| | |
|---|---|
| Кӣ/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур намоянд. Мухтасар нависанд.

- Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали навиштаашонро бо шарикдарсашон муҳокима намоянд.
- Баъд ҷадвалҳоро ҷамъ карда санҷед ва ба хонандагон тавсия намоед.

**Навиштан**. Калимаҳои зеринро дар тахтаи синф нависед. Ба ҷойи ҳарфи **й** хатча гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи **й** гузоранд.
Намунаи калимаҳо: вай, ғайрат, сӯй, рӯй, мӯй, бойигарӣ, пойдор, байт, ҷой, дурӯғгӯй, тағйир, ростгӯй, тайёр, пойтахт, ҳайрат, пайдо.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 32. Дарсҳои 63–64.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои **ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ,** ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;

– дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намоянд;
– мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расмро пешакӣ омода намоед. Расмҳо бояд мавзӯъро аз ягон ҷиҳат муаррифӣ кунанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед ё расмҳоро дар тахтаи синф овезед. Гурӯҳҳо расмҳоро шарҳ медиҳанд. Шумо метавонед барои водор намудани хонандагон пешакӣ савол омода кунед. Масалан: Дар расм кӣ/чӣ тасвир шудааст? Онҳо дар куҷоянд? Чӣ кор мекунанд? ва амсоли он.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии "Майдони мӯъҷизот" гузаронед.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо, ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм–қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки ҳоло бозии "Калимаёбак!"–ро иҷро менамоянд. Гурӯҳҳо бояд дар панҷ дақиқа ҳарчи бештар аз сканворд калимаҳоро ёбанд ва онҳоро ба давра гиранд ва ба варақи алоҳида кӯчонанд. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад, ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| р | ӯ | й | м | ӯ | й | ҷ | ӯ | й | с | а | й | қ | а | л | а | й | л | о | й |
| о | и | н | а | п | а | й | к | а | р | а | й | ҳ | о | н | ҷ | к | а | й | к |
| с | ӯ | й | й | б | ӯ | й | м | п | о | й | д | о | р | б | а | й | р | а | қ |
| т | к | н | м | а | й | с | а | й | р | ӯ | й | д | о | д | й | п | о | й | |
| г | а | а | у | й | т | ӯ | й | х | о | н | а | й | з | а | р | ӯ | й | | |
| ӯ | р | й | н | т | а | й | ё | р | а | й | ҳ | о | н | м | а | й | | | |
| й | н | б | а | й | з | а | й | т | у | н | а | й | с | о | н | | | | |
| м | а | й | н | а | к | а | й | ҳ | о | н | й | и | о | й | | | | | |
| а | й | ч | о | й | х | о | н | а | қ | б | р | н | й | | | | | | |
| й | з | о | б | а | й | т | о | р | а | а | о | а | | | | | | | |
| д | а | й | с | а | й | ё | д | п | й | й | н | | | | | | | | |
| а | т | х | а | й | р | к | а | а | ч | н | | | | | | | | | |
| м | а | о | й | и | н | а | й | й | ӣ | | | | | | | | | | |
| а | й | н | а | к | а | й | р | т | | | | | | | | | | | |
| й | ё | а | х | с | й | ҳ | о | | | | | | | | | | | | |
| д | р | й | а | а | з | о | | | | | | | | | | | | | |
| о | х | р | й | й | а | | | | | | | | | | | | | | |
| н | а | а | м | р | | | | | | | | | | | | | | | |
| о | й | н | а | | | | | | | | | | | | | | | | |
| й | р | г | | | | | | | | | | | | | | | | | |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 33. Дарсҳои 65–66.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои **я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю,** ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расм омода намоед. Хуб мешавад, ки агар дар расмҳо ягон амал тасвир шуда бошад. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед. Расмҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ба онҳо барои муҳокимаи расм як дақиқа вақт ҷудо кунед. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки расмро ба гурӯҳи дигар супоранд. Ҳамин тавр, расмҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Вақтро назорат кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаъноро нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро ҳамин тавр таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки аввал матнро пурра хонанд. Пас аз хондан ба муддати 10 дақиқа дар асоси матн панҷ саволи ***Як ба як*** таҳия намоянд. Саволҳоро дар варақи алоҳида ботартиб нависанд. Саволҳои гурӯҳҳоро бо ҳамдигар иваз намоед. Ба гурӯҳҳо панҷ дақиқа вақт дода хоҳиш намоед, ки ба саволҳо дар асоси матн ҷавоб гардонанд.

Саволу ҷавобҳоро ба гурӯҳҳои аслӣ баргардонед. Гурӯҳҳо ҷавобҳоро месанҷанд ва дуруст ё нодуруст будани онҳоро муайян мекунанд.

Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки тарзи ба саволҳо ҷавоб гардонданро ба аҳли синф гӯянд. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Имлои ҳарф **ю**. Дар тахтаи синф калимаҳоеро, ки ҳарфи **ю** доранд, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро

дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед: дуюм, сеюм, сиюм, Юнус, Юсуф, Ғаюр, юған, юнучқа, Қаюм

Муайян кардани ҳарфи **ю** дар калима. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калима ва ибораҳои боло мавқеъ (ҷой)-и ҳарфи **ю**-ро муайян кунанд.

Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

**Хонандаи А**: дуюм, сеюм, сиюм, Юнус, Юсуф.

**Хонандаи Б**: Ғаюр, юған, юнучқа, Қаюм.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 34. Дарсҳои 67–68.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;

– дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
– мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
– хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф панҷ савол нависед. Ҳамаи саволҳо бояд ҷавоби ҳа ё не-ро талаб кунанд. Хонандагон дар гурӯҳи дунафарӣ машғул шуда, ба як савол ҷавоб медиҳанд ва як савол мепурсанд. Агар хонанда ба саволаш ҷавоби не гирад, он гоҳ саволи навбатиро аз хонандаи дигар мепурсад. Агар ҷавоб ҳа бошад, онро месанҷанд ва ба саволи навбатӣ мегузаранд. Синфро назорат кунед, то мағали беҳуда нашавад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Аз калимаҳои мазкур истифода бурда, ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро дар як кунҷи тахтаи синф нависед. Ҷумлаҳои тартибдодаатонро дар тахтаи синф ё варақи калон нависед. Аммо ҷойи калимаи мушкилфаҳмро холӣ гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз байни калимаҳо калимаи мувофиқро интихоб карда, ба ҷойи холӣ гузоранд. Ҳамин тавр ҳамаи ҷумлаҳоро пур кунед. Маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон шарҳ диҳед.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, матнро мустақилона хонанд. Пешакӣ бо усули ***Як ба як*** чор савол оид ба матн таҳия намоед. Саволҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро пӯшонед. Пас аз маротибаи якуми хониш саволи якумро кушоед. Хонандагон дунафарӣ ба савол ҷавоб меёбанд. Калима ё ибораи мувофиқро аз матн ёфта дар варақча менависанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷавоби навиштаашонро дар болои миз гузоранд. Дар синф давр зада, санҷед, ки оё ҳамаи гурӯҳҳо дуруст ҷавоб додаанд ё не. Агар гурӯҳҳое, ки нодруст кор карда бошанд, бори дигар саволро хонед. Тарзи аз матн муайян кардани саволро ба хонандагон ёд диҳед.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дуюм хонанд. Ба монанди саволи як ин дафъа низ ҷавобҳои хонандагонро ба роҳ монед. Ҳамин тавр хонандагон бори сеюм ва чорум мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан**. Бозии «Бинго!»-ро бо калимаҳои зерин гузаронед.
Намунаи калимаҳо: дуюм, сеюм, сиюм, Юнус, Юсуф, Ғаюр, юған, юнучқа, Қаюм
Намунаи ҷадвал:

| | |
|---|---|
| Юсуф | Сиюм |
| Юнучқа | Дуюм |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 35. Дарсҳои 69–70.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои оди ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла. **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос. **Луғат**: бахт, ҳалим, бузургон.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйи кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии "Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?" омадааст, ҷавоб гардонад;
- ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)–и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс ду савол омода намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷойҳо хеста, аз ҳамдигар савол пурсанд. Агар ба савол ҷавоб ёфтанд, он гоҳ дунафарӣ барои ёфтани ҷавоб ба саволи дуюм бо дигарон саволу ҷавоб мекунанд. Дар натиҷа гурӯҳи чорнафарӣ пайдо мешавад. Аз гурӯҳҳои хоҳиш кунед, ки ба назди шумо омада,

ҷавобҳои саволҳоро гӯянд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонандагон ба ҷойҳои худ мешинанд ва дарсро идома медиҳед.

**Бозии “Бинго!”.** Барои тартиби иҷрои бозӣ нигаред ба ***§ 17. Дарсҳои 33–34***

Ба тарзи хондани калимаҳои зерин диққат диҳед: Хоксор, меҳнатдӯст, меҳмоннавоз, Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Адӯали ибни Сино, Садриддини Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Хонандагон пас аз хондани шумо, ба мисли шумо такроран якбора бо овози баланд мехонанд. Матнро қисм–қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед (**ДИҚҚАТ!** Барои иҷрои усули “Хониши садодиҳанда” минбаъд ба ҳамин машғулият муроҷиат намоед. ***Нигаред ба § 35. Дарсҳои 69–70).***

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як симои матнро муайян намоед. Бори дигар мафҳуми “симои матн”–ро ба хонандагон фаҳмонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симоҳои матнро муайян кунанд ва ягон хусусияти онҳоро нависанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симо** | **Хусусият** |
|---|---|
| Симои 1 | |
| Симои 2 | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4

**Навиштан**. Имлои худамро месанҷам. Дар тахтаи синф се калимаеро, ки ҳарфи “ю” доранд, нависед. Сипас рӯйи навиштаи худро пӯшед. Хонандагон калимаҳоро аз ёд менависанд. Сипас рӯйи навиштаи худро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаи худро муқоиса кунанд ва ислоҳ намоянд. Хонандагон дафтарҳояшонро ба ҳамдигар иваз карда, кори якдигарро месанҷанд.

Озмуни “Кӣ бештар!”. Ба хонандагон вазифа диҳед, ки қоидаи навиштани ҳарфи “ю” ба хотир оранд ва калимаҳои “ю”-дорро нависанд. Пас аз ҳар калимаи навишта гузоштани аломати вергулро таъкид намоед. Ин фаъолиятро ба таври озмун гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар калимаҳои “ю” -дорро беғалат менависад.

Машқҳои иловагӣ.

Имлои дунафарӣ.

А. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, калимаҳои зеринро хонанд ва нависанд: Айнӣ, бобо, Ваҳид, гул, ғайрат, дил, Ёдгор, ёр, Икром, Ҳайрат.

Б. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи калимаҳои дар ҷадвалҳои додашуда калимаҳои нав тартиб диҳанд. (Душанбе, Тоҷикистон, Ватан)

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Д | у | ш | а | н | б | е |
| | қ | | | | | м |
| с | | ф | | ҳ | ҳ | |
| т | б | | | | | |
| | | б | | л | р | |
| н | н | | | | | |
| | | х | | н | н | |
| м | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Т | о | ҷ | и | к | и | с | т | о | н |
| а | д | | с | ӯ | ф | | | ф | |
| в | а | м | т | ҳ | т | р | ҷ | т | с |
| а | м | ъ | | | | в | | | |
| л | | | қ | с | х | | к | б | м |
| л | н | в | л | т | | т | | Р | |
| у | | | | | р | | н | | |
| д | | р | л | н | | | | Я | |
| | | | | | | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| В | а | т | а | н |
| | н | | н | |
| т | г | к | ҷ | х |
| | | з | | |
| н | р | | р | д |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду- се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 36. Дарсҳои 71–72.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои оди ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои **и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я** доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?” омаадааст, ҷавоб гардонда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шаванд. Бо ҳам суҳбат карда, аз якдигар пурсанд, ки онҳо рӯзи (ҳафтаи) гузашта чӣ кор карданд. Инчунин рӯзҳои истироҳатии навбатӣ (шанбе ва якшанбе) чӣ кор карданианд гӯянд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки оид ба яке аз ҳамсинфонашон нақл кунад. Масалан,

*Салима рӯзи шанбе ба хонаи бибиаш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо дугонаҳояш бозӣ кардааст. Ин ҳафта ба боғи ҳайвонот рафтанӣ аст.* Шумо метавонед ин намунаро ба хонандагон хонед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва аҳли синф онро бояд ёбад. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунад. Пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1-ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Хондан**. **Хониши дунафарӣ.** Нигаред ба § 18. Дарсҳои 35–36.
Дар тахтаи синф доирае кашед. Дар дохили доира номи матнро нависед. Дар атрофи доираи маркази се доираи дигар кашида, дар онҳо калимаҳои “симоҳо”, “макон” ва “ҳодисаҳо”-ро нависед. Аз доираи марказӣ то доираҳои дигар хат кашед. Намуна:




Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро хонда, симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро муайян карда, дар атрофи доираҳои мувофиқ доирачаҳои дигар кашида, номи симоҳо, макон ва ҳодисаҳоро дар дохили онҳо нависанд. Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва тартиботро дар синф таъмин намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи корашонро ба аҳли синф гӯянд. Якҷоя бо истифодаи саволҳое, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо? доранд, матнро муҳокима намоед.

**Навиштан**. Калимаҳои зеринро дар тахтаи синф нависед. Ба ҷойи ҳарфи **ю** хатча гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи **ю** гузоранд. Намунаи калимаҳо: дуюм, сеюм, сиюм, Юнус, Юсуф, Ғаюр, юған, юнучқа, Қаюм

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 37. Дарсҳои 73–74.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
– навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
– симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
– суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Як луғати асосии мавзӯи имрӯзаи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар муддати як дақиқа ҳар чӣ бештар калимаҳои ба луғат ҳаммаъно ё алоқамандро нависанд. Барои мураккаб кардани ин машқ аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки ибораҳои мувофиқро нависанд. Калимаҳои навиштаи хонандагонро ҳисоб кунед ва ғолиб(он)ро аниқ созад.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

**Хондан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои “***Як ба як”-*** ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як варақаи борик гирифта, саволи таҳиякардаашонро дар он нависанд. Саволҳоро ҷамъ оварда, дар қуттие омехта кунед. Дар назди тахтаи синф курсие гузоред. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки ҳоло бозии “Калимаёбак!”-ро иҷро менамоянд. Гурӯҳҳо бояд дар панҷ дақиқа ҳарчи бештар аз сканворд калимаҳоро (бо ҳарфҳои й ва ю) ёбанд ва онҳоро ба давра гиранд ва ба варақи алоҳида кӯчонанд. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад, ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ю | Н | у | с | е | ю | м | п | а | й | д | о |
| ҷ | О | й | ӯ | ю | н | у | ч | қ | а | й | д |
| р | Ӯ | й | й | т | а | й | ё | р | ӯ | й | ҳ |
| ю | Б | о | й | и | г | а | р | ӣ | ғ | п | а |
| ғ | т | а | ғ | й | и | р | о | д | а | о | й |
| а | о | й | и | ш | а | ҷ | о | й | й | й | р |
| н | й | н | п | б | п | а | м | о | р | д | а |
| ғ | н | а | а | а | а | й | а | п | а | о | т |
| а | а | к | й | й | й | р | й | о | т | р | ӯ |
| ю | р | т | а | т | к | а | й | д | у | ю | м |
| р | қ | а | ю | м | с | и | ю | м | ӯ | й | ӯ |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 38. Дарсҳои 75–76.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан бо мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан бо мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни

навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои **я, ӯ, й, аломати ъ, ё, я, ю,** ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
- барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра).

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар асоси мавзӯи дарс як ақидаи асосии мубоҳисавиро таҳия намоед. Онро дар тахтаи синф нависед. Дар охири ақида илова кунед "Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед?" Хонандагон дунафарӣ машғул шуда, ақидаро муҳокима мекунанд. Гурӯҳ ба аҳли синф розӣ будан ё набудани худро иброз медорад ва онро шарҳ медиҳад.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омода кардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқояд, гурӯҳ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаву шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳе, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Хондан**. Матнро як маротиба ба хонандагон хонед. Якҷоя бо хонандагон сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои таҳлили сохтори матн: *Номи матн чист? Он аз чанд сархат иборат аст? Чанд ҷумла дорад? Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд? Ин кадом навъи матн аст (афсона, ҳикоя, шеър ва ғайра)? Чӣ тавр фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд?*

Дар асоси матн якчанд ақида таҳия намоед. Ақидаҳо бояд дуруст ё нодуруст бошанд. Хонандагон матнро бори дигар мехонанд ва ақидаҳоро тасдиқ ё инкор мекунанд (Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ). Мазмуни матнро таҳлилу муҳокима кунед.

**Навиштан**. Имлои ҳарф **я**. Дар тахтаи синф калимаҳоеро, ки ҳарфи **я** доранд, нависед. Як маротиба калимаҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пас аз шумо онҳоро дуруст талаффуз кунанд. Якҷоя бо хонандагон тарзи хондани ин калимаҳоро машқ кунед. Намунаҳо: як, якум, бояд, шояд, ҳикоя, Зулфия, якравӣ, дурӯягӣ, ҷӯянда, ҳамсоя, ягон, якдилӣ, якпоя, ярч, яхак, ях.

Муайян кардани ҳарфи **я** дар калима. Ҳарфи **я** аз чанд овоз иборат аст? Чӣ тавр онро менависем ва мехонем? Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калимаҳои боло мавқеъ (ҷой)-и ҳарфи **я**-ро муайян кунанд.

Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

**Хонандаи А**: як, якум, бояд, шояд, ҳикоя, Зулфия, якравӣ, дуруягӣ.

**Хонандаи Б**: ҷӯянда, ҳамсоя, ягон, якдилӣ, якпоя, ярч, яхак, ях.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 39. Дарсҳои 77–78.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян кардани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои **я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю,** ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
– алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
– матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар доираи мавзӯи дарс бо истифодаи калимаи “агар” як савол таҳия намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф гашта, дар муддати 3 дақиқа ҳар чи бештар аз ҳамсинфонашон саволро пурсида, ҷавоби онҳоро шунаванд ва дар хотир гиранд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷавоби хонандагони дигарро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:

**Намуна:**

| | |
|---|---|
| | |
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5–6***

**Хондан**. Викторина бо саволҳои навъи ***Як ба як*** дар асоси матн 12 савол (4 савол бо ҷонишини саволии кӣ/чӣ; 4 савол бо ҷонишини саволии кай ва 4 савол бо ҷонишини саволии дар куҷо) омода карда, онро варақи алоҳида нависед. Сипас дар тахтаи синф ба монанди ҷадвали поён ҷадвал кашед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | 5 | 10 | 15 | 20 |
| Кай? | 5 | 10 | 15 | 20 |
| Дар куҷо? | 5 | 10 | 15 | 20 |

Дар сутуни якум категорияи савол ва дар сутунҳои дигар холҳо барои ҷавоби дуруст ба ин саволҳо.

Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо викторина ташкил мекунед ва хонандагон бояд ба савол ҷавоб гардонанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои панҷнафарӣ ҷудо намоед. Барои муайян кардани гурӯҳе, ки аввалин шуда саволро интихоб мекунад, як чистон гӯяд. Гурӯҳе, ки чистонро тезтар меёбад, аввалин шуда савол интихоб мекунад. Гурӯҳ мегӯяд: *Кӣ?/Чӣ? 10 хол.* Саволе, ки барои ин категория ва ин хол омода кардаед, ба аҳли синф хонед. Ба гурӯҳҳо як дақиқа вақт диҳед. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад ва ҷавоби дуруст медиҳад, соҳиби 10 хол мешавад. Холҳои гурӯҳҳоро дар як тарафи тахтаи синф ба қайд гиред. Гурӯҳ категория ва саволи дигарро интихоб мекунад. Гурӯҳе, ки ҷавоби дуруст додааст, саволи навбатиро интихоб мекунад. Дар бозӣ гурӯҳе ғолиб дониста мешавад, ки холи зиёдтар гирифтааст. Бозиро то саволи охирон идома диҳед.

**Навиштан**. Бозии «Бинго!»-ро бо калимаҳои зерин гузаронед.
Намунаи калимаҳо: як, якум, бояд, шояд, ҳикоя, Зулфия, якравӣ, дуруягӣ, ҷӯянда, ҳамсоя, ягон, якдилӣ, якпоя, ярч, яхак, ягона, ях.

**Намунаи ҷадвал**

| | | |
|---|---|---|
| бояд | ҷӯянда | якравӣ |
| якпоя | якдилӣ | ягон |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 40. Дарсҳои 79–80.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои **й, ӯ, я, ё, аломати ъ,** ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Якчанд калимаҳоро доир ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар гурӯҳҳои чорнафара муҳокима кунанд ва мавзӯи дарсро аниқ созанд. Гурӯҳҳо мавзӯи дарсро дар вараqи алоҳида навишта ба шумо месупоранд. Ҷавоби гурӯҳҳоро хонда, аниқ созед, ки кадом гурӯҳ мавзӯъро дуруст муайян намудааст.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: Б*иёед, якҷоя мо маънои калимаро меёбем. Ҳоло ҷумлае, ки дар он ин калима омадааст, мехонем. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Ҷумлаи баъдинаро мехонем? Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Офарин! Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*
- Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаъноӣ онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***
**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4.

**Навиштан**. Имлои худамро месанҷам. Дар тахтаи синф се калимаеро, ки ҳарфи "я" доранд, нависед. Сипас рӯйи навиштаи худро пӯшед. Хонандагон калимаҳоро аз ёд менависанд. Сипас рӯйи навиштаи худро кушоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаи худро муқоиса кунанд ва ислоҳ намоянд. Хонандагон дафтарҳояшонро ба ҳамдигар иваз карда, кори якдигарро месанҷанд.

Озмуни "Кӣ бештар!". Ба хонандагон вазифа диҳед, ки қоидаи навиштани ҳарфи "я" ба хотир оранд ва калимаҳои "я"-дорро нависанд. Пас аз ҳар калимаи навишта

гузоштани аломати вергулро таъкид намоед. Ин фаъолиятро ба таври озмун гузаронед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки аз ҳама бештар калимаҳои “я” -дорро беғалат менависад.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣнамунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 41. Дарсҳои 81–82.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна: *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4.***

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Як ашёи атрофро интихоб кунед ва дар бораи он ба хонандагон нақл кунед (шарҳ диҳед). Ба хонандагон як дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки як ашёи атрофро интихоб кунанд ва онро ба аҳли синф шарҳ диҳанд. Якчанд хонандаро пурсед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаънои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Калимаҳои навро рақам гузоред (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно ҳарф (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.
Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. Алоқамандии саволу ҷавобҳо оид ба мазмуни матн. Барои таҳлили мазмуни матн якчанд савол омода намоед. Саволҳоро мувофиқи навъҳои зерин таҳия карда метавонед:

| | |
|---|---|
| **Фикр кун, таҳқиқ намо!** | Ҷавоб ба чунин савол аз қисмҳои гуногун ҷамъ шуда, якҷоя маъно пайдо мекунанд. Барои ин шахс бояд матнро хонад ва каме фикр кунад. |

Дар ин дарс навъи ***фикр кун, таҳқиқ намо*** -ро истифода баред. Саволро дар тахтаи синф нависед.

Намунаи савол: *Чаро бо шахси нодон мо бояд суҳбат накунем ва бо шахси доно суҳбат кунем?*

Порчаи матнро хонед.

*Бо мардуми нодон суҳбат накун, хусусан ба нодоне, ки худро доно мешуморад (Дар ин ҷумла қайд шудааст, ки мо бояд бо нодон суҳбат накунем, лекин наомадааст, ки чаро бояд суҳбат накунем). Суҳбат бо хирадмандон кун. Аз суҳбати онҳо некном мешавӣ (Дар ин ҷумла ба қисми дуюми савол ҷавоб ёфтам “аз суҳбати хирадмандон мо некном мешавем”). Суҳбати неконро қадр кун ва фаромӯш макун. Зиёнкор мабош. Зиёнкорӣ ба шумо ранҷ меоварад (Акнун фаҳмидам: агар мо бо шахси нодон сухан кунем, зиёнкор мешавем, агар бо шахсони хирадманд суҳбат кунем, некном мешавем).*

Аз хонандагон пурсед, ки барои ба савол ҷавоб гардондан шумо чӣ кор кардед? (матнро хондед ва ҳангоми хондан ҷавоби саволро муайян кардед). Оё ҷавоб ба саволи додашударо аз як ҷумла ё ибора муайян кардан мумкин буд? Не. Чаро? Барои он ки ҷавоб ба чунин саволҳо дар қисмҳои гуногуни матн омадааст. Мо бояд матнро хонда, он қисмҳоро ҷамъ кунем ва ба савол ҷавоб гардонем.

Як саволи дигар таҳия кунед ва онро дар тахтаи синф нависед. (Намуна: Чаро шахс бояд суҳбати неконро қадр кунад?). Матнро бори дигар хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба савол ҷавоб ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки барои ба ин савол ҷавоб додан чӣ кор карданд?

Барои ба чунин савол ҷавоб додан, мо бояд матнро хонем ва аз ҷумлаҳои гуногун барои ҷавоб додан қисмҳои мувофиқро ёбем. Масалан, барои ба саволи “Чаро шахс бояд суҳбати неконро қадр кунад?” ҷавоб додан қисмҳои “*Суҳбати неконро қадр кун”,” Суҳбат бо хирадмандон кун”, ”Аз суҳбати онҳо некном мешавӣ”* кумак менамояд.

**Навиштан**. Калимаҳои зеринро дар тахтаи синф нависед. Ба ҷойи ҳарфи **я** хатча гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоро кӯчонанд ва ба ҷойҳои холӣ ҳарфи **я** гузоранд.
Намунаи калимаҳо: як, якум, бояд, шояд, ҳикоя, Зулфия, якравӣ, дуруягӣ, ҷӯянда, ҳамсоя, ягон, якдилӣ, якпоя, ярч, яхак, ягона, ях

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

**Арзёбии малакаҳои хонандагон дар рейтинги якум – 2 соат.**

**Барнома**. Дар доираи машғулияти мазкур малакаҳои хондану навиштани хонандагон санҷида шуда, маълумоти аввалӣ ҷамъ оварда мешавад. Ин ба шумо, омӯзгорон, имконият медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани малакаи хондани хонандагони синфҳои дуюмро бисанҷед.

**Тартиби гузарондани арзёбӣ.**

Барои гузаронидани арзёбӣ дастур ва намунаҳои зеринро истифода бурда метавонед:

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед.
   Нигаред ба намунаи зерин:
   Ҷадвали санҷиши малакаҳои хондан.

| **Ному насаби хонанда** | **Дар як дақиқа чанд калимаи шиносро дуруст хонд** | | | | **Дар як дақиқа чанд калимаи матнро дуруст хонд** | | | | **Холи умуми аз дарки матни хонда** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

2) Санҷидани хондани калимаҳои шинос. Тавассути воситаи арзёбии зерин омӯзгорон ба салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

– *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
– *Миқдори зиёдтари стратегияҳоро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад. Дар як дақиқа 40-50 калимаро дуруст хонда тавонад.*

Шумо метавонед якчанд калимаи шиносро интихоб карда, дар варақае нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Вақтро назорат кунед, ба зери калимаҳои ғалатхондаи хонанда хат кашед ва бо тамом шудани дақиқаи якум хонандаро аз хондан боздоред. Миқдори умумии калимаҳои хондаи хонандаро ҳисоб кунед, калимаҳои ғалатхондаро ихтисор кунед ва натиҷа бароварда, дар ҷадвал ба қайд гиред.
Намуна:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| модар | корхона | сурх | китобхона | рӯбоҳ | себ | дастархон |
| омӯзгор | муаллиф | нардбон | падар | дилрабо | одам | гуворо |
| ҳашт | тобистон | паланг | садбарг | тирамоҳ | гандум | барф |
| Наврӯз | машқ | китоб | ошёна | бемор | шабнам | рафиқ |
| гунҷишк | навиштан | баҳор | дувоздаҳ | гусола | бадан | рухсора |
| курта | вазифа | каланд | меояд | зимистон | дӯст | сулҳ |
| меравад | фароштурук | нома | тахта | чил | дил | шарбат |

3) Суръати хониш. Тавассути воситаи арзёбии зерин омӯзгорон ба салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

– *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
– *Миқдори зиёдтари стратегияҳоро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.*

Яке аз воситаҳои хубе, ки шумо айни замон истифода мебаред, дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан, ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти муқарраршуда матнро мехонад. Сипас мо миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Натиҷаро дар ҷадвали боло менависем.
Намунаи матн:

*Ману бародарам ба хонаи бобоям ба деҳа рафтем. Аз назди хонаи бобоям дарёчае ҷорист. Ману бародарам ба назди дарёча рафтанӣ шудем. Модарам моро таъкид кард, ки дар дарёча оббозӣ накунем. Мо ба суханони модарамон гӯш надода, дар дарёча оббозӣ кардем. Ногаҳон дар вақти оббозӣ ба пойи бародарам шишапорае халид. Пойи бародарам захмин шуд. Мо ба хонаи бобоям баргаштем. Модарам инро дида, моро сарзаниш кард. Ба пойи бародарам дору гузошта, онро бастанд.*

4) Санҷиши дарки маънӣ. Дар ин қисми арзёбӣ малакаи хониши бошууронаи хонандагон санҷида мешавад. Салоҳияти зеринро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳед:

– *Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калонро, ки миқдори ками калимаҳои ношинос доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.*

Яке аз воситаҳо дар асоси мазмуни матн ба саволҳои дараҷаи гуногун ҷавоб додан аст. Дарҳол пас аз хондани матне, ки барои санҷиши суръати хониш истифода шудааст, ба хонанда якчанд савол дода мешавад ва ба ҷавобҳои ӯ холгузорӣ карда мешавад.

| **Саволҳо:** | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. Бародарон дар куҷо буданд? | 1 | 0 |
| 2. Модар ба писаронаш чӣ гуфт? | 1 | 0 |
| 3. Бо бародарӣ дуюм чӣ ҳодиса рух дод? | 1 | 0 |
| 4. Чаро модар писаронашро сарзаниш кард? | 1 | 0 |
| 5. Агар писарбачаҳо ба гапи модарашон гӯш медоданд, чӣ мешуд? | 1 | 0 |
| Ҷамъ | | |

**Арзёбӣ**. Воситаи дигари арзёбии дарки маънии матн чунин буда метавонад:

Рустам ва Шабнам дар хона бозӣ мекарданд. Ҳангоми бозӣ ногоҳ Рустам чойникро аз рӯйи миз афтонд. Дастаи чойник шикаст. Рустам ва Шабнам зиқ шуданд. Онҳо аз орд хамир карда, дастаи чойникро часпонданд ва ба ҳеҷ кас нагуфта ба берун рафтанд. Модарашон ба хона даромад ва хост, ки чойникро ба ошхона барад. Аммо чойник аз дасташ афтода, тамоман шикаст.

**1. Рустам ва Шабнам дар хона чӣ кор мекарданд?**

А) Дарс тайёр мекарданд ☐ В) Бозӣ мекарданд ☐

Б) Хӯрок мехӯрданд ☐ Г) Хона меруфтанд ☐

**2. Рустаму Шабнам барои чӣ зиқ шуданд?**

А) Хӯрок хунук буд ☐ В) Вақти мактаб шуд ☐

Б) Рустам афтид ☐ Г) Дастаи чойник шикаст ☐

**3. Чаро чойник аз дасти модар афтод?**

А) Модар пешпо хӯрд ☐ В) Чойник гарм буд ☐

Б) Дастааш шикаста буд ☐ Г) Гурба ӯро тарсонд ☐

0 1

**Барнома**. Навиштан раванди хеле мураккаб буда, малакаҳои гуногунро талаб мекунад. Бинобар ин, ба омӯзгор воситаҳои гуногуни арзёбӣ зарур аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо наметавонем бо воситаи усули сода як қатор салоҳиятҳоро бисанҷем. Дар ин марҳала ташхиси малакаи навиштани ҳар як хонанда ва муайян кардани он, ки хонанда кадом амалро иҷро карда метавонад ва кадом амалро иҷро карда наметавонад, хеле муҳим аст. Чун арзёбии малакаҳои хондан арзёбии малакаҳои навиштан дар се марҳала ба роҳ монда мешавад: (1) арзёбии малакаи навиштани хонандагон дар аввали соли таҳсил, (2) арзёбии малакаҳои навиштани хонандагон дар охири нимсолаи якум ва (3) арзёбии малакаҳои навиштани хонандагон дар охири нимсолаи дуюм. Натиҷаҳои таълимии ҳар як хонанда дар ҳар се марҳала муқоиса шуда, инкишофи салоҳиятнокии ӯ ба қайд гирифта мешавад.

**Тартиби гузарондани арзёбӣ**

Барои гузаронидани арзёбӣ дастур ва намунаҳои зеринро истифода бурда метавонед:

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи зерин:

Ҷадвали санҷиши малакаҳои навиштан.

| **Ному насаби хонанда** | **Ҳусни хат ва қоидаҳои хат** | | | | **Имло/Наҳв** | | | | **Матнрофарӣ/мазмун** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

2) Ҳусни хат ва қоидаҳо. Мақсади воситаи мазкур муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои хат (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд, сархат гузоштан) аст. Барои ин матни хурде ба хонандагон пешниҳод карда мешавад.

Хонандагон матнро дар дафтар мекӯчонанд. Сипас омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мекунад.

Намунаи матн:

*Мунира ва Озода аз дарс меомаданд. Пиразане пеш-пеши онҳо мерафт. Ногаҳон аз дасти пиразан рӯймолчае афтод. Духтарон рӯймолчаро гирифтанд. Дар рӯймолча дафтарча ва калидҳо буданд. Духтарон давида рӯймолчаро ба пиразан доданд. Пиразан хурсанд шуда, ба онҳо ташаккур гуфт.*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, таҳти кунҷи 65°). | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва бе ғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ:** | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | |

2) **Санҷиши имло**. Рӯйхати калимаҳои шиносро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфҳои ***ӯ, ӣ, ъ*** ё ҳамсадоҳои такрор асосан ба ғалат роҳ диҳанд. Сипас калимаҳоро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред. Сипас холи гирифтаи хонандаро бо холи қисми санҷиши наҳв ҷамъ карда, ба ҷадвал нависед.

Намуна:

*рӯзнома, зиндагӣ, баъд, шанбе, якшанбе, омӯзгор, китобхона, парвозкунон, арра, раъд* ва амсоли он.

Меъёрҳо:

Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол.

Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол.

Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3хол.

3) **Санҷиши наҳв/синтаксис**. Барои санҷиш метавонед ба хонандагон якчанд калимаи шинос пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки як ё ду ҷумла нависанд

Намуна: *китоб, модар, мактаб, ҳамсинф, дӯст*

Сипас ҷумлаи навиштаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои поён санҷида ба онҳо хол гузоред.

| Меъёрҳо | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷамъ: | | | |

4) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонандагон якчанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Сипас кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида мешавад ва натиҷаи холҳо ба ҷадвал дарҷ мегардад. Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

Намунаи мавзӯъҳо:

*Чаро ман мактабро дӯст медорам; Китоб – дӯсти инсон; Тобистон хуш гузашт; Дӯст; Тирмоҳ; Офтоб; Замин; Падар; Модар ва амсоли он.*

| **Меъёрҳо** | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |

## § 42. Дарсҳои 83–84.

**Барнома**. Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- дар асоси мазмуни матн хулосаи кӯтоҳ нависад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи шумораи хонандагони синф номгӯйи мавзӯъҳоро тартиб диҳед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки онҳо як мавзӯъро интихоб карда, доир ба мавзӯъ муаррифӣ омода намоянд. Пас аз он ки ҳар як хонанда мавзӯъро интихоб мекунад, ҷадвали муаррифии хонандагонро тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи поён. Ба хонандагон гӯед, ки ҳар дарс ба як нафар барои муаррифии мавзӯи интихобкардааш 5 дақиқа вақт дода мешавад. Хонанда бояд дар ин муддат доир ба мавзӯъ гузориш диҳад. Муаррифии худро бо намунаҳо ва мисолҳо тақвият диҳад. Ба хонандагон барои омода намудани муаррифӣ ёрӣ расонед. Тарзи муаррифӣ карданро ба хонандагон намоиш диҳед. Меъёрҳоро якҷоя бо хонандагон таҳия намоед. Диққат! Мавзӯъҳои муаррифиро худатон таҳия карда метавонед. Инчунин, худи хонандагон метавонанд мавзӯи муаррифиашонро муайян кунанд.

Намунаи мавзӯъҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ман фасли тобистонро дӯст медорам | Наврӯз иди байналхалқӣ | Ватанам – Тоҷикистон | Деҳаи мо |
| Оилаи мо | Ҷашни рӯзи таваллуди ман | Як рӯзи фаромӯшнашаванда | Шуғли дӯстдоштаи ман |
| Варзиш – гарави саломатӣ | Табиатро бояд муҳофизат кард | Ҳайвони дӯстдоштаи ман | Афсонаи дӯстдоштаи ман |
| Китоби дӯстдоштаи ман | Фанни дӯстдоштаи ман | Фоидаи дастшӯйӣ | Тоза нигоҳ доштани дандонҳо |
| Шахс бояд боодоб бошад | Ман дар зимистон чӣ кор мекунам? | Нақшаи ман барои рӯзҳои таътил | Барои шахси боодоб шудан чӣ бояд кард? |
| Гули дӯстдоштаи ман | Як рӯзи баҳор бо ман чунин воқеа рӯй дод ... | Вазифаҳои ман дар оила | Варзиши дӯстдоштаи ман |
| Суруди дӯстдоштаи ман | Борон аз куҷо меояд? | Касби дӯстдоштаи ман | Модари меҳрубонам |
| Падари ғамхорам | Хӯроки дӯстдоштаи ман | Як рӯзи ҳаёти ман | Шеъри дӯстдоштаи ман |

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф як ҷумлаеро аз матни дарси имрӯза нависед. Дар се варақ се ҳиссиётро нависед: хурсандӣ, ғамгинӣ, ҳаяҷон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ҷумлаи навиштаи шуморо бо ҳиссиёти гуногун ба ҳамдигар хонанд. Шумо метавонед бо навбат варақаи навбатиро боло бардоред ва хонандагон ҳиссиёташонро иваз карда, ҷумларо ба ҳамдигар мехонанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед.

Намунаи ҷадвал:

| | **А** | **Б** | **В** | **Г** |
|---|---|---|---|---|
| **1** | | | | |
| **2** | | | | |
| **3** | | | | |
| **4** | | | | |
| **5** | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин

гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб дониста мешавад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Дар тахтаи синф ҷадвали иборат аз се сутун кашед. Дар сутуни аввал «медонам», дар сутуни дуюм «донистан мехоҳам» ва дар сутуни сеюм «донистам» нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвалро дар дафтар кашанд. Номи матн ё мавзӯи асосии онро ба хонандагон гӯед. Аз онҳо пурсед: «Шумо дар бораи ин мавзӯъ чиро медонед?» Як ё ду ақидаи хонадагонро ҳамчун мисол дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки он чи дар бораи мавзӯи матн медонанд, бо як калима ё ибора дар сутуни якум нависанд. Синфро назорат кунед ва ба хонандагон ёрӣ расонед. Сипас ба сутуни навбатӣ гузаред. Як мисол оред. Масалан: «Ман доир ба ин мавзӯъ чиро донистан мехоҳам». Мисолро дар сутуни 2 нависед. Аз хонандагон пурсед ва як ё ду ақидаи хонандагонро ҳамчун мисол дар тахтаи синф нависед. Матнро хонед ё аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондани матн ба маълумоти ҷадвал баргардед. Ба маълумоти ду сутуни аввал такя карда, фаҳмиши хонандагонро доир ба мавзӯъ муҳокима намуда, як мисолро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон 2 дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар сутуни сеюм он чи ки аз матн фаҳмиданд, қайд кунанд.

Ҷадвал:

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҷадвалҳояшонро муҳокима намоянд. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоби умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки ҳоло бозии “Калимаёбак!”-ро иҷро менамоед. Гурӯҳҳо бояд дар панҷ дақиқа ҳарчи бештар аз сканворд калимаҳоро (бо ҳарфҳои й ва ю) ёфта, онҳоро ба давра гиранд ва ба варақи алоҳида кӯчонанд. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа меёбад, ғолиб дониста мешавад.

**Сканворд**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| я | ҳ | ё | я | х | м | О | с | о | я |
| н | о | я | б | р | я | К | е | к | н |
| г | ш | о | я | д | о | Я | н | т | в |
| а | ҳ | и | к | о | я | К | т | я | а |
| я | ч | ӯ | я | н | д | А | я | б | р |
| г | я | к | д | и | л | й | б | р | ҳ |
| о | ҳ | а | м | с | о | я | р | я | и |
| н | я | к | р | а | в | ӣ | я | к | к |
| а | з | у | л | ф | и | я | р | у | о |
| д | у | р | ӯ | я | г | й | ч | м | я |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 43. Дарсҳои 85–86.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хондашуда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои **и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я** доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?” омадаанд, ҷавоб гардонда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад;
- ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки 3 чизи оид ба мавзӯъ медонистаашонро нависанд. Сипас 2 чизе, ки оид ба мавзӯъ донистан мехоҳанд ва як савол оид ба мавзӯъ нависанд.

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 аз гурӯҳҳои дигар маънои калимаҳоро мепурсад. Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаҳоро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳои дигар супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр ин бозиро панҷ шаш-давр гузаронед.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** ***Нигаред ба § 35. Дарсҳои 69–70***
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як симои матнро муайян намоед. Бори дигар мафҳуми “симои матн”-ро ба хонандагон фаҳмонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симоҳои матнро муайян кунанд ва ягон хусусияти онҳоро нависанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симо** | **Хусусият** |
|---|---|
| Симои 1 | |
| Симои 2 | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои сенафарӣ ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки сканвордро кор карда, ҳар як аъзои гурӯҳ калимаи ҳарфи алоҳидаро ёбад ва ба дафтар нависад. Масалан, хонандаи А калимаҳоеро, ки ҳарфи **й** доранд, менависад. Хонандаи Б калимаҳои ҳарфи **ю**-дорро, хонандагони В калимаҳоеро, ки ҳарфи **я** доранд, менависанд. Хонандае, ки калимаҳои бештарро дар муддати панҷ дақиқа мeёбад, ғолиб дониста мешавад.
**Сканворд**

| |
|---|
| б а й т б о й и г а р ӣ б о я д в а й ғ а й р а т ғ а ю р д у р ӯ ғ г ӯ й д у р у я г ӣ д у ю м<br>з у л ф и я қ а ю м м ӯ й о й н а п а й д о п о й д о р п о й т а х т р о с т г ӯ й р ӯ й с е<br>ю м с и ю м с ӯ й т а ғ й и р т а й ё р ҳ а й р а т ҳ а м с о я ҳ и к о я ҷ о й ҷ ӯ я н д а ш<br>о я д ю ғ а н ю н у с ю н у ч қ а ю с у ф я г о н я к я к д и л ӣ я к п о я я к р а в ӣ я к у<br>м я р ч я х я х а к |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 44. Дарсҳои 87–88.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хондашуда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Ақидаи рӯз. Як ақида, савол ё масъалаи ба мавзӯъ мувофиқро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи он як дақиқа фикр кунанд ва он чиро ки доир ба ақида (масъала, савол) медонанд, ба хотир оранд. Ба онҳо фаҳмонед, ки дар охири дарс ба ин масъала бармегардед. Дар охири дарс диққати хонандагонро боз ба масъала ҷалб карда, фикри онҳоро шунавед.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳморо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон пурсед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаънои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаънои он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ба ҳамин тариқ якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

**Хондан**. Пеш аз дарс матнро хонед ва 3 саволи навъи ***Як ба як*** *(саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) ва 3 саволи навъи **фикр кун, таҳқиқ намо** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ вараќи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафарӣ ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо вароқаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Муҳокима ташкил намоед. Ҳар як саволро хонед, аз хонандагон пурсед, ки ҷавобро аз матн ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо барои муайян кардани ҷавоб ёрӣ расонд? Онҳо чӣ кор карданд?

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд ва ду саволи иловагӣ тартиб диҳанд (Як саволи ***Як ба як*** ва як саволи ***фикр кун, таҳқиқ намо)***. Ба хонандагон вақти кофӣ диҳед. Баъд саволҳои гурӯҳҳоро ба ҳамдигар тақсим намоед. Гурӯҳҳо ба саволҳои ҳамдигар ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба ҷойҳои холӣ ҳарфҳои **ӯ ё у, ӣ ё и** гузошта, калимаҳоро нависед.

пинҳон __
имр__з
дир__з
машғ__л
к__мак
р__з
Лолаг__
каромот__ Мавлоно
тамом__ алафҳо
д__р__ғ
м__за

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 45. Дарсҳои 1–2.

**Барнома**. Тарзи пешгӯйии мазмуни матн дар асоси нишонаҳо он (ном, расм, калимаҳои асосӣ ва ғайра). Тартиб додани нақшаи пайдарпайии ҳодисаҳои матн. Истифодаи нақшаву ҷадвалҳо барои пешниҳоди маълумот. Ба саволҳои оид ба матн ҷавоб додан. Муайян кардани мазмуни матни шунида. Машқи суханварӣ. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матн, номи он ва расмҳоро аз назар гузаронда, мазмуни асосии онро муайян карда тавонад;
- оид ба ҳодисаву воқеаҳои матне, ки мехонанд, пешгӯйӣ ё ақидаҳо пешниҳод кунад;
- барои пурра дарк кардани мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб гардонад;
- маълумоти муҳим ва на он қадар муҳимро муайян карда тавонад;
- ба суханони гӯянда сарфаҳм рафта, ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби мувофиқ дода тавонад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта дар охир аломати нуқта гузорад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае ҳаво диҳед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ин мавзӯъ ду савол нависанд. Саволҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд. Ба ин саволҳо дар охири дарс баргардед. Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо ба саволҳои гузоштаашон ҷавоб ёфтанд. Агар не, якҷоя саволҳои онҳоро муҳокима кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо хатчаҳо онҳоро бо ҳам пайваст намоед.

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва онро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо кунед. Тавассути саволу масъалаҳои пеш аз хондан хонандагонро ба хондан (шунидан)-и матн омода намоед. Қисми аввали матнро то нуқтаи ивазшавии ҳодиса ё пайдо шудани масъалае хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Сипас ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Мехоҳед фаҳмед, ки давоми афсона чӣ мешавад? Ё худро санҷидан мехоҳед? Пас давомашро гӯш кунед». Давоми матнро то нуқтаи дилхоҳи дигар (то ҳал шудани масъалаи гузошташуда) хонед. Таваққуф карда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаи пештар гуфтаашонро бо ахбори матн муқоиса намоянд. Оё онҳо дуруст пешгӯйӣ кардаанд ё не? Ҳамин тавр, қисмҳои дигари матнро хонед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона машғул шуда, саволномаи дар замима пешниҳодшударо кор кунанд. Дар асоси саволнома мазмуни матнро таҳлилу муҳокима кунед.

**Навиштан.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз сканворд калимаҳоро ёфта, ба дохили сутуни мувофиқи ҷадвал нависанд.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м | ӯ | з | а | и | м | р | ӯ | з | н |
| д | У | ш | м | а | н | ӣ | с | р | а |
| ӯ | М | о | д | а | р | ӣ | ӯ | ӯ | в |
| с | О | л | и | м | ӣ | м | р | б | р |
| т | ӯ | ҳ | ф | а | ӯ | ӯ | о | о | ӯ |
| ӣ | Г | ч | ӯ | ҷ | а | к | х | ҳ | з |
| б | ӯ | с | а | б | р | ӯ | ӯ | ч | ӣ |
| ӯ | Ш | о | д | ӣ | ӯ | ҳ | с | ӯ | ё |
| р | А | в | ш | а | н | ӣ | а | б | р |
| д | А | ғ | а | л | ӣ | т | е | з | ӣ |

| Калимаҳое, ки танҳо ӯ доранд | Калимаҳое, ки танҳо ӣ доранд | Калимаҳое, ки ҳам ӯ ва ҳам ӣ доранд |
|---|---|---|
| *рӯзнома* | *шодӣ* | *дӯстӣ* |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 46. Дарсҳои 3–4.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
– воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
– алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
– матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
– дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.**

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад.

Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро (калимаи асосӣ, ақидаи асосӣ) дар даврае нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки вобаста ба ин мавзӯъ он калимаҳоеро, ки медонанд, , дар атрофи давра нависанд.

Намуна:




**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед.

Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намоед. Ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то ки онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро

санҷед. Гурӯҳе, ки аксари калимаҳоро дуруст ва мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки аввал матнро пурра хонанд. Пас аз хондан ба муддати 10 дақиқа дар асоси матн шаш савол (3 саволи ***Як ба як*** ва 3 саволи ***фикр кун, таҳқиқ намо*** )таҳия намоянд. Саволҳоро дар варақи алоҳида ботартиб нависанд. Саволҳои гурӯҳҳоро бо ҳамдигар иваз намоед. Ба гурӯҳҳо ҳафт дақиқа вақт дода хоҳиш намоед, ки ба саволҳо дар асоси матн ҷавоб гардонанд.

Саволу ҷавобҳоро ба гурӯҳҳои аслӣ баргардонед. Гурӯҳҳо ҷавобҳоро месанҷанд ва дуруст ё нодуруст будани онҳоро месанҷанд.

Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки тарзи ба саволҳо ҷавоб доданро ба аҳли синф гӯянд.

Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Намунаи пешниҳодшударо дар тахтаи синф нависед. Тарзи тартиб додани чунин ҷумларо ба хонандагон фаҳмонед. Ҷадвали зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед. Онҳо ба монанди намуна ҷумла нависанд.

Намуна: *Падарам ба ман китоби ранга харид.*

| | | |
|---|---|---|
| Падарам<br>Модарам<br>Хоҳарам<br>Бародарам<br>Омӯзгор<br>Бобоям<br>Бибиям<br>Амакам<br>Холаам | ба ман<br>ба мо<br>ба бародарам<br>ба хоҳарам<br>ба модарам<br>ба Рустам<br>ба Ҳалима | тӯҳфа харид.<br>раҳмат гуфт.<br>вазифаи хонагӣ супорид.<br>мактуб навишт.<br>компютер харид.<br>китоби ранга харид.<br>гул овард.<br>шоколад овард.<br>афсона хонд.<br>шеър хонд.<br>баҳо монд. |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 48. Дарсҳои 5–6.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан ( хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
– аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
– дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
– андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Калимаи асосии мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо ҳарфҳои он калима нависанд. Калимаҳо бояд ба мавзӯъ алоқаманд бошад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта карда, ба ҳар як хонанда як қисми даврараро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Дар варақаҳои алоҳида (дар тахтаи синф ё варақи калон) ҷумлае нависед, ки якчанд калимаи дохили он парокaнда навишта шуда бошанд. Яъне, тартиби калимаҳоро ғалат нависед. Масалан: *Харид Зафар дору дорухона аз*. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои парокандаро дар ҷойҳои мувофиқ гузошта, ҷумла тартиб диҳанд.

Масалан: *Зафар аз дорухона дору харид.* Бо хонандагон оид ба тартиби калимаҳо ва моҳияти онҳо барои дарки маънӣ суҳбат намоед. 10 ҷумлаи пароканда нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро ба тартиби дуруст ҷобаҷо кунанд.

**Навиштан.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз сканворд калимаҳоро ёфта, ба дохили сутуни мувофиқи ҷадвал нависанд.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| з | и | н | д | а | Г | й | р | ӯ | з |
| с | а | б | з | ӣ | Ё | р | ӯ | м | к |
| ӯ | б | и | ш | е | Ъ | р | д | ӯ | ӯ |
| р | ӯ | б | о | ҳ | А | ӯ | а | ъ | ҳ |
| о | й | ӣ | к | ӯ | Ҳ | з | к | т | с |
| х | о | н | а | г | Ӣ | н | ӣ | а | о |
| д | у | р | ӯ | ғ | Д | о | с | б | р |
| ӯ | р | о | м | ӯ | З | м | о | а | ӯ |
| с | а | н | ъ | а | т | а | я | р | й |
| т | я | н | в | а | р | м | а | н | ъ |

| Калимаҳое, ки ҳарфи **ӣ** доранд. | Калимаҳое, ки ҳарфи **ӯ** доранд. | Калимаҳое, ки ҳарфи **я** доранд. | Калимаҳое, ки ҳарфи **ё** доранд. |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 49. Дарсҳои 7–8.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ваислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
- барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра).

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Доир ба мавзӯи дарс панҷ (шаш) савол тартиб диҳед. Ҳар як саволро дар варақи алоҳида нависед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар як гурӯҳ варақи саволдорро супоред. Ба онҳо ду дақиқа вақт диҳед, то ба савол ҷавоб нависанд. Варақҳои саволдорро байни гурӯҳҳо иваз намоед. Гурӯҳҳо савол ва ҷавоби гурӯҳи дигарро мехонанд ва ҷавоби худро илова мекунанд. Ҷавобҳои гурӯҳҳоро хонед ва хонандагонро ба дарси нав омода намоед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаҳоро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онҳоро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Ҷумлаи якуми матнро хонед ва дар яке аз калимаҳо ғалат кунед. Масалан, калимаи «меомад»-ро «мемонад» хонед. Нафаҳмидам гуфта, ҷумларо бори дигар хонед ва калимаи «меомад»-ро дуруст хонед. Ҳа, акнун фаҳмидам, гӯед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар вақти хондани матн ягон калимаро ғалат хонанд, маънои онро дуруст намефаҳманд, аз ин лиҳоз, ҷумларо бори дигар хонед ва ғалати худро ислоҳ кунед. Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки матнро бо овози баланд хонад ва аҳли синф хониши ӯро гӯш кунанд. Агар хонанда ғалат содир кунаду дарҳол онро ислоҳ кунад, ӯро аҳсан гӯед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар хонанд ва хониши якдигарро мушоҳида карда, ба ҳамдигар ёрӣ расонанд.

Дар тахтаи синф се савол нависед:

*Дар матн чӣ ҳодиса рӯй дод?*

*Ҳодиса дар куҷо рӯй дод?*

*Ҳодиса кай рӯй дод?*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз матн маълумоти заруриро барои ҷавоб додан муайян кунанд. Тарзи алоқаманд кардани мазмуни саволро бо маълумоти матн ба хонандагон нишон диҳед. Ин корро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед. Сипас аз онҳо хоҳиш намоед, ки мустақилона кор кунанд. Дар асоси саволҳо муҳокима ташкил намуда, матнро таҳлил намоед.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки се ҷумларо аз китоби дарсӣ ба тартиби нодуруст рӯйнавис кунанд. Дафтарашонро ба шарикашон пешниҳод карда, аз ӯ хоҳиш

намоянд, ки ҷумларо дуруст нависанд. Ин амалро метавон ду-се маротиба пайиҳам иҷро кард.

**Навиштан**. Дар варақаҳои алоҳида якчанд ҷумлае, ки пешояндҳои гуногун доранд, нависед ва ҷойи пешояндҳои онро холӣ гузоред. Пешояндҳоро дар поёни варақ нависед. Масалан:

*Ман ҳар рӯз ____ хоб соати 7 мехезам. Дасту рӯямро шуста, хӯрок мехӯрам ва соати 8 ___ мактаб меравам. Баъд аз дарсҳо соати 12 ___ хона бармегардам.*

***ба, аз, ба***

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои дар поёни варақ овардашударо дар матн дуруст ҷойгир кунанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 50. Дарсҳои 9–10.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷадвал кашанд. Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Ба онҳо ду дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар дохили катакҳо калимаҳои ба мавзӯи дарс мувофиқро нависанд. Хонандагон калимаҳои навиштаашонро ба ҳамдигар мехонанд.

Намуна:

| | | |
|---|---|---|
| | | |

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед. Масалан, *Маънои калимаи .... чист? Калимаи ... маънои ...-ро дорад.*

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, матнро мустақилона хонанд. Пешакӣ бо усули ***як ба як*** ва ***фикр кун, таҳқиқ намо*** чор савол оид ба матн таҳия намоед. Саволҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро пӯшонед. Пас аз маротибаи якуми хониш саволи якумро кушоед. Хонандагон дунафарӣ ба савол ҷавоб меёбанд. Ҷавоби мувофиқро аз матн ёфта дар варақча менависанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷавоби навиштаашонро дар болои миз гузоранд. Дар синф давр зада, санҷед, ки оё ҳамаи гурӯҳҳо дуруст ҷавоб додаанд ё не. Агар гурӯҳҳое, ки нодруст кор карда бошанд, бори дигар саволро хонед ва ба хонандагон имконият диҳед. Ё тарзи ба савол ҷавоб гардонданро бори дигар ба хонандагон ёд диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дуюм хонанд. Ба монанди саволи як ин маротиба низ ҷавобҳои хонандагонро ба роҳ монед. Ҳамин тавр хонандагон бори сеюм ва чорум мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан**. Аз китоби дарсӣ, маҷалла ё маводди дигар расмеро интихоб намоед. Дар расм бояд ҳодисае тасвир шуда бошад. Он бояд як ё ду симо дошта бошад. Расмро ба хонандагон нишон дода, онро муҳокима кунед. Ба хонандагон чунин савол дода метавонед:

*Дар расм чиро мебинед? Кӣ дар расм тасвир шудааст? Ӯ/онҳо чӣ кор мекуна(н)д?*

Ба хонандагон барои фаҳмидани мазмуни расм ёрӣ расонед. Луқма партоед, онро шарҳ диҳед. Расмро дар тахтаи синф овезед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба он нигоҳ карда як ҷумла гӯянд. Ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Баъд ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаи тартибдодаашонро дар дафтар нависанд. Дар синф давр зада, фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомаширо ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 51. Дарсҳои 11–12.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиаширо тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Пешакӣ якчанд ақидаи дуруст ва нодурустро оид ба матн (мавзӯи дарс) таҳия намоед. Пеш аз оғози азхкудкунии матн аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дуруст ва нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунанд. Натиҷаи кори онҳоро санҷед. Дар охири дарс аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ин ақидаҳо баргарданд ва бори дигар дуруст ва нодуруст будани онҳоро муайян намоянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии "Майдони муъҷизот" гузаронед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб дониста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои "***Як ба як***" ва ***"Фикр кун, таҳқиқ намо"***-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки саволи таҳиякардаашонро дар варақ нависанд. Саволҳоро ҷамъ ҷамъ карда, дар қуттие омехта кунед. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

**Навиштан**. Дар варақаҳои алоҳида якчанд ҷумлае, ки пешояндҳои гуногун доранд, навишта, ҷойи пешояндҳои онро холӣ гузоред. Пешояндҳоро дар поёни варақ нависед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои дар поёни варақ овардашударо дар матн дуруст ҷой диҳанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз дохили роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 52. Дарсҳои 13–14.

**Барнома**. Тарзи пешгӯйии мазмуни матн дар асоси нишонаҳои он (ном, расм, калимаҳои асосӣ ва ғайра). Тартиб додани нақшаи пайдарпайии ҳодисаҳои матн. Истифодаи нақшаву ҷадвалҳо барои пешниҳоди маълумот. Ба саволҳои оид ба матн ҷавоб додан. Муайян кардани мазмуни матни шунида. Машқи суханварӣ. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хондашуда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матн, номи он ва расмҳоро аз назар гузаронда, мазмуни асосии онро муайян карда тавонад;
– барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад;
– барои пурра дарк кардани мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб гардонад;
– маълумоти муҳим ва на он қадар муҳимро муайян карда тавонад;
– ба суханони гӯянда сарфаҳм рафта, ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби мувофиқ дода тавонад;
– калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**ФДЗ.** Барои иҷрои фаъолияти зерин пешакӣ вақтро муқаррар намоед (Масалан, 1 ё 2 дақиқа). Мавзӯи дарсро эълон кунед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ дар бораи он суҳбат кунанд. Ҳар хонандаи дар тӯли як дақиқа он чи, ки доир ба мавзӯъ медонад, ба якдигар мегӯяд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаъноро нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро ҳамин тавр таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан**. Усулеро интихоб карда, матнро бо хонандагон хонед. Дар тахтаи синф мувофиқи ҳодисаҳои асосии матн давра кашед. Ҳодисаҳои матнро дар дохили давраҳо нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дигар мустақилона хонанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки аввал тартиби ҳодисаҳоро муайян карда, дар дохили давраҳо мувофиқи тартиби пайдошавии ҳодисаҳо рақам гузоранд (аввал чӣ шуд, баъд чӣ шуд ва ғайра). Сипас хонандагон алоқамандии ҳодисаҳоро муайян менамоянд. Яъне аз ҳодисаи аввал ба ҳодисаи дигар хат кашида, бо тирча нишон медиҳанд.




Баъд хонандагон иштирокчиёни ҳодисаҳоро дар атрофи давраҳо менависанд.




**Навиштан**. Матнеро аз китоби дарсӣ интихоб намоед. Матнро ба хонандагон як маротиба хонед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаеро, ки дар навиштанаш мушкилӣ мекашанд гӯянд. Шумо он калимаҳоро ба тахтаи синф нависед ва тарзи навиштаашонро ба хонандагон фаҳмонед. Матнро бо суръати мувофиқ хонда, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро аз гуфтаи шумо ба дафтарашон нависанд. Пас аз пурра навиштани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқи китоби дарсиро кушода, матни навиштаашонро бо матни китоб муқоиса карда, ғалатҳояшонро ислоҳ намоянд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 53. Дарсҳои 15–16.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши заминавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои доир ба матн ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
– таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
– мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.**
**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**Фаъолгардонии донишҳои заминавӣ (ФДЗ)**. Дар тахтаи синф оид ба мавзӯи дарс ду ё се савол нависед. Саволҳоро хонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни онҳоро фаҳмиданд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволҳоро бо ҳам муҳокима намоянд (3 дақиқа). Сипас аз се ё чор гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ҷавобашонро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Аз калимаҳои мазкур истифода бурда, ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро дар як кунҷи тахтаи синф нависед. Ҷумлаҳои тартибдодаатонро дар тахтаи синф ё варақи калон нависед. Аммо ҷойи калимаи мушкилфаҳмро холӣ гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз байни калимаҳо калимаи мувофиқро интихоб карда, ба ҷойи холӣ гузоранд. Ҳамин тавр ҳамаи ҷумлаҳоро пур кунед. Маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон шарҳ диҳед.

**Хондан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои "***Як ба як***" ва ***"Фикр кун, таҳқиқ намо"***-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт дода аз онҳо хоҳиш намоед, ки саволи таҳиякардаашонро дар варақ нависанд. Саволҳоро ҷамъ карда дар қуттие омехта кунед. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб, дониста мешавад.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки калимаҳои сатри мувофиқро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| аҷнабиён<br>аъло<br>баққол<br>баъд<br>баъзан<br>беэътино | бисёр<br>ваъда<br>ғалла<br>дарвоқеъ<br>даъват<br>дурр |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори якдигарро санҷанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 54. Дарсҳои 17–18.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;

– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
– дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Ду ё се ақидаи ба ҳам мухолифро оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафара/чорнафарӣ машғул шуда, бо ақидаҳои пешниҳодшуда розӣ мешаванд ё онҳоро рад мекунанд. Хонандагон бояд интихобашонро шарҳ диҳанд.
**Кор бо луғат**. **Бозии "Бинго!".** Барои тартиби иҷрои бозӣ нигаред ба ***§ 17. Дарсҳои 33–34.***

**Хондан**. Викторина бо саволҳои навъи ***Як ба як*** ва ***фикр кун, таҳқиқ намо*** дар асоси матн 8 савол (4 саволи Як ба як ва 4 саволи фикр кун, таҳқиқ намо) омода карда, онро вароқи алоҳида нависед. Сипас дар тахтаи синф ба монанди ҷадвали поён ҷадвал кашед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ***Як ба як*** | 5 | 10 | 15 | 20 |
| ***Фикр кун, таҳқиқ намо*** | 5 | 10 | 15 | 20 |

Дар сутуни якум категорияи савол ва дар сутунҳои дигар холҳо барои ҷавоби дуруст ба саволҳо.
Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо викторина ташкил мекунед ва онҳо бояд ба савол ҷавоб гардонанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои панҷнафарӣ ҷудо намоед. Барои муайян кардани гурӯҳе, ки аввалин шуда саволро интихоб мекунад, як чистон гӯед. Гурӯҳе, ки чистонро тезтар меёбад аввалин шуда савол интихоб мекунад. Гурӯҳ мегӯяд: *Як ба як ? 10 хол*. Саволе, ки барои ин категория ва ин хол омода кардаед, ба аҳли синф хонед. Ба гурӯҳҳо як дақиқа вақт диҳед. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад ва ҷавоби дуруст медиҳад, соҳиби 10 хол мешавад. Холҳои гурӯҳҳоро дар як тарафи тахтаи синф нависед. Гурӯҳ категория ва саволи дигарро интихоб мекунад. Гурӯҳе, ки ҷавоби дуруст медиҳад, саволи навбатиро интихоб мекунад. Дар бозӣ гурӯҳе ғолиб дониста мешавад, ки холи зиёдтар гирифтааст. Бозиро то саволи охирон идома диҳед.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки чор ҷумларо аз китоби дарсӣ ба тартиби нодуруст рӯйнавис кунанд. Дафтарашонро ба шарикашон пешниҳод карда, аз ӯ хоҳиш намоянд, ки ҷумларо дуруст нависад. Ин амалро метавон ду-се маротиба пайиҳам иҷро кард.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 55. Дарсҳои 19–20.

**Барнома**. Бурров равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои оди ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла. **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро бурров равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- симоҳои матнро муайян карда тавонад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?” омадааст, ҷавоб дода тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ё чорнафарӣ ҷудо намоед. Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якҷоя кор карда, ҳарчи бештар

калимаҳои ба мавзӯъ мувофиқро дар дафтар нависанд. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дониши заминавии хонандагонро оид ба мавзӯъ муайян кунед ва онҳоро барои аз худ кардани маводди таълим омода намоед

**Кор бо луғат**. Аввал калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва онҳо онро бояд ёбанд. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунед. Баъд пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худашро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1- ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Хондан**. **Хониши дунафарӣ.** Нигаред ба § 18. Дарсҳои 35–36.
Саволу ҷавоб. Аз хонандагон пурсед: *Шумо кадом гиёҳҳоеро, ки дар матн номбар шудаанд, медонед ё дидаед?*

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| Хонандаи А | Хонандаи Б |
|---|---|
| ҷамилак<br>чойкаҳак<br>ҳулбӯ<br>ҳазориспанд<br>қоқӯ<br>хуч<br>бобуна<br>райҳон<br>барги зуф | ҳул-ҳул<br>хайрӣ<br>тотум<br>садбарг<br>шамбут<br>субина<br>роҳдавак<br>кокутӣ<br>кавар |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо панҷ дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш намоед, ки аз сканворд номҳои рустаниҳоро ёфта, ба давра гиранд ва ба варақи алоҳида кӯчонанд.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷ | а | м | и | л | а | к | х | у | ч |
| б | о | б | у | н | а | қ | о | қ | ӯ |
| а | ш | к | о | к | у | т | ӣ | о | р |
| р | а | а | ҳ | а | з | о | р | қ | о |
| г | м | в | и | с | п | а | н | ӯ | ҳ |
| и | б | а | х | р | о | ҳ | д | ҳ | д |
| з | у | р | а | й | р | ӣ | а | у | а |
| у | т | о | т | у | м | я | в | л | в |
| ф | р | а | й | ҳ | о | н | а | б | а |
| р | о | ҳ | д | а | в | а | к | ӯ | к |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда

мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 56. Дарсҳои 21–22.

**Барнома**. Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- барои аниқ кардани мазмун ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои одии таҳлилӣ диҳад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои сода дода тавонад;
- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- дар асоси мазмуни матн хулосаи кӯтоҳ нависад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара машғул шуда, оид ба мавзӯъ ду калима гӯянд – як хусусияти мусбат ва як хусусияти манфӣ.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

**Хондан**. Номи матн (расм, калима, мавзӯи асосӣ)-ро ба хонандагон гӯед. Аз онҳо пурсед: «Ба фикри шумо матн дар бораи чӣ аст?» Ба хонандагон барои фикр кардан вақт диҳед. Сипас ақидаи онҳоро пурсед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки пешгӯйии худро дар хотир нигоҳ доранд.

Матнро ба якчанд қисм ҷудо кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки то ҷойи муайянкардаи шумо матнро хонанд (ё матнро хонед ва дар ҷойи аниқ ист кунед). Ба хонандагон савол диҳед: Чиро фаҳмиданд? Оё ин қисми матн ба пешгӯйии онҳо мувофиқ аст ё не? Ба фикри онҳо баъд чӣ мешавад?

Ҳамин тавр якчанд маротиба хондани хонандагонро боздоред, бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Дар охир бо хонандагон муҳокимаи умумӣ ташкил намоед: *Акнун, пас аз хондани матн шумо дар бораи пешгӯйии худ чӣ гуфта метавонед? Барои тасдиқи пешгӯйии худ аз матн ягон далел ёфтед? Оё маълумоти матн барои иваз шудани пешгӯии шумо ёрӣ расонд? Кадом маълумот?*

**Навиштан**. Фарқи калима аз ҳарф, ибора ва ҷумла. Дар тахтаи синф як ҷумла нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои онро ҳисоб кунанд. *Ҷумла аз чанд калима иборат аст? Калимаҳоро ҳонед.*

Аз хонандагон пурсед: *Калима чист?* Фикри хонандагонро гӯш кунед ва ба онҳо чунин фаҳмонед: *воҳиди нутқ, ки як мафҳумро ифода мекунад; вожа; сухан, лафз. Мо тавассути калимаҳо гап мезанем. Калимаҳоро мо мегӯем, мешунавем, менависем ва мехонем. Ҳоло кӣ якчанд калима мегӯяд?* Имрӯз мо бо калимаҳое, ки номро ифода мекунанд, шинос мешавем. Ҳар як ашё ба худ ном дорад. Як ашёро ба хонандагон нишон диҳед (масалан, китоб). Аз хонандагон пурсед: *Номи ин ашё чист? Китоб. Чӣ? Китоб. Бубинед, хонандагони азиз, мо барои пурсидани калимаи "китоб" саволи "чӣ?" гузоштем.* Ба хонандае ишора карда, аз дигарон пурсед: *Номи ӯ чист? Рустам. Кӣ? Рустам. Хонандагони азиз, ҳар он калимае, ки одамро ифода мекунад, бо саволи "кӣ?" ҷавоб меёбад.*

Тахтаи синфро ба ду тақсим кунед. Дар як тарафи он чӣ? ва дар тарафи дигар кӣ? нависед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло шумо калима мегӯед, хонандагон саволи мувофиқро нишон медиҳанд. Агар калима ба саволи "кӣ?" ҷавоб шавад, хонандагон он қисми тахтаи синфро, ки дар он "кӣ?" навишта шудааст, нишон медиҳанд. Агар "чӣ?" бошад, ба тарафи калимаи "чӣ?" бо даст ишора мекунанд. Ҳамин тавр 15-20 калима гӯед.

**Машқҳо:**

(1) Пешакӣ тӯбчае омода намоед. Калимае гуфта, тӯбчаро ба тарафи хонандае ҳаво диҳед. Хонанда тӯбчаро медорад ва саволи мувофиқ мепурсад. Масалан, падар – кӣ? Хонанда калимае гуфта, тӯбчаро ба тарафи хонандаи дигар ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр бозиро панҷ-шаш маротиба иҷро намоед.

(2) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ба ҳамдигар бо навбат калима ва савол гӯянд.

(3) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвали иборат аз ду сутунро кашанд. Дар сутуни аввал саволи "кӣ?" ва дар сутуни дуюм саволи "чӣ?" нависанд. Калимаҳои поёнро дар сутуни мувофиқ нависанд (нигаред ба замимаи китоби дарсӣ).

Калимаҳо: қалам, дафтар, омӯзгор, мактаб, модар, бародар, хоҳар, компютер, хона, табақ, таға, соат, амак, миз, курсӣ, духтар, писар.

| Кӣ? | Чӣ? |
|---|---|
| | |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 57. Дарсҳои 23–24.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
– матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
– дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
– андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Пешакӣ амалҳое, ки аз ягон ҷиҳат ба мавзӯи дарс дахл доранд дар варақаҳои алоҳида нависед. Ба ҳар як хонандаи гурӯҳ бояд як амал рост ояд. Хонандагон варақҳоро интихоб мекунанд ва онро бе сухан гуфтан иҷро мекунанд. Аҳли гурӯҳ бояд ин амалро муайян кунанд. Ҳамин тавр ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бо навбат кор мекунанд. Барои иҷрои ин фаъолият ба гурӯҳ танҳо 5 дақиқа вақт дода мешавад.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омодакардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳи дунафарӣ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳи дунафарӣ мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаву шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳе, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** Ба хонандагон хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло як қисми матнро мехонед. Матнро қисм-қисм буррову равон хонед ва хонандагон аз паси шумо такроран бо овози баланд мехонанд. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг ва фосилаҳову зада диққат диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори хуро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан.** Пешакӣ аз дафтарҳои нодаркор варақчаҳои чоркунҷа буред (3 см x 5 см). Варақчаҳоро ба хонандагон тақсим карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки мустақилона ду калимаи ба саволи “чӣ?” ва ду калимаи ба саволи “кӣ?” ҷавобшавандаро нависанд. Хонандагонро ба гурӯҳи чорнафарӣ ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки варақаҳоро дар мобайн чаппа гузошта омехта намоянд. Бо навбат як калимаро гирифта мехонанд ва ба он савол мегузоранд.

Имлои эҷодӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки 5 калима бо саволи “кӣ?” ва 5 калима бо саволи “чӣ?” нависанд. Кори хонандагонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки корашонро бо ҳамнишинашон иваз намоянд ва

кори якдигарро санҷанд. Имлои калимаҳо дуруст аст? Оё калима мувофиқи савол навишта шудааст ё не? Се-чор хонанда ба аҳли синф гузориш медиҳанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 58. Дарсҳои 25–26.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- барои аниқ сохтани маънои калимаҳои мушкилфаҳм стратегияи мувофиқро истифода барад;
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расмро пешакӣ омода намоед. Расмҳо бояд мавзӯъро аз ягон ҷиҳат муаррифӣ кунанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед ё расмҳоро дар тахтаи синф овезед. Гурӯҳҳо расмҳоро шарҳ медиҳанд. Шумо метавонед барои водор намудани хонандагон пешакӣ савол омода кунед. Масалан, Дар расм кӣ/чӣ тасвир шудааст? Онҳо дар куҷоянд? Чӣ кор мекунанд? ва амсоли он.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:

**Намуна:**

| | |
|---|---|
| | |
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5–6.***

**Хондан**. Матнро як маротиба ба хонандагон хонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳ хонанд ва саволномаи дар замима омадаро пур кунанд. Агар замимаи китоби дарсӣ надошта бошед, ҷадвали мазкурро дар тахтаи синф кашед.

| | |
|---|---|
| Номи матн | |
| Симоҳои асосӣ | |
| Ҳодисаи асосӣ | |
| Макони ҳодиса | |
| Хулоса | |

Пеш аз оғози кор як намунаи ҷадвали дар асоси матнҳои пешин пуршударо ба хонандагон намоиш дода, тарзи пур кардани онро фаҳмонед, ё ин ки якҷоя бо аҳли синф дар асоси матни шинос ҷадвалро пур кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон тарзи пур кардани ҷадвалро медонанд.

**Навиштан.** Бо хонандагон суҳбат кунед: *Мо гуфтем, ки калимаҳо номҳои ашёро ифода мекунанд, инчунин калимаҳо хусусияти (сифати) ашёро ифода мекунанд. Масалан, (ягон ашёро нишон диҳед) бӯр, ранги бӯр чӣ хел аст? Сафед. Чӣ хел? Сафед. Яъне калимаҳое, ки хусусияти (ранги, сифати, андозаи) ягон ашёро мефаҳмонанд, ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб мешаванд. Биёед, хусусияти ягон ашёро мегӯем. Ана ин дафтар. Дафтар чӣ гуна аст? Сабз. Бале, дафтар сабз аст. Дафтари сабз. Хонандагони азиз, агар мо хоҳем ашё ва хусусиятҳояшро гӯем, ба номи ашё ҳарфи* ***и*** *илова мекунем. Биёед, машқ мекунем: Хона**и** калон, девор**и** сафед, чашмон**и** кабуд. Боз кӣ илова карда метавонад?* Иборaҳои гуфтаи хонандагонро гӯш кунед ва якчандтои онҳоро нависед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якчанд воситаи (маводди) таълимиашонро ба болои миз гузоранд. Масалан, китоб, дафтар, ручка, қалам, ҷадвал ва ғайра. Дунафарӣ

машғул шуда, ашёеро аз болои миз нишон дода, аз ҳамдигар хоҳиш кунанд, ки хусусиятҳои онро гӯяд. Масалан, қалам – қалами кабуд.

Машқҳо:

(1) Дар тахтаи синф 8-10 номи ашёро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо онҳо ба монанди намуна ибора нависанд. Китоб – китоби калон; хона – хонаи сафед ва ғайра.

(2) Дар тахтаи синф ҷадвали иборат аз ду сутун кашед (ё нигаред ба намунаи замимаи китоби дарсӣ). Дар як сутун номи ашё, дар сутуни дигар сифатҳои онҳоро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ибора нависанд.

Ҷавдал:

Намуна: *мошини сабукрав*

| Ашё | Хусусият |
|---|---|
| Себ | сафед |
| роҳ | кабуд |
| кӯҳ | калон |
| сумка | дароз |
| мошин | баланд |
| кабутар | сабукрав |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 59. Дарсҳои 27–28.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши заминавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача: даврачаи сурх ва даврачаи сабз омода намоянд. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расм омода намоед. Хуб мешавад, ки агар дар расмҳо ягон амал тасвир шуда бошад. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, расмҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ба онҳо як дақиқа вақт барои муҳокимаи расм ҷудо кунед. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки расмро ба гурӯҳи дигар супоранд. Ҳамин тавр, расмҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Вақтро назорат кунед.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Ҳоло мо якҷоя маънои калимаромеёбем. Аввал ҷумлаеро, ки дар он ин калима омадааст, мехонем. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Ҷумлаи баъдинаро мехонем. Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Офарин! Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*

- Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда, маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Алоқамандии саволу ҷавобҳо оид ба мазмуни матн. Барои таҳлили мазмуни матн якчанд савол омода намоед. Саволҳоро мувофиқи навъҳои зерин таҳия карда метавонед:

| | |
|---|---|
| **Муаллиф ва шумо** | Саволе, ки дар асоси маълумоти матн таҳия мешавад ва аз хонанда талаб карда мешавад, ки онро бо таҷрибаи худ алоқаманд намояд. Ҳарчанд ҷавоб ба савол дар матн бевосита оварда нашавад ҳам, барои ҷавоб додан шахс бояд матнро хонад. |

Дар ин дарс навъи ***муаллиф ва шумо***-ро истифода баред. Саволро дар тахтаи синф нависед.

Намунаи саволҳо:

1) *Шумо ба табибон чӣ маслиҳат медодед? Чаро чунин маслиҳат доданӣ ҳастед?*
2) *Ба фикри шумо фарзандон кори хуб карданд? Чаро?*

Порчаи матнро хонед ва тарзи ба савол ҷавоб доданро ба хонандагон омӯзед. *Дар матн омадааст: табибон аз табобати он оҷиз монданд. ... табиб ангушти ҳайрат газид ва аз дил гузаронд.* Ба ин ҷумлаҳо такя карда, хулосаи худро пешниҳод намоед. Масалан: *Ман ба табибон маслиҳат медодам, ки мардро бори дигар ташхис кунанд ва дигар хел табобат кунанд.* Ё ин ки: *Ман ба табибон маслиҳат медиҳам, ки дар бораи гиёҳҳо хонанд. Агар онҳо дар бораи гиёҳҳо бештар донанд, бемориҳои зиёдро табобат мекунанд.* Чаро ба чунин хулоса омаданатонро ба хонандагон гӯед. Аз таҷрибаатон мисол оред.

Аз хонандагон пурсед, ки аз барои ба савол ҷавоб гардондан шумо чӣ кор кардед? (матнро хондед ва ҳангоми хондан ба таҷриба ва дониши худ такя кардед). Оё ҷавоб ба саволи додашударо аз як ҷумла ё ибора муайян кардан мумкин буд? Не. Чаро? (барои он ки ҷавоб ба дониш ва таҷрибаи хонанда вобаста аст ва ҷавобҳои гуногунро талаб мекунад. Мо бояд матнро хонда, таҷрибаи худро ба хотир орем ва ба савол аз нигоҳи худ ҷавоб гардонем).

Як саволи дигар таҳия кунед ва онро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба савол ҷавоб ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки барои ба ин савол ҷавоб додан чӣ кор карданд? Барои ба чунин савол ҷавоб додан, мо бояд матнро хонем ва ба донишу таҷрибаи худ алоқаманд карда, аз нигоҳи худ ҷавоб гардонем. Дар аввал ба хонандагон ба чунин савол ҷавоб гардондан мушкил мешавад, бинобар ин, ба онҳо ёрӣ расонед. Аммо машқ карданро бо онҳо идома диҳед. Зеро чунин навъи савол барои дарки маънии матн ва ташаккули малакаи фикрронии хонандагон хеле муфид аст.

**Навиштан**. Дар тахтаи синф номи ашёи гуногунро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хусусияти калимаро гуфта, ибора тартиб диҳанд.

Намунаи калимаҳо: барг, садбарг, курта, автобус, ароба, велосипед, пахта, дарахт, лола, об, гурба, рӯбоҳ.

Намунаи ибора: *барги сабз.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 60. Дарсҳои 29–30.

**Барнома**. Буррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои одӣ ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла. **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
– симоҳои матнро муайян карда тавонад;
– дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои калидӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
– ба саволҳои одии доир ба матн, ки бо ҷонишинҳои саволии “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?” омадааст, ҷавоб гуфта тавонад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф панҷ савол нависед. Ҳамаи саволҳо бояд ҷавоби “ҳа” ё “не”-ро талаб кунанд. Хонандагон дар гурӯҳи дунафарӣ машғул шуда, ба як савол ҷавоб медиҳанд ва як савол мепурсанд. Агар хонанда ба саволаш ҷавоби “не” гирад, он гоҳ саволи навбатиро аз хонандаи дигар мепурсад. Агар ҷавоб “ҳа” бошад, онро месанҷанд ва ба саволи навбатӣ мегузаранд. Синфро назорат кунед, то мағали беҳуда нашавад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаънои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз

хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.
Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф нависед (ё дар варақҳои калон). Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри "матн" меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед.

Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

Таҳлили матн. Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон истифода бурда шудааст (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба саволҳои тестӣ ҷавоб гардонанд. Ба хонандагон барои иҷрои тест вақти кофӣ диҳед. Ҷавоби тестҳоро бо аҳли синф муҳокима ва таҳлил кунед.

**Навиштан**. Кор бо расм. Расми манзара ё ҳодисаеро ба тахтаи синф овезед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ашёи дар расм тасвирёфтаро номбар кунанд (расми замимаро истифода бурда метавонед). Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед.
Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки панҷ дақиқа кор карда, дар асоси расм ибораҳо тартиб диҳанд. Синфро назорат кунед ва ба гурӯҳҳо ёрӣ расонед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки ибораҳои навиштаашонро хонанд. Ибораҳои навиштаи хонандагонро санҷед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 61. Дарсҳои 31–32.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калонро (то 250 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- стратегияҳои пешгӯӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
- навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс ду савол омода намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷойҳо хеста, ба ҳамдигар савол диҳанд. Агар ба савол ҷавоб ёфтанд, он гоҳ дунафарӣ барои ёфтани ҷавоб бо дигарон саволу ҷавоб мекунанд. Дар натиҷа гурӯҳи чорнафарӣ пайдо мешавад. Аз гурӯҳҳои хоҳиш кунед, ки ба назди шумо омада, ҷавобҳои саволҳоро гӯянд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонандагон ба ҷойҳои худ мешинанд ва дарсро идома медиҳед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед. Намунаи ҷадвал:

| | А | Б | В | Г |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |
| 4 | | | | |
| 5 | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (масалан, 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои он ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб дониста мешавад. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи ***як ба як*** *(саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст), 2 саволи ***фикр кун, таҳқиқ намо***

(саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи ***муаллиф ва шумо*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафарӣ ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Муҳокима ташкил намоед. Ҳар як саволро хонед ва ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷавобро аз матн ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо барои муайян кардани ҷавоб ёрӣ расонд? Онҳо чӣ кор карданд?

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд ва ду саволи иловагӣ тартиб диҳанд (1 саволи я***к ба як***, 1 саволи ***фикр кун, таҳқиқ намо*** ва 1 саволи ***муаллиф ва шумо)***. Ба хонандагон вақти кофӣ диҳед. Баъд саволҳои гурӯҳҳоро ба ҳамдигар тақсим намоед. Гурӯҳҳо ба саволҳои ҳамдигар ҷавоб мегардонанд. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Ҷумла ва ибора. Дар тахтаи синф як ибора ва ҷумлаи баробарвазни ибораро нависед. Масалан: Хонаи сафед – Хона сафед аст. Фарқи байни ибора ва ҷумларо фаҳмонед. Дар тахтаи синф 10-15 ибора нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаи баробарвазни ибораро нависанд.

Намунаи ибораҳо: кӯҳи баланд, хонаи калон, мошини кабуд, шими сиёҳ, куртаи сабз, паланги зард, офтоби дурахшон, себи ширин, лимӯи турш, нони гарм, шоколади талх, кабки хушхон ва ғайра.

Ҷумлаҳои навиштаи хонандагонро санҷед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 62. Дарсҳои 33–34.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши заминавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидааашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шаванд. Бо ҳам суҳбат карда, аз якдигар пурсанд, ки онҳо рӯзи (ҳафтаи) гузашта чӣ кор карданд. Инчунин рӯзҳои истироҳатии навбатӣ (шанбе ва якшанбе) чӣ кор карданианд гӯянд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки оид ба яке аз ҳамсинфонашон нақл кунад. Масалан: *Салима рӯзи шанбе ба хонаи бибиаш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо дугонаҳояш бозӣ кардааст. Ин ҳафта ба боғи ҳайвонот рафтанӣ аст.* Шумо метавонед ин намунаро ба хонандагон хонед.

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калимаи пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Масалан, *Маънои калимае, ки дар байни калимаҳои* ***ки*** *ва* ***бебаҳо*** *омадааст, чист?* Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр, ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки аввал матнро пурра хонанд. Пас аз хондан ба муддати 10 дақиқа дар асоси матн панҷ савол (2 саволи ***як ба як*** ва 2 саволи ***фикр кун, таҳқиқ намо*** ва 1 саволи ***муаллиф ва шумо***) таҳия намоянд. Саволҳоро дар варақи алоҳида ботартиб нависанд. Саволҳои гурӯҳҳоро бо ҳамдигар иваз намоед. Ба гурӯҳҳо ҳафт дақиқа вақт дода хоҳиш намоед, ки ба саволҳо дар асоси матн ҷавоб гардонанд.

Саволу ҷавобҳоро ба гурӯҳҳои аслӣ баргардонед. Гурӯҳҳо дуруст ё нодуруст будани онҳоро месанҷанд.

Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки тарзи ба саволҳо ҷавоб гардонданро ба аҳли синф гӯянд. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Тасвири зоҳирии инсон. Калимаҳои ифодакунандаи андоми зоҳирии инсонро дар тахтаи синф нависед. Намуна: чашм, рӯй, даҳон, бинӣ, гӯш, мӯй, қад ва ғайра. Имлои ин калимаҳоро бо хонандагон муҳокима кунед (махсусан калимаҳои рӯй, бинӣ, гӯш, мӯй). Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якчанд хусусияти (сифати) аъзои зоҳирии инсонро гӯянд. Масалан, чашми сиёҳ, мӯйи дароз, рӯйи гирд ва ғайра. Сипас калимаҳои ифодакунандаи сифатро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ибора тартиб дода нависанд. Масалан, қадди дароз, гӯши дароз ва ғайра.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 63. Дарсҳои 35–36.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
– алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
– матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
– сохтори матнро таҳлил кунад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
– дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Як луғати асосии мавзӯи имрӯзаи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар муддати як дақиқа ҳар чӣ бештар калимаҳои ба луғат ҳаммаъно ё алоқамандро нависанд. Барои мураккаб кардани ин машқ, аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки ибораҳои мувофиқро нависанд. Калимаҳои навиштаи хонандагонро ҳисоб кунед ва ғолиб(он)-ро аниқ созад.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳморо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаъноии онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаъноии он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, матнро мустақилона хонанд. Пешакӣ бо усули ***як ба як*** , ***фикр кун, таҳқиқ намо, муаллиф ва шумо*** шаш савол оид ба матн таҳия намоед. Саволҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро пӯшонед. Пас аз маротибаи якуми хониш саволи якумро кушоед. Хонандагон дунафарӣ ба савол ҷавоб меёбанд. Ҷавоби мувофиқро аз матн ёфта дар варақча менависанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷавоби навиштаашонро дар болои миз гузоранд. Дар синф давр зада, дурустии ҷавоби гурӯҳҳоро санҷед. Агар гурӯҳе нодруст кор карда бошад, бори дигар саволро хонед ё тарзи ба савол ҷавоб гардонданро бори дигар ба онҳо ёд диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дуюм хонанд. Ба монанди саволи як ин маротиба низ ҷавобҳои хонандагонро ба роҳ монед. Ҳамин тавр хонандагон бори сеюм, чорум, панҷум ва шашум мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан**. Тасвири зоҳирии инсон. Якчанд расми одамони гуногунро дар тахтаи синф овезед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки симои зоҳирии онҳоро гӯянд (ибора тартиб диҳанд). Масалан, мӯйи сиёҳ, мӯйи дароз, рӯйи дароз ва ғайра. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як расмро интихоб намоянд. Дар бораи расм якчанд ҷумла нависанд. Чуночӣ: Мӯйи ӯ дароз аст. Мӯйи ӯ сиёҳ аст.

Хонандгонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳои навиштаашонро ба ҳамдигар хонанд ва муайян кунанд, ки ҳамнишинашон дар бораи кадом расм навиштааст.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 64. Дарсҳои 37–38.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Ҡалимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад; аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Дар асоси мавзӯи дарс як ақидаи асосии мубоҳисавиро таҳия намоед. Онро дар тахтаи синф нависед. Дар охири ақида илова кунед “Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед?” Хонандагон дунафарӣ машғул шуда, ақидаро муҳокима мекунанд. Гурӯҳ ба аҳли синф розӣ будан ё набудани худро иброз медорад ва онро шарҳ медиҳад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед,

ки калима ва иборахои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо кашидани хат онҳоро бо ҳам пайваст намоед.

**Намуна:**



**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мактуби дар замимаи китоби дарсӣ омадаро хонанд ва расми ба мактуб мувофиқро муайян кунанд.

Мактуб

*Салом, дӯсти азиз. Номи ман Замира аст. Ман дар синфи дуюм мехонам. Ман расми оилаамонро кашидам. Онро ба ту мефиристам. Ана ин модари ман. Қади модарам баланд аст. Рӯйи ӯ гирд аст. Ана ин падари ман аст. Рӯйи падарам дароз аст. Чашмони ӯ калонанд. Ана ин ман. Мӯйи ман сиёҳ ва дароз аст. Рӯям гирд аст. Куртаи қаҳваранг дорам. Ана ин додари ман аст. Қади ӯ паст аст. Рӯяш гирд аст. Ӯ шими кӯтоҳ дорад. Ӯ рақами ҳафтро дӯст медорад.*






Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи симои зоҳирии худ дар варақаҳои алоҳида нависанд. Аммо номашонро нанависанд. Мактубҳои навиштаи хонандагонро

ҷамъ оваред. Онҳоро омехта кунед ва ба хонандагон тақсим кунед. Хонандагон бояд мактубро хонда, соҳибашро муайян кунанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 65. Дарсҳои 39–40.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
– сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
– таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
– фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун баён карда тавонад;
– хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Дар доираи мавзӯи дарс бо истифодаи калимаи "агар" як савол таҳия намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф гашта, дар муддати 3 дақиқа ҳарчӣ бештар аз ҳамсинфонашон саволро пурсида, ҷавоби онҳоро шунаванд ва дар хотир гиранд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷавоби хонандагони дигарро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед.

Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намуда, ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед. Гурӯҳе, ки аксари калимаҳоро дуруст ва мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои *"Як ба як"*, ***"Фикр кун, таҳқиқ намо"*** ва *"Муаллиф ва шумо"*-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як варақаи борик гирифта, саволи таҳиякардаашонро дар он нависанд. Саволҳоро ҷамъ карда дар қуттие омехта кунед. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

**Навиштан**. Калимаҳои ифодакунандаи хислат. Ба хонандагон фаҳмонед, ки калимаҳои ифодакунандаи хислат асосан барои тасвири одамон ва ҳайвонот истифода мешаванд. Масалан, *модари меҳрубон, писари баодоб, рӯбоҳи маккор* ва ғайра.

Ҷуфти калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар асоси онҳо ибора нависанд. Масалан, *писар/доно – писари доно.*

Ҷуфти калимаҳо: *писар/доно, гург/нодон, модар/меҳрубон, падар/ғамхор, бобо/хирадманд, бибӣ/ҳалим, рӯбоҳ/маккор, мард/дағал, духтар/якрав, духтар/гапгир ва ғайра.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 66. Дарсҳои 41–42.

**Барнома**. Бурррову равон хондани матн. Таҳлили матн. Пешгӯйӣ дар асоси нишонаҳои матн. Нақли матни хонда. Савол гузоштан ба матн. Дар асоси матн ба саволҳои оди ҷавоб додан. Хушнависӣ. Дар асоси намуна навиштани ҷумла **Имло**: дуруст навиштани калимаҳое, ки ҳарфҳои и, ӣ, у, ӯ, й, е, ё, ю, я доранд. Ҳарфи калон дар исмҳои хос.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширát)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн ё калимаву ибораҳои асосӣ мазмуни матнро пешгӯйӣ кунад;
- мазмуни матни хондаашро бо суханони худ нақл кунад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Якчанд калимаҳоро доир ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар гурӯҳҳои чорнафара муҳокима кунанд ва мавзӯи дарсро аниқ созанд. Гурӯҳҳо мавзӯи дарсро дар вараqи алоҳида навишта ба шумо месупоранд. Ҷавоби гурӯҳҳоро хонда, аниқ созед, ки кадом гурӯҳ мавзӯъро дуруст муайян намудааст.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми даврараро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

- Доир ба матн панҷ савол омода намоед. Савоҳо бояд маълумотро оид ба “Кӣ? Чӣ? Кай? Дар Куҷо? Фаро гирад. Маҷмӯи саволҳоро ба гурӯҳҳо супоред ва аз сардори гурӯҳ (хонандаи интихобкардаатон) хоҳиш намоед, ки саволҳоро ба аъзоёни гурӯҳ хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоб пайдо кунанд.
- Дар асоси саволҳои боло муҳокима ташкил намоед. Ба аҳли синф савол дода, ба ҳар як савол ҷавоби гурӯҳҳоро шунавед.

– Аз хондани матн аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар ҷадвале кашанд. Дар сутуни аввал саволҳои Кӣ/Чӣ? Кай? Дар куҷо? Чӣ ҳодиса рух дод? -ро нависанд.

Масалан:

| | |
|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур намоянд. Мухтасар нависанд.
– Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали навиштаашонро бо шарикдарсашон муҳокима намоянд.
– Баъд ҷадвалҳоро ҷамъ карда санҷед ва ба хонандагон тавсия намоед.

**Навиштан**. Калимаҳои ифодакунандаи хислатро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунанд. *Хислатҳои хуб* ва *хислатҳои бад*.

Калимаҳо: ростгӯй, ростқавл, гапнодаро гапгир, дурӯғгӯй, беадаб, боадаб, доно, оқил, маккор, қаллоб, меҳрубон, нарм, дағал, ҳалим, софдил, дурушт, бадқаҳр, ботамкин, хушсухан, дилозор, беозор, тарсончак, ҷасур, далер, буздил

| **Хислатҳои хуб** | **Хислатҳои бад** |
|---|---|
| | |

Сипас калимаҳоро хонед, аз хонандагон пурсед, ки онҳо ин калимаро дар кадом сутун ҷо додаанд ва чаро?

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтар номи се ҳамсинфашонро нависанд. Дар бари номҳои ҳамсинфашон ба монанди намуна, се хислати хуби онҳоро нависанд. Намуна: *Гавҳар/ростгӯй/ҳалолкор/доно*

Кори хонандагонро санҷед. Баъд аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар асоси калимаҳои навиштаашон ҷумла тартиб диҳанд.

Намуна: *Гавҳар/ростгӯй/ҳалолкор/доно – Гавҳар ростгӯй аст. Гавҳар ҳалолкор аст. Гавҳар доно аст.*

Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои навиштаашонро ба шахсоне, ки дар бораи онҳо навиштаанд, хонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 67. Дарсҳои 43–44.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
- навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Як ашёи атрофро интихоб кунед ва дар бораи он ба хонандагон нақл кунед (шарҳ диҳед). Ба хонандагон як дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки як ашёи атрофро интихоб кунанд ва онро ба аҳли синф шарҳ диҳанд. Якчанд хонандаро пурсед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Викторина бо саволҳои навъи ***«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо» ва « Муаллиф ва шумо»*** дар асоси матн 12 савол (4 саволи “Як ба як”, 4 саволи “Фикр кун, таҳқиқ намо” ва 4 саволи навъи “Муаллиф ва шумо”) омода карда, онро дар варақи алоҳида нависед. Сипас дар тахтаи синф ба монанди ҷадвали поён ҷадвал кашед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ***Як ба як*** | 5 | 10 | 15 | 20 |
| ***Фикр кун, таҳқиқ намо*** | 5 | 10 | 15 | 20 |
| ***Муаллиф ва шумо*** | 5 | 10 | 15 | 20 |

Дар сутуни якум категорияи савол ва дар сутунҳои дигар холҳо барои ҷавоби дуруст ба ин саволҳо гузошта мешаванд.

Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо викторина ташкил мекунед ва хонандагон бояд ба савол ҷавоб гардонанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои панҷнафарӣ ҷудо намоед. Барои муайян кардани гурӯҳе, ки аввалин шуда саволро интихоб мекунад, як чистон гӯяд. Гурӯҳе, ки чистонро зудтар меёбад, аввалин шуда савол интихоб мекунад. Гурӯҳ мегӯяд: "Муаллиф ва шумо" – *10 хол*. Саволе, ки барои ин категория ва ин хол омода кардаед, ба аҳли синф хонед. Ба гурӯҳҳо як дақиқа вақт диҳед. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад ва ҷавоби дуруст медиҳад, соҳиби 10 хол мешавад. Холҳои гурӯҳҳоро дар як тарафи тахтаи синф қайд кунед. Гурӯҳ категория ва саволи дигарро интихоб мекунад. Гурӯҳе, ки ҷавоби дуруст додааст, саволи навбатиро интихоб мекунад. Дар бозӣ гурӯҳе ғолиб дониста мешавад, ки холи зиёдтар гирифтааст. Бозиро то саволи охирон идома диҳед.

**Навиштан**. Якчанд калимаи ифодакунандаи одамон ё ҳайвонотро дар тахтаи синф нависед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки якҷоя барои ҳар як калима се хислат нависанд.

| **Калимаҳо** | **Сифат 1** | **Хислати 2** | **Хислати 3** |
|---|---|---|---|
| Модар | | | |
| Падар | | | |
| Омӯзгор | | | |
| Рӯбоҳ | | | |
| Хирс | | | |
| Гург | | | |
| Харгӯш | | | |

Сипас дар асоси ҷадвал ба монанди намуна ҷумла менависанд.
Намуна: *Модар шахси меҳрубон, ҳалим ва хушсухан аст.*
*Рӯбоҳ ҳайвони маккор, дурӯғгӯй ва фиребгар аст.*

Диққати хонандагонро ба аломати вергул равона карда, тарзи дар ин маврид истифода бурдани онро фаҳмонед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 68. Дарсҳои 45–46.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
– матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
– сохтори матнро таҳлил кунад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф як ҷумлаеро аз матни дарси имрӯза нависед. Дар се варақ се ҳиссиётро нависед: хурсандӣ, ғамгинӣ, ҳаяҷон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ҷумлаи навиштаи шуморо бо ҳиссиёти гуногун ба ҳамдигар хонанд. Шумо метавонед бо навбат варақаи навбатиро боло бардоред ва хонандагон ҳиссиёташонро иваз карда, ҷумларо ба ҳамдигар мехонанд.

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳмоmoro аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста, ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед. Масалан, *маънои калимаи .... чист? Калимаи ... маънои ...-ро дорад.*

**Хондан**. Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи “***Як ба як***” ( *саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст), 2 саволи “***Фикр кун, таҳқиқ намо***” (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи “***Муаллиф ва шумо***” тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ вараqи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафарӣ ҷудо намоед. Аз

онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Муҳокима ташкил намоед. Ҳар як саволро хонед, аз хонандагон пурсед, ки ҷавобро аз матн ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо барои муайян кардани ҷавоб ёрӣ расонд? Онҳо чӣ кор карданд?

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд ва ду саволи иловагӣ тартиб диҳанд (1 саволи "***Як ба як***", 1 саволи "***фикр кун, таҳқиқ намо***" ва 1 саволи "***Муаллиф ва шумо***"). Ба хонандагон вақти кофӣ диҳед. Баъд саволҳои гурӯҳҳоро ба ҳамдигар тақсим намоед. Гурӯҳҳо ба саволҳои ҳамдигар ҷавоб мегардонанд. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни шеърро хонанд ва калимаҳои ифодакунандаи зоҳир ва хислатҳоро дар сутунҳои алоҳида нависанд.

Замира
Латофат
Замираҷони хола
Хушрӯяки чун лола,
Шӯху балочаӣ ту,
Чӣ хел доночаӣ ту.
Ғунчаи навбаҳорӣ,
Оҳуи беқарорӣ,
Қобилу гапдаро̣ӣ,
Боадабу шеърхон,
Духтари ширинзабон,
Уҳдабарои хола,
Дидадарои хола,
Ту меҳрубони хола,
Ҳастӣ ту ҷони хола,
Баҳо надорӣ, лекин
Бағали момо нашин!

Ҷадвал:

| Зоҳир | Хислат |
|---|---|
| Хушрӯяк | уҳдабаро |

Ҷадвали тартибдодаи хонандагонро санҷед ва аз онҳо ҳоҳиш намоед, ки дар бораи Замира ба монанди намуна ҷумла нависанд. Намуна: *Замира хушрӯяк аст. Замира ӯҳдабаро аст.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 69. Дарсҳои 47–48.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- сифат ва хусусиятҳои симоҳои матнро навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки 3 чизи оид ба мавзӯъ медонистаашонро нависанд. Сипас 2 чизе, ки оид ба мавзӯъ донистан мехоҳанд ва як савол оид ба мавзӯъ нависанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии "Майдони муъҷизот" гузаронед. Яъне, синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Ҳамин тавр бо калимаҳои дигар бозӣ кунед. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб дониста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки аввал матнро пурра хонанд. Пас аз хондан ба муддати 10 дақиқа дар асоси матн панҷ савол (2 саволи ***Як ба як*** ва 2 саволи "***Фикр кун, таҳқиқ намо***" ва 1 саволи "***Муаллиф ва шумо***") таҳия намоянд. Саволҳоро дар вароқи алоҳида ботартиб нависанд. Саволҳои гурӯҳҳоро бо ҳамдигар иваз намоед. Ба гурӯҳҳо ҳафт дақиқа вақт дода хоҳиш намоед, ки ба саволҳо дар асоси матн ҷавоб гардонанд.

Саволу ҷавобҳоро ба гурӯҳҳои аслӣ баргардонед. Гурӯҳҳо дуруст ё нодуруст будани онҳоро месанҷанд.

Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки тарзи ба саволҳо ҷавоб гардонданро ба аҳли синф гӯянд. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Симоҳои афсонавӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки се симои афсонавии дӯстдоштаашонро (аз китоби афсона ё филмҳои тасвирӣ) дар дафтар навишта, чор хислати онҳоро (хуб ва бад) қайд кунанд ва доир ба симоҳо ҷумла нависанд. Намуна: *Бузаки/ Ҷингилапо/меҳрубон/нотарс/пуртоқат. Бузаки ҷингилапо меҳрубон, нотарс ва пуртоқат аст.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 70. Дарсҳои 49–50.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо оидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд.

Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Ақидаи рӯз. Як ақида, савол ё масъалаи ба мавзӯъ мувофиқро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи он як дақиқа фикр кунанд ва он чи ки доир ба ақида (масъала, савол) медонанд, ба хотир оранд. Ба онҳо фаҳмонед, ки дар охири дарс ба ин масъала бармегардед. Дар охири дарс диққати хонандагонро боз ба масъала ҷалб карда, фикри онҳоро шунавед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаъноро нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро ҳамин тавр таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Кӣ чӣ гуна аст? Дар тахтаи синф ҷадвали иборат аз чор сутун кашед. Номи симоҳои филмҳои тасвирии барои хонандагон шиносро нависед (аз онҳо пурсида метавонед). Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳ кор карда, хислатҳои хуб ва бади онҳоро нависанд.

| Симо | Хислати хуб | Хислати хуб | Хислати бад | Хислати бад |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Сипас гурӯҳҳо як симоро интихоб карда дар бораи ӯ менависанд. Матни навиштаашонро ба аҳли синф мехонанд ва синф меёбад, ки сухан дар бораи кадом симо аст?

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 71. Дарсҳои 51–52.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши заминавӣ бо

ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс–пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ин мавзӯъ ду савол нависанд. Саволҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд. Ба ин саволҳо дар охири дарс баргардед. Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо ба саволҳои гузоштаашон ҷавоб ёфтанд. Агар не, якҷоя саволҳои онҳоро муҳокима кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Аз калимаҳои мазкур истифода бурда, ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро дар як кунҷи тахтаи синф нависед. Ҷумлаҳои тартибдодаатонро дар тахтаи синф ё варақи калон нависед. Аммо ҷойи калимаи мушкилфаҳмро холӣ гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз байни калимаҳо калимаи мувофиқро интихоб карда, ба ҷойи холӣ гузоранд. Ҳамин тавр ҳамаи ҷумлаҳоро пур кунед. Маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон шарҳ диҳед.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, матнро мустақилона хонанд. Пешакӣ бо усули ***«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо» ва «Муаллиф ва шумо»*** шаш савол оид ба матн таҳия намоед. Саволҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро пӯшонед. Пас аз маротибаи якуми хониш саволи якумро кушоед. Хонандагон дунафарӣ ба савол ҷавоб меёбанд. Ҷавоби мувофиқро аз матн ёфта дар варақча менависанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷавоби навиштаашонро дар болои миз гузоранд. Дар синф давр зада, санҷед, ки оё ҳамаи гурӯҳҳо дуруст ҷавоб додаанд ё не. Агар гурӯҳҳое, ки нодруст кор карда бошанд, бори дигар саволро хонед ва ба хонандагон имконият диҳед. Ё тарзи ба савол ҷавоб гардонданро бори дигар ба хонандагон ёд диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дуюм хонанд. Ба монанди саволи як ин маротиба низ ҷавобҳои хонандагонро ба роҳ монед. Ҳамин тавр хонандагон бори сеюм, чорум, панҷум ва шашум мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан**. Кори мустақилона. Пешакӣ ба монанди намунаҳои поён, машқ омода намоед. Онҳоро дар тахтаи синф нависед (ё аз маводди замима истифода баред). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷумла тартиб диҳанд.
Намунаҳо:
*Падар/меҳрубон/серкор/ростгӯй/пуштибон – Падари ман меҳрубон аст.*
*Модар/меҳрубон/ҳалим/ғамхор;*
*Бобо/доно/хирадманд/ҳаётдида;*
*Бибӣ/меҳрубон/ҳалим/ғамхор;*
*Бародар/ростгӯй/чолок/пуштибон/боодоб/гапгир;*
*Хоҳар/оқил/зебо/доно/ростгӯй/гапгир/боодоб.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 72. Дарсҳои 53–54.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;

– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна: *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро (калимаи асосӣ, ақидаи асосӣ) дар даврае нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки вобаста ба ин мавзӯъ он калимаҳоеро, ки медонанд, дар атрофи давра нависанд.

Намуна:




**Кор бо луғат. Бозии “Бинго!”.** Барои тартиби иҷрои бозӣ нигаред ба ***§ 17. Дарсҳои 33–34.***

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда. *Нигаред ба § 35. Дарсҳои 69–70.***

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан**. Мева ва сабзавот. Номи мева ва сабзавотро нависед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки бо илова кардани ранг, таъм ва андозаи меваю сабзавот ибораҳои зиёд тартиб диҳанд.

Намуна: *себ, нок, тарбуз, сабзӣ, қалам, картошка, харбуза, бодиринг, помидор.*

*Намунаи ибора: себи сурх, себи ширин, себи обдор, себи хубонӣ.*

**Навиштан**. Кор бо расм. Расмеро интихоб намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро мушоҳида кунанд. Ашёи да расм бударо муҳокима кунед. Сипас аз якчанд хонанда пурсед, ки доир ба ашёи дар матн буда, ибора гӯянд. Калимаҳои зарурира дар тахтаи синф навишта метавонед.

Хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи расм нависанд. Масалан, *Дар расм гулҳои сурх, дарахти себ ва ...* Дар мисоли як намуна тарзи навиштанро бо хонандагон машқ кунед.

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матни навиштаашонро ба аҳли сиф хонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 73. Дарсҳои 55–56.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад;
- дар асоси маълумоти дар нақша омада, матни тасвирӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷадвал кашанд. Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Ба онҳо ду дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар дохили катакҳо калимаҳои ба мавзӯи дарс мувофиқро нависанд. Хонандагон калимаҳои навиштаашонро ба ҳамдигар мехонанд.

Намуна:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**Кор бо луғат**. Пеш аз калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва аҳли синф онро бояд ёбад. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунад. Пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худашро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1- ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Намуна: Мавзӯъ:**
**Калимаи махфӣ:**
**Пешҷавоби 1:**
**Пешҷавоби 2:.**
**Пешҷавоби 3:**
**Пешҷавоби 4:**
**Пешҷавоби 5:**

**Хондан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои ***«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо» ва «Муаллиф ва шумо"***-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як варақаи борик гирифта, саволи таҳиякардаашонро дар он нависанд. Саволҳоро ҷамъ оварда, дар қуттие омехта кунед. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

**Навиштан**. Ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ. Мафҳуми ҳайвони ваҳшӣ ва ҳайвони хонагиро ба хонандагон фаҳмонед. Сипас номҳои гуногуни ҳайвонотро дар тахтаи синф нависед (ё аз маводди замимаи китоби дарсӣ истифода баред). Аз хонандагон пурсед, ки кадоми онҳо хонагӣ ва кадомашон ваҳшӣ мебошанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи ҳайвоноти бештар ҷумла нависанд. Як

намунаро ба хонандагон нишон диҳед. Масалан: *Гов ҳайвони калони хонагӣ аст*. Ба гурӯҳҳо 10 дақиқа вақт диҳед. Сипас ҷумлаҳои навиштаи гурӯҳҳоро санҷед ва ҳисоб кунед. Гурӯҳе, ки ҷумлаҳои бештари дуруст навиштааст, ғолиб дониста мешавад.

**Навиштан**. Амалу ҳолат. Ба хонандагон фаҳмонед, ки калимаҳо на танҳо ном, хусусияту хислат, балки амалҳоро ифода мекунанд. Ба хонандае муроҷиат карда супориш диҳед. Мсалан, *Рустам матнро хон*. Рустам матнро мехонад. Аз хонандагон пурсед: *Рустам чӣ кор карда истодааст? Хонда истодааст. Чӣ кор карда истодааст?* Ба хонандагон гӯед: Имрӯз мову шумо бо якчанд амал кор мекунем: *зиндагӣ кардан, хӯрдан, давидан, шикор кардан, шино кардан, парвоз кардан, ҷаҳидан.* Калимаҳоро бо хонандагон таҳлил карда, боварӣ ҳосил намоед, ки маънои онҳоро ҳамаи хонандагон медонанд.
Ҷадвали зеринро ба хонандагон шинос намоед:

| **Ҳайвон** | **Дар куҷо зиндагӣ мекунад?** | **Қад** | **Чӣ мехӯрад?** | **Чӣ кор мекунад?** |
|---|---|---|---|---|
|  Панда | Ҷангалзори баландкӯҳи Чин | 1.5 метр | навдаи бамбук | Ба дарахт баромадан |
|  Шер | Африка ва Осиёи Ҷанубӣ | 3 метр | Ҳайвоноти дигар | Тез давидан Шикор кардан |
|  Паланг | Ҷангал | 3 метр | Ҳайвоноти дигар | Шикор кардан Шино кардан Тез давидан |

Дар асоси ҷадвал ҷумлаи якумро якҷоя бо хонандагон тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани ҷумла тарз корро ба хонандагон фаҳмонед. Аввал ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳоро тартиб диҳед, сипас онро нависед.
Намуна:

*Панда дар ҷангалзори баландкӯҳи Чин зиндагӣ мекунад. Қади панда 1.5 метр мешавад. Панда навдаи бамбук мехӯрад. Панда ба дарахт мебарояд.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, дар асоси ҷадвал ҷумла нависенд. Кори хонандагонро санҷед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 74. Дарсҳои 57–58.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Пешаки якчанд ақидаи дуруст ва нодурустро оид ба матн/мавзӯи дарс таҳия намоед. Пеш аз оғози азхкудкунии матн/мавзӯъ аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дуруст ва нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунанд. Натиҷаи кори онҳоро насанҷед. Дар охири дарс аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ин ақидаҳо баргарданд ва бори дигар дуруст ва нодуруст будани онҳоро муайян намоянд.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

**Хондан**. Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи ***Як ба як*** *( саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи ***фикр кун, таҳқиқ намо*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи ***муаллиф ва шумо*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз

онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Муҳокима ташкил намоед. Ҳар як саволро хонед, аз хонандагон пурсед, ки ҷавобро аз матн ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо барои муайян кардани ҷавоб ёрӣ расонд? Онҳо чӣ кор карданд?

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд ва ду саволи иловагӣ тартиб диҳанд (1 саволи "***Як ба як"*** , 1 саволи "***Фикр кун, таҳқиқ намо*** ва 1 саволи "М***уаллиф ва шум")***. Ба хонандагон вақти кофӣ диҳед. Баъд саволҳои гурӯҳҳоро ба ҳамдигар тақсим намоед. Гурӯҳҳо ба саволҳои ҳамдигар ҷавоб мегардонанд. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Амалу ҳолат. Ҷадвали зеринро ба хонандагон шинос намоед:

| **Ҳайвон** | **Дар куҷо зиндагӣ мекунад?** | **Қад** | **Чӣ мехӯрад?** | **Чӣ кор мекунад?** |
|---|---|---|---|---|
|  Кӯршапарак | Дар зери бомҳо, ғорҳо | 14 сантиметр | Шабпарак, қунғуз | Шаб парвоз кардан |
|  Кенгуру | Ҷангалҳои Австралия | 3 метр | Алаф, барг ва реша | Баланд ҷаҳидан |
|  | Африка | 2 метр | Навдаҳои дарахт, мева, ҳашарот, тухми мурғ | По ду пойи ақиб роҳ гаштан |
| Горилла | | | | |

Дар асоси ҷадвал ҷумлаи якумро якҷоя бо хонандагон тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани ҷумла тарз корро ба хонандагон фаҳмонед. Аввал ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳоро тартиб диҳед, сипас онро нависед.

Намуна:

*Кӯршапаракҳо дар зери бом ва ғорҳо зиндагӣ мекунанд. Онҳо 14 сантиметр дароз мешаванд. Онҳо шабпарака, қунғуз ва дигар ҳашаротҳоро мехӯранд. Онҳо шаб парвоз мекунанд.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, дар асоси ҷадвал ҷумла нависанд. Кори хонандагонро санҷед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомаширо ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 75. Дарсҳои 59–60.

**Барнома**. Тарзи пешгӯийии мазмуни матн дар асоси нишонаҳо он (ном, расм, калимаҳои асосӣ ва ғайра). Тартиб додани нақшаи пайдарпайии ҳодисаҳои матн. Истифодаи нақшаву ҷадвалҳо барои пешниҳоди маълумот. Ба саволҳои таҳлилии оид ба матн ҷавоб додан. Муайян кардани мазмуни матни шунида. Машқи суханварӣ. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хондашуда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матн, номи он ва расмҳоро аз назар гузаронда, мазмуни асосии онро муайян карда тавонад;
- оид ба ҳодисаву воқеаҳои матне, ки мехонанд, пешгӯйӣ ё ақидаҳо пешниҳод кунад;
- ҳангоми хондан ақидаҳо ва тартиби хронологии воқеаҳоро тартиб диҳад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад;
- барои пурра дарк кардани мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб гардонад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Барои иҷрои фаъолияти зерин пешакӣ вақтро муқаррар намоед (Масалан, 1 ё 2 дақиқа). Мавзӯи дарсро эълон кунед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ дар бораи он суҳбат кунанд. Хонандаи А як дақиқа ва хонандаи Б як дақиқа он чи ки доир ба мавзӯъ медонанд, ба ҳамдигар мегӯянд.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омодакардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳ мувофиқат накунанд, ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ

гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаву шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳе, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Хондан**. Номи матнро ба хонандагон хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Ба хонандагон чунин мурочиат намоед: “Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?” Хонандагон фикру ақидаашонро мегӯянд. Ақидаашон нодуруст бошад ҳам, онҳоро рад накунед. Кӯшиш намоед, ки аксари хонандагон ақидаашонро пешниҳод намоянд. Чунин мурочиат карда метавонед: “Рустам, ту чӣ фикр дорӣ? Азиза чӣ?” Кӯшиш намоед, ки хонандагон масъулият ҳис карда, фикрашонро пешниҳод намоянд. Фикри хонандагонро то охир гӯш кунед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволномаи дар замима пешниҳодшударо кор кунанд. Дар асоси саволнома мазмуни матнро таҳлилу муҳокима кунед.

**Навиштан**. Амалу ҳолат. Ҷадвали зеринро ба хонандагон шинос намоед:

| **Ҳайвон** | **Дар кучо зиндагӣ мекунад?** | **Қад** | **Чӣ мехӯрад?** | **Чӣ кор мекунад?** |
|---|---|---|---|---|
|  Бахмут | Ботлок, дарёҳо, кӯлҳои Африка | 4.5 метр | Рустанӣ | Шино мекунад. |
|  Шутур | Биёбон | 2 метр | Хор, растаниҳои биёбон | Бе об шаш рӯз дар биёбон роҳ рафта метавонад. 320 кг бор бардошта метавонад. |
|  Зарофа | Биёбони Африка | 6 метр | Барг ва навдаҳои дарахт | Масофаи 1 км дурро дида метавонад. |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, дар асоси ҷадвал ҷумла нависенд. Кори хонандагонро санҷед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 76. Дарсҳои 61–62.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Мавод**: китоби дарсии «Забони модарӣ" барои синфи 2, саҳ. 131. Замима барои китоби дарсӣ. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- дар асоси матни илмӣ-оммавӣ нақша тартиб дода тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.**

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф оид ба мавзӯи дарс ду ё се савол нависед. Саволҳоро хонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни онҳоро мефаҳманд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволҳоро бо ҳам муҳокима намоянд (3 дақиқа). Сипас аз се ё чор гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ҷавобашонро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Бозиро мувофиқи тартиби муқаррарӣ гузаронед. Нигаред ба дарсҳои пешин.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки аввал матнро пурра хонанд. Пас аз хондан ба муддати 10 дақиқа дар асоси матн панҷ савол (2 саволи *“Як ба як”* ва 2 саволи *“Фикр кун, таҳқиқ намо”* ва 1 саволи *“Муаллиф ва шумо”*) таҳия намоянд. Саволҳоро дар варақи алоҳида ботартиб нависанд. Саволҳои гурӯҳҳоро бо ҳамдигар иваз намоед. Ба гурӯҳҳо ҳафт дақиқа вақт дода хоҳиш намоед, ки ба саволҳо дар асоси матн ҷавоб гардонанд.

Саволу ҷавобҳоро ба гурӯҳҳои аслӣ баргардонед. Гурӯҳҳо ҷавобҳоро месанҷанд ва дуруст ё нодуруст будани онҳоро месанҷанд.

Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки тарзи ба саволҳо ҷавоб гардонданро ба аҳли синф гӯянд. Муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ҷадвали зеринро дар асоси маълумоти матн пур кунанд.

**Фил** калонтарин ҳайвони хушкигард аст. Онҳо дар ҷангалҳои Африка ва Осиёи Ҷанубӣ зиндагӣ мекунанд. Қади онҳо аз 2.7 то 3.3 метр мешавад. Филҳо растанӣ мехӯранд. Онҳо растаниҳои ғалладонаро хеле дӯст медоранд. Филҳо ба одам тез ром шуда, дар корҳо ёрӣ мерасонанд.

**Гург** ҳайвони дарранда аст. Аз саги хонагӣ қариб ки фарқ намекунад. Гургҳо қариб дар ҳама ҷо дида мешаванд. Онро дар ҷангал ва кӯҳҳо зиндагӣ мекунанд. Онҳо кабк, харгӯш, оҳӯ ва дигар ҳайвонотро шикор карда мехӯранд. Гургҳо хеле тез медаванд. Қади гург 80-85 сантиметр мешавад.

**Хирс** ҳайвони даррандаи бақувват аст. Хирсҳо дар ҷангал ва кӯҳҳо зиндагӣ мекунанд. Дарозии бадани онҳо 2.5 метр мешавад. Онҳо рустанӣ ва ҳайвоноти хурдро истеъмол мекунанд. Онҳо асалро хеле дӯст медоранд. Онҳо тез давида, ҷаҳида ва ба дарахт баромада метавонанд. Инчунин, дар об хуб шино мекунанд.

| **Ҳайвон** | **Дар куҷо зиндагӣ мекунад?** | **Қад** | **Чӣ мехӯрад?** | **Чӣ кор мекунад?** |
|---|---|---|---|---|
|  | | | | |
|  | | | | |
|  | | | | |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвали тартибдодаашонро бо ҳамнишинашон муҳокима намоянд. Аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки дар асоси маълумоти дар ҷадвалбуда доир ба ҳайвоне маълумот диҳанд (нақл кунанд).

**Ичрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 77. Дарсҳои 63–64. Ҳилаи наҷотбахши харгӯшак – 2 соат.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Мавод**: китоби дарсии «Забони модарӣ” барои синфи 2, саҳ. 133. Замима барои китоби дарсӣ. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад;
- дар асоси матни илмӣ–оммавӣ нақша тартиб дода тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.**

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Ду ё се ақидаи ба ҳам мухолифро оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафара/чорнафарӣ машғул шуда, бо ақидаҳои пешниҳодшуда розӣ мешаванд ё онҳоро рад мекунанд. Хонандагон бояд интихобашонро шарҳ диҳанд.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Биёед, якҷоя мо маънои калимаро меёбем. Ҳоло ҷумлае, ки дар он ин калима омадааст, мехонем. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Биёед, ҷумлаи баъдинаро мехонем? Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Офарин! Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*

- Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда, маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, матнро мустақилона хонанд. Пешакӣ бо усули ***«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо» ва « Муаллиф ва шумо»_*** шаш савол оид ба матн таҳия намоед. Саволҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро пӯшонед. Пас аз маротибаи якуми хониш саволи якумро кушоед. Хонандагон дунафарӣ ба савол ҷавоб меёбанд. Ҷавоби мувофиқро аз матн ёфта дар варақча менависанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷавоби навиштаашонро дар болои миз гузоранд. Дар синф давр зада, санҷед, ки оё ҳамаи гурӯҳҳо дуруст ҷавоб додаанд ё не. Агар гурӯҳҳое, ки нодруст кор карда бошанд, бори дигар саволро хонед ва ба хонандагон имконият диҳед. Ё тарзи ба савол ҷавоб гардонданро бори дигар ба хонандагон ёд диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дуюм хонанд. Ба монанди саволи як ин маротиба низ ҷавобҳои хонандагонро ба роҳ монед. Ҳамин тавр хонандагон бори сеюм, чорум, панҷум ва шашум мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ҷадвали зеринро дар асоси маълумоти матн пур кунанд.

Намуна:

**Рӯбоҳ** ҳайвони маккори ҷангал аст. Рӯбоҳ дар Аврупо, Амрико, Осиё, Ҳиндустон ва Африкаи Шимолӣ зиндагӣ мекунад. Рӯбоҳ харгӯш, муш, парранда, мурғ, мурғобӣ ва моҳӣ шикор карда, онҳоро мехӯрад. Инчунин, ҳашарот ва меваи растаниҳои гуногунро истеъмол мекунад. Рӯбоҳ фиреб ва вонамуд карда метавонанд. Масалан, худро мурда вонамуд карда, ҳайвоноти дигарро шикор мекунад. Қади рӯбоҳ 35-50 сантиметр мешавад.

**Хорпушт** ҳайвони шабгард аст. Дар пушти он сӯзанчаҳо ҳаст. Асосан дар ҷангал зиндагӣ мекунад. Хорпушт қунғуз, кирми лойхӯрак, қурбоққа, калтакалос, мор, муш, паранда, инчунин, ҷалғуза ва меваҳоро мехӯрад. Хорпушт себро хеле дӯст медорад. Хорпушт дар зимистон хоб меравад. Хорпушт бо сихҳояш аз ҳайвоноти дигар худро муҳофизат мекунад.

Дарозии хорпушт 20-30 сантиметр мешавад.

| Ҳайвон | Дар кучо зиндагӣ мекунад? | Қад | Чӣ мехӯрад? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|---|---|
|  | | | | |
|  | | | | |
|  | | | | |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвали тартибдодаашонро бо ҳамнишинашон муҳокима намоянд. Аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки дар асоси маълумоти дар ҷадвал овардашуда доир ба ҳайвоне маълумот диҳанд (нақл кунанд).

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

**§ 78. Дарсҳои 65–66. Зиёрати олим – 2 соат.**

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат. **Мавод**: китоби дарсии «Забони модарӣ" барои синфи 2, саҳ. 135. Замима барои китоби дарсӣ. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯйи аломати китобат ва хониши буррои матн)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
– матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
– дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
– мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
– калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
– андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– дар асоси матни хондаашон ҷадвали маълумотдор тартиб дода тавонанд.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара/чорнафара ҷудо намоед. Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якҷоя кор карда, ҳарчи бештар калимаҳои ба мавзӯъ мувофиқро дар дафтар нависанд. Гурӯҳҳо бо навбат калимаҳоро мехонанд. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дониши заминавии хонандагонро оид ба мавзӯъ муайян кунед ва онҳоро барои аз худ кардани маводди таълим омода намоед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаънои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.
Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4

**Навиштан**. Оилаи мо. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мактубро хонанд ва ба монанди намунаи аввал дар асоси матн ҷадвали поёнро пур кунанд.

*Салом дӯсти азиз.*

*Номи ман Суҳроб аст. Ман мехоҳам дар бораи оилаамон ба шумо нақл кунам. Номи падари ман Парвиз аст. Ӯ 35-сола аст. Ӯ муаллим аст. Падарам моҳигирӣ ва боғпарвариро дӯст медорад. Номи модарам Таҳмина аст. Модарам муҳандис аст. Ӯ дар Неругоҳи барқи обии Норак кор мекунад. Модарам 30-сола аст. Ӯ хӯрокпазӣ ва гулдузиро дӯст медорад. Бибиям Раъно ном дорад. Имсол мо 63-солагии ӯро ҷашн гирифтем. Бибиам нфақахӯр аст. Ӯ ҷӯроббофиро хеле дӯст медорад ва ҳамеша ба ман ҷӯробҳои хеле зебо мебофад. Фарҳод бародари ман аст. Ӯ 15-сола аст. Ӯ хонанда аст. Ӯ футболбозиро хеле дӯст медорад. Бобоям Самандар 70-сола аст. Ӯ боғбон аст. Ӯ парвариши дарахтонро хеле дӯст медорад. Боғи анори бобоям дар тамоми мамлакат машҳур аст. Хоҳарам Сабина 6-сола аст. Ҳоло ӯ ба боғча меравад. Ӯ лухтакбозиро хеле дӯст медорад ва лухтакҳои зиёд дорад.*
*Дӯсти азиз, шумо ҳам ба ман дар бораи оилаатон нависед. Интизор мешавам.*

*Бо эҳтиром,*
*Суҳроб*

| Аъзои оила | Ном | Синну сол | Касбу кор | Шуғли дӯстдошта |
|---|---|---|---|---|
| Падар | *Парвиз* | *35- сола* | *Муаллим* | *Моҳигирӣ ва боғпарварӣ* |
| Модар | | | | |
| Бибӣ | | | | |
| Бобо | | | | |
| Бародар | | | | |
| Хоҳар | | | | |

Хонандагон мустақилона кор карда, ҷадвалро пур мекунанд. Ҷадвали хонандагонро санҷед ва ба онҳо тавсия диҳед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 79. Дарсҳои 67–68. Давлати инсон – 2 соат.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муайян кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ваислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла. **Мавод**: китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи 2. Саҳ. 137. Замима барои китоби дарсӣ. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;

– суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
– барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
– ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара машғул шуда, оид ба мавзӯъ ду калима гӯянд: як хусусияти мусбат ва як хусусияти манфӣ.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед. Намунаи ҷадвал:

| | А | Б | В | Г |
|---|---|---|---|---|
| **1** | | | | |
| **2** | | | | |
| **3** | | | | |
| **4** | | | | |
| **5** | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб дониста мешавад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.
Дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашида, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси матн онро пур кунанд.

| | |
|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

Дар асоси саволҳои ҷадвали боло мазмуни матнро муҳокима кунед.

**Навиштан**. Оилаи мо. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо фаҳмонед, ки аз шахсе дар бораи оилаашон мактуб гирифтед. Аммо дар он танҳо ҷадвал омадааст. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳо кор карда, дар асоси ҷадвал мактубро барқарор кунанд. Барои ин ба онҳо 15 дақиқа вақт диҳед. Кори гурӯҳҳоро мушоҳида кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.

| Аъзои оила | Ном | Синну сол | Касбу кор | Шуғли дӯстдошта |
|---|---|---|---|---|
| Падар | *Раҳим* | *42* | *Ронанда* | *футболбозӣ, китобхонӣ* |
| Модар | *Парвина* | *39* | *Духтур* | *гулпарварӣ* |
| Бибӣ 1 | *Собира* | *67* | *Нафақахӯр* | *нонпазӣ, қаннодӣ* |
| Бибӣ 2 | *Садафмоҳ* | *69* | *Нафақахӯр* | *рӯзномахонӣ, тоқидузӣ* |
| Бобо 1 | *Ҳалим* | *74* | *Нафақахӯр* | *шоҳмотбозӣ, китобхонӣ* |
| Бобо 2 | *Самандар* | *70* | *Нафақахӯр* | *тамошои филм, чойхӯрӣ* |
| Бародар | *Карим* | *16* | *Мактабхон* | *китобхонӣ, футболбозӣ, шиноварӣ* |
| Хоҳар | *Ҳанифа* | *10* | *Мактабхон* | *расмкашӣ, футболбозӣ* |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки мактуби барқароркардаашонро ба аҳли синф хонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 80. Дарсҳои 69–70.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муайян кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;

- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Пешакӣ амалҳое, ки аз ягон ҷиҳат ба мавзӯи дарс дахл доранд дар варақаҳои алоҳида нависед. Ба ҳар як хонандаи гурӯҳ бояд як амал рост ояд. Хонандагон варақҳоро интихоб мекунанд ва онро бе сухан гуфтан иҷро мекунанд. Аҳли гурӯҳ бояд ин амалро муайян кунанд. Ҳамин тавр, ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бо навбат кор мекунанд. Диққат! Барои иҷрои ин фаъолият ба гурӯҳ танҳо 5 дақиқа вақт дода мешавад.

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калима пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Масалан: *Маънои калимае, ки дар байни калимаҳои* ***ки*** *ва* ***бебаҳо*** *омадааст, чист?* Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр, ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

**Хондан**. Хониши дақиқавӣ. Пеш аз дарс: дар варақи алоҳида рӯйхати хонандагонро мувофиқи сатҳи малакаи хонданашон тартиб диҳед. Яъне хонандаи 1 хеле хуб мехонад ва хонандаи охирони рӯйхат хеле суст мехонад. Рӯйхатро ба ду қисми баробар тақсим карда, онро буред. Ҳар ду қисми рӯйхатро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафара ташкил намоед. Яъне хонандаи якуми қисми якуми рӯйхат бо хонандаи якуми қисми дуюми рӯйхат.

Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло дар як дақиқа чанд калима хонданро машқ мекунед. Барои ин хонандаи гурӯҳи А мехонад, хонандагони Б хондани ӯро мушоҳида мекунанд ва калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро муайян мекунанд. Шумо вақтро муайя карда, барои оғоз кардани хондан дастур диҳед. Гӯед “Сар кардем!” хонандаи гурӯҳи А ба хондан яку якбора шурӯъ мекунад, хонандагони Б назорат карда, калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро қайд мекунанд. Бо тамом шудани 60 сония “Ист!” гуфта, хонданро боздоред. Аз хонандагони Б хоҳиш кунед, ки миқдори калимаҳои хондаи хонандаи А-ро шуморад ва калимаҳои ғалатхондаро аз миқдори умумӣ кам кунанд. Масалан, агар хонанда 80 калима хонда, 9 ғалат карда бошад, он гоҳ 80–9=71. Яъне хонандаи А 71

калимаро дуруст хондааст. Ин амалро дубора иҷро намоед, акнун хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Бо як матн ду-се маротиба чунин машқ кунед.

Ба хонандагон гӯед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондан бозии «Курсии сеҳрнок»-ро гузаронед. Як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват карда, ба курсие шинонед ва хонандагони дигар аз ӯ дар бораи матн савол медиҳанд. Се чор хонандаро бо навбат ба «курсии сеҳрнок» шинонед, то онҳо ба саволҳо ҷавоб гӯянд.

**Навиштан**. Оилаи мо. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, ҷадвали поёнро пур кунанд. Ба хонандагон тарзи пур кардани ҷадвалро бо овардани намуна нишон диҳед.

| Аъзои оила | Ном | Синну сол | Касбу кор | Шуғли дӯстдошта |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 81. Дарсҳои 1–2. Одоби қабули меҳмон – 2 соат.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат. **Мавод**: китоби дарсии «Забони модарӣ” барои синфи 2, саҳ.141. Замима барои китоби дарсӣ. **Ҷиҳатҳои тарбиявӣ**: эҳтироми ҳамдигар, эҳтироми калонсолон. Риояи қоидаҳои гуфтану шунидан.

**Салоҳиятҳо:**

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
– аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
– дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
– мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
– оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои мураккабтар дода тавонад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Мувофиқи тартиби ҷадвали муаррифӣ аз хонандае хоҳиш кунед, ки доир ба мавзӯи интихобкардааш ба аҳли синф гузориш диҳад. Дигарон бодиққат гӯш мекунанд ва ба муаррификунанда савол медиҳанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расмро пешакӣ омода намоед. Расмҳо бояд мавзӯъро аз ягон ҷиҳат муаррифӣ кунанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед ё расмҳоро дар тахтаи синф овезед. Гурӯҳҳо расмҳоро шарҳ медиҳанд. Шумо метавонед барои водор намудани хонандагон пешакӣ чунин саволҳо омода кунед: Дар расм кӣ/чӣ тасвир шудааст? Онҳо дар куҷоянд? Чӣ кор мекунанд? ва амсоли он.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳморо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаънои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаънои он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Оилаи мо. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона дар асоси ҷадвали дар дарси пешина омодакардаашон мактуб нависанд. Номи худро нанависанд. Ба хонандагон 10 дақиқа вақт диҳед. Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед. Мактубҳои навиштаи хонандагонро ҷамъ оварда, омехта кунед ва ба хонандагон тақсим намоед. Хонандагон бояд мактуби гирифтаашонро хонанд ва муайян кунанд, ки онро кӣ навиштааст. Онҳо метавонанд ба ҳамдигар баъзе саволҳо диҳанд. Ба мисли: Номи падарӣ ту чӣ аст?

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 82. Дарсҳои 3–4.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расм омода намоед. Хуб мешавад, ки агар дар расмҳо ягон амал тасвир шуда бошад. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед. Расмҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ба онҳо як дақиқа вақт барои муҳокимаи расм ҷудо кунед. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки расмро ба гурӯҳи дигар супоранд. Ҳамин тавр, расмҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Вақтро назорат кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо хатчаҳо онҳоро бо ҳам пайваст намоед.

Намуна:



**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, матнро мустақилона хонанд. Пешакӣ бо усули ***«Як ба як», «Фикр кун, таҳқиқ намо» ва “Муаллиф ва шумо»*** шаш савол оид ба матн таҳия намоед. Саволҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро пӯшонед. Пас аз маротибаи якуми хониш саволи якумро кушоед. Хонандагон дунафарӣ ба савол ҷавоб меёбанд. Ҷавоби мувофиқро аз матн ёфта, дар варақча менависанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷавоби навиштаашонро дар болои миз гузоранд. Дар синф давр зада, санҷед, ки оё ҳамаи гурӯҳҳо дуруст ҷавоб додаанд ё не. Агар гурӯҳҳое, ки нодруст кор карда бошанд, бори дигар саволро хонед ва ба хонандагон имконият диҳед. Ё тарзи ба савол ҷавоб гардонданро бори дигар ба хонандагон ёд диҳед.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дуюм хонанд. Ба монанди саволи як ин маротиба низ ҷавобҳои хонандагонро ба роҳ монед. Ҳамин тавр, хонандагон бори сеюм, чорум, панҷум ва шашум мехонанд ва ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

**Навиштан**. Оилаи мо. Эҷод. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мактуби дар дарси пешина навиштаашонро бори дигар хонанд, ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Расми оилаашонро кашида (дар варақи албом), дар поёни он мактуби дирӯз таҳиякардаашонро бори дигар нависанд. Кори хонандагонро ба маърази тамошо гузоред. Аҳли синф ба назди мактуб ва расмҳо рафта, онҳоро мехонанд ва ҳаловат мебаранд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 83. Дарсҳои 5–6.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- барои аниқ сохтани маънои калимаҳои мушкилфаҳм стратегияи мувофиқро истифода барад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна: *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф панҷ савол нависед. Ҳамаи саволҳо бояд ҷавоби ҳа ё не-ро талаб кунанд. Хонандагон дар гурӯҳи дунафарӣ машғул шуда, ба як савол ҷавоб медиҳанд ва як савол мепурсанд. Агар хонанда ба саволаш ҷавоби не гирад, он гоҳ саволи навбатиро аз хонандаи дигар мепурсад. Агар ҷавоб ҳа бошад, онро месанҷанд ва ба саволи навбатӣ мегузаранд. Синфро назорат кунед, то мағали беҳуда нашавад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед. Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намуда, ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед. Гурӯҳе, ки аксари калимаҳоро дуруст ва мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Матнро як маротиба ба хонандагон хонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳ хонанд ва саволномаи дар замимабударо пур куннд. Агар замимаи китоби дарсӣ надошта бошед, ҷадвали мазкурро дар тахтаи синф кашед.

| | |
|---|---|
| Номи матн | |
| Симоҳои асосӣ | |
| Ҳодисаи асосӣ | |
| Макони ҳодиса | |
| Хулоса | |

Пеш аз оғози кор як намунаи ҷадвали дар асоси матнҳои пешин пуршударо ба хонандагон намоиш дода, тарзи пур кардани онро фаҳмонед. Ё якҷоя бо аҳли синф дар асоси матни шинос ҷадвалро пур кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон тарзи пур кардани ҷадвалро медонанд.

**Навиштан**. Симои зоҳирии инсон. Дар як тарафи тахтаи синф калимаҳои ифодакунандаи симои зоҳирии инсонро нависед (рӯй, мӯй, бинӣ, гӯш, абрӯ, мижа, лаб, даҳон, гардан, даст, чашм, пешонӣ, китф). Дар тарафи дигар сифатҳои гуногуни симои зоҳириро нависед (гирд, дароз, паҳн, сиёҳ, қаҳваранг, калон, ғафс, васеъ ва ғайра). Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи хонандагон маънои калимаҳоро сарфаҳм меравانд. Ба таври шифоҳӣ бо истифодаи калимаҳои дар тахтаи синф омада якчанд ибора гӯед. Масалан, *рӯйи гирд, мӯйи дароз ва ғайра*.

Як расми кӯдакро дар тахтаи синф овезед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, доир ба симои зоҳирии ӯ ибора нависанд. Масалан, *мӯйҳои кӯтоҳ, қади паст, китфони паҳн ва ғайра*.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 84. Дарсҳои 7–8.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
– матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
– дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намояд;
– мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл кунад;
– калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
– андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
– хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар вараҚи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.**

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс ду савол омода намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷойҳо хеста, аз ҳамдигар савол пурсанд. Агар ба савол ҷавоб ёфтанд, он гоҳ дунафарӣ барои ёфтани ҷавоб бо дигарон саволу ҷавоб мекунанд. Дар натиҷа гурӯҳи чорнафарӣ пайдо мешавад. Аз гурӯҳҳои хоҳиш кунед, ки ба назди шумо омада, ҷавобҳои саволҳоро гӯянд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонандагон ба ҷойҳои худ мешинанд ва дарсро идома медиҳед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаънои он)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми давраро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда. *Нигаред ба § 35. Дарсҳои 69–70***

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафарӣ) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан**. Симои зоҳирии инсон. Якчанд расми одамро дар тахтаи синф овезед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи як расм нависанд. Намунаи матнро ба онҳо хонед ва агар имконият бошад як намунаро ба таври шифоҳӣ тартиб диҳед. Намуна: *Ин расми писар аст. Қади ӯ баланд аст. Чашмонаш сиёҳ, мӯйҳояш кӯтоҳ аст. Рӯйи ӯ гирд аст.*

Ба гурӯҳҳо даҳ дақиқа вақ ҷудо кунед. Сипас гурӯҳҳо матни офаридаашонро мехонанд ва дигарон ба кадом расм тааллуқ доштани онро аниқ месозанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

**Арзёбии малакаҳои хонандагон дар рейтинги дуюм – 2 соат.**

**Барнома**. Дар доираи машғулияти мазкур малакаи хондану навиштани хонандагон санҷида шуда, маълумоти миёнамуҳлат ҷамъ оварда мешавад. Ин ба Шумо омӯзгорон имконият медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани малакаи хондани хонандагони синфҳои дуюмро санҷида ба қайд гиред.

**Тарзи гузарондани арзёбӣ**

Барои гузаронидани арзёбӣ дастур ва намунаҳои зеринро истифода бурда метавонед.

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи зерин:

Ҷадвали санҷиши малакаи хондан

| **Ному насаби хонанда** | **Дар як дақиқа чанд калимаи шиносро дуруст хонд** | | | | **Дар як дақиқа чанд калимаи матнро дуруст хонд** | | | | **Холи умумӣ аз дарки матни хонда** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

2) Санҷиши хондани калимаҳои шинос. Тавассути воситаи арзёбии зерин омӯзгорон ба Салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

– *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
– *Миқдори зиёдтари усулро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.* Дар як дақиқа 40-50 калимаро дуруст хонда метавонад;

Шумо метавонед якчанд калимаҳои шинос/маъмулро интихоб карда, дар варақае нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Вақтро назорат кунед, калимаҳои ғалатхондаи хонандаро хат кашед ва бо тамом шудани дақиқаи якум хонандаро аз хондан боздоред. Миқдори умумии калимаҳои хондаи хонандаро ҳисоб кунед, калимаҳои ғалатхондаро ихтисор кунед ва натиҷа бароварда, дар ҷадвал ба қайд гиред.

Намуна:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| шикор | муаллиф | иҷозат | зимистон | беихтиёр | хирс | луғат |
| шабонарӯз | сиҳатӣ | малика | тобистон | зиндагӣ | рӯзгор | қаҳратун |
| гунҷишкак | кирмак | дастархон | неъмат | форам | мунтазир | ҳикоя |
| шеър | ахбор | дастурамал | намак | пиёз | гӯшт | равған |
| грамм | тухм | меҳрубон | ҳодиса | ногоҳ | тӯб | қадим |
| табиат | зӯр | вохӯрдан | сахар | сонӣ | ғалла | тарбуз |
| ҷустуҷӯ | бемадорӣ | бародар | хӯрдан | хӯса | карам | бодиринг |

3) Суръати хониш. Тавассути воситаи арзёбии зерин омӯзгорон ба Салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

– *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
– *Миқдори зиёдтари усулро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.*

Яке аз воситаҳои хубе, ки шумо айни замон истифода мебаред, ин дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан, ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти

муқарраршуда матнро мехонад. Сипас мо миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Натиҷаро дар ҷадвали боло менависем.

Намунаи матн:

*Кабӯтари хонагӣ*

*Зимистон ҳукм меронд. Атрофу акнофро барф пӯшонда буд. Ҳаво то рафт сард мегардид. Ҳамин ки андак торикӣ мефуромад, рафтуойи одамон кам мешуд. Шомҳангом, ба гумонам, касе тирезаи моро тиқ-тиқ кард. Мо дар ошёнаи дуюм истиқомат доштем. Падарам наздик омада дид, ки дар паси тиреза як кабӯтари калони фаххак нишастааст. Вай аз наздик омадани падарам натарсид, балки боз бо нӯлаш тиқ-тиқ кард. Падарам даричаи тирезаро боз кард ва кабӯтар ҳамоно ба дарича парида нишаст.*

4) Санҷиши дарки маънӣ. Дар ин қисми арзёбӣ малакаи хониши бошууронаи хонандагон санҷида мешавад. Салоҳияти зеринро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳед:

– *Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон, ки миқдори ками калимаҳои ношинос доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.*

Яке аз воситаҳо дар асоси мазмуни матн ба саволҳои дараҷаи гуногун ҷавоб додан аст. Дарҳол пас аз хондани матне, ки барои санҷиши суръати хониш истифода шудааст, ба хонанда якчанд савол дода мешавад ва ба ҷавобҳои ӯ хол гузошта мешавад.

| **Саволҳо:** | дуруст | нодуруст |
|---|---|---|
| 1. Чӣ тирезаро тиқ-тиқ зад? | 1 | 0 |
| 2. Чаро кабӯтар аз наздик шудани падар натарсид? | 1 | 0 |
| 3. Чаро падар кабӯтарро ба хона сар дод? | 1 | 0 |
| 4. Агар падар кабӯтарро ба хона роҳ намедод, аҳволи ӯ чӣ мешуд? | 1 | 0 |
| 5. Ба фикри шумо писар кори кардаи падарро фаҳмид? | 1 | 0 |
| Ҷамъ | | |

**Навиштан**

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи зерин:

Ҷадвали санҷиши малакаҳои навиштан

| **Ному насаби хонанда** | **Ҳусни хат ва қоидаҳои хат** | | | | **Имло/Наҳв** | | | | **Матнофарӣ/мазмун** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

3) Ҳусни хат ва қоидаҳо. Мақсади воситаи мазкур муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои хат (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд, сархат гузоштан) аст. Барои ин матни хурде ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Хонандагон матнро дар дафтар мекӯчонанд. Омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мегирад.

4) Намунаи матн:

*Падараш ҳар ду фарзандашро бо меҳрубонӣ ба оғӯш гирифта, насиҳат кард. "Аз шумо хоҳиш дорам, ки ҳар рӯз ба оина нигоҳ кунед. Писарам, ту кӯшиш кун, ки бо кирдори хубу нек зебоии чеҳраатро зеботар гардонӣ. Ту, духтарам, кӯшиш кун, ки безебии чеҳраатро бо кору амали хуб зеботар ва мақбули дигарон гардонӣ. " Аз "Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким"*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, тахти кунҷи 65°) аст. | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳарфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ:** | | | |
| | | | |

2) **Санҷиши имло**. Рӯйхати калимаҳои шиносро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфӣ ***ӯ, ӣ, ъ*** ё ҳамсадоҳои такрор асосан ба ғалат роҳ диҳанд. Калимаҳоро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред. Холи гирифтаи хонандаро бо холи қисми санҷиши наҳв ҷамъ карда, ба ҷадвал нависед.

Намуна:

Дур, буд, мӯр, тӯр, машҳур, занбӯр, пурхӯр, зӯр, анбӯр, ҷӯра, мағрур, танбӯр, масрур, шӯр, мавзӯъ, баъд, минбаъд, сонӣ ва амсоли он.

Меъёрҳо:

Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол

Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол

Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3 хол

3) **Санҷиши наҳв/синтаксис**. Барои санҷиш метавонед ба хонандагон якчанд калимаи шинос пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки як ё ду ҷумла нависанд. Намуна: *зимистон, афсона, буд-набуд, харгӯш*

Ҷумлаи навиштаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои поён санҷида, ба онҳо хол гузоред.

| Меъёрҳо | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷамъ: | | | |

4) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонанда якчанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз ӯ хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида мешавад ва натиҷаи холҳо ба ҷадвал дарҷ мегардад. Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

| **Меъёрҳо** | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |

## § 85. Дарсҳои 9–10.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои **я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю,** ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад;
- симои зоҳирии инсонро ба таври хаттӣ тасвир карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шаванд. Бо ҳам суҳбат карда, аз якдигар пурсанд, ки онҳо рӯзи (ҳафтаи) гузашта чӣ кор карданд. Инчунин рӯзҳои истироҳатии навбатӣ (шанбе ва якшанбе) чӣ кор карданианд гӯянд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки оид ба яке аз ҳамсинфонашон нақл кунад. Масалан, *Рустам рӯзи шанбе ба хонаи бобояш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо ҷӯраҳояш футбол бозӣ*

*кардааст. Ин ҳафта ба театр рафтанӣ аст.* Шумо метавонед ин намунаро ба хонандагон хонед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои ***«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо»*** ***ва «Муаллиф ва шумо”***-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як варақ гирифта, саволи таҳиякардаашонро дар он нависанд. Саволҳоро ҷамъ оварда, дар қуттие омехта кунед. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

**Навиштан**. Симои зоҳирии инсон. Либосворӣ ва рангҳо. Калимаҳои ифодакунандаи либосворӣ, ранг ва андозаро ба таври омехта нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, калимаҳоро дар сутунҳои мувофиқи ҷадвали зерин нависанд. Синфро назорат кунед ва ба хонандагон ёрӣ расонед. Калимаҳо: *курта, сиёҳ, дароз, савед, шим, костюм, қаҳваранг, хокистарранг, кабуд, сабз, кӯтоҳ, сурх, сафед, зард, рӯймол, камзул, кӯлоҳ, ҷӯроб ва ғайра*.

| Либосворӣ | Ранг | Андоза |
|---|---|---|
| | | |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки 10 ибора нависанд. Намуна: *куртаи сафед, шими дароз* ва ғайра.

Бозии тӯбча. Як калима гуфта, тӯбчаро ба тарафи хонандае ҳаво диҳед. Хонанда ба калима сифате илова карда, ибора мегӯяд, калимаи дигар гуфта, тӯбчаро ба тарафи хонандаи дигар пепартояд. Бозиро 8-10 маротиба такрор намоед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешиҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 86. Дарсҳои 11–12.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми

гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.
**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- барои аниқ сохтани маънои калимаҳои мушкилфаҳм стратегияи мувофиқро истифода барад;
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- дараҷаи фаҳмидани матнро мушоҳида ва арзёбӣ кунад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
- барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра);
- симои зоҳирии инсонро ба таври хаттӣ тасвир карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Як луғати асосии мавзӯи имрӯзаи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар муддати як дақиқа ҳар чӣ бештар калимаҳои ба луғат ҳаммаъно ё алоқамандро нависанд. Барои мураккаб кардани ин машқ, аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки ибораҳои мувофиқро нависанд. Калимаҳои навиштаи хонандагонро ҳисоб кунед ва ғолиб(он)ро аниқ созед.

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста, ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед.

**Хондан**. Матнро як маротиба ба хонандагон хонед. Якҷоя бо хонандагон сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои таҳлили сохтори матн: *Номи матн чист? Он аз чанд сархат иборат аст? Чанд ҷумла дорад? Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд? Ин кадом навъи матн аст (афсона, ҳикоя ва ғайра)? Чӣ тавр фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд?*
Дар асоси матн якчанд ақида таҳия намоед. Ақидаҳо бояд дуруст ё нодуруст бошанд.
Хонандагон матнро бори дигар мехонанд ва ақидаҳоро тасдиқ ё инкор мекунанд.
Мазмуни матнро таҳлилу муҳокима кунед.

**Навиштан**. Симои зоҳирии инсон. Либосворӣ ва рангҳо. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки либосҳояшонро номбар кунанд. Намунаро ба хонандагон пешниҳод кунед ва тарзи нақл карданро ба онҳо омӯзед. Намуна: *Имрӯз ман куртаи сафед ва шими сиёҳ пӯшидаам. Ман костюми кабуд дорам*. Намунаро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон 10 дақиқа вақт ҷудо карда, хоҳиш намоед, ки дар бораи худ нависанд. Синфро назорат кунед ва ба хонандагон ёрӣ расонед. Хонандагон матни навиштаашонро ба ҳамигар мехонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 87. Дарсҳои 13–14.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи

хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар асоси мавзӯи дарс як ақидаи асосии мубоҳисавиро таҳия намоед. Онро дар тахтаи синф нависед. Дар охири ақида илова кунед “Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед?” Хонандагон дунафарӣ машғул шуда, ақидаро муҳокима мекунанд. Гурӯҳ ба аҳли синф розӣ будан ё набудани худро иброз медорад ва онро шарҳ медиҳад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии “Майдони муъҷизот” гузаронед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Ҳамин тавр, бо калимаҳои дигар бозӣ кунед. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб дониста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. Викторина бо саволҳои навъи ***Як ба як*** , ***фикр кун, таҳқиқ намо ва муаллиф ва шумо*** дар асоси матн 12 савол (4 саволи Як ба як , 4 саволи фикр кун, таҳқиқ намо ва 4 саволи навъи муаллиф ва шумо) омода карда, онро дар варақи алоҳида нависед. Сипас дар тахтаи синф ба монанди ҷадвали поён ҷадвал кашед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ***“Як ба як”*** | 5 | 10 | 15 | 20 |
| ***“Фикр кун, таҳқиқ намо”*** | 5 | 10 | 15 | 20 |
| ***“Муаллиф ва шумо”*** | 5 | 10 | 15 | 20 |

Дар сутуни якум категорияи савол ва дар сутунҳои дигар холҳо барои ҷавоби дуруст ба ин саволҳо.

Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо викторина ташкил мекунед ва хонандагон бояд ба савол ҷавоб гардонанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои панҷнафарӣ ҷудо намоед. Барои муайян кардани гурӯҳе, ки аввалин шуда саволро интихоб мекунад, як чистон гӯяд. Гурӯҳе, ки чистонро тезтар меёбад аввалин шуда савол интихоб мекунад. Гурӯҳ мегӯяд: “Муаллиф ва шумо” – *10 хол*. Саволе, ки барои ин категория ва ин хол омода кардаед, ба аҳли синф хонед. Ба гурӯҳҳо як дақиқа вақт диҳед. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад ва ҷавоби дуруст медиҳад, соҳиби 10 хол мешавад. Холҳои гурӯҳҳоро дар як тарафи тахтаи синф ба қайд гиред. Гурӯҳ категория ва саволи дигарро интихоб мекунад. Гурӯҳе, ки ҷавоби дуруст додааст, саволи навбатиро интихоб мекунад. Дар бозӣ гурӯҳе ғолиб дониста мешавад, ки холи зиёдтар гирифтааст. Бозиро то саволи охирон идома диҳед.

**Навиштан**. Симои зоҳирии инсон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, оид ба симои зоҳирии худ ҷадвали зеринро дар варақаҳои алоҳида пур кунанд. Як намунаи пуркардашудаи ҷадвалро ба хонандагон нишон дода, тарзи пур кардани онро фаҳмонед. (Хонандагон номашонро наменависанд)

| | |
|---|---|
| Қад | |
| Чашм | |
| рӯй | |
| мӯй | |
| гӯш | |
| даст | |
| бинӣ | |
| шим/пешдоман | |
| курта | |
| костюм | |
| ном | |

Ҷадвалҳоро ҷамъ оварда, омехта кунед ва ба хонандагон тақсим намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна дар асоси ҷадвал ҷумла нависанд Намуна: *Қадаш баланд. Чашмонаш сиёҳ. Рӯяш гирд* ва ғайра. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, матни таҳиякардаашро хонад. Аҳли синф меёбанд, ки он дар бораи кист.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 88. Дарсҳои 15–16.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у, ғ, и,й,ъ, ҳарфҳои такрор. **Сохтори забон**: Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилро аниқ намуда, тавассути воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тав, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.
**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар доираи мавзӯи дарс бо истифодаи калимаи "агар" як савол таҳия намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф гашта, дар муддати 3 дақиқа ҳарчӣ бештар аз ҳамсинфонашон саволро пурсида, ҷавоби онҳоро шунаванд ва дар хотир гиранд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷавоби хонандагони дигарро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаънoро нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро ҳамин тавр таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф ё дар варақ нависед. Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри "матн" меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ба хондани матн шурӯъ кунед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед.
Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

Таҳлили матн. Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон истифода бурда шудааст (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба саволҳои машқи дар замима омада ҷавоб гардонанд. Ба хонандагон барои иҷрои тест вақти кофӣ диҳед. Ҷавоби тестҳоро бо аҳли синф муҳокима ва таҳлил кунед.

**Навиштан**. Симои зоҳирии инсон. Ёбед ман кистам! Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки расми худро кашанд ва дар бораи худ нависанд. Нигаред ба намуна.



*Номи ман Сафар аст. Чашмони ман сиёҳ. Мӯйҳоям зард. Куртаи кабуд дорам. Шими қаҳваранг дорам. Бозии теннисро дӯст медорам.*

Ҳангоми кор назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед. Пас аз тамом кардани расму матн, кори онҳоро ҷамъ оварда, дар тахтаи синф ва деворҳо овезед. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки корҳоро хонанд ва номи шахсро ёбанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 89. Дарсҳои 17–18.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. **Сохтори забон**: Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.
**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Якчанд калимаҳоро доир ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар гурӯҳҳои чорнафара муҳокима кунанд ва мавзӯи дарсро аниқ созанд. Гурӯҳҳо мавзӯи дарсро дар вараки алоҳида навишта, ба шумо месупоранд. Ҷавоби гурӯҳҳоро хонда, аниқ созед, ки кадом гурӯҳ мавзӯъро дуруст муайян намудааст.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Аз калимаҳои мазкур истифода бурда, ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро дар як кунҷи тахтаи синф нависед. Ҷумлаҳои тартибдодаатонро дар тахтаи синф ё вараки калон нависед. Аммо ҷойи калимаи мушкилфаҳмро холӣ гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз байни

калимаҳо калимаи мувофиқро интихоб карда, ба ҷойи холӣ гузоранд. Ҳамин тавр, ҳамаи ҷумлаҳоро пур кунед. Маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон шарҳ диҳед.

**Навиштан**. Симои зоҳирии инсон. Мактуб ба дӯст. Ба хонандагон вазъиятро чунин фаҳмонед: Тасаввур кунед, ки шумо барои дидани дӯстатон ба шаҳри дигар меравед. Шумо якдгарро ягон маротиба надидаед. Ба ӯ пешкӣ мактуб навишта, симои зоҳирии худро тасвир кунед. Хонандагон дар бораи худ мустақилона мактуб менаисанд. Ба онҳо барои иҷрои вазифаи мазкур вақти кофӣ диҳед. Ин кори санҷишӣ аст. Мактубҳои хонандагонро санҷед ва дарси дигар ба онҳо барои беҳтар шудани корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 90. Дарсҳои 19–20.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши заминавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Як ашёи атрофро интихоб кунед ва дар бораи он ба хонандагон нақл кунед (шарҳ диҳед). Ба хонандагон як дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки як ашёи атрофро интихоб кунанд ва онро ба аҳли синф шарҳ диҳанд. Якчанд хонандаро пурсед.

**Кор бо луғат. Бозии “Бинго!”** Барои тартиби иҷрои бозӣ нигаред ба ***§ 17. Дарсҳои 33–34.***

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф нависед (ё дар варақҳои калон). Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри “матн” меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ба хондани матн шурӯъ кунед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед.
Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

Таҳлили матн. Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон истифода бурда шудааст (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

**Навиштан**. Реҷаи рӯз. Дар тахтаи синф ё варақи алоҳида амалҳои зеринро нависед. Ҳар як амалро бо хонандагон таҳлил кунед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ин амалҳоро мувофиқи тартиби иҷроашон гӯянд. Намунаҳо: *аз хоб хестан, ҷойгаҳро ҷамъ кардан, дасту рӯй шустан, дандонҳоро шустан, хӯроки наҳорӣ хӯрдан, либоси мактабӣ пӯшидан, ба мактаб рафтан, дарс хондан, ба хона баргаштан, хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан, истироҳат кардан, бо рафиқон бозӣ кардан, дарс тайёр кардан, китоб хондан, телевизор тамошо кардан, хӯроки шом хӯрдан, хоб рафтан.* Як намунаи реҷаи рӯз, ки омехта пешниҳод шудааст, ба хонандагон нишон диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки : Чӣ дар ин реҷа нодуруст аст? Онро хонда, амалҳоро ба тартиб гузоранд.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, реҷаи як рӯзро тартиб диҳанд.

**Намуна:**

| *Вақт* | *Амал* |
|---|---|
| *07:00* | *аз хоб хестан* |
| | *ҷойгаҳро ҷамъ кардан* |
| | *дасту рӯй шустан* |
| | *дандонҳоро шустан* |
| | *хӯроки наҳорӣ хӯрдан* |
| | *либоси мактабӣ пушидан* |
| | *ба мактаб рафтан* |
| | *дарс хондан* |
| | *ба хона баргаштан* |
| | *хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан* |
| | *истироҳат кардан* |
| | *бо рафиқон бозӣ кардан* |
| | *дарс тайёр кардан* |
| | *китоб хондан* |
| | *телевизор тамошо кардан* |
| | *хӯроки шом хӯрдан* |
| *21:00* | *хоб рафтан* |

Ба назди хонандагон рафта, кори онҳоро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 91. Дарсҳои 21–22.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширатро) риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст.* Ё ин ки: *Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф як ҷумлаеро аз матни дарси имрӯза нависед. Дар се варақ се ҳиссиётро нависед: хурсандӣ, ғамгинӣ, ҳаяҷон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ҷумлаи навиштаи шуморо бо ҳиссиёти гуногун ба ҳамдигар хонанд. Шумо метавонед бо навбат варақаи навбатиро боло бардоред ва хонандагон ҳиссиёташонро иваз карда, ҷумларо ба ҳамдигар мехонанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафара ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва аҳли синф онро бояд ёбад. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунед. Пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худашро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1- ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Намуна: Мавзӯъ:**

**Калимаи махфӣ:**

**Пешҷавоби 1:**

**Пешҷавоби 2:.**

**Пешҷавоби 3:**

**Пешҷавоби 4:**

**Пешҷавоби 5:**

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4.

**Навиштан**. Реҷаи рӯз. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки реҷаи рӯзи дарси пешин таҳиякардаашонро баroранд. Онро бори дигар хонанд. Сипас тарзи дар асоси реҷаи рӯз навиштани матнро ба хонандагон омӯзед. Нигаред ба намуна.

| *Вақт* | *Амал* |
|---|---|
| *07:00* | *аз хоб хестан* |
| | *ҷойгаҳро ҷамъ кардан* |

*Ман соати 07:00 аз хоб мехезам. Соати 07:10 ҷойгаҳамро ҷамъ мекунам.*

Хонандагон дар асоси реҷаи рӯз матн менависанд. Кори хонандагонро назорат баред ва ба онҳо ёрӣ расонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни навиштаашонро ба ҳамдигар иваз карда, онро санҷанд, ғалатҳоро муайян кунанд ва ба соҳиби матн баргардонанд. Соҳиби матн ғалатҳоро ислоҳ мекунад.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 92. Дарсҳои 23–24.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ, ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки 3 чизи оид ба мавзӯъ медонистаашонро нависанд. Сипас 2 чизе, ки оид ба мавзӯъ донистан мехоҳанд ва як савол оид ба мавзӯъ нависанд.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

**Хондан.** Таҳлили матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як маротиба мустақилона хонанд. Пас аз хондан хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф нависед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро муҳокима карда, қисмҳои тахайюлӣ (бофта)-и матнро дар сутуни “Бовар намекунам!” ва қисми ҳақиқии матнро дар сутуни “Бовар мекунам!” нависанд. Гурӯҳҳо метавонанд дар ду варақи калон (ё варақи албом) корашонро нависанд.

| Бовар намекунам! | Бовар мекунам! |
|---|---|
| | |

Як намунаро бо хонандагон якҷоя иҷро кунед. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва ба хонандагон гӯед, ки «Оё чунин ҳолат дар ҳаёт шуданаш мумкин аст ё не?", "Шумо ба ин бовар мекунед ё не?" Рақами тартибии ҷумларо дар яке аз сутунҳо мувофиқи ҷавоби хонандагон нависед. Агар хонандагон тарзи иҷрои вазифаро надонанд, он гоҳ бори дигар бо ҷумлаи дуюм амалро якҷоя машқ кунед.
Хонандагон матнро таҳлил ва қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии онро муайян мекунанд.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи *"Як ба як" ( саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи ***"Фикр кун, таҳқиқ намо"*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи ***"Муаллиф ва шумо"*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Муҳокима ташкил намоед. Ҳар як саволро хонед, аз хонандагон пурсед, ки ҷавобро аз матн ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо барои муайян кардани ҷавоб ёрӣ расонд? Онҳо чӣ кор карданд?

**Навиштан**. Реҷаи рӯз. Мусоҳиба. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, доир ба реҷаи рӯзи якдигар пурсанд ва ҷавобҳоро ба қайд гиранд.

| *№* | *Саволҳо* | *Ҷавобҳо* |
|---|---|---|
| *1* | *Соати чанд аз хоб мехезӣ?* | |
| *2* | *Соати чанд ҷойгаҳро ҷамъ мекунӣ?* | |
| *3* | *Соати чанд дасту рӯй мешӯйӣ?* | |
| *4* | *Кай дандонҳоятро мешӯйӣ?* | |
| *5* | *Соати чанд хӯроки наҳорӣ мехӯрӣ?* | |
| *6* | *Соати чанд либоси мактабиатро мепӯшӣ?* | |
| *7* | *Соати чанд ба мактаб меравӣ?* | |
| *8* | *Аз соати чанд то соати чанд дарс мехонӣ?* | |
| *9* | *Соати чанд ба хона бармегардӣ?* | |
| *10* | *Соати чанд хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрӣ?* | |
| *11* | *Аз соати чанд то соати чанд истироҳат мекунӣ?* | |
| *12* | *Аз соати чанд то соати чанд бо рафиқон бозӣ мекунӣ?* | |
| *13* | *Соати чанд дарс тайёр мекунӣ?* | |
| *14* | *Соати чанд китоб мехонӣ?* | |
| *15* | *Соати чанд телевизор тамошо мекунӣ?* | |
| *16* | *Соати чанд хӯроки шом мехӯрӣ?* | |
| *17* | *Соати чанд хоб меравӣ?* | |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 93. Дарсҳои 25–26.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад;
- реҷаи рӯзро дар шакли ҷадвал тартиб дода тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Ақидаи рӯз. Як ақида, савол ё масъалаи ба мавзӯъ мувофиқро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи он як дақиқа фикр кунанд ва чизеро, ки доир ба ақида (масъала, савол) медонанд ба хотир оранд. Ба онҳо фаҳмонед, ки дар охири дарс ба ин масъала бармегардед. Дар охири дарс диққати хонандагонро боз ба масъала ҷалб карда, фикри онҳоро шунавед.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омода кардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳ мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаву шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳе, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Навиштан**. Реҷаи рӯзи рафиқам. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки варақаи мусоҳиба (саволнома)-и дарси пешинаро кушоянд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар асоси маълумот дар бораи реҷаи рӯзи дӯсташон нависанд. Намунаро бо хонандагон машқ кунед. Намуна:

| *№* | *Саволҳо* | *Ҷавобҳо* |
|---|---|---|
| *1* | *Соати чанд аз хоб мехезӣ?* | *Соати 06:00* |

Намунаи матн: *Рустам соати 06:00 аз хоб мехезад.*
Синфро назорат кунед ва ба хонандагон барои навиштани матн ёрӣ расонед. Пас аз навиштан, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар хонанд ва дуруст будани маълумотро санҷанд. Аз як ё якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки дар бораи реҷаи рӯзи дӯсташ ба аҳли синф нақл кунад.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 94. Дарсҳои 27–28.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад;
- қисми оғози афсонаро навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ин мавзӯъ ду савол нависанд. Саволҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд. Ба ин саволҳо дар охири дарс баргардед. Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо ба саволҳои гузоштаашон ҷавоб ёфтанд. Агар не, якҷоя саволҳои онҳоро муҳокима кунед.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:
**Намуна:**

| | |
|---|---|
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5–6.***

**Навиштан**. Афсона. Намунаи қисми аввали якчанд афсонаро ба хонандагон нишон диҳед. Онро таҳлил кунед, яъне дар ин қисми афсона чӣ гуфта мешавад.
Намунаҳо:

*Будааст-набудааст, як Ҷуворияк будааст. Вай дар даруни як халтача ҳамроҳи як гала ҷуvoriякони дигар баҳорро мунтазир шуда менишастааст...*

*Буд- набуд, се гурбача буд. Се гурбачаи хушрӯй, се хоҳараки ҳушёр буд...*

*Буд-набуд,дар як қишлоқ як духтарчаи хурдакаки нағзакаке буд, ки мисли вай дар олам набуд. Модараш вайро бо ҷону дил дӯст медошт, модаркалонаш бошад, аз вай ҳам зиёдтар.*

Намунаҳоро метавонед дар тахтаи синф ё варақи калон нависед, то ин ки ҳамаи хонандагон бубинанд. Онҳоро хонед ва калима ва ибораҳои монандро якҷоя бо хонандагон муайян кунед. Диққати хонандагонро ба вергули баъди "*Буд-набуд*" ҷалб намоед.

Сипас ба хонандагон савол диҳед ва ба ҷумлае, ки ба савол ҷавоб медиҳад, ишора кунед:

*Буд-набуд, кӣ буд? Вай чӣ хел буд? Вай дар куҷо буд?*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомаширо ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 95. Дарсҳои 29–30.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, микдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- маънии калимаҳои мушкилфаҳми матнро бо воситаҳои гуногун муайян карда тавонад;
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад;
- қисми аввали афсонаро навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Калимаи асосии мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо ҳарфҳои он калима нависанд. Калимаҳо бояд ба мавзӯъ алоқаманд бошад.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Ҳоло мо якҷоя маънои калимаро меёбем. Аввал ҷумлаеро, ки дар он ин калима омадааст. мехонем. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Боз ҷумлаи баъдинаро мехонем. Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Қанд занед. Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*

- Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда, маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашида, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси матн онро пур кунанд.

| | |
|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

Дар асоси саволҳои ҷадвали боло мазмуни матнро муҳокима кунед.

**Навиштан**. Афсона. Идомаи дарси пешин. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки фикр карда, як қаҳрамонро (аз худашон) ихтироъ кунанд ва як ҷумла нависанд. Масалан: *Буд-набуд, як Кафшак буд.*

- Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳоро бо овози баланд хонанд.
- Акнун ҷумлаи дуюмро нависед. Дар ҷумлаи дуюм бояд дар куҷо зиндагӣ кардан ё будани онро тасвир карда шаванд. Масалан, *Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд.*
- Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳар ду ҷумларо бо овози баланд хонанд.
- Акнун ҷумлаи сеюмро нависед. Дар ҷумлаи сеюм бояд чӣ гуна будани қаҳрамон тасвир карда шавад. Масалан, *Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ғамгин буд.*
- Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳар се ҷумларо бо овози баланд хонанд.
- Акнун ҷумлаи чорумро нависед. Дар ҷумлаи чорум бояд барои чӣ дар чунин ҳолат будани қаҳрамон тасвир карда шавад. Масалан, *Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ғамгин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.*
- Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳар чор ҷумларо бо овози баланд хонанд.

– Ба хонандагон гӯед, ки бори дигар ҷумлаҳои навиштаашонро хонанд ва тозанавис кунанд. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Онҳо якҷоя бо аҳли оила расми қаҳрамони афсонаашонро мекашанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 96. Дарсҳои 31–32.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро (калимаи асосӣ, ақидаи асосӣ) дар даврае нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки вобаста ба ин мавзӯъ он калимаҳоеро, ки медонанд, дар атрофи давра нависанд. Намуна:




**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаъноиi онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.

Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳи намоед, ки якҷоя матнро хонанд ва таҳлил кунанд. Дар варақ ҷадвали "Бовар намекунам!" ва "Бовар мекунам!" кашанд ва онро дар асоси матн пур кунанд. Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Матнро якҷоя муҳокима ва таҳлил намоед. Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи *"Як ба як"_ ( саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи ***"Фикр кун, таҳқиқ намо"*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи ***"Муаллиф ва шумо"*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёфта, онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан**. Афсона. Идомаи дарсҳои пешин. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки аввали афсонаи дарси пешин навиштаашонро хонанд. Сипас ба онҳо гӯед, ки имрӯз якҷоя давоми афсонаро менависед. Дар тахтаи синф калимаҳои *як рӯз, рӯзе, ногаҳон, аввал, баъд, сипас*-ро нависед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки тавассути ин калимаҳо онҳо метавонанд ҳодисаро нақл кунанд. Барои навиштани афсона ин калимаҳо хеле зиёд истифода мешаванд. Онҳо замон ва тартиби ба вуқуъ омадани ҳодисаро мефаҳмонанд.

- Биёед, давоми афсонаро менависем. Акнун мо бояд гӯем, ки як рӯз бо қаҳрамони афсона чӣ ҳодиса рух дод. Акнун мо аз сархати нав матнро идома медиҳем. Зеро акнун фикри нав оғоз мешавад. Масалан,

*Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ғамгин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.*

*Рӯзе Кафшак барои ҷустани ҷуфташ аз ҷевон берун баромад.*

- Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед.
- Хонандагон оғози ҳодисаро менависанд. Аз калимаи "*ногаҳон*" истифода мебаранд.

Хонандагон ба саволи ногаҳон чӣ ҳодиса рух дод ё бо кӣ вохурд ҷавоб мегӯянд. Масалан,

*Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ғамгин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.*

*Рӯзе Кафшак барои ҷустани ҷуфташ аз ҷевон берун баромад. Ногаҳон аз пешаш гурбачае баромад.*

– Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед.
– Баъд ба хонандагон фаҳмонед, ки акнун мо ҳодисаро шарҳ медиҳем. Яъне чӣ шуд? Чӣ гуфтанд? Мисол:

*Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ғамгин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.*

*Рӯзе Кафшак барои ҷустани ҷуфташ аз ҷевон берун баромад. Ногаҳон аз пешаш гурбачае баромад.*

– *Ту ба куҷо рафта истодаӣ? – пурсид Гурбача.*
– *Ман ба ҷустуҷӯйи ҷуфтам рафта истодаам,– ҷавоб дод Кафшак.*
– Ин ҷумларо навишта, ба хонандагон тарзи навиштани муколамаро фаҳмонед. Яъне истифодаи тире ва феълҳои *пурсид* ва *ҷавоб дод*.

Акнун хонандагон қисми муколамаи афсонаашонро менависанд. Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешиҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 97. Дарсҳои 33–34.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
– таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;

– фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
– хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Доир ба мавзӯи дарс панҷ (шаш) савол тартиб диҳед. Ҳар як саволро дар варақи алоҳида нависед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар як гурӯҳ варақи саволдорро супоред. Ба онҳо ду дақиқа вақт диҳед, то ба савол ҷавоб нависанд. Варақҳои саволдорро байни гурӯҳҳо иваз намоед. Гурӯҳҳо савол ва ҷавоби гурӯҳи дигарро мехонанд ва ҷавоби худро илова мекунанд. Ҳамин тавр варақҳо байни гурӯҳҳо иваз мешаванд. Ҷавобҳои гурӯҳҳоро хонед ва хонандагонро ба дарси нав омода намоед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед.

Намунаи ҷадвал:

| | А | Б | В | Г |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |
| 4 | | | | |
| 5 | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб дониста мешавад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан.** Таркиби матн. Нақшаи зеринро дар варақи калон ё тахтаи синф кашед (Хонандагон дар замима ин нақшаро доранд).

НАҚШАИ МАТН

Номи матн: ______________________________________________

Муаллиф: ________________________________________________

| Симоҳо: | Макон: |
|---|---|
| | |

| Оғоз: | Байн: | Анҷом: |
|---|---|---|
| | | |

Матнро хонед ва якҷоя бо хонандагон нақшаро дар тахтаи синф пур кунед. Яъне номи матнро нависед, муаллифи он (агар бошад), симоҳои матн, макони ҳодисаҳо, аввал дар ҳикоя чӣ шуд, баъд чӣ шуд ва ҳикоя бо чӣ анҷом ёфт. Пас аз пур кардани нақша ҳар як амали иҷрокардаатонро муҳокима кунед. *Барои пур кардани нақша чӣ кор кардед? Аз матн чиҳоро муайян кардед?*

Хонандагон ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонда, нақшаи онро тартиб диҳанд. Гурӯҳҳо метавонанд матнҳои гуногунро интихоб намоянд. Синфро назорат карда, ба гурӯҳҳо ёрӣ расонед.

**Навиштан**. Афсона. Идомаи дарсҳои пешин. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки аввали афсонаи дар дарсҳои пешин навиштаашонро ба аҳли синф хонанд.

Кулминатсия ва ҷамъбаст. Ҷӯстани роҳи ҳалли масъала. Дар ин қисми афсона роҳи ҳалли масъалаи пайдошуда ёфта мешавад. Инро қаҳрамони афсона дар алоҳидагӣ ё бо қаҳрамони дуюм, сеюм ё чорум иҷро карда метавонанд. Инро ба хонандагон дар мисоли поён фаҳмонед.

*Буд-набуд, як Кафшак буд. Вай дар кунҷи ҷевон буд. Вай суп-сурх ва ғамгин буд. Зеро Кафшаки дуюм гум шуда буд.*

*Рӯзе Кафшак барои ҷустани ҷуфташ аз ҷевон берун баромад. Ногаҳон аз пешаш гурбачае баромад.*

– *Ту ба куҷо рафта истодаӣ? – пурсид Гурбача.*
– *Ман ба ҷустуҷӯйи ҷуфтам рафта истодаам, – ҷавоб дод Кафшак.*
– *Ман ба ту монанд як Кафшакро дидам, – гуфт Гурбача.*
– *Ӯро дар куҷо дидӣ? – пурсид Кафшак.*
– *Ман ӯро дар хоначаи Алопар дидам, вай саги ганда аст, – гуфт Гурбача. Ман аз вай метарсам.*
– *Биё аз ягон кас ёрӣ мепурсем, – гуфт Кафшак.*
– *Биё назди Аспак меравем. Вай калон аст. Ба мо ёрӣ мерасонад, – гуфт Гурбача.*

*Баъд онҳо ба назди Аспак рафта, ҳодисаро гуфтанд. Аспак ба назди Алопар рафт. Аз ӯ хоҳиш кард, ки Кафшакро диҳад.*

– *Кафшаки ман ҳам зиқ аст. Вай ҷуфташро мекобад, – гуфт Алопар. Марҳамат, ӯро ба назди ҷуфташ баред.*

*Дар охир Кафшакҳо бо ҳам вохӯрданд ва хушу хурсандона бо ҳам бозӣ карданд. Дигар гум нашуданд.*

Шумо метавонед якҷоя ҳар як ҷумлаи афсонаро шарҳ диҳед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки афсонаашонро нависанд. Шумо ба назди ҳар хонанда рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 98. Дарсҳои 35–36.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хондашуда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. **Сохтори забон**: Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
– симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
– матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
– суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷадвал кашанд. Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Ба онҳо ду дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар дохили катакҳо калимаҳои ба мавзӯи дарс мувофиқро нависанд. Хонандагон калимаҳои навиштаашонро ба ҳамдигар мехонанд.

Намуна:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калимаи пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр, ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

**Хондан.** Таркиби матн. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва дар асоси он нақша тартиб диҳанд. Бори дигар тарзи пур кардани нақшаи матнро бо хонандагон машқ кунед (нигаред ба дарсҳои пешин). Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми кор, гурӯҳҳо бо навбат кори худро муаррифӣ мекунанд.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи *“Як ба як”* (саволҳои одие, ки ҷавобашро ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи “***Фикр кун, таҳқиқ намо”*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи “***Муаллиф ва шумо”*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан**. Афсона. Таҳриру такмил. Ба хонандагон меъёрҳои одии санҷиши матнро пешниҳод кунед:

Намунаҳо:

- ҳамаи калимаҳо дуруст навишта шудаанд;
- ҳарфи аввали ҷумла бо ҳарфи калон навишта шудааст;
- вергул ва нуқта дуруст гузошта шудаанд;
- ҷумлаҳо фаҳмо ва ба ҳамдигар алоқаманданд.

Аз онҳо хоҳиш намоед, ки афсонаи навиштаашонро бори дигар хонанд, дар асоси меъёрҳо санҷанд, ғалатҳоро ёфта онҳоро ислоҳ намоянд. Сипас хонандагон афсонаашонро ба шарикашон пешниҳод карда, кори якдигарро хонанд ва агар ғалат бошад муайян кунанд. Дар асоси санҷиши шарикашон корашонро ислоҳ намоянд.

Хонандагон акнун метавонанд корашонро сафеднавис кунанд. Агар расм кашида бошанд, онро бо матн мувофиқ кунанд. Корашонро такмил диҳанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 99. Дарсҳои 37–38.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун баён карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Пешаки якчанд ақидаи дуруст ва нодурустро оид ба матн/мавзӯи дарс таҳия намоед. Пеш аз оғози азхкудкунии матн/мавзӯъ аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дуруст ва нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунанд. Натиҷаи кори онҳоро насанҷед. Дар охири дарс аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ин ақидаҳо баргарданд ва бори дигар дуруст ва нодуруст будани онҳоро муайян намоянд.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳморо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаънои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаънои он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

**Хондан**. Таҳлилу таркиби матн. Ёфтани алоқаи байни ҷумлаҳои матн. Ду ҷумлаи аввали матнро дар тахтаи синф нависед. Онҳоро хонед. Қисмҳои ба ҳам вобастаи ҷумлаҳоро ба хонандагон нишон диҳед. (*Ҷумлаҳо бо роҳҳои гуногун ба ҳам алоқаманд мешаванд. Ҳангоми хондан хонандагон мазмуни ҷумлаҳоро ба ҳам алоқаманд карда, мазмунро пурра месозанд. Барои алоқаманд кардани ҷумлаҳо ҷонишинҳо, калимаҳои ҳаммаъно, таҳлили сабабу натиҷа ва пайвандакҳои инчунин, аммо, барои он ва ғайра ёрӣ мерасонанд. Масалан, дар матни зерин воситаҳои алоқа бо ҳарфҳои сиёҳ нишон дода шудаанд: Заргӯшак лаҳзае ҳайрон монд.* ***Баъд*** *ба пеши пойҳояш* ***нигарист****.* ***Дид****, ки як* ***арғамчини рангобаранг*** *хобидааст. Хам шуда,* ***арғамчинро*** *гирифтан хост.* ***Аммо*** *нохост* ***арғамчин*** *ҷунбиду* ***сарашро*** *ба тарафи заргӯшак гардонда,* ***даҳонашро калон*** *кушод. Вай* ***арғамчин*** *не,* ***мор*** *будааст! Заргӯшак* ***тарсиду гурехт*** *ва* ***аз ҳавлиашон боз дуртар*** *рафт.)*

Ҷумлаи навбатии матнро хонед ва алоқаи онро бо ҷумлаҳои аввал муайян намоед. Ҷумлаи чорумро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки алоқаи онро бо ҷумлаҳои пешин муқаррар кунанд. Ҳамин тавр тамоми матнро якҷоя бо хонандагон таҳлил кунед.
Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намуда, ба онҳо супориш диҳед, ки матни дар замима омадаро таҳлил карда, алоқаи байни ҷумлаҳои матнро ёбанд. Ба гурӯҳҳо вақти кофӣ диҳед. Сипас гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Зарурати фаҳмидани алоқаи ҷумлаҳоро барои дарки маънои матн ба хонандагон фаҳмонед. Асосан маҳз ҳамин алоқаҳо ба шахс имконият медиҳанд, ки маънои матнро пурра дарк кунанд.

**Навиштан**. Афсона. Муаррифии афсона. Хонандагонро ба гурӯҳҳои панҷнафара ҷудо намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки афсонаи таҳиякардаашонро ба аҳли гурӯҳ хонанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 100. Дарсҳои 39–40.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Барои иҷрои фаъолияти зерин пешакӣ вақтро муқаррар намоед (Масалан, 1 ё 2 дақиқа). Мавзӯи дарсро эълон кунед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ дар бораи он суҳбат кунанд. Хонандаи А як дақиқа ва хонандаи Б як дақиқа он чи ки доир ба мавзӯъ медонанд, ба ҳамдигар мегӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо кашидани хат онҳоро бо ҳам пайваст намоед.

Намуна:



**Хондан**. Таҳлилу таркиби матн. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки нақшаи матнро тартиб диҳанд (Нигаред ба нақшаи Замимаи китоби дарсӣ). Сипас гурӯҳҳо бори дигар матнро мехонанд ва алоқаи байни онҳоро муайян мекунанд. Як намунаро бо аҳли синф якҷоя иҷро намоед. Аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш намоед, ки бо гурӯҳҳои дунафараи дигар ҳамроҳ шуда, нақшаи матн ва алоқаи байни ҷумлаҳои онро нишон диҳанд ва муҳокима кунанд.

Пешакӣ доир ба мазмуни матн 10 савол омода намоед. Онро ба қуттӣ андохта, бозии “Курсии сеҳрнок”-ро иҷро намоед. Яъне хонандае ба назди тахтаи синф даъват мешавад, ӯ

як саволро интхоб мекунад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Ҳамин тавр, якчанд хонанда пурсида мешавад.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 101. Дарсҳои 41–42.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хондашуда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад.
–

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна: *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст.* Ё ин ки: *Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4.*

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф оид ба мавзӯи дарс ду ё се савол нависед. Саволҳоро хонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни онҳоро мефаҳманд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволҳоро бо ҳам муҳокима намоянд (3 дақиқа). Сипас аз се ё чор гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ҷавобашонро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед. Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намуда, ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед. Гурӯҳе, ки аксари калимаҳоро дуруст ва мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Таҳлилу таркиби матн. "Бовар мекунам!" ва "Бовар намекунам!". Пешакӣ 10 ақидаро оид ба матн омода намоед. Панҷ ақидаи дуруст ва панҷ ақидаи нодуруст (ё панҷ қисми тахайюлӣ ва панҷ қисми ҳақиқӣ аз матн). Агар замима ба китоби дарсӣ дошта бошед, маводди онро истифода баред. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҳар як ақидаро хонанд ва гӯянд, ки онҳо ба ин ақидаҳо бовар доранд ё не. Хуб мешуд, ақидаҳоро дар ҷадвал пешниҳод намоед. Хонандагон пешакӣ ақидаҳоро мехонанд ва бовар кардан ё накарданро муайян мекунанд. Матнро мехонанд ва боз ба ҷадвал бармегарданд ва месанҷанд, ки то кадом андоза пешгӯйии онҳо мувофиқ буд.

| **Ақидаҳо** | **Бовар мекунам!** | **Бовар намекунам!** | **Пас аз хондан** |
|---|---|---|---|
| Ақидаи 1 | Намуна: ˅ | | нодуруст |
| Ақидаи 2 | | | |

Дар асоси ҷадвал муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомаширо ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 102. Дарсҳои 43–44.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар вараќи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Ду ё се ақидаи ба ҳам мухолифро оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафара/чорнафарӣ машғул шуда, бо ақидаҳои пешниҳодшуда розӣ мешаванд ё онҳоро рад мекунанд. Хонандагон бояд интихобашонро шарҳ диҳанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми давраро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22***

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

**§ 103. Дарсҳои 45–46.**

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара/чорнафарӣ ҷудо намоед. Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якҷоя кор карда, ҳарчи бештар калимаҳои ба мавзӯъ мувофиқро дар дафтар нависанд. Гурӯҳҳо бо навбат калимаҳоро мехонанд. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дониши заминавии хонандагонро оид ба мавзӯъ муайян кунед ва онҳоро барои аз худ кардани маводди таълим омода намоед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад,

хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан.** Таҳлили матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як маротиба мустақилона хонанд. Пас аз хондан хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф нависед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро муҳокима карда, қисмҳои тахайюлӣ (бофта)-и матнро дар сутуни "Бовар намекунам" ва қисми ҳақиқии матнро дар сутуни "Бовар мекунам" нависанд. Гурӯҳҳо метавонанд дар ду вараqи калон (ё варайи албом) корашонро нависанд. Онҳо танҳо

| **Бовар намекунам** | **Бовар мекунам** |
|---|---|
| | |

Як намунаро бо хонандагон якҷоя иҷро кунед. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва ба хонандагон гӯед, ки «Оё чунин ҳолат дар ҳаёт шуданаш мумкин аст ё не?", "Шумо ба ин бовар мекунед ё не?". Рақами тартибии ҷумларо дар яке аз сутунҳо мувофиқи ҷавоби хонандагон нависед. Агар хонандагон тарзи иҷрои вазифаро надонанд, он гоҳ бори дигар бо ҷумлаи дуюм амалро якҷоя машқ кунед.

Хонандагон дар гурӯҳҳо кор карда, матнро таҳлил мекунад ва қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро аниқ месозанд.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи "*Як ба як" (саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи "***Фикр кун, таҳқиқ намо"*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи "***Муаллиф ва шумо"*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ вараqи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёфта, онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаи худро нисбат ба ҳикоя нависанд. Масалан: *Ба ман ҳикоя маъқул шуд, зеро ...*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 104. Дарсҳои 47–48.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи

ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
– сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
– таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
– фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
– мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
– хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара машғул шуда, оид ба мавзӯъ ду калима гӯянд – як хусусияти мусбат ва як хусусияти манфӣ.

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳмоpo аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед. Масалан, *Маънои калимаи .... чист? Калимаи ... маънои ...- ро дорад.*

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

**Навиштан.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаи худро нисбат ба ҳикоя нависанд. Масалан: *Ба ман ҳикоя маъқул шуд, зеро ...*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 105. Дарсҳои 49–50.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
- навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад;
- ақидаи худо оид ба матн навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Пешакӣ амалҳое, ки аз ягон ҷиҳат ба мавзӯи дарс дахл доранд дар варақаҳои алоҳида нависед. Ба ҳар як хонандаи гурӯҳ бояд як амал рост ояд. Хонандагон варақҳоро интихоб мекунанд ва онро бе сухан гуфтан иҷро мекунанд. Аҳли гурӯҳ бояд ин амалро муайян кунанд. Ҳамин тавр ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бо навбат кор мекунанд. Диққат барои иҷрои ин фаъолият ба гурӯҳ танҳо 5 дақиқа вақт дода мешавад.

Намуна:

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии “Майдони муъҷизот” гузаронед. Яъне, синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Ҳамин тавр бо калимаҳои дигар бозӣ кунед. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб дониста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳи намоед, ки якҷоя матнро хонанд ва таҳлил кунанд. Дар варақ ҷадвали “Бовар намекунам!” ва “Бовар мекунам!” кашанд ва онро дар асоси матн пур кунанд. Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Матнро якҷоя муҳокима ва таҳлил намоед.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи ***“Як ба як”*** *( саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи “***Фикр кун, таҳқиқ намо”*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи “***Муаллиф ва шумо”*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ вараqи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаи худро нисбат ба ҳикоя нависанд. Масалан: *Ба ман ҳикоя маъқул шуд, зеро ...*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 106. Дарсҳои 51–52..

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
– воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
– алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
– матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
– сохтори матнро таҳлил кунад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
– андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
– дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расмро пешакӣ омода намоед. Расмҳо бояд мавзӯъро аз ягон ҷиҳат муаррифӣ кунанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед ё расмҳоро дар тахтаи синф овезед. Гурӯҳҳо расмҳоро шарҳ медиҳанд. Шумо метавонед барои водор намудани хонандагон пешакӣ савол омода кунед. Мисол: Дар расм кӣ/чӣ тасвир шудааст? Онҳо дар куҷоянд? Чӣ кор мекунанд? ва амсоли он.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаънороо нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро ҳамин тавр таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳи намоед, ки якҷоя матнро хонанд ва таҳлил кунанд. Дар варақ ҷадвали "Бовар намекунам!" ва "Бовар мекунам!" кашанд ва онро дар асоси матн пур кунанд. Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Матнро якҷоя муҳокима ва таҳлил намоед.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи ***"Як ба як"*** *(саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи "***Фикр кун, таҳқиқ намо"*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи "***Муаллиф ва шумо"*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ вараҷи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаи худро нисбат ба ҳикоя нависанд. Масалан: *Ба ман афсона маъқул шуд, зеро ...*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 107. Дарсҳои 53–54.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои мураккабтар дода тавонад;

– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4*..

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расм омода намоед. Хуб мешавад, ки агар дар расмҳо ягон амал тасвир шуда бошад. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед. Расмҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ба онҳо як дақиқа вақт барои муҳокимаи расм ҷудо кунед. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки расмро ба гурӯҳи дигар супоранд. Ҳамин тавр, расмҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Вақтро назорат кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Аз калимаҳои мазкур истифода бурда, ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро дар як кунҷи тахтаи синф нависед. Ҷумлаҳои тартибдодаатонро дар тахтаи синф ё варақи калон нависед. Аммо ҷойи калимаи мушкилфаҳмро холӣ гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз байни калимаҳо калимаи мувофиқро интихоб карда, ба ҷойи холӣ гузоранд. Ҳамин тавр, ҳамаи ҷумлаҳоро пур кунед. Маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон шарҳ диҳед.

**Хондан**. Хониши дақиқавӣ. Пеш аз дарс: дар варақи алоҳида рӯйхати хонандагонро мувофиқи сатҳи малакаи хонданашон тартиб диҳед. Яъне, хонандаи 1 хеле хуб мехонад ва хонандаи охирони рӯйхат хеле суст мехонад. Рӯйхатро ба ду қисми баробар тақсим карда, онро буред. Ҳар ду қисми рӯйхатро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафара ташкил намоед. Яъне хонандаи якуми қисми якуми рӯйхат бо хонандаи якуми қисми дуюми рӯйхат.

Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло дар як дақиқа чанд калима хонданро машқ мекунед. Барои ин хонандагони гурӯҳи А мехонанд, хонандагони гурӯҳи Б хондани ӯро мушоҳида мекунанд ва калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро муайян мекунанд. Шумо вақтро муайян карда, барои оғоз кардани хондан дастур диҳед. Гӯед "Сар кардем!" Хонандаи гурӯҳи А ба хондан яку якбора шурӯъ мекунад, хонандагони Б назорат карда, калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро қайд мекунанд. Бо тамом шудани 60 сония "Ист!" гуфта, хонданро боздоред. Аз хонандагони Б хоҳиш кунед, ки миқдори калимаҳои хондаи хонандаи А-ро шуморанд ва калимаҳои ғалатхондаро аз миқдори умумӣ кам кунанд. Масалан, агар хонанда 80 калима хонда, 9 ғалат карда бошад, он гоҳ 80–9=71. Яъне хонандаи А 71 калимаро дуруст хондааст. Ин амалро дубора иҷро намоед, акнун хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Бо як матн ду-се маротиба чунин машқ кунед.

Ба хонандагон гӯед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондан бозии «Курсии сеҳрнок»-ро гузаронед. Яъне як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват карда, ба курсие шинонед ва хонандагони дигар аз ӯ дар бораи матн савол медиҳанд. Се чор хонандаро бо навбат ба «Курсии сеҳрнок» шинонед, то онҳо ба саволҳо ҷавоб гӯянд.

**Навиштан.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо як ё ду ҷумла дар оянда кӣ шуданашонро нависанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 108. Дарсҳои 55–56.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф панҷ савол нависед. Ҳамаи саволҳо бояд ҷавоби ҳа ё не-ро талаб кунанд. Хонандагон дар гурӯҳи дунафарӣ машғул шуда, ба як савол ҷавоб медиҳанд ва як савол мепурсанд. Агар хонанда ба саволаш ҷавоби не гирад, он гоҳ саволи навбатиро аз хонандаи дигар мепурсад. Агар ҷавоб ҳа бошад, онро месанҷанд ва ба саволи навбатӣ мегузаранд. Синфро назорат кунед, то мағали беҳуда нашавад.

**Кор бо луғат. Бозии "Бинго!"** Барои тартиби иҷрои бозӣ нигаред ба ***§ 17. Дарсҳои 33–34.***

**Хондан.** Таркиби матн. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва дар асоси он нақша тартиб диҳанд. Бори дигар тарзи пур кардани нақшаи матнро бо хонандагон машқ кунед (нигаред ба дарсҳои пешин). Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми кор гурӯҳҳо бо навбат кори худро муаррифӣ мекунанд.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи ***"Як ба як"*** *(саволҳои одие, ки ҷавобашонро* ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи "***Фикр кун, таҳқиқ намо"*** (саволҳое, ки ҷавобаш дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи "***Муаллиф ва шумо"*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ вароқи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан. Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 109. Дарсҳои 57–58.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилро аниқ намуда, тавассути воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. Нигаред ба тавсияҳои дарсҳои пешин.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс ду савол омода намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷойҳо хеста, аз ҳамдигар савол пурсанд. Агар ба савол ҷавоб ёфтанд, он гоҳ дунафарӣ барои ёфтани ҷавоб дар саволи дуюм бо дигарон саволу ҷавоб мекунанд. Дар натиҷа гурӯҳи чорнафарӣ пайдо мешавад. Аз гурӯҳҳои хоҳиш кунед, ки ба назди шумо омада, ҷавобҳои саволҳоро гӯянд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонандагон ба ҷойҳои худ мешинанд ва дарсро идома медиҳед.

**Кор бо луғат**. Пешакӣ калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чора–панҷнафара ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва аҳли синф онро бояд ёбад. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунед. Пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худашро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1- ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Намуна: Мавзӯъ:**
**Калимаи махфӣ:**
**Пешҷавоби 1:**
**Пешҷавоби 2:.**
**Пешҷавоби 3:**
**Пешҷавоби 4:**
**Пешҷавоби 5:**

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф нависед (ё дар варақҳои калон). Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри “матн” меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ба хондани

матн шурӯъ кунед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед. Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

Таҳлили матн. Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон истифода бурда шудааст (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба саволҳои машқи дар замима омада ҷавоб гардонанд. Ба хонандагон барои иҷрои тест вақти кофӣ диҳед. Ҷавоби тестҳоро бо аҳли синф муҳокима ва таҳлил кунед.

**Навиштан.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи тоза нигоҳ доштани дандонҳо як ё ду дастур нависанд. *Масалан: Барои тоза нигоҳ доштани дандон ақаллан дар як рӯз ду маротиба дандонҳоро шӯстан лозим аст.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи express сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 110. Дарсҳои 59–60.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Луғат**: ҳилла, саховатманд, маъол.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад, мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– стратегияҳои пешгӯӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
– воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;

– навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
– симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
– матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
– суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шаванд. Бо ҳам суҳбат карда, аз якдигар пурсанд, ки онҳо рӯзи (ҳафтаи) гузашта чӣ кор карданд. Инчунин, рӯзҳои истироҳати навбатӣ (шанбе ва якшанбе) чӣ кор карданианд, гӯянд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки оид ба яке аз ҳамсинфонашон нақл кунад. Мисол: *Рустам рӯзи шанбе ба хонаи бобояш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо ҷӯраҳояш футбол бозӣ кардааст. Ин ҳафта ба театр рафтанӣ аст.* Шумо метавонед ин намунаро ба хонандагон хонед.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва доир ба мазмуни матн чор ё панҷ ақида таҳия намоед. Ақидаҳо бояд дуруст ва нодуруст бошанд (Нигаред ба замима). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаҳоро хонанд ва ба онҳо розӣ ё норозӣ будани худро аниқ созанд (Шумо метавонед ақидаҳоро хонед). Пас аз пур кардани ҷадвал аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва пас аз хондани матн бори дигар ҷадвали пуркардаашонро санҷанд. Оё ягон ақидаи онҳо бо мазмуни матн мувофиқ омад ё не? Чаро? Як намунаро якҷоя бо аҳли синф таҳлил кунед. Тарзи таҳлил карданро ба хонандагон фаҳмонед. Ҳангоми фаҳмондан аз матн мисол оред.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф кашед ва тарзи пур кардани онро ба хонандагон фаҳмонед. Яъне, онҳо мувофиқи ҷонишинҳои саволӣ аз матн маълумотро дарёфта, дар ҷадвал менависанд. Нигаред ба намунаи замима.

| Кӣ? Киҳо? | Дар куҷо? | Кай? | Чӣ кор карданд? |
|---|---|---|---|
| | | | |

Кӣ? Киҳо? – симоҳои матн

Дар куҷо? – макон

Кай? – замон

Чӣ кор карданд? – амал

Дар асоси маълумоти ҷадвал саволу ҷавоб ташкил намоед.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки калимаҳоро ба сутуни мувофиқ нависанд.

Калимаҳо: шер, гӯсфанд, рӯбоҳ, саг, шапарак, помидор, гург, хирс, пиёз, себ, кирм, карам, сабзӣ, асп, гов, буз, гурба, малах, мӯрча, нок, анор, оҳу, ангур, хурмо.

| **Сабзавот** | **Ҳайвонҳои хонагӣ** | **Ҳашарот** | **Меваҳо** | **Ҳайвонҳои ваҳшӣ** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

**Аз рӯйи саволҳо калимаҳоро дар сутунҳои мувофиқ нависед.**
Калимаҳо: хона, себ, борид, китоб, рафт, падар, меравад, сурх, об, мебинад, шер, даст, гул, мехӯрад, мепарад, кабк, медавад, оҳу, гург, мехонад, саг, дид.

| **Номи ашё** | **Амал ва ҳаракати ашё** |
|---|---|
| | |

**Имлои интихобӣ**
Наврӯз чӯпон аст. Ӯ рамаи гӯсфандонро мечаронад. Фирӯз, Сӯҳроб, Ҷӯра ба боғи ҳайвонот рафтанд. Дар боғи ҳайвонот рӯбоҳ, харгӯш ва шерро диданд.

**Кроссворд.** Аз ҳар як ҳарфи калимаи додашуда аз матн калимаҳоро ёфта, нависед (калимаҳо барои истифода: ӯро, биёбон, оҳу, ҳарис)

<table>
<tr><td>р</td><td colspan="5"></td></tr>
<tr><td>ӯ</td><td></td><td></td><td colspan="3"></td></tr>
<tr><td>б</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>о</td><td></td><td></td><td colspan="3"></td></tr>
<tr><td>ҳ</td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

**§ 111. Дарсҳои 61–62.**

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад, мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Як луғати асосии мавзӯи имрӯзаи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар муддати як дақиқа ҳар чи бештар калимаҳои ба луғат ҳаммаъно ё алоқамандро нависанд. Барои мураккаб кардани ин машқ аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки ибораҳои мувофиқро нависанд. Калимаҳои навиштаи хонандагонро ҳисоб карда, ғолиб(он)ро муайян кунед.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омода кардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳи дунафарӣ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳи дунафарӣ мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаву шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед.

Гурӯҳи дунафарие,  ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

| **Калима** | **Шарҳ** |
|---|---|
| Саҳро | |
| Боғ | |
| Теппа | |
| Кишт | |
| Шапарак | |
| Бом | |

**Хондан.** Тасаввур кардан. Матнро ифоданок хонед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳангоми хондан тасаввур кунанд.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо нмуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар асоси матн як расм кашанд. Расми кашидаи гурӯҳҳоро муаррифӣ ва бо мазмуни матн муқоиса намоед.

**Лаҳзаи дамгирӣ.** Чистонҳоро хонед ва аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки ҷавоби онҳоро ёбанд.

Очааш каҷу клеб
Бачааш шириншакар (ток ва меваи он)

Чор тифл андар даруни модараш,
Номи тифлҳо ном дорад модараш (чормағз)

Дарахти шоҳнигор
Даст бубар, хун биёр (тут)

**Навиштан. Бозии "Базми калимаҳо”.** Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф кашед. Намунаҳоро дар дохили он нависед. Ҳангоми навиштан ҷадвалро фаҳмонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як калима (ҳайвон, ҳашарот, мева ё сабзавот)-ро интихоб намуда, қисмҳои дигари ҷадвалро пур созанд.

Намунаи ҷадвал:

| **Ном** | **Аломат** | **Ҳаракат** |
|---|---|---|
| Шер | ваҳшӣ, даранда, калон, бадқаҳр, тездандон, тезбин, бадхашм | мегардад, мехӯрад, мебинад, ҳамла мекунад, медавад |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ  ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 112. Дарсҳои 63–64.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши заминавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Луғат**: шифобахш, манзара, ҳашамати, афзунтар.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст.* Ё ин ки: *Ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар асоси мавзӯи дарс як ақидаи асосии мубоҳисавиро таҳия намоед. Онро дар тахтаи синф нависед. Дар охири ақида илова кунед “Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед?” Хонандагон дунафарӣ машғул шуда, ақидаро муҳокима мекунанд. Гурӯҳ ба аҳли синф розӣ будан ё набудани худро иброз медорад ва онро шарҳ медиҳад.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?*

Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:

Намуна:

| | |
|---|---|
| | |
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5 – 6.***

**Хондан.** Машқи амалии малакаву маҳорат. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар бо навбат бурову равон хонанд. Синфро назорат кунед ва ба тарзи хониши хонандагон диққат диҳед.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро таҳлил кунанд ва нақшаи матнро тартиб диҳанд. Барои ин онҳо аз усули "Хӯша" истифода бурда метавонанд: (тарзи пур кардани хӯшаро ба хонандагон ёдовар шавед.




Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ менамоянд.

Намунаи саволҳо барои муҳокимаи умумии матн:

1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Помир дар кадом вилоят воқеъ аст?
3. Кадом вилоятҳоро медонед?
4. Зебоии Помир дар чист?
5. Кадом чашмаи шифобахш дорад?
6. Помир чӣ хел табиат дорад?
7. Одамонашон чӣ хеланд?
8. Оё шумо дар бораи ин табиати зебоманзар ягон чӣ шунидаед?

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, калимаҳоро ба сутуни мувофиқ нависанд.

Калимаҳо: Об, ҳаво, кӯҳ, гарм, шифобахш, зебо, рафтам, дидам, баромадам, чашма, нишастем, санг, баланд, форам, боғ, пор, парвоз, кардан.

| **Номи ашё** | **Аломати ашё** | **Ҳаракати ашё** |
|---|---|---|
| | | |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 113. Дарсҳои 65–66.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
– навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
– симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
– суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад;
– сифатҳои ашёро навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар доираи мавзӯи дарс бо истифодаи калимаи “агар” як савол таҳия намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф гашта, дар муддати 3 дақиқа ҳарчӣ бештар аз ҳамсинфонашон саволро пурсида, ҷавоби онҳоро шунаванд ва дар хотир гиранд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷавоби хонандагони дигарро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Ҳоло якҷоя мо маънои калимаро меёбем. Авал ҷумлаеро, ки дар он ин калима омадааст, мехонем. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Боз ҷумлаи баъдинаро мехонем. Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Қанд занед. Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*

– Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда, маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва нақшаи онро тартиб диҳанд.

**НАҚШАИ МАТН**




Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар асоси нақшаи тартибдодаашон матнро ба ҳамнишинашон бо навбат нақл кунанд. Аз як ё ду хонанда хоҳиш намоед, ки матнро ба аҳли синф дар асоси нақшаи таҳиякардаашон нақл кунанд.

Саволҳо барои муҳокимаи умумии матн:

1. Ҳезумкаш чиро гум кард?
2. Ҳезумкаш бо кӣ вохӯрд?
3. Он мард ба ҳезумкаш чӣ гуна табарҳо дод?
4. Ҳезумкаш кадом табарро интихоб кард?
5. Он мард ба ҳезумкаш чӣ тӯҳфа кард?
6. Чаро ҳезумкаш аз ёфтани табари худ хурсанд шуд?
7. Агар шумо ба ҷойи ҳезумкаш мебудед, чӣ кор мекардед?

**Навиштан**. Таҳияи синквейн. Як намунаи синквейнро ба хонандагон пешниҳод намоед. Тарзи таҳияи онро фаҳмонед.

Тартиб:

– номи ашёро менависем;
– ду сифати ашёро менависем;

– се амали ашёро менависем;
– ақидаи худро оид ба ашё бо як ҷумлаи иборат аз чор калима ифода мекунем;
– калимаи ҳаммаънои сифат ё хислати ашёро менависем.

Намуна:

Рӯбоҳ
Зард, айёр
Медавад, мегардад, мехӯрад
Мурғи хонагиро шикор мекунад.
Маккор

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шуда, як ашёро интихоб кунанд ва синквейн нависанд.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҳиҷои якумро бо ҳиҷои дуюмякҷо карда, калимаҳо тартиб диҳанд.










Машқҳои иловагӣ:
А. Калимаҳои муқобилмаъноро ёфта нависед.
рост – дурӯғ
шод –
тоза –
хушк –
сиёҳ –
нек –
Б. Аз калимаҳои додашуда ибораҳо тартиб дода, алоқамандии ашё ва аломати ашёро шарҳ диҳед.
Духтари ...
ҳезумкаши....
бачаи ...
табари ...
Намуна: Духтари хушрӯ....

В. Ба расм бодиққат нигоҳ карда, дар бораи ҳезумкаш ҳикояи хурд (эссе) нависед.
Намуна:

*Ҳезумкаш табарашро гум кард. Як мард аз пешаш омада ба ӯ табари тиллоӣ дароз кард. Ҳезумкаш ин табарро нагирифт..*

Г. Худамро месанҷам

<table>
<tr><td>Т</td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>А</td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Б</td><td></td><td></td><td colspan="2"></td></tr>
<tr><td>А</td><td colspan="4"></td></tr>
<tr><td>Р</td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

Калимаҳо барои истифода (тилло, асбоб, бол, ростӣ).

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 114. Дарсҳои 67–68.

**Барнома**. Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хондашуда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- дар асоси мазмуни матн хулосаи кӯтоҳ нависад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад;
- барои хондани калимаҳои мушкил стратегияи мувофиқро истифода барад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Якчанд калимаҳоро доир ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар гурӯҳҳои чорнафара муҳокима кунанд ва мавзӯи дарсро аниқ созанд. Гурӯҳҳо мавзӯи дарсро дар варақи алоҳида навишта ба шумо месупоранд. Ҷавоби гурӯҳҳоро хонда, аниқ созед, ки кадом гурӯҳ мавзӯъро дуруст муайян намудааст.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаънои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно(шарҳҳо) ҳарф (а,б,в,г ва ғайра) гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.

Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд:

*маданӣ, гарав, гаронбаҳо, эътибор, табъ*

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва доир ба мазмуни матн чор ё панҷ ақида таҳия намоед. Ақидаҳо бояд дуруст ва нодуруст бошанд (Нигаред ба замима). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаҳоро хонанд ва ба онҳо розӣ ё норозӣ будани худро баён созанд (метавонед ақидаҳоро хонед). Пас аз пур кардани ҷадвал аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва пас аз хондани матн бори дигар ҷадвали пуркардаашонро санҷанд. Оё ягон ақидаи онҳо бо мазмуни матн мувофиқ омад ё не? Чаро? Як намунаро якҷоя бо аҳли синф таҳлил кунед. Тарзи таҳлил карданро ба хонандагон фаҳмонед. Ҳангоми фаҳмондан аз матн мисол оред.

Намунаҳо:

| **Ақидаҳо** | **Дуруст** | **Нодуруст** |
|---|---|---|
| Одамон ба тарзи либоспӯшӣ диққат намедиҳанд. | | |
| Ҳар рӯз пӯшидани либоси наву гаронбаҳо зарур аст. | | |
| Ба мактаб бо либоси дарида омадан лозим нест. | | |
| Либоси чиркин табъи дигаронро хира мекунад. | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда байни худашон муҳокима кунед, сипас ақидаҳояшро ба аҳли синф пешниҳод кунед.

Хонандагон пас аз баҳсу мунозираҳо либосҳоро ба навъҳо ҷудо кунанд (аз рӯйи система).




Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки пас аз иҷрои фаъолият ба саволҳои зерин ҷавоби мушаххас диҳанд.
Намуна:
1. Либос барои чӣ лозим аст?
2. Либос бояд чӣ гуна бошад?
3. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо чӣ хел либос омадан мумкин нест?
4. Тозагии либос чӣ аҳамият дорад?
5. Чанд навъи либосро медонед?
6. Ба ғайр аз либоси миллӣ боз кадом намуди либос вуҷуд дорад?
7. Одоби либоспӯшӣ чӣ гуна аст?

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона машғул шуда, дар асоси ҷадвал ибора тартиб диҳанд.
Намуна: костюми мактабӣ

| **Либос** | **Сифат** |
|---|---|
| пироҳан | дарида |
| костюм | чиркин |
| шим | бадбӯй |
| токӣ | шинам |
| плаш | зебо |
| палто | идона |
| курта | хонагӣ |
| рӯймол | варзишӣ |
| мӯза | мактабӣ |
| туфли | нав |
| | кухна |
| | кӯтоҳ |
| | дароз |
| | тоза |
| | тӯёна |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи симои зоҳирӣ ва либоси онҳо нависанд.
**Расмҳо:**

Хулосаи зеринро ба хонандагон нақл кунед.
Ба одоби либоспӯшӣ ва тозаю озода нигоҳ доштани он риоя кунед. Ҳар кас бояд мувофиқи синну соли худ либос пӯшад ва ба тозагии он аҳамият диҳад. Либосро, ки тозаю озода нигоҳ доштӣ, вай ҳам туро мисли шаҳ зебо мегардонад. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо либоси дарида, чиркин, бадбӯй ва ранголуд гаштан мумкин нест, то ки табъи дигаронро

хира накунед. Либосҳоро аз ҷиҳати мавқеи истифодаашон ба либосҳои хонагӣ, хоб, корӣ, мактабӣ, идона, тӯю варзишӣ ҷудо кардан мумкин аст. Хулласи калом, либосҳои кории шумо – мактаббачагон, либосҳои мактабианд. Ба хона, ки баргаштед, онҳоро зуд иваз намоед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 115. Дарсҳои 69–70.

**Барнома**. Тарзи пешгӯйии мазмуни матн дар асоси нишонаҳо он (ном, расм, калимаҳои асосӣ ва ғайра). Тартиб додани нақшаи пайдарпайии ҳодисаҳои матн. Истифодаи нақшаву ҷадвалҳо барои пешниҳоди маълумот. Ба саволҳои таҳлилии оид ба матн ҷавоб додан. Муайян кардани мазмуни матни шунида. Машқи суханварӣ. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хондашуда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Ҳиссёт, фаввора, ғаддор, ҳамла, инкор, муносиб, набард

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матн, номи он ва расмҳоро аз назар гузаронда, мазмуни асосии онро муайян карда тавонад;
- оид ба ҳодисаву воқеаҳои матне, ки мехонанд, пешгӯйӣ ё ақидаҳо пешниҳод кунад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад;
- маълумоти муҳим ва на он қадар муҳимро муайян карда тавонад;
- ба суханони гӯянда сарфаҳм рафта, ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби мувофиқ дода тавонад;
- наҳаросида, боҷуръат ва боварӣ сухан гӯяд;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Як ашёи атрофро интихоб кунед ва дар бораи он ба хонандагон нақл кунед (шарҳ диҳед). Ба хонандагон як дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки як ашёи атрофро интихоб кунанд ва онро ба аҳли синф шарҳ диҳанд. Якчанд хонандаро пурсед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед. Намунаи калимаҳо: ҳиссиёт, фаввора, ғаддор, ҳамла, инкор, муносиб, набард.

**Намунаи ҷадвал:**

| | А | Б | В | Г |
|---|---|---|---|---|
| **1** | | | | |
| **2** | | | | |
| **3** | | | | |
| **4** | | | | |
| **5** | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб дониста мешавад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва онро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо кунед. Тавассути саволу масъалаҳои пеш аз хондан хонандагонро ба хондан (шунидан)-и матн омода намоед. Қисми аввали матнро то нуқтаи ивазшавии ҳодиса ё пайдо шудани масъалае хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Сипас ба хонандагон чунин мурожиат намоед: «Мехоҳед фаҳмед, ки давоми афсона чӣ мешавад? Ё худро санҷидан мехоҳед? Пас давомашро гӯш кунед». Давоми матнро то нуқтаи дилхоҳи дигар (то ҳал шудани масъалаи гузоштаашуда) хонед. Таваққуф карда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаи пештар гуфтаашонро бо ахбори матн муқоиса намоянд. Оё онҳо дуруст пешгӯйӣ кардаанд ё не? Ҳамин тавр, қисмҳои дигари матнро хонед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона машғул шуда, саволномаи дар замима пешниҳодшударо кор кунанд. Дар асоси саволнома мазмуни матнро таҳлилу муҳокима кунед.

**Намунаи саволнома:**

| Саволҳо | Ҷавобҳо |
|---|---|
| Дар шаби торик муғулҳо киро дистгир карданд? | Мардуми деҳқонро<br>Душманонро<br>Дар шаби торик Темурмаликро дастгир карданд |
| Ӯро чӣ пурсиданд? | Ту Темурмалик нестӣ?<br>Ту бо мо ҷангидан мехоҳӣ?<br>Ту ба лашкари мо тир андохтӣ? |
| Темурмалик чӣ ҷавоб дод? | Ҳа, ман ба лашкари шумо тир парондам.<br>Оре, ман ҳамон Темурмалики хуҷандиям.<br>Не, ман Термурмалик нестам. |
| Темурмалик ба муғулҳо чӣ гуфт? | Мо ба шумо таслим мешавем.<br>Ҳазорҳо шумо – чингизиёни хунхорро, куштам.<br>Ман дигар шуморо куштан намехоҳам. |
| Ба ӯ чӣ ҳодиса рӯй дод? | Ӯро чингизиён қаҳрамонона ба ҳалокат расонданд.<br>Чингизиён ӯро раҳо карданд.<br>Чингизиён ӯро ба маҳбас андохтанд. |
| Аз миёнбандаш чиро ёфтанд? | Як халтача тилло.<br>Як халтача бо як каф хок ва мактуб.<br>Ҳеҷ чиз наёфтанд. |

**Навиштан.** Ҷумлаҳои поракандаро ҷобаҷо гузошта, ибораҳоро муайян кунед.
Ватани, дӯстона, дар, гуногун, мо, халқҳо, зиндагӣ, мекунанд.
Бузург, шахси, ман, падари, аст.
Барои, тӯҳфаи, Ватан, хубу аъло, мо, аст, дониш.
Намуна: Дар Ватани мо халқҳои гуногун дӯстона зиндагӣ мекунанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 116. Дарсҳои 71–72.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил кардани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. **Сохтори забон**: калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф як ҷумлаеро аз матни дарси имрӯза нависед. Дар се варақ се ҳиссиётро нависед: хурсандӣ, ғамгинӣ, ҳаяҷон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ҷумлаи навиштаи шуморо бо ҳиссиёти гуногун ба ҳамдигар хонанд. Шумо метавонед бо навбат варақаи навбатиро боло бардоред ва хонандагон ҳиссиёташонро иваз карда, ҷумларо ба ҳамдигар мехонанд.

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калимаи пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Масалан, *Маънои калимае, ки дар байни калимаҳои* ***ки*** *ва* ***бебаҳо*** *омадааст, чист?* Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр, ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

*садо – овоз*
*найсон – борони баҳор, маҳин*
*болида – хурсандона, шодона*
*ҷӯш – ҳаракат, ҷушу хурӯш*

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан.**

А. Хонандагон интихобан ин расмҳоро истифода бурда, дар бораи фасли баҳор бо тахайюлоти худашон ақидаҳояшонро пешниҳод кунанд.

**Намунаи расмҳо:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| кишту кор | лолачинӣ | манзараи зебо , парвози шапалакҳо | парвози парандагон |

Б. Хонандагони ҳар гурӯҳ ақидаашонро оид ба расми интихобкарда мегӯянд ва хонандагони гурӯҳи дигар фикру ақидаҳои онҳоро пурра мекунанд. Аз фикру ақидаҳои гурӯҳҳо як матни пурра тартиб додан мумкин аст.
Намуна: Фасли зимистон баромад. Фасли баҳор омад. Ҳаво рӯз то рӯз гарм мешавад. Марди деҳқон ба саҳро баромада, ба кишти баҳорӣ сар мекунад.... .
В. Хонандагон дар гурӯҳҳо ҷудо шуда, крассвордро мустақилона пур кунанд.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Д | | л | | н | |
| А | | ч | | р | |
| Р | | | | | |
| А | н | г | | р | |
| Х | | р | м | | |
| Т | | т | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| б | | р | | Н |
| а | | о | | |
| ҳ | | в | | |
| о | Ф | т | | Б |
| р | | з | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Н | | й | с | а | н | |
| а | | р | | | | |
| с | | д | б | | р | г |
| и | қ | л | | м | | |
| м | | й | с | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| с | | е | | | |
| а | | о | | | |
| г | | л | | с | |
| с | | н | ч | | Д |
| з | | р | д | | Л |

Г. Ба хонандагон супориш диҳед, ки ба ҷадвал бодиққат нигоҳ карда, бештар калимаҳоро ёбанд ва нависанд.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Б | а | ҳ | о | р | н | а | с | и | м | б | о | р | о | н | г | у | л | б | у | л | б | у | л | з | е | б | о |
| о | ф | т | о | б | с | а | б | з | ф | о | р | а | м | н | а | в | р | ӯ | з | г | а | р | м | с | а | д | о |
| р | а | х | ш | о | н | б | у | л | б | у | л | д | е | ҳ | қ | о | н | л | о | л | а | з | о | р | а | б | р |
| о | л | а | м | д | а | р | а | х | т | о | н | ш | у | к | у | ф | т | а | м | у | ғ | ч | а | к | и | ш | т |
| н | а | й | с | о | н | р | а | в | о | н | р | а | н | г | о | р | а | н | г | п | а | р | р | а | н | д | а |

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

**Арзёбии малакаҳои хонандагон дар рейтинги сеюм – 2 соат .**

**Барнома**. Дар доираи машғулияти мазкур малакаи хондану навиштани хонандагон санҷида шуда, маълумоти ҷамъбастӣ ҷамъ оварда мешавад. Ин ба шумо, омӯзгорон,

имконият медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани малакаи хондани хонандагони синфҳои дуюмро санҷида ба қайд гиред.

**Тартиби гузарондани арзёбӣ.**

Барои гузаронидани арзёбӣ дастур ва намунаҳои зеринро истифода бурда метавонед:

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи зерин:

Ҷадвали санҷиши малакаҳои хондан

| **Ному насаби хонанда** | **Дар як дақиқа чанд калимаи шиносро дуруст хонд?** | | | | **Дар як дақиқа чанд калимаи матнро дуруст хонд?** | | | | **Холи умумӣ аз дарки матни хонда** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинг | | | | Рейтинг | | | | Рейтинг | | | |
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 1 | 2 | 3 | 4 | 1 | 2 | 3 | 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

2) Санҷидаши хондани калимаҳои шинос. Ба воситаи арзёбии зерин омӯзгорон ба салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

- *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
- *Миқдори зиёдтари усулро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.*
- *Дар як дақиқа 40-50 калимаро дуруст хонда метавонад.*

Шумо метавонед якчанд калимаи шинос/маъмулро интихоб карда, дар варақ нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Вақтро назорат кунед, калимаҳои ғалатхондаи хонандаро хат кашед ва бо тамом шудани дақиқаи якум хонандаро аз хондан боздоред. Миқдори умумии калимаҳои хондаи хонандаро ҳисоб кунед, калимаҳои ғалатхондаро ихтисор кунед ва натиҷа бароварда, дар ҷадвал ба қайд гиред.

Намуна:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| шикор | муаллиф | иҷозат | зимистон | беихтиёр | хирс | луғат |
| шабонарӯз | сиҳатӣ | малика | тобистон | зиндагӣ | рӯзгор | қаҳратун |
| гунҷишкак | кирмак | дастархон | неъмат | форам | мунтазир | ҳикоя |
| шеър | ахбор | дастурамал | намак | пиёз | гӯшт | равған |
| грамм | тухм | меҳрубон | ҳодиса | ногоҳ | тӯб | қадим |
| табиат | зӯр | вохӯрдан | саҳар | сонӣ | ғалла | тарбуз |
| ҷустуҷӯ | бемадорӣ | бародар | хӯрдан | хӯса | карам | бодиринг |

3) Суръати хониш. Ба воситаи арзёбии мазкур омӯзгорон ба салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

- *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
- *Миқдори зиёдтари усулро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.*

Яке аз воситаҳои хубе, ки шумо айни замон истифода мебаред, дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан, ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти

муқарраршуда матнро мехонад. Сипас мо миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Натиҷаро дар ҷадвали боло менависем.

4) Санҷиши дарки маънӣ. Дар ин қисми арзёбӣ малакаи хониши бошууронаи хонандагон санҷида мешавад. Салоҳияти зеринро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳед:

- *Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калонро, ки миқдори ками калимаҳои ношинос доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.*

Яке аз воситаҳо дар асоси мазмуни матн ба саволҳои гуногун ҷавоб додан аст. Дарҳол пас аз хондани матне, ки барои санҷиши суръати хониш истифода шудааст, ба хонанда якчанд савол дода, ба ҷавобҳои ӯ хол гузошта мешавад.

| **Саволҳо:** | дуруст | нодуруст |
|---|---|---|
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| Ҷамъ: | | |

**Навиштан**

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи зерин:

Ҷадвали санҷиши малакаҳои навиштан

| **Ному насаби хонанда** | **Ҳусни хат ва қоидаҳои хат** | | | | **Имло/Наҳв** | | | | **Матнофарӣ/мазмун** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинг | | | | Рейтинг | | | | Рейтинг | | | |
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 1 | 2 | 3 | 4 | 1 | 2 | 3 | 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

2) Ҳусни хат ва қоидаҳо. Мақсади воситаи мазкур муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои хат (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд, сархат гузоштан) аст. Барои ин матни хурде ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Хонандагон матнро дар дафтар мекӯчонанд. Омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мегирад.

Намунаи матн:

*Падараш ҳар ду фарзандашро бо меҳрубонӣ ба оғуш гирифта, насиҳат кард. "Аз шумо хоҳиш дорам, ки ҳар рӯз ба оина нигоҳ кунед. Писарам ту кӯшиш кун ки бо кирдори хубу нек зебоии чеҳраатро зеботар гардонӣ. Ту духтарам кӯшиш кун ки безебии чеҳраатро бо кору амали хуб зеботар ва мақбули дигарон гардонӣ." Аз "Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким"*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, тахти кунҷи 65°) | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ:** | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | |

2) **Санҷиши имло**. Рӯйхати калимаҳои шиносро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб бодани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфӣ *ӯ, ӣ, ъ* ё ҳамсадоҳои такрор асосан ба ғалат роҳ диҳанд. Сипас калимаҳоро хонед аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред. Сипас холи гирифтаи хонандаро бо холи қисми санҷиши наҳв/синтаксис ҷамъ карда, ба ҷадвал нависед.
Намуна:
Дур, буд, мӯр, тӯр, машҳур, занбӯр, пурхӯр, зӯр, анбӯр, ҷӯра, мағрур, танбӯр, масрур, шӯр, мавзӯъ, баъд, минбаъд, сонӣ ва амсоли он.

Меъёрҳо:
Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол;
Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол;
Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3 хол.

3) **Санҷиши наҳв/синтаксис**. Барои санҷиш метавонед ба хонандагон якчанд калимаи шинос пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки як ё ду ҷумла нависанд
Намуна: *зимистон, афсона, буд-набуд, харгӯш.*
Сипас ҷумлаи навиштаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои поён санҷида, ба онҳо хол гузоред.

| Меъёрҳо | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст | 0 | 1 | 2 |
| Ҷамъ: | | | |

4) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонандагон якчанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Сипас кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида мешавад ва натиҷаи холҳо ба ҷадвал дарҷ мегардад. Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

| **Меъёрҳо:** | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |

### § 117. Дарсҳои 73–74.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Луғат: даҳлез, машом, оташдон, таом, кафгир, шарофат, ҷунбуҷул, тароват, гуворо.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- барои аниқ сохтани маънои калимаҳои мушкилфаҳм стратегияи мувофиқро истифода барад;
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро ислоҳ кунад;
- сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
- барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра).

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки 3 чизи оид ба мавзӯъ медонистаашонро нависанд. Сипас 2 чизе, ки оид ба мавзӯъ донистан мехоҳанд ва як савол оид ба мавзӯъ нависанд.

Намуна:
Дар бораи суманак чӣ медонед?
Дар бораи суманак чиро донистан мехоҳед?

Тавассути саволҳо хонандагонро раҳнамоӣ куед:
Суманак чӣ гуна таом аст?
Суманакро аз чӣ тайёр мекунанд?
Сабзаро аз чӣ тайёр мекунанд?

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳморо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф

калимаҳои ҳаммаъноҳои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаъноҳои он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.
Калимаҳо: даҳлез, машом, оташдон, таом, кафгир, шарофат, ҷунбуҷул, тароват, гуворо.

**Хондан**. Ҷумлаи якуми матнро хонед ва дар яке аз калимаҳо ғалат кунед. Масалан, калимаи «меомад»-ро «мемонад» хонед. Нафаҳмидам гуфта, ҷумларо бори дигар хонед ва калимаи «меомад»-ро дуруст хонед. Ҳа, акнун фаҳмидам, гӯед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки вақти хондани матн агар ягон калимаро ғалат хонанд, маънои онро дуруст намефаҳманд, аз ин лиҳоз, ҷумларо бори дигар хонед ва ғалати худро ислоҳ кунед. Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки матнро бо овози баланд хонад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки хониши хонандаро гӯш кунанд. Агар хонанда ғалат содир кунаду баргашта онро ислоҳ кунад, ӯро аҳсан гӯед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар хонанд ва хониши якдигарро мушоҳида кунанд ва ба ҳамдигар ёрӣ расонанд.
Дар тахтаи синф се савол нависед:
*Дар матн чӣ ҳодиса рӯй дод?*
*Ҳодиса дар куҷо рӯй дод?*
*Ҳодиса кай рӯй дод?*
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз матн маълумоти заруриро барои ҷавоб додан муайян кунанд. Тарзи алоқаманд кардани мазмуни саволро бо маълумоти матн ба хонандагон нишон диҳед. Ин корро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед. Сипас аз онҳо хоҳиш намоед, ки мустақилона кор кунанд. Дар асоси саволҳо муҳокима ташкил намуда, матнро таҳлил намоед.

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки тартиби пухтани суманакро нависанд.
Намуна:
1. Гандумро тар кардан.
2. Сабзондани гандум ва ғайра.

Ба гурӯҳҳо барои навиштани тартиби пухтани суманак ёрӣ расонед. Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

### § 118. Дарсҳои 75–76.

**Барнома**. Тарзи пешгӯйии мазмуни матн дар асоси нишонаҳо он (ном, расм, калимаҳои асосӣ ва ғайра). Тартиб додани нақшаи пайдарпайии ҳодисаҳои матн. Истифодаи нақшаву ҷадвалҳо барои пешниҳоди маълумот. Ба саволҳои таҳлилии оид ба

матн ҷавоб додан. Муайян кардани мазмуни матни шунида. Машқи суханварӣ. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Луғат**: нуқрагун, васф, беканор, шаффоф, ғуруб, навда, дилангез, ношта, тулуъ, хашмгин, ҳавобаланд.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.

2.2.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матн, номи он ва расмҳоро аз назар гузаронда, мазмуни асосии онро муайян карда тавонад;
- оид ба ҳодисаву воқеаҳои матне, ки мехонанд, пешгӯйӣ ё ақидаҳо пешниҳод кунад;
- ҳангоми хондан ақидаҳо ва тартиби хронологии воқеаҳоро тартиб диҳад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад;
- ба суханони гӯянда сарфаҳм рафта, ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби мувофиқ дода тавонад;
- наҳаросида, бо боварӣ сухан гӯяд;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Ақидаи рӯз. Як ақида, савол ё масъалаи ба мавзӯъ мувофиқро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи он як дақиқа фикр кунанд ва чизеро, ки доир ба ақида (масъала, савол) медонанд ба хотир оранд. Ба онҳо фаҳмонед, ки дар охири дарс ба ин масъала бармегардед. Дар охири дарс диққати хонандагонро боз ба масъала ҷалб карда, фикри онҳоро шунавед.

Намуна: Дар бораи хорпушт ва булбул чӣ медонед?

**Кор бо луғат**. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори ибораҳо (ҳайвони хонагӣ, ҳайвони ваҳшӣ, парандагон) даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як ибораро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо кашидани хатчаҳо онҳоро бо ҳам пайваст намоед.

**Намуна:**



**Намуна:**
1. ҳайвонҳои хонагӣ – саг, асп, буз..
2. ҳайвонҳои ваҳшӣ – шер, рӯбоҳ, хорпушт ...
3. парандагон – кабк, тутӣ, қумрӣ, булбул...

**Хондан**. Усулеро интихоб карда, матнро бо хонандагон хонед. Дар тахтаи синф мувофиқи ҳодисаҳои асосии матн давра кашед. Ҳодисаҳои матнро дар дохили давраҳо нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дигар мустақилона хонанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки аввал тартиби ҳодисаҳоро муайян карда, дар дохили давраҳо мувофиқи тартиби пайдошавии ҳодисаҳо рақам гузоранд (аввал чӣ шуд, баъд чӣ шуд ва ғайра). Сипас хонандагон алоқамандии ҳодисаҳоро муайян менамоянд. Яъне аз ҳодисаи аввал ба ҳодисаи дигар хат кашида, бо тирча нишон медиҳанд.




Баъд хонандагон симоҳоеро, ки дар ҳодисаҳо иштирок мекунанд, дар атрофи давраҳо менависанд.




**Лаҳзаи дамгирӣ**. Чистонҳоро хонед. Хонандагон онҳоро ёбанд.

Нохунакаш чун нохуни шеру паланг,
Тоҷи шоҳӣ бар сараш ҳангоми ҷанг.

(х..р..с)

Як ҷонваре бидидам,
Аҷаб хуш месарояд.
Сари ғунча нишаста,
Шабро саҳар намояд.

(б..л..б..л)

**Навиштан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки кроссвордҳоро кор кунанд. Кадом гурӯҳе, ки якум шуда кроссвордҳоро кор мекунад, ғолиб дониста мешавад.

Кроссворди 1. Ҳарфҳои садонок ва ҳамсадоҳои партофтаро гузоред, ки номи ҳайвоҳо ҳосил шавад (хар, оҳу, рӯбоҳ,паланг, уштур,шер, тойча).

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| х | | р | | | |
| о | | у | | | |
| р | | б | | ҳ | |
| п | | л | | н | г |
| у | | т | | р | |
| ш | | р | | | |
| т | | й | ч | | |

Кроссворди 2. Аз ҳарфҳои калимаи офтоб номи ашёҳое, ки садонокҳояш партофта шудаанд, ҳосил кунед.
Калимаҳои ҳосилшуда: олам, фасл, табиат, осмон, баҳор.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| о | л | | м | | |
| ф | | с | л | | |
| т | | б | | а | |
| | с | м | | н | |
| б | | ҳ | | Р | |

**Машқҳои иловагӣ.**
А. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи табиати маҳалашон дар ҳаҷми хурд ҳикоя нависанд. Аввал намунаро бо хонандагон муҳокима кунед.

*Намуна: Ман дар деҳаи Пахтакор зиндагӣ мекунам. Деҳаи мо хеле калон ва зебо аст. Дар он ҷо боғи калон, дарахтони мевадору сояафкан ва ҳавлиҳои калону зебо ҳастанд. Табиати ҳамешабаҳори он ба кас ҳаловат мебахшад (*Боз ҳам содатар навиштан мумкин аст*).*

Б. Имлои дунафарӣ. Калимаҳои зеринро ба ду сутун тақсим карда, аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки бо навбат калимаҳоро хонанд ва нависанд.

**Калимаҳо:** бисёр, ӯро, гӯё, укёнусҳо, дарёчаҳо, хушбӯй, дирӯза, фарёд, ҳастӣ, гулу, медаронӣ, гӯш, мекунӣ, сӯзан, дорӣ, торикӣ, либосдӯзӣ, наметавонӣ, мехӯронанд, мепӯшонад.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомаширо ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 119. Дарсҳои 77–78.

**Барнома**. Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Луғат**: бутун, ҳарисона, шариктабақ, ҳамшафат, таом.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- барои аниқ кардани мазмун ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои одии таҳлилӣ диҳад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои сода дода тавонад;
- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- дар асоси мазмуни матн хулосаи кӯтоҳ нависад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад;
- барои хондани калимаҳои мушкил стратегияи мувофиқро истифода барад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим. *Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ин мавзӯъ ду савол нависанд. Саволҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд. Ба ин саволҳо дар охири дарс баргардед. Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо ба саволҳои гузоштаашон ҷавоб ёфтанд? Агар не, якҷоя саволҳои онҳоро муҳокима кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед (шариктабақ, дастпоккун, ҳамшафат, ҳампаҳлӯ, ҳамроҳ). Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ

ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед. Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намуда, ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед. Гурӯҳе, ки аксари калимаҳоро дуруст ва мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Якҷоя бо хонандагон шеъри зеринро ифоданок хонед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои ҷорнафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки шеърро якҷоя бо овози баланд ифоданок хонанд.

| | |
|---|---|
| Ин чӣ бӯйи хуш? | Кафгир ба дасташ, |
| –Бӯйи шӯламош. | Дамгир ба дасташ, |
| Кӣ мепазад ош? | Лола пазад ош |
| –Лолаи додош. | Оши шӯламош. |

*С. Гулчеҳра*

Дар тахтаи синф ҷадвали иборат аз се сутун кашед. Дар сутуни аввал «медонам», дар сутуни дуюм «донистан мехоҳам» ва дар сутуни сеюм «донистам» нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвалро дар дафтар кашанд. Аз онҳо пурсед: «Шумо дар бораи одоби сари мизи таомхӯрӣ чиро медонед?» Як ё ду ақидаи хонадагонро ҳамчун мисол дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки чиро дар бораи мавӯи матн медонанд, бо як калима ё ибора дар сутуни якум нависанд. Синфро назорат кунед ва ба хонандагон ёрӣ расонед. Сипас ба сутуни навбатӣ гузаред. Як мисол оред. Мисолро дар сутуни 2 нависед. Аз хонандагон пурсед ва як ё ду ақидаи хонандагонро ҳамчун мисол дар тахтаи синф нависед. Матнро хонед ё аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондани матн ба маълумоти ҷадвал баргардед. Ба маълумоти ду сутуни аввал такя карда, фаҳмиши хонандагонро доир ба мавзӯъ муҳокима намуда, як мисолро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон 2 дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар сутуни сеюм он чиро ки аз матн донистанд, қайд кунанд.

Ҷадвал:

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҷадвалҳояшонро муҳокима намоянд. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоби умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Намунаҳои поёнро дар тахтаи синф навишта, тарзи навиштани чунин ҷумлаҳоро бо хонандагон аввал ба таври шифоҳӣ машқ кунед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи таоми дӯстдоштаашон ду-се ҷумла нависанд.

Намуна: *Таоми дӯстоштаи ман карамшӯрбо аст. Ман карамро дӯст медорам. Дар таркиби карам витаминҳо бисёр аст. Витаминҳо барои саломатӣ фоида доранд.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 120. Дарсҳои 79–80.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. **Луғат**: навкар, мир, саманд, бовиқор, тантана, тақсим, ғазаб.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
– воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
– алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
– матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
– сохтори матнро таҳлил кунад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
– андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
– дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз “Бонки мавзӯъҳо” интихоб намоед.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро (калимаи асосӣ, ақидаи асосӣ) дар даврае нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки вобаста ба ин мавзӯъ он калимаҳоеро, ки медонанд, дар атрофи давра нависанд.

**Намуна:**




Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз "Лаҳзахои гуворо" чизеро нақл кунанд. Фикру ақидаи худро дар бораи симои он матн баён кунанд. Таъкид кунед, ки ҳангоми нақли ба пайдарпайии фикр ва дурустии мантиқи ҷумлаҳо диққат диҳанд. Суҳбати хонандагонро

муҳокима намуда, аз он чунин хулоса бароред, ки дар ҳама давру замон латифагӯйӣ дар ҳаёти мардум мавқеи хоса доштааст.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн (Навкар, мир, саманд, бовиқор, тантана, тақсим, ғазаб) ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми давраро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан.** Таркиби матн. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва дар асоси он нақша тартиб диҳанд. Бори дигар тарзи пур кардани нақшаи матнро бо хонандагон машқ кунед (нигаред ба дарсҳои пешин). Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми кор, гурӯҳҳо бо навбат кори худро муаррифӣ мекунанд.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи "***Як ба як***" ( саволҳои одие, ки ҷавобашонро ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст.) 2 саволи "***Фикр кун, таҳқиқ намо***" (саволҳое, ки ҷавобашон дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи "***Муаллиф ва шумо***" тартиб диҳед.

Намунаҳо:

1. *Хоҷа Насриддин кӣ буд? (Як ба як )*
2. *Вай ба кадом шаҳр омад? (Як ба як )*
3. *Вай чӣ гуфт? (Як ба як )*
4. *Навкарон чӣ кор карданд? (Як ба як )*
5. *Ба куҷо бурданд? (Як ба як )*
6. *Ӯро кӣ пурсид? (Як ба як )*
7. *Ӯ чӣ ҷавоб дод? (Як ба як )*
8. *Барои чӣ мири шаҳр қаҳр кард? (Фикр кун, таҳқиқ намо)*
9. *Рафтори кадомаш дуруст аст? Барои чӣ? (Муаллиф ва шумо)*
10. *Агар шумо ба ҷойи мири шаҳр мебудед, чӣ кор мекардед? (Муаллиф ва шумо)*

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёфта, онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаи Насриддин, мардум ва Навободро аз боло ба поён навишта, бо ҳар як ҳарфи онҳо калимаҳое нависанд, ки дар ҳаёти ҳаррӯза мешунаванд.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Н | | с | | ҳ | | т |
| а | | а | | | | |
| с | | л | | м | | |
| р | | ф | т | | р | |
| и | | м | | | | |
| д | | н | | ш | | |
| д | | р | с | | | |
| и | ф | т | | х | | р |
| н | | т | | ч | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Н | | т | қ | | | | |
| а | д | | б | | | | |
| в | | т | | н | | | |
| о | с | | н | | | | |
| б | | д | | қ | қ | | т |
| о | м | | з | | ш | | |
| д | | н | | ш | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| м | | к | т | | б | | |
| а | т | р | | ф | | | |
| р | | с | т | | | | |
| д | | с | т | | | | |
| у | с | т | | в | | р | |
| м | | қ | с | | д | | |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо калимаи сутуни якум аз сутуни дуюм ба монанди намуна ибора нависанд.

| | |
|---|---|
| шахси | сахт |
| бачаи | равшан |
| дасти | беодоб |
| марди | беодам |
| хонаи | беҳунар |
| санги | сахӣ |
| бозори | шӯх |

Намуна: *шахси беҳунар, бачаи беодоб, дасти сахт.*

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Аз хонандагон пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Чӣ ба онҳо маъқул шуд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Яке аз машқҳои китоби дарсӣ ё замимаро ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Ба хонандагоне, ки ҳусни хаташон коста аст, машқи хат супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Ду-се хонандаро арзёбӣ кунед.

## § 121. Дарсҳои 81–82.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилро аниқ намуда, тавассути воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;

– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан**: **Лаҳзаҳои гуворо.** Мавзӯъҳоро аз "Бонки мавзӯъҳо" интихоб намоед.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи Исмоили Сомонӣ чӣ медонанд? (шеърҳо, муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, подшоҳ буданашро ба хотир биёред). Чизҳои ба хотир овардаро ба аҳли синф пешниҳод намоед. Шумо суҳбати хонандагонро бодиққат гӯш кунед, то дар бораи Исмоили Сомонӣ то кадом андоза маълумот доштани хонандагонро муайян намоед. Метавонед фикрҳои хонандагонро бо саволҳои зерин пурра кунед:

*1. Кадом шеърро дар бораи Исмоили Сомонӣ хонда гузаштем? - Оли Сомон. Саҳ. 15.*
*2. Дар кадом матн дар бораи ӯ сухан рафт? – Ватан. Саҳ. 63.*
*3. Муҷассамаи ӯ дар куҷо ҷойгир аст? Дар пойтахт - шаҳри Душанбе.*
*4. Исмоили Сомонӣ асосгузори кадом давлат буд? Давлати тоҷикон.*

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашида, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси матн онро пур кунанд.

| | |
|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

Дар асоси саволҳои ҷадвали боло мазмуни матнро муҳокима кунед.

**Навиштан**. Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои ифодакунандаи табиати атрофро гӯянд. Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Намунаҳо: *дарахт, гул, кӯҳ, теппа, алаф, дарё, офтоб, осмон, абр.*

Калимаи дарахтро интихоб намуда, расми дарахтро дар тахтаи синф овезед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хусусиятҳои онро гӯянд. Сипас аз онҳо хоҳиш намоед, ки навъҳои дарахтони маҳалашонро номбар кунанд.

Намуна: *чинор, чормағз, тут, себ, нок, бед, сафедор, гелос, хурмо.*

Намунаи ҷумлаҳоро дар тахтаи синф нависед. Тарзи навиштани ҷумлаҳоро ба хонандагон фаҳмонед.

*Чормағз дарахти баланд аст. Вай баргҳои паҳн дорад. Дар деҳаи мо дарахти чормағз бисёр аст.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як дарахтро интихоб карда, ба монанди намуна ҷумлаҳо нависанд. Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар хона матни навитаашонро пурратар гардонда, онро дар варақи алоҳида навишта, расми дарахтро кашанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хонданро машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Арзёбӣ.** Дар тахтаи синф се савол навишта, онҳоро бо хонандагон муҳокима намоед. Нигаред ба саволҳои поён.

*Чиро омӯхтед?*
*Чӣ ба шумо маъқул шуд?*
*Чӣ ба шумо мушкил буд?*

## § 122. Дарсҳои 83–84.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарқкунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро бурров у равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои мураккабтар дода тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори

ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**ФДЗ.** Доир ба мавзӯи дарс панҷ (шаш) савол тартиб диҳед. Ҳар як саволро дар вараќи алоҳида нависед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар як гурӯҳ вараќи саволдорро супоред. Ба онҳо ду дақиқа вақт диҳед, то ба савол ҷавоб нависанд. Варақҳои саволдорро байни гурӯҳҳо иваз намоед. Гурӯҳҳо савол ва ҷавоби гурӯҳи дигарро мехонанд ва ҷавоби худро илова мекунанд. Ҳамин тавр, варақҳо байни гурӯҳҳо иваз мешаванд. Ҷавобҳои гурӯҳҳоро хонед ва хонандагонро ба дарси нав омода намоед.

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед. Мисол: *Маънои калимаи .... чист? Калимаи ... маънои ...-ро дорад.*

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** ***Нигаред ба § 35. Дарсҳои 69–70.***
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафара) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан**. Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Гулҳо. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки номҳои гулҳоро гӯянд. Номи гулҳоро дар тахтаи синф нависед. Намуна: *садбарг, лола, бобуна, гули ёқут, гули кавкаб, гули мино.*

| | | |
|---|---|---|
|  Гули кавкаб |  Лолаи кӯҳӣ |  Лолаи аҳмар |
|  Садбарг |  Бобуна |  Гули ёқут (гладиолус) |
|  Гули мино (астра) | | |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба расми гулҳо назар карда, гӯянд, ки оё онҳо чунин гулҳоро дидаанд? Дар куҷо?

Намунаи ҷумлаҳоро дар тахтаи синф нависед. Намуна:

*Садбарг гули зебо аст. Садбар дар фасли баҳор мешукуфад. Гулҳои он рангҳои гуногун доранд. Бӯйи гули садбарг хеле гуворо аст.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як гулро интихоб карда, ба монанди намуна ҷумлаҳо нависанд. Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар хона матни навитаашонро пурратар гардонда, онро дар варақи алоҳида навишта, расми гулро кашанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

### § 123. Дарсҳои 85–86.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;

– хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан**: **Муаррифӣ ба аҳли синф.** Якҷоя бо аҳли синф мавзӯъҳоеро, ки хонандагон ба онҳо шавқи зиёд доранд, муқаррар намоед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки ба мисли дарсҳои пешин муаррифӣ омода карда, бо навбат, ҳар дарс ба аҳли синф пешниҳод мекунанд. Барои тақвияти муаррифӣ аз мисолҳо (расму мусавварахо, ашё ва амсоли он) истифода баранд.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷадвал кашанд. Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Ба онҳо ду дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар дохили катакҳо калимаҳои ба мавзӯи дарс мувофиқро нависанд. Хонандагон калимаҳои навиштаашонро ба ҳамдигар мехонанд.

Намуна:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии “Майдони муъҷизот” гузаронед. Яъне синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Ҳамин тавр, бо калимаҳои дигар бозӣ кунед. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб дониста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои ***«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо» ва «Муаллиф ва шумо»***-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як варақаи борик гирифта, саволи таҳиякардаашонро дар он нависанд. Саволҳоро ҷамъ оварда, дар қуттие омехта кунед. Дар назди тахтаи синф курсие гузоред. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб

мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Боғ. Расми боғро ба хонандагон намоиш диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар расм чиро мебинанд гӯянд. Тартиби навиштани матни тасвирӣ дар асоси расм чунин аст.

1) Хонандагон номи ашёи дар расм дидаашонро менависанд. Масалан, *дарахти себ* .
2) Сифатҳои ашёро менависанд. Масалан, *дарахти себ – сершох, сербарг, қадпаст, пур аз мева.*
3) Дар асоси як намуна ба навиштан шурӯъ мекунанд.

Намуна:



Фасли баҳор. Дарахтони себ дар боғ гул кардаанд. Дарахтони баланди себ пур аз гул мебошанд. Осмон соф аст.

Ба хонандагон якчанд расми боғро пешниҳод кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи як расми матн нависанд.

Намунаҳои расм:




**Вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи боғчаи назди ҳавлиашон матни хурд офаранд. Агар хонандагон дар шаҳр зиндагӣ кунанд, метавонанд расмеро интихоб карда, дар бораи он нависанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 124. Дарсҳои 95–96.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва й, ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои ҷуғрофӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла. **Луғат**: ҷигаргӯша, бинеҳ, панд, фишондан, бузургит, пиронасар, ҳамекун, шева, касӣ кардан, садафвор.

**Салоҳиятҳо:**

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилро аниқ намуда, тавассути воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои ҷуғрофӣ донад;
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофикро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, 5-6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара/чорнафара ҷудо намоед. Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якҷоя кор карда, ҳарчи бештар калимаҳои ба мавзӯъ мувофиқро дар дафтар нависанд. Гурӯҳҳо бо навбат калимаҳоро мехонанд. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дониши заминавии хонандагонро оид ба мавзӯъ муайян кунед ва онҳоро барои аз худ кардани маводди таълим омода намоед.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

Калимаҳо: ҷигаргӯша, бинеҳ, панд, фишондан, бузургит, пиронасар, ҳамекун, шева, касӣ кардан, садафвор.

**Хондан**. Хониши дақиқавӣ. Пеш аз дарс: дар варақи алоҳида рӯйхати хонандагонро мувофиқи сатҳи малакаи хонданашон тартиб диҳед. Яъне, хонандаи 1 хеле хуб мехонад ва хонандаи охирони рӯйхат хеле суст мехонад. Рӯйхатро ба ду қисми баробар тақсим карда, онро буред. Ҳар ду қисми рӯйхатро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафара ташкил намоед. Яъне хонандаи якуми қисми якуми рӯйхат бо хонандаи якуми қисми дуюми рӯйхат.

Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло дар як дақиқа чанд калима хонданро машқ мекунед. Барои ин хонандагони Гурӯҳи А мехонанд, хонандагони Б хондани ӯро мушоҳида мекунанд ва калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро муайян мекунанд. Шумо вақтро муайя карда, барои оғоз кардани хондан дастур диҳед. Гӯед “Сар кардем!” Хонандаи гурӯҳи А ба хондан яку якбора шурӯъ мекунад, хонандагони Б назорат карда, калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро қайд мекунанд. Бо тамом шудани 60 сония “Ист!” гуфта, хонданро боздоред. Аз хонандагони Б хоҳиш кунед, ки миқдори калимаҳои хондаи хонандаи А-ро шуморанд ва калимаҳои ғалатхондаро аз миқдори умумӣ кам кунанд. Масалан, агар хонанда 80 калима хонда, 9 ғалат карда бошад, он гоҳ 80–9=71. Яъне хонандаи А 71 калимаро дуруст хондааст. Ин амалро дубора иҷро намоед, акнун хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Бо як матн ду-се маротиба чунин машқ кунед.

**Навиштан**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои сутуни якумро бо дуюм муқоиса карда, калимаҳои ҳаммаъноро бари ҳам нависанд.

| | |
|---|---|
| хунук<br>нарм<br>кӯшиш<br>офтоб<br>ғам | андӯҳ<br>хуршед<br>сард<br>мулоим<br>ғайрат |

Хонандагонро ба гурӯҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матни зеринро хонда, ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқро нависанд. Мо махсус намунаҳои калимаҳоро пешниҳод накардем, то хонандагон фикр карда, калимаро мувофиқи мазмуни ҷумла ёфта нависанд.

А. Дирӯз баъди борон __________________ баромада, оламро равшан кард.
Б. Пас аз ғуруби __________________ ҳама ҷо торик шуд.
В. Рустам __________________ мекард, ки дарро кушояд.
Г. __________________ Сорбон аз __________________ суп-сурх шуд.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро бори дигар хонанд, калимаҳои мувофиқро ёфта, кроссвордро пур кунанд.

Биё, эй ҷигаргӯша, фарзанди ман,
Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман.
Садафвор биншин даме лабхамӯш,
Чу гавҳар фишонам, ба ман дор гӯш!
Шунав панду дониш, ба он ёрӣ кун,
Чу донистаӣ, он гоҳ ба он кор кун!
Чу бояд бузургит пиронасар,
Ба чашми бузургӣ ба пирон нигар.
Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева, донам, ба пирӣ расӣ ...

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровардa, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 125. Дарсҳои 97–98.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнҳо муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд намояд;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои мураккабтар дода тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара машғул шуда, оид ба мавзӯъ ду калима гӯянд: як хусусияти мусбат ва як хусусияти манфӣ.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омода кардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи»

гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳи дунафарӣ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳи дунафарӣ мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаҳову шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳи дунафарие, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири баҳор. Дар тахтаи синф як давра кашида, дар дохили он калимаи «баҳор»-ро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи баҳор чӣ медонанд гӯянд. Калима ва ибораҳои гуфтаи хонандагонро дар атрофи калимаи асосӣ нависед.

Намуна: Баҳор борон меборад, барфҳо об мешаванд, дарахтон гул мекунанд, ҳама ҷо сабз мешавад.

Баъд оғози ҷумларо дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, давоми ҷумларо нависанд. Онҳо метавонанд аз аломати нуқт–вергул истифода бурда, давоми ҷумларо нависанд.

Намуна: *Фасли баҳор барфҳо об мешаванд; қариб ҳар рӯз борон меборад …*

Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед. Ба хонандагон мувофиқи натиҷаи корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровадра, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

### § 126. Дарсҳои 99–100.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр, тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Пешакӣ амалҳоеро, ки аз ягон ҷиҳат ба мавзӯи дарс дахл доранд, дар варақаҳои алоҳида нависед. Ба ҳар як хонандаи гурӯҳ бояд як амал рост ояд. Хонандагон варақҳоро интихоб мекунанд ва онро бе сухан гуфтан иҷро мекунанд. Аҳли гурӯҳ бояд ин амалро муайян кунанд. Ҳамин тавр, ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бо навбат кор мекунанд. Диққат! Барои иҷрои ин фаъолият ба гурӯҳ танҳо 5 дақиқа вақт дода мешавад.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон

маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:
Намуна:

| | |
|---|---|
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5–6.***

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва нақшаи онро тартиб диҳанд.

НАҚШАИ МАТН




Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар асоси нақшаи тартибдодаашон матнро ба ҳамнишинашон бо навбат нақл кунанд. Аз як ё ду хонанда хоҳиш намоед, ки матнро ба аҳли синф дар асоси нақшаи таҳиякардаашон нақл кунанд.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири баҳор. Таҳриру такмили матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни дар дарси пешин таҳиякардаашонро ба шарикашон супоранд. Кори якдигарро хонанд ва ба ҳамдигар тавсия диҳанд. Сипас хонандагон корашонро такмил дода, дар деворҳои синф ба маърази тамошо мегузоранд. Хонандагон дар синф давр зада, матни навиштаи ҳамсинфонашонро мехонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди*

*дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 127. Дарсҳои 101–102.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилро аниқ намуда, тавассути воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс–пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр, тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расмро пешакӣ омода намоед. Расмҳо бояд мавзӯъро аз ягон ҷиҳат муаррифӣ кунанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намуда, ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед ё расмҳоро дар тахтаи синф овезед. Гурӯҳҳо расмҳоро шарҳ медиҳанд. Шумо метавонед барои водор намудани хонандагон пешакӣ савол омода кунед. Мисол: Дар расм кӣ/чӣ тасвир шудааст? Онҳо дар кучоянд? Чӣ кор мекунанд? ва амсоли он.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Ҳоло якҷоя мо маънои калимаро меёбем. Аввал ҷумлаеро, ки дар он ин калима омадааст, мехонем. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Боз ҷумлаи баъдинаро мехонем. Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Қанд занед. Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*

- Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва баъдинаро хонда, маънои калимаи нофаҳморо муайян карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф нависед (ё дар варақҳои калон). Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри "матн" меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ба хондани матн шурӯъ кунед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед.
Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

Таҳлили матн. Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон омадааст (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба саволҳои машқи дар замима омада ҷавоб гардонанд. Ба хонандагон барои иҷрои тест вақти кофӣ диҳед. Ҷавоби тестҳоро бо аҳли синф муҳокима ва таҳлил кунед.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири тобистон. Дар тахтаи синф як давра кашида, дар дохили он калимаи «тобистон»-ро нависед. Аз хонандагонпурсед, ки дар бораи тобистон чӣ медонанд. Калима ва ибораҳои гуфтаи хонандагонро дар атрофи калимаи асосӣ нависед.

Намуна: тобистон ҳаво гарм мешавад, меваҳо мепазанд, таътил мешавад, ва ғайра.

Баъд оғози ҷумларо дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, давоми ҷумларо нависанд. Онҳо метавонанд аз аломати нуқт-вергул истифода бурда, давоми ҷумларо нависанд.

Намуна: *Фасли тобистон ҳаво хеле гарм мешавад; меваю сабзавот мепазад …*

Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед. Ба хонандагон мувофиқи натиҷаи корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?

**Арзёбӣ.** Малака ва маҳорати хонандагонро мувофиқи нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ арзёбӣ кунед. Бо хонандагоне, ки малакаи суст нишон медиҳанд, кори инфиродӣ баред.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровapда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 128. Дарсҳои 1–2.

**Барнома**. Тарзи пешгӯйии мазмуни матн дар асоси нишонаҳо он (ном, расм, калимаҳои асосӣ ва ғайра). Тартиб додани нақшаи пайдарпайии ҳодисаҳои матн. Истифодаи нақшаву ҷадвалҳо барои пешниҳоди маълумот. Ба саволҳои таҳлилии оид ба матн ҷавоб додан. Муайян кардани мазмуни матни шунида. Машқи суханварӣ. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хондашуда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матн, номи он ва расмҳоро аз назар гузаронда, мазмуни асосии онро муайян карда тавонад;
- оид ба ҳодисаву воқеаҳои матне, ки мехонанд, пешгӯйӣ ё ақидаҳо пешниҳод кунад;
- ҳангоми хондан ақидаҳо ва тартиби хронологии воқеаҳоро тартиб диҳад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад;
- барои пурра дарк кардани мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб гардонад;
- маълумоти муҳим ва на он қадар муҳимро муайян карда тавонад;
- ба суханони гӯянда сарфаҳм рафта, ба саволи пешниҳодшуда ҷавоби мувофиқ дода тавонад;
- наҳаросида, бо боварӣ сухан гӯяд;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расм омода намоед. Хуб мешавад, ки агар дар расмҳо ягон амал тасвир шуда бошад. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед. Расмҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ба онҳо як дақиқа вақт барои муҳокимаи расм ҷудо кунед. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки расмро ба гурӯҳи дигар супоранд. Ҳамин тавр, расмҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Вақтро назорат кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаънои онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф (а,б,в,г ва ғайра) гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро

хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.
Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва онро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо кунед. Тавассути саволу масъалаҳои пеш аз хондан хонандагонро ба хондан (шунидан)-и матн омода намоед. Қисми аввали матнро то нуқтаи ивазшавии ҳодиса ё пайдо шудани масъалае хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Сипас ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Мехоҳед фаҳмед, ки давоми афсона чӣ мешавад? Ё худро санҷидан мехоҳед? Пас давомашро гӯш кунед». Давоми матнро то нуқтаи дилхоҳи дигар (то ҳал шудани масъалаи гузошташуда) хонед. Таваққуф карда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаи пештар гуфтаашонро бо ахбори матн муқоиса намоянд. Оё онҳо дуруст пешгӯйӣ кардаанд ё не? Ҳамин тавр, қисмҳои дигари матнро хонед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона машғул шуда, саволномаи дар замима пешниҳодшударо кор кунанд. Дар асоси саволнома мазмуни матнро таҳлилу муҳокима кунед.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири тобистон. Таҳриру такмили матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни дар дарси пешин таҳиякардаашонро ба шарикашон супоранд. Кори якдигарро хонанд ва ба ҳамдигар тавсия диҳанд. Сипас хонандагон корашонро такмил дода, дар деворҳои синф ба маърази тамошо мегузоранд. Хонандагон дар синф давр зада, матни навиштаи ҳамсинфонашонро мехонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 129. Дарсҳои 3–4.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муоширaт бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои таълим**.

– калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
– ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
– манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
– истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
– сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
– дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
– калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
– ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
– суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
– ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф панҷ савол нависед. Ҳамаи саволҳо бояд ҷавоби “ҳа” ё “не”-ро талаб кунанд. Хонандагон дар гурӯҳи дунафара машғул шуда, ба як савол ҷавоб медиҳанд ва як савол мепурсанд. Агар хонанда ба саволаш ҷавоби “не” гирад, он гоҳ саволи навбатиро аз хонандаи дигар мепурсад. Агар ҷавоб “ҳа” бошад, онро месанҷанд ва ба саволи навбатӣ мегузаранд. Синфро назорат кунед, то мағали беҳуда нашавад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед.

**Намунаи ҷадвал:**

| | А | Б | В | Г |
|---|---|---|---|---|
| **1** | | | | |
| **2** | | | | |
| **3** | | | | |
| **4** | | | | |
| **5** | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб мешавад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашида, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси матн онро пур кунанд.

| | |
|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

Дар асоси саволҳои ҷадвали боло мазмуни матнро муҳокима кунед.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири тирамоҳ. Дар тахтаи синф як давра кашида, дар дохили он калимаи «тирамоҳ»–ро нависед. Аз хонандагонпурсед, ки дар бораи тобистон чӣ медонанд. Калима ва ибораҳои гуфтаи хонандагонро дар атрофи калимаи асосӣ нависед.

Намуна: тирамоҳ – ҳаво салқин мешавад, мавсими ҳосилғундорӣ, баргҳои дарахтон зард мешаванд ва ғайра.

Баъд оғози ҷумларо дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, давоми ҷумларо нависанд. Онҳо метавонанд аз аломати нуқта-вергул истифода бурда, давоми ҷумларо нависанд.

Намуна: *Фасли тирамоҳ ҳаво салқин мешавад; баргҳои дарахтон зарду сурх мешаванд …*

Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед. Ба хонандагон мувофиқи натиҷаи корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 130. Дарсҳои 5–6.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс ду савол омода намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷойҳо хеста, ба ҳамдигар савол диҳанд. Агар ба савол ҷавоб ёфтанд, он гоҳ дунафарӣ барои ёфтани ҷавоб бо дигарон саволу ҷавоб мекунанд. Дар натиҷа гурӯҳи чорнафарӣ пайдо мешавад. Аз гурӯҳҳои хоҳиш кунед, ки ба назди шумо омада, ҷавобҳои саволҳоро гӯянд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонандагон ба ҷойҳои худ мешинанд ва дарсро идома медиҳед.

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калимаи пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Мисол: *Маънои калимае, ки дар байни калимаҳои* ***ки*** *ва* ***бебаҳо*** *омадааст, чист?* Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр, ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

**Хондан**. Таҳлилу таркиби матн. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки нақшаи матнро тартиб диҳанд (Нигаред ба нақшаи дар Замимаи китоби дарсӣ омада). Сипас гурӯҳҳо бори дигар матнро мехонанд ва алоқаи байни онҳоро муайян мекунанд. Як намунаро бо аҳли синф якҷоя иҷро намоед. Аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш намоед, ки бо гурӯҳҳои дунафараи дигар ҳамроҳ шуда, нақшаи матн ва алоқаи байни ҷумлаҳои онро нишон диҳанд ва муҳокима кунанд.

Пешакӣ доир ба мазмуни матн 10 савол омода намоед. Онро ба қуттӣ андохта, бозии "Курсии сеҳрнок"-ро иҷро намоед. Яъне хонандае ба назди тахтаи синф даъват мешавад, ӯ як саволро интхоб мекунад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Ҳамин тавр, якчанд хонанда пурсида мешавад.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири тирамоҳ. Таҳриру такмили матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни дар дарси пешин таҳиякардаашонро ба шарикашон супоранд. Кори якдигарро хонанд ва ба ҳамдигар тавсия диҳанд. Сипас хонандагон корашонро такмил дода, дар деворҳои синф ба маърази тамошо мегузоранд. Хонандагон дар синф давр зада, матни навиштаи ҳамсинфонашонро мехонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми

дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 131. Дарсҳои 7–8.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шаванд. Бо ҳам суҳбат карда, аз якдигар пурсанд, ки онҳо рӯзи (ҳафтаи) гузашта чӣ кор карданд. Инчунин рӯзҳои истироҳатии навбатӣ (шанбе ва якшанбе) чӣ кор карданиианд гӯянд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки оид ба яке аз ҳамсинфонашон нақл кунад. Мисол: *Рустам рӯзи шанбе ба хонаи бобояш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо ҷӯраҳояш футбол бозӣ кардааст. Ин ҳафта ба театр рафтанӣ аст.* Шумо метавонед ин намунаро ба хонандагон хонед.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳмоpо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаънои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаънои он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои *«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо»* *ва «Муаллиф ва шумо»*-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як варақаи борик гирифта, саволи таҳиякардаашонро дар он нависанд. Саволҳоро ҷамъ оварда, дар қуттие омехта кунед. Дар назди тахтаи синф курсие гузоред. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири зимистон. Дар тахтаи синф як давра кашида, дар дохили он калимаи «зимистон»-ро нависед. Аз хонандагонпурсед, ки дар бораи тобистон чӣ медонанд. Калима ва ибораҳои гуфтаи хонандагонро дар атрофи калимаи асосӣ нависед.

Намуна: зимистон – ҳаво хунук мешавад, барф меборад, кӯдакон барфбозӣ мекунанд ва ғайра.

Баъд оғози ҷумларо дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона кор карда, давоми ҷумларо нависанд. Онҳо метавонанд аз аломати нуқт-вергул истифода бурда, давоми ҷумларо нависанд.

Намуна: *Фасли зимистон ҳаво хунук мешавад; барф меборад; кӯдакон барфбозӣ мекунанд …*

Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед. Ба хонандагон мувофиқи натиҷаи корашон тавсияҳо пешниҳод намоед.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 132. Дарсҳои 9–10.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ваислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;

– барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
– ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)–и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Як луғати асосии мавзӯи имрӯзаи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар муддати як дақиқа ҳар чӣ бештар калимаҳои ба луғат ҳаммаъно ё алоқамандро нависанд. Барои мураккаб кардани ин машқ, аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки иборaҳои мувофиқро нависанд. Калимаҳои навиштаи хонандагонро ҳисоб кунед ва ғолиб(он)ро аниқ созед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва иборaҳои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо кашидани хат онҳоро бо ҳам пайваст намоед.



**Намуна:**

**Хондан**. Хониши дақиқавӣ. Пеш аз дарс дар варақи алоҳида рӯйхати хонандагонро мувофиқи сатҳи малакаи хонданашон тартиб диҳед. Яъне хонандаи 1 хеле хуб мехонад ва хонандаи охирони рӯйхат хеле суст мехонад. Рӯйхатро ба ду қисми баробар тақсим карда, онро буред. Ҳар ду қисми рӯйхатро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафара ташкил намоед. Яъне хонандаи якуми қисми якуми рӯйхат бо хонандаи якуми қисми дуюми рӯйхат.

Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло дар як дақиқа чанд калима хонданро машқ мекунед. Шумо вақтро муайя карда, барои оғоз кардани хондан дастур диҳед. Гӯед: "Сар кардем!" Хонандаи гурӯҳи А ба хондан яку якбора шурӯъ мекунад, хонандагони гурӯҳи Б назорат карда, калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро қайд мекунанд. Бо тамом шудани 60 сония "Ист!" гуфта, хонданро боздоред. Аз хонандагони Б хоҳиш кунед, ки миқдори калимаҳои хондаи хонандаи А-ро шуморанд ва калимаҳои ғалатхондаро аз миқдори умумӣ кам кунанд. Масалан, агар хонанда 80 калима хонда, 9 ғалат карда бошад, он гоҳ 80–9=71. Яъне хонандаи А 71 калимаро дуруст хондааст. Ин амалро дубора иҷро намоед, акнун хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Бо як матн ду-се маротиба чунин машқ кунед.

Ба хонандагон гӯед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондан бозии «Курсии сеҳрнок»-ро гузаронед. Яъне, як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват карда, ба курсие шинонед ва хонандагони дигар аз ӯ дар бораи матн савол медиҳанд. Се чор хонандаро бо навбат ба «Курсии сеҳрнок» шинонед, то онҳо ба саволҳо ҷавоб гӯянд.

**Навиштан.** Силсилаи машғулиятҳо оид ба тасвири табиат. Тасвири зимистон. Таҳриру такмили матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни дар дарси пешин таҳиякардаашонро ба шарикашон супоранд. Кори якдигарро хонанд ва ба ҳамдигар тавсия диҳанд. Сипас хонандагон корашонро такмил дода, дар деворҳои синф ба маърази тамошо мегузоранд. Хонандагон дар синф давр зада, матни навиштаи ҳамсинфонашонро мехонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 133. Дарсҳои 11–12.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
– воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
– навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
– симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
– матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
– суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**ФДЗ.** Дар асоси мавзӯи дарс як ақидаи асосии мубоҳисавиро таҳия намоед. Онро дар тахтаи синф нависед. Дар охири ақида илова кунед "Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед?" Хонандагон дунафарӣ машғул шуда, ақидаро муҳокима мекунанд. Гурӯҳ ба аҳли синф розӣ будан ё набудани худро иброз медорад ва онро шарҳ медиҳад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)-и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед.
Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намуда, ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед. Гурӯҳе, ки аксари калимаҳоро дуруст ва мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Номи матн (расм, калима, мавзӯи асосӣ)-ро ба хонандагон гӯед. Аз онҳо пурсед: «Ба фикри шумо матн дар бораи чӣ аст?» Ба хонандагон барои фикр кардан вақт диҳед. Сипас ақидаи онҳоро пурсед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки пешгӯйии худро дар хотир нигоҳ доранд.

Матнро ба якчанд қисм ҷудо кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки то ҷойи муайянкардаи шумо матнро хонанд (ё матнро хонед ва дар ҷойи муайян ист кунед). Ба

хонандагон савол диҳед: Чиро фаҳмиданд? Оё ин қисми матн ба пешгӯйии онҳо мувофиқ аст ё не? Ба фикри онҳо баъд чӣ мешавад?

Ҳамин тавр, якчанд маротиба хондани хонандагонро боздоред, бо онҳо саволу ҷавоб кунед.

Дар охир бо хонандагон муҳокимаи умумӣ ташкил намоед: *Акнун, пас аз хондани матн шумо дар бораи пешгӯйии худ чӣ гуфта метавонед? Барои тасдиқи пешгӯйии худ аз матн ягон далел ёфтед? Оё маълумоти матн барои иваз шудани пешгӯии шумо ёрӣ расонд? Кадом маълумот?*

**Навиштан. Мактуби дӯстона**. Шиносоӣ ва машқ дар асоси намуна. Мактуберо омода намуда, ба аҳли синф хонед.

Намуна:

*Салом, Заррина.*

*Ман дар деҳа дар хонаи бобоям. Мо бо дугонаҳоям ҳар рӯз ба тамошо меравем. Тобистон ҳам бошад, ҳавои деҳа салқин. Мо ба назди дарёча меравем. Дар он ҷо бозӣ мекунем. Ман сангчаҳои зебо ҷамъ овардаам. Мо пагоҳ ба кӯҳ меравем. Кӯҳҳои атрофи деҳа баланд нестанд. Дар он ҷо дарахтони зиёд мерӯянд. Кабкҳо месароянд. Гулҳои зиёд мерӯянд. Ман барои ту гул чинда меорам.*

*Бо эҳтиром ва муҳаббат,*
*Рухшона* *18 июли соли 2017.*

Оид ба мактуби дӯстона каме маълумот диҳед. Ҳар як қисми мактубро зикр карда фаҳмонед. Масалан: Мактуби дӯстона ғайрирасмӣ аст. Одатан, сархати аввали он аз муқаддима иборат аст, ки мактубгирандаро аз мақсади навиштани нома огоҳ месозад. Яъне нома ба кадом мақсад навишта мешавад. Агар шахси мактубгиранда ба муаллифи мактуб ношинос бошад, он гоҳ дар муқаддима мактубнавис худро шинос мекунад. Қисмҳои баъдинаи мактуб ахбори мушаххастарро барои равшан намудани матлаби мактуб фаро мегирад. Дар сархати охирини мактуб, одатан, хулосаи он навишта мешавад. Муаллиф ақидаашро ҷамъбаст карда, ба мактубгиранда изҳори сипос менамояд ва ба ӯ таманное намуда, дар поварақ номи худ ва таърихи навиштани мактубро зикр мекунад. Мактубро ба тахтаи синф навишта, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онро бо иваз кардани номҳо ё иловаҳои худ рӯйнавис кунанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки мактубҳояшонро ба аҳли синф хонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 134. Дарсҳои 13–14.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Дар доираи мавзӯи дарс бо истифодаи калимаи “агар” як савол таҳия намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф гашта, дар муддати 3 дақиқа ҳар чи бештар аз

ҳамсинфонашон саволро пурсида, ҷавоби онҳоро шунаванд ва дар хотир гиранд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷавоби хонандагони дигарро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми давраро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан. Мактуби дӯстона**. Машқи мустақилона. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба кӣ мактуб навиштанашонро муайян кунанд. Сипас мавзӯи онро аниқ созанд. Яъне, ба дӯсташон дар бораи чӣ менависанд? Масалан, тасвири мавзеъ (шаҳр, деҳа, боғи ҳайвонот ва ғайра). Намунаи мактуби дарси пешинаро истифода мебаранд. Хонандагон мустақилона мактубро менависанд. Ба назди хонандагон рафта, ёрӣ расонед. Хонандагон мактубро навишта, як маротиба мехонанд. Онро ба шарикашон барои тавсия месупоранд. Кори ҳамдигарро месанҷанд ва тавсия медиҳанд. Хонандагон мактубашонро такмил дода, ба шумо месупоранд. Мактуби хонандагонро санҷида, дарси оянда барои такмил додан супоред. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки мактуби навиштаашонро хонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 135. Дарсҳои 15–16.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Якчанд калимаҳоро доир ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар гурӯҳҳои чорнафара муҳокима кунанд ва мавзӯи дарсро аниқ созанд. Гурӯҳҳо мавзӯи дарсро дар варақи алоҳида навишта, ба шумо месупоранд. Ҷавоби гурӯҳҳоро хонда, аниқ созед, ки кадом гурӯҳ мавзӯъро дуруст муайян намудааст.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Таҳлилу таркиби матн. “Бовар мекунам!” ва “Бовар намекунам!”. Пешакӣ 10 ақидаро оид ба матн омода намоед. Панҷ ақидаи дуруст ва панҷ ақидаи нодуруст (ё панҷ қисми тахайюлӣ ва панҷ қисми ҳақиқӣ аз матн). Агар замима ба китоби дарсӣ дошта бошед, маводди онро истифода баред. Хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафара ҷудо

намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҳар як ақидаро хонанд ва гӯянд, ки онҳо ба ин ақидаҳо бовар доранд ё не. Хуб мешуд, ақидаҳоро дар ҷадвал пешниҳод намоед. Хонандагон пешакӣ ақидаҳоро мехонанд ва бовар кардан ё накарданашонро муайян мекунанд. Матнро мехонанд ва боз ба ҷадвал бармегарданд ва месанҷанд, ки то кадом андоза пешгӯйии онҳо мувофиқ буд.

| **Ақидаҳо** | **Бовар мекунам!** | **Бовар намекунам!** | **Пас аз хондан** |
|---|---|---|---|
| Ақидаи 1 | Намуна: V | | нодуруст |
| Ақидаи 2 | | | |

Дар асоси ҷадвал муҳокимаи умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан. Калимаҳои ҳаммаъно.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро рӯйнавис карда, ба ҷойи нуқтаҳо яке аз калимаҳои ҳаммаъноро истифода баранд. Гӯянд, ки чаро маҳз ҳамин калимаро интихоб карданд.

1) Дар фасли зимистон одамон либоси ... (ғафс, фарбеҳ) мепӯшанд.
2) Модарам дирӯз сатили обро дар даҳлез мондааст. Шаб ҳаво хеле ... (хунук, сард) буд. Оби сатил ... (хунук, ях) шудааст.
3) ... (Хуршед, Офтоб) ситораи бузург аст.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 136. Дарсҳои 17–18.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муайян кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ӯ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- сохтори ҷумла, микдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофикро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр 5–6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Як ашёи атрофро интихоб кунед ва дар бораи он ба хонандагон нақл кунед (шарҳ диҳед). Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди шумо як ашёи атрофро интихоб кунанд ва онро ба аҳли синф нақл кунанд. Якчанд хонандаро пурсед.

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста, ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед.

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф нависед (ё дар варақҳои калон). Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри “матн” меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ба хондани матн шурӯъ кунед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед. Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

Таҳлили матн. Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон истифода шудааст? (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба саволҳои машқи дар замима омада ҷавоб гардонанд. Ба хонандагон барои иҷрои тест вақти кофӣ диҳед. Ҷавоби тестҳоро бо аҳли синф муҳокима ва таҳлил кунед.

**Навиштан.** Ҷумларо идома диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аввали ҷумларо хонанд ва идомаи онро фикр карда нависанд. Тарзи навиштани чунин ҷумларо ба хонандагон намоиш диҳед. Хонандагон озодона эҷод мекунанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагон гуногун буда метавонанд.

Намуна: *Оби ифлосро нӯшидан мумкин нест, зеро ... .*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 137. Дарсҳои 19–20.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарқкунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои мураккабтар дода тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф як ҷумлаеро аз матни дарси имрӯза нависед. Дар се варақ се ҳиссиётро нависед: хурсандӣ, ғамгинӣ, ҳаяҷон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ҷумлаи навиштаи шуморо бо ҳиссиёти гуногун ба ҳамдигар хонанд. Шумо метавонед бо навбат варақаи навбатиро боло бардоред ва хонандагон ҳиссиёташонро иваз карда, ҷумларо ба ҳамдигар мехонанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии “Майдони муъҷизот” гузаронед. Яъне, синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Ҳамин тавр, бо калимаҳои дигар бозӣ кунед. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб дониста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. **Хониши садодиҳанда.** ***Нигаред ба § 35. Дарсҳои 69–70***
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун матнро мустақилона бори дигар хонанд. Якҷоя бо аҳли синф як матнро таҳлил намоед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара (ё панҷнафара) ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки симо, макон ва ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин ҷадвали зерин ёрӣ расонда метавонад:

| **Симоҳо** | **Макон** | **Ҳодиса** |
|---|---|---|
| Симои 1 | | |
| Симои 2 | | |

Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки натиҷаи кори худро ба аҳли синф муаррифӣ намоянд.

**Навиштан.** Ҷумларо идома диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аввали ҷумларо хонанд ва идомаи онро фикр карда нависанд. Хонандагон озодона эҷод мекунанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагон гуногун буда метавонанд.

Намуна: *Бо дастони ношуста хӯрок хӯрдан лозим нест, зеро ... .*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 138. Дарсҳои 21–22.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс–пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки 3 чизи оид ба мавзӯъ медонистаашонро нависанд. Сипас 2 чизе, ки оид ба мавзӯъ донистан мехоҳанд ва як савол оид ба мавзӯъ нависанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаъноро нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро ҳамин тавр таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан.** Таҳлили матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро як маротиба мустақилона хонанд. Пас аз хондан хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф нависед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро муҳокима карда, қисмҳои тахайюлӣ (бофта)-и матнро дар сутуни "Бовар намекунам!" ва қисми ҳақиқии матнро дар сутуни "Бовар мекунам!" нависанд. Гурӯҳҳо метавонанд дар ду вараќи калон (ё варақи албом) корашонро нависанд.

| **Бовар намекунам!** | **Бовар мекунам!** |
|---|---|
| | |

Як намунаро бо хонандагон якҷоя иҷро кунед. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва ба хонандагон гӯед, ки «Оё чунин ҳолат дар ҳаёт шуданаш мумкин аст ё не?", "Шумо ба ин бовар мекунед ё не?" Рақами тартибии ҷумларо дар яке аз сутунҳо мувофиқи ҷавоби хонандагон нависед. Агар хонандагон тарзи иҷрои вазифаро надонанд, он гоҳ бори дигар бо ҷумлаи дуюм амалро якҷоя машқ кунед.

Хонандагон дар гурӯҳҳо кор карда, матнро таҳлил мекунад ва қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро аниқ месозанд.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи "*Як ба як" (*саволҳои одие, ки ҷавобашонро ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст), 2 саволи "***Фикр кун, таҳқиқ намо"*** (саволҳое, ки ҷавобашон дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи "***Муаллиф ва шумо"*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

Муҳокима ташкил намоед. Ҳар як саволро хонед, аз хонандагон пурсед, ки ҷавобро аз матн ёбанд. Аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо барои муайян кардани ҷавоб ёрӣ расонд? Онҳо чӣ кор карданд?

**Навиштан.** Ҷумларо идома диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аввали ҷумларо хонанд ва идомаи онро фикр карда нависанд. Хонандагон озодона эҷод мекунанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагон гуногун буда метавонанд.

Намуна: *Бо дастони ношуста хӯрок хӯрдан мумкин нест, зеро ... .*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар

давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

### § 139. Дарсҳои 23–24.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Ақидаи рӯз. Як ақида, савол ё масъалаи ба мавзӯъ мувофиқро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи он як дақиқа фикр кунанд ва чизеро, ки доир ба ақида (масъала, савол) медонанд ба хотир оранд. Ба онҳо фаҳмонед, ки дар охири дарс ба ин масъала бармегардед. Дар охири дарс диққати хонандагонро боз ба масъала ҷалб карда, фикри онҳоро шунавед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Аз калимаҳои мазкур истифода бурда, ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро дар як кунҷи тахтаи синф нависед. Ҷумлаҳои тартибдодаатонро дар тахтаи синф ё вараqи калон нависед. Аммо ҷойи калимаи мушкилфаҳмро холӣ гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз байни калимаҳо калимаи мувофиқро интихоб карда, ба ҷойи холӣ гузоранд. Ҳамин тавр, ҳамаи ҷумлаҳоро пур кунед. Маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон шарҳ диҳед.

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар бо навбат бурову равон хонанд. Синфро назорат кунед ва ба тарзи хониши хонандагон диққат диҳед.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро таҳлил кунанд ва нақшаи матнро тартиб диҳанд. Барои ин онҳо аз усули “Хӯша” истифода бурда метавонанд: (тарзи пур кардани хӯшаро ба хонандагон ёдовар шавед.




Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ менамоянд.

**Навиштан.** Ҷумларо идома диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аввали ҷумларо хонанд ва идомаи онро фикр карда нависанд. Хонандагон озодона эҷод мекунанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагон гуногун буда метавонанд.

Намуна: *Шаб дер хоб рафтан лозим нест, зеро ... .*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 140. Дарсҳои 25–26.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё ӯ ба якчанд хато*

*роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ин мавзӯъ ду савол нависанд. Саволҳои навиштаашонро ба ҳамнишинашон хонанд. Ба ин саволҳо дар охири дарс баргардед. Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо ба саволҳои гузоштаашон ҷавоб ёфтанд. Агар не, якҷоя саволҳои онҳоро муҳокима кунед.

**Кор бо луғат. Бозии "Бинго!"** Барои тартиби иҷрои бозӣ нигаред ба ***§ 17. Дарсҳои 33–34***

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашида, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси матн онро пур кунанд.

| | |
|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

Дар асоси саволҳои ҷадвали боло мазмуни матнро муҳокима кунед.

**Навиштан.** Ҷумларо идома диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аввали ҷумларо хонанд ва идомаи онро фикр карда нависанд. Хонандагон озодона эҷод мекунанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагон гуногун буда метавонанд.

Намуна: *Сабзавот ва меваҳоро ношӯста хӯрдан мумкин нест, зеро ... .*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 141. Дарсҳои 27–28.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн.

Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
- навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро (калимаи асосӣ, ақидаи асосӣ) дар даврае нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки вобаста ба ин мавзӯъ он калимаҳоеро, ки медонанд, дар атрофи давра нависанд.

**Намуна:**



**Кор бо луғат**. Пеш аз калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чора–панҷнафарӣ ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва аҳли синф онро бояд ёбад. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунад. Пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худашро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1- ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Намуна: Мавзӯъ:**
**Калимаи махфӣ:**
**Пешҷавоби 1:**
**Пешҷавоби 2:**
**Пешҷавоби 3:**
**Пешҷавоби 4:**
**Пешҷавоби 5:**

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва онро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо кунед. Тавассути саволу масъалаҳои пеш аз хондан хонандагонро ба хондан (шунидан)-и матн омода намоед. Қисми аввали матнро то нуқтаи ивазшавии ҳодиса ё пайдо шудани масъалае хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Сипас ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: «Мехоҳед фаҳмед, ки давоми афсона чӣ мешавад? Ё худро санҷидан мехоҳед? Пас давомашро гӯш кунед». Давоми матнро то нуқтаи дилхоҳи дигар (то ҳал шудани масъалаи гузошташуда) хонед. Таваққуф карда, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаи пештар гуфтаашонро бо ахбори матн муқоиса намоянд. Оё онҳо дуруст пешгӯйӣ кардаанд ё не? Ҳамин тавр, қисмҳои дигари матнро хонед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона машғул шуда, саволномаи дар замима пешниҳодшударо кор кунанд. Дар асоси саволнома мазмуни матнро таҳлилу муҳокима кунед.

**Навиштан.** Ҷумларо идома диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аввали ҷумларо хонанд ва идомаи онро фикр карда нависанд. Хонандагон озодона эҷод мекунанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагон гуногун буда метавонанд.

Намуна: *Ба дарс бе тайёрӣ омадан лозим нест, зеро ... .*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар

давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 142. Дарсҳои 29–30.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълим. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Калимаи асосии мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо ҳарфҳои он калима нависанд. Калимаҳо бояд ба мавзӯъ алоқаманд бошад.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

**Хондан**. Хониши дақиқавӣ. Пеш аз дарс: дар вараќи алоҳида рӯйхати хонандагонро мувофиқи сатҳи малакаи хонданашон тартиб диҳед. Яъне, хонандаи 1 хеле хуб мехонад ва хонандаи охирони рӯйхат хеле суст мехонад. Рӯйхатро ба ду қисми баробар тақсим карда, онро буред. Ҳар ду қисми рӯйхатро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафара ташкил намоед. Яъне хонандаи якуми қисми якуми рӯйхат бо хонандаи якуми қисми дуюми рӯйхат.

Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло дар як дақиқа чанд калима хонданро машқ мекунед. Шумо вақтро муайя карда, барои оғоз кардани хондан дастур диҳед. Гӯед: “Сар кардем!” Хонандаи гурӯҳи А ба хондан яку якбора шурӯъ мекунад, хонандагони Б назорат карда, калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро қайд мекунанд. Бо тамом шудани 60 сония “Ист!” гуфта, хонданро боздоред. Аз хонандагони Б хоҳиш кунед, ки миқдори калимаҳои хондаи хонандаи А-ро шуморанд ва калимаҳои ғалатхондаро аз миқдори умумӣ кам кунанд. Масалан, агар хонанда 80 калима хонда, 9 ғалат карда бошад, он гоҳ 80–9=71. Яъне хонандаи А 71 калимаро дуруст хондааст. Ин амалро дубора иҷро намоед, акнун хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Бо як матн ду-се маротиба чунин машқ кунед.

Ба хонандагон гӯед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондан бозии «Курсии сеҳрнок»-ро гузаронед. Яъне, як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват карда, ба курсие шинонед ва хонандагони дигар аз ӯ дар бораи матн савол медиҳанд. Се чор хонандаро бо навбат ба «Курсии сеҳрнок» шинонед, то онҳо ба саволҳо ҷавоб гӯянд.

**Навиштан.** Ҷумларо идома диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аввали ҷумларо хонанд ва идомаи онро фикр карда нависанд. Хонандагон озодона эҷод мекунанд. Ҷумлаҳои навиштаи хонандагон гуногун буда метавонанд.
Намуна: *Китоб хондан амали хуб аст, зеро ... .*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 143. Дарсҳои 31–32.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, кори як хонандаи гурӯҳро санҷед ва аз аҳли гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ба мисли шумо вазифаҳояшонро санҷанд. Ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Доир ба мавзӯи дарс панҷ (шаш) савол тартиб диҳед. Ҳар як саволро дар варақи алоҳида нависед. Синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар як гурӯҳ варақи саволдорро супоред. Ба онҳо ду дақиқа вақт диҳед, то ба савол ҷавоб нависанд. Варақҳои саволдорро байни гурӯҳҳо иваз намоед. Гурӯҳҳо савол ва ҷавоби гурӯҳи дигарро мехонанд ва ҷавоби худро илова мекунанд. Ҳамин тавр варақҳо байни гурӯҳҳо иваз мешаванд. Ҷавобҳои гурӯҳҳоро хонед ва хонандагонро ба дарси нав омода намоед.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омода кардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳи дунафара соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳи дунафара мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи

калимаҳову шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳе,, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Хондан**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳи намоед, ки якҷоя матнро хонанд ва таҳлил кунанд. Дар варақ ҷадвали “Бовар намекунам!” ва “Бовар мекунам!” кашанд ва онро дар асоси матн пур кунанд. Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Матнро якҷоя муҳокима ва таҳлил намоед.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи “*Як ба як”* (саволҳои одие, ки ҷавобашонро ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст), 2 саволи “***Фикр кун, таҳқиқ намо”*** (саволҳое, ки ҷавобашон дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи “***Муаллиф ва шумо”*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ варақи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)–нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| рӯз | тағйир |
| ғамгин | пайдо |
| муаллим | бозӣ |
| модарӣ | рӯй |
| тайёр | гӯша |

**Калимасозӣ.** Дар тахтаи синф калимаи “одоб”-ро нависед. Маънои онро ба хонандагон фаҳмонед. Сипас пеш аз калимаи “одоб” пешванди сифатсозӣ “бо-” гузошта, калимаи “боодоб” ҳосил кунед. Ба хонандагон муроҷиат карда, пурсед, ки чӣ ҳодиса рух дод. Акнун маънои калимаи “боодоб”-ро шарҳ диҳед. Яъне, *боодоб* хислати шахсе мебошад, ки *одоби хуб* дорад.

*Боодоб – шахсе, ки одоби хуб дорад.*
Калимаҳои *маърифат, ақл, қувват, инсоф, истеъдод, лаёқат, андеша, виҷдон, адаб, вафо*-ро дар тахтаи синф навишта, маънои онҳоро ба хонандагон фаҳмонед.

**маърифат** – дониш, илму дониш
**ақл** – зеҳн, фаҳм, хирад
**қувват** – зӯр, қудрат, нерӯ
**инсоф** – адолат, адлу дод; ростӣ, ростқорӣ
**истеъдод** – қобилият, лаёқат
**лаёқат** – қобилиятнокӣ, қобилият
**андеша** – фикр, хаёл, тааммул

**виҷдон** – ҳисси масъулияти ахлоқӣ барои рафтор ва кирдори худ; қувваи ботинӣе, ки касро аз хубию бадии кирдори ӯ огоҳ мекунад; шуур

**адаб** – ахлоқ ва кирдору рафтори нек

**вафо** – ба ҷо овардани қавлу ваъда; пойдорӣ дар аҳду паймон, садоқат дар дӯстию муҳаббат

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо истифодаи пешванди “бо-” калимаҳои нав сохта. Шарҳи онҳоро нависанд.

Намуна: *Бомаърифат – шахсе, ки илму дониш дорад.*

Дар тахтаи синф чунин нависед:

| **Чӣ?** | **Чӣ хел?** |
|---|---|
| Маърифат | бомаърифат |

Тарзи аз калимаи ифодакунандаи ашё бо илова кардани пешванди “бо-” сохтани калимаи ифодакунандаи хислат (сифат)-ро ба хонандагон фаҳмонед.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 144. Дарсҳои 33–34.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муоширата бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)-и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна ҷадвал кашанд. Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Ба онҳо ду дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар дохили катакҳо калимаҳои ба мавзӯи дарс мувофиқро нависанд. Хонандагон калимаҳои навиштаашонро ба ҳамдигар мехонанд.

Намуна:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:

Намуна:

| | |
|---|---|
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5–6***

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф нависед (ё дар варақҳои калон). Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри “матн” меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ба хондани матн шурӯъ кунед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед.

Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

**Таҳлили матн.** Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон истифода шудааст (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба саволҳои машқи дар замима омада ҷавоб гардонанд. Ба хонандагон барои иҷрои тест вақти кофӣ диҳед. Ҷавоби тестҳоро бо аҳли синф муҳокима ва таҳлил кунед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| Хонандаи А | Хонандаи Б |
|---|---|
| хомӯш | пойафзол |
| табассум | суханчинӣ |
| канӣ | дурӯягӣ |
| ёрӣ | нопокӣ |
| латта | ҳарисӣ |

Калимасозӣ. Дар тахтаи синф калимаи “одоб”-ро нависед. Маънои онро ба хонандагон фаҳмонед. Сипас пеш аз калимаи “одоб” пешванди сифатсозӣ “бе-” гузошта, калимаи “беодоб” ҳосил кунед. Ба хонандагон муроҷиат карда, пурсед, ки чӣ ҳодиса рух дод? Акнун маънои калимаи “беодоб”-ро шарҳ диҳед. Яъне, *беодоб* хислати шахсе мебошад, ки *одоби бад* дорад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои “боодоб” ва “беоодоб”-ро муқоиса кунанд.

*Беодоб – шахсе, ки одоби бад дорад.*

Калимаҳои *маърифат, ақл, қувват, инсоф, истеъдод, лаёқат, андеша, виҷдон, адаб, вафо*–ро дар тахтаи синф навишта, маънои онҳоро ба хонандагон фаҳмонед.

**маърифат** – дониш, илму дониш
**ақл** – зеҳн, фаҳм, хирад
**қувват** – зӯр, кудрат, неру

**инсоф** – адолат, адлу дод; ростӣ, росткорӣ
**истеъдод** – қобилият, лаёқат
**лаёқат** – қобилиятнокӣ, қобилият
**андеша** – фикр, хаёл, тааммул
**виҷдон** – ҳисси масъулияти ахлоқӣ барои рафтор ва кирдори худ; қувваи ботиние, ки касро аз хубию бадии кирдори ӯ огоҳ мекунад; шуур
**адаб** – ахлоқ ва кирдору рафтори нек
**вафо** – ба ҷо овардани қавлу ваъда; пойдорӣ дар аҳду паймон, садоқат дар дӯстию муҳаббат

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо истифодаи пешванди "бе-" калимаҳои нав сохта. Шарҳи онҳоро нависанд.
Намуна: *Бемаърифат – шахсе, ки илму дониш надорад.*

Дар тахтаи синф чунин нависед:

| **Чӣ?** | **Чӣ хел?** |
|---|---|
| Маърифат | бемаърифат |

Тарзи аз калимаи ифодакунандаи ашё бо илова кардани пешванди "бе" сохтани калимаи ифодакунандаи хислат (сифат)-ро ба хонандагон фаҳмонед.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 145. Дарсҳои 35–36.

**Барнома**. **Фаъолияти таълим**: Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- барои аниқ сохтани маънои калимаҳои мушкилфаҳм стратегияи мувофиқро истифода барад;
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- дараҷаи фаҳмидани матнро мушоҳида ва арзёбӣ кунад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
- барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра).

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Пешаки якчанд ақидаи дуруст ва нодурустро оид ба матн/мавзӯи дарс таҳия намоед. Пеш аз оғози азхкудкунии матн/мавзӯъ аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дуруст ва нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунанд. Натиҷаи кори онҳоро насанҷед. Дар охири дарс аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ин ақидаҳо баргарданд ва бори дигар дуруст ва нодуруст будани онҳоро муайян намоянд.

**Кор бо луғат**. Калимаҳоеро, ки дар қисми луғати барномаи дарси мазкур омадааст, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, маънои ин калимаҳоро аниқ кунанд. Сипас аз аҳли синф маънои калимаҳоро пурсед. Агар хонандагон маънои калимаро нафаҳманд, бо онҳо амали зеринро иҷро намоед: *Ҳоло якҷоя мо маънои калимаро меёбем. Аввал ҷумлаеро, ки дар он ин калима омадааст, мехонем. Ҷумла чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо ин калима чӣ маъно дорад? Боз ҷумлаи баъдинаро мехонем. Акнун маънои калима фаҳмо шуд? Қанд занед. Биёед, акнун калимаи дигарро мебинем.*

- Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар маънои ягон калимаро надонанд, онҳо метавонанд ҷумларо хонанд ва маънои онро аз ҷумла фаҳманд. Инчунин, ҷумлаи пеш ва

баъдинаро хонда, маънои калимаи нофаҳморо аниқ карда метавонанд. Бо якчанд калимаи дигар ин амалро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Матнро як маротиба ба хонандагон хонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳ хонанд ва саволномаи дар замимабударо пур кунанд. Агар замимаи китоби дарсӣ надошта бошед, ҷадвали мазкурро дар тахтаи синф кашед.

| | |
|---|---|
| Номи матн | |
| Симоҳои асосӣ | |
| Ҳодисаи асосӣ | |
| Макони ҳодиса | |
| Хулоса | |

Пеш аз оғози кор як намунаи ҷадвали дар асоси матнҳои пешин пуршударо ба хонандагон намоиш дода, тарзи пур кардани онро фаҳмонед. Ё якҷоя бо аҳли синф дар асоси матни шинос ҷадвалро пур кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон тарзи пур кардани ҷадвалро медонанд.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| сиёҳ<br>гунаҳгорӣ<br>эҳтиёт<br>ҷой<br>пойтахт | аввал<br>пайдо<br>зиёфат<br>пинҳонӣ<br>маъно |

Интихоб ва истифодаи луғати мувофиқ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва ба ҷойҳои холӣ калимаи мувофиқ (аз дарсҳои пешина) гузоранд.

1) Заррина илму дониши хуб дорад. Ӯ ..... нест.
2) Рустам писари зӯр аст. Ӯ .... нест.
3) Дамир зеҳни хуб дорад. Ӯ ... нест.
4) Ҳалима росткориро дӯст медорад. Ӯ .... нест.
5) Раҳим ва Сафина қобилияти хуб доранд. Онҳо .... нестанд.
6) Бародари ман пеш аз ягон суханро гуфтан хуб фикр мекунад. Ӯ ... нест.
7) Додарам дирӯз косаро шикаст. Ӯ ин корро пинҳон накарда, ба модарм қоил шуд. Додарам .... нест.
8) Дӯстам Рустам ҳамеша ваъдаашро ба ҷо меорад. Ӯ ... нест.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди

дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳтар шудани корашон тавсия диҳед.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровaрда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 146. Дарсҳои 37–38.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- матнро бурров равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Барои иҷрои фаъолияти зерин пешакӣ вақтро муқаррар намоед (Масалан, 1 ё 2 дақиқа). Мавзӯи дарсро эълон кунед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ дар бораи он суҳбат кунанд. Хонандаи А як дақиқа ва хонандаи Б як дақиқа он чи ки доир ба мавзӯъ медонанд, ба ҳамдигар мегӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаъноиі онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба

калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.
Бо ин калимаҳо аввал худатон ду ё се ҷумла гӯед, сипас аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки бо ин калимаҳо ҷумла гӯянд.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| тезӣ<br>дағалӣ<br>меҳрубонӣ<br>дӯст<br>бадӣ | ӯро<br>беозорӣ<br>тундӣ<br>дуруштӣ<br>некӣ |

Калимасозӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои муқобилмаъно созанд. Намуна: *бомаърифат – бемаърифат*

<table>
<tr><td>бо</td><td rowspan="2">маърифат<br>ақл<br>қувват<br>инсоф<br>истеъдод<br>лаёқат<br>андеша<br>виҷдон<br>адаб<br>вафо</td></tr>
<tr><td>бе</td></tr>
</table>

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 147. Дарсҳои 39-40

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр 5–6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф оид ба мавзӯи дарс ду ё се савол нависед. Саволҳоро хонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни онҳоро мефаҳманд. Аз хонандагон хоҳиш

намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, саволҳоро бо ҳам муҳокима намоянд (3 дақиқа). Сипас аз се ё чор гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ҷавобашонро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мураккаби матнро муайян намоед. Дар тахтаи синф ба монанди намуна ҷадвал кашида, дар дохили ҳар як катак як калимаро нависед. Намунаи ҷадвал:

| | **А** | **Б** | **В** | **Г** |
|---|---|---|---|---|
| **1** | | | | |
| **2** | | | | |
| **3** | | | | |
| **4** | | | | |
| **5** | | | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло бозие мегузаронед. Шумо рамзи як калимаро мегӯед (Масалан, 1а). Гурӯҳҳо бояд дар муддати як дақиқа маънои ин калима ё калимаи ҳаммаънои онро гӯянд. Гурӯҳе ки аввалин шуда даст боло мекунад, пурсида мешавад. Агар гурӯҳ маънои калимаро дуруст гӯяд, номи ин гурӯҳро дар катаки мувофиқи калима нависед. Дар охир гурӯҳе, ки маънои калимаҳои бештарро гуфтааст, ғолиб мешавад.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва маънои онҳоро (шарҳ ё калимаи ҳаммаънои онҳоро) дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар бо навбат бурову равон хонанд. Синфро назорат кунед ва ба тарзи хониши хонандагон диққат диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва нақшаи онро тартиб диҳанд.

НАҚШАИ МАТН



Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар асоси нақшаи тартибдодаашон матнро ба ҳамнишинашон бо навбат нақл кунанд. Аз як ё ду хонанда хоҳиш намоед, ки матнро ба аҳли синф дар асоси нақшаи таҳиякардаашон нақл кунанд.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| душманӣ | инъом |
| ҷӯшон | эҳтиром |
| тарбия | ҳайрат |
| бисёр | хонагӣ |
| эҷодӣ | рӯбоҳ |

Навиштани паём. Як намунаи паёмро ба хонандагон намоиш диҳед. Онро таҳлил кунед. Тарзи навиштани паёмро ба хонандагон фаҳмонед. Боз намунаҳои дигарро пешниҳод кунед. Нигаред ба намуна:

*Модарҷон, ман имрӯз аз мактаб дер меоям. Мо дарси иловагӣ дорем.*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мустақилона ба номи калонсолони хонаашон паём нависанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки паёми навиштаашонро ба аҳли синф хонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 148. Дарсҳои 41–42.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш

ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Ду ё се ақидаи ба ҳам мухолифро оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Хонандагон дар гурӯҳҳои дунафара/чорнафара машғул шуда, бо ақидаҳои пешниҳодшуда розӣ мешаванд ё онҳоро рад мекунанд. Хонандагон бояд интихобашонро шарҳ диҳанд.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс матнро хонед ва калимаҳоеро, ки ба фикри шумо ба хонандагон нофаҳмо аст, муайян кунед. Калимаҳои навро дар тарафи чап ва калимаҳои ҳаммаъноии онҳоро (ё шарҳи онҳоро) дар тарафи рости тахтаи синф нависед. Ба калимаҳои нав рақам (1.2.3 ва ғайра) ва ба калимаҳои ҳаммаъно/шарҳҳо ҳарф гузоред (а,б,в,г ва ғайра). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои тарафи чап ва рости тахтаи синфро мувофиқ гузоранд. Масалан, 1 – б. Пас аз иҷрои машқ ҳар як калимаро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи мувофиқи онро аз тарафи рости тахтаи синф хонанд.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашида, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси матн онро пур кунанд.

| | |
|---|---|
| Кӣ?/Чӣ? | |
| Кай? | |
| Дар куҷо? | |
| Чӣ ҳодиса рух дод? | |

Дар асоси саволҳои ҷадвали боло мазмуни матнро муҳокима кунед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| маккор | ҷонӣ |
| нӯшидан | аввал |
| баъд | занбурӯғ |
| беақл | теппа |
| моҳӣ | кулӯла |

Навиштани паём. Ба хонандагон вазъиятҳои гуногунро пешниҳод намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки мувофиқи вазъият паём нависанд.

Намунаи вазъият: *Шумо аз мактаб баргаштед. Модаратон ҳоло дар кор аст. Шумо бояд бо омӯзгор ва ҳамсинфон ба театр равед ва соати 18:00 бармегардед. Ба модаратон паём нависед.*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 149. Дарсҳои 43–44.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- стратегияҳои пешгӯйӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
- воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
- навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
- симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
- матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
- мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
- суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс–пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара/чорнафара ҷудо намоед. Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки якҷоя кор карда, ҳарчи бештар калимаҳои ба мавзӯъ мувофиқро дар дафтар нависанд. Гурӯҳҳо бо навбат калимаҳоро мехонанд. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дониши заминавии хонандагонро оид ба мавзӯъ муайян кунед ва онҳоро барои аз худ кардани маводди таълим омода намоед.

**Кор бо луғат**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ба гурӯҳҳо рақам гузоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки якчанд калимаро аз матн интихоб кунанд (калимаҳо бояд мушкилфаҳм бошанд). Сипас гурӯҳи 1 ба гурӯҳҳои дигар чунин супориш медиҳад: Маънои калимаи дар байни калимаи А (калимаи пеш) ва калимаи Б (калимаи баъдина) чист? Гурӯҳе, ки аввалин шуда маънои ин калимаро мегӯяд, ғолиб дониста шуда, ба гурӯҳҳо супориш медиҳад (ба монанди гурӯҳи 1). Ҳамин тавр, ин бозиро панҷ-шаш давр бозӣ кунед.

**Хондан**. Усулеро интихоб карда, матнро бо хонандагон хонед. Дар тахтаи синф мувофиқи ҳодисаҳои асосии матн давра кашед. Ҳодисаҳои матнро дар дохили давраҳо нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дигар мустақилона хонанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки аввал тартиби ҳодисаҳоро муайян карда, дар дохили давраҳо мувофиқи тартиби пайдошавии ҳодисаҳо рақам гузоранд (аввал чӣ шуд, баъд чӣ шуд ва ғайра). Сипас хонандагон алоқамандии ҳодисаҳоро муайян менамоянд. Яъне аз ҳодисаи аввал ба ҳодисаи дигар хат кашида, бо тирча нишон медиҳанд.



Баъд хонандагон симоҳоеро, ки дар ҳодисаҳо иштирок мекунанд, дар атрофи давраҳо




менависанд.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| сӯзан | маҷалла |
| ғелон | дукон |
| айёрона | баққол |
| эътибор | ҳамён |
| ҳақиқӣ | пой |

Тартиб додани рӯйхат. Матни зеринро ба хонандагон хонед. Дар асоси матн рӯйхат тартиб диҳед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намуна рӯйхат тартиб диҳанд.

*Модар: Писарам, имрӯз бегоҳ оши палов мепазем. Ба бозор рафта, чор кило сабзӣ, ду кило биринҷ, як литр равған биёр.*

*Намунаи рӯйхат:*

*Сабзӣ – 4 кг.*

*Биринҷ – 2 кг.*

*Равған – 1 л.*

*Модар: Духтарам, ба мағоза рафта, даҳ дона тухм, се кило шакар, ду дона собун, ду қуттӣ қаймоқ биёр.*

*Рӯйхат:*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 150. Дарсҳои 45–46.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро бурровy равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;

- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои мураккабтар дода тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3– 4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Мавзӯи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара машғул шуда, оид ба мавзӯъ ду калима гӯянд – як хусусияти мусбат ва як хусусияти манфӣ.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Калимаҳои нофаҳморо аниқ созанд. Ҷумлаи аввали матнро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои кадом калимаро нафаҳмиданд. Маънои ин калимаро фаҳмонед ва дар тахтаи синф калимаҳои ҳаммаънои онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки акнун ҷумларо бо яке аз калимаҳои ҳаммаънои он иваз карда хонанд. Оё калимаи ҳаммаъно пурра ба ҷумла мувофиқ аст ё не? Ҳамин тавр, якчанд ҷумларо хонед ва маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон таҳлил намоед.

**Хондан**. **Хониши намунавии омӯзгор**. Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 11. Дарсҳои 21–22.***

**Нақли пайиҳам.** Нигаред ба § 2. Дарсҳои 3–4.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| сӯрох | зиндагӣ |
| қаър | тилло |
| хӯрданӣ | дарвоқеъ |
| дукондор | кистӣ |
| хӯрокворӣ | кардӣ |

Тартиб додани рӯйхат. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнҳоро хонанд ва рӯйхат тартиб диҳанд.

*Падар: Писарам, ба бозор рафта ба амакат гӯй, ки бегоҳ се кило мехи 100, даҳ метр ресмон, ду қуттӣ ширеш, ду линга семент ва ду қуттӣ ранги сафед биёрад..*

*Омӯзгор: Пагоҳ мо дарси санъат ва меҳнат дорем. Як дона картошка, ду дона пиёз, се дона сабзӣ, як дона шалғам, панҷ дона нахуд, се дона ҳасибча, сад грамм панир оред.*

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 151. Дарсҳои 47–48.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;

– сохтори матнро таҳлил кунад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
– андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
– дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Пешакӣ амалҳое, ки аз ягон ҷиҳат ба мавзӯи дарс дахл доранд дар варақаҳои алоҳида нависед. Ба ҳар як хонандаи гурӯҳ бояд як амал рост ояд. Хонандагон варақҳоро интихоб мекунанд ва онро бе сухан гуфтан иҷро мекунанд. Аҳли гурӯҳ бояд ин амалро муайян кунанд. Ҳамин тавр ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бо навбат кор мекунанд. Диққат барои иҷрои ин фаъолият ба гурӯҳ танҳо 5 дақиқа вақт дода мешавад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро аниқ созед. Дар тахтаи синф мувофиқи миқдори калимаҳо даврача кашед ва дар дохили ҳар даврача як калимаи навро нависед. Маънои калимаи якумро ба хонандагон фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калима ва ибораҳои ба ин луғат алоқамандандро гӯянд. Ин калимаҳоро дар атрофи даврача нависед ва бо кашидани хат онҳоро бо ҳам пайваст намоед.
Намуна:



**Хондан.** Таркиби матн. Нақшаи зеринро дар варақи калон ё тахтаи синф кашед (Хонандагон дар замима ин нақшаро доранд).

## НАҚШАИ МАТН




Матнро хонед ва якҷоя бо хонандагон нақшаро дар тахтаи синф пур кунед. Яъне номи матнро нависед, муаллифи он (агар бошад), симоҳои матн, макони ҳодисаҳо, аввал дар ҳикоя чӣ шуд, баъд чӣ шуд ва ҳикоя бо чӣ анҷом ёфт. Пас аз пур кардани нақша ҳар як амали иҷрокардаатонро муҳокима кунед. *Барои пур кардани нақша чӣ кор кардед? Аз матн чиҳоро муайян кардед?*

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонда, нақшаи онро тартиб диҳанд. Гурӯҳҳо метавонанд матнҳои гуногунро интихоб намоянд. Синфро назорат карда, ба гурӯҳҳо ёрӣ расонед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| Кӯҳсор | ҳаёт |
| ғам | мураббӣ |
| хаёл | минбаъд |
| зиндагӣ | ташаккур |
| пурмаъно | таъзим |
| омӯхтам | бисёр |

**Навиштани ҳисобот.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ошпази мактаб ба ёрии онҳо ниёз дорад. Ӯ бояд ҳар рӯз ба директори мактаб ҳисоботи хаттӣ супорад. Аммо ӯ вақт надорад. Аз ин рӯ, ошпаз аз хонандагон хоҳиш кардааст, ки ба ҷойи ӯ ба директор ҳисобот нависанд. Ошпаз танҳо рӯйхати маводди харидаашро бо нархаш пешниҳод кардааст.

Намуна:

**Рӯзи душанбе**

Картошка – 10 кг = 27 сомонӣ

Пиёз – 3 кг = 6 сомонӣ

Равған – 5 л = 60 сомонӣ

Макарон – 2 кг = 9 сомонӣ
Гӯшт – 3 кг = 100 сомонӣ

***Ба директори мактаб.*** *Ман рӯзи душанбе 10 кило картошка, се кило пиёз, панҷ литр равған, ду кило макарон ва се кило гӯшт харидам. Ҳамагӣ 202 сомонӣ харҷ кардам.*

**Рӯзи сешанбе**
Помидор – 2 кг = 6 сомонӣ
Лаблабу – 3 кг = 9 сомонӣ
Карам – 4 кг = 10 сомонӣ
Сирпиёз – 1 кг = 16 сомонӣ
Сабзӣ – 5 кг = 15 сомонӣ

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баров振да, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

### § 152. Дарсҳои 49–50.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ) вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расмро пешакӣ омода намоед. Расмҳо бояд мавзӯъро аз ягон ҷиҳат муаррифӣ кунанд. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед, ба ҳар гурӯҳ як расмро пешниҳод намоед ё расмҳоро дар тахтаи синф овезед. Гурӯҳҳо расмҳоро шарҳ медиҳанд. Шумо метавонед барои водор намудани хонандагон пешакӣ савол омода кунед. Масалан, Дар расм кӣ/чӣ тасвир шудааст? Онҳо дар куҷоянд? Чӣ кор мекунанд? ва амсоли он.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян намоед. Ҳар як калимаро дар порчаи дарозрӯяи коғаз нависед. Дар тарафи чапи он калима ва дар тарафи рости он маъно (шарҳ ё калимаи ҳаммаъно)–и онро нависед. Панҷ баста омода намоед. Сипас варақаҳоро аз байн ба ду қисм ҷудо кунед, то калима ва шарҳи он дар ду порча монанд. Бастаҳоро омехта намоед. Синфро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар гурӯҳ як баста пешниҳод намуда, ба гурӯҳҳо се дақиқа вақт диҳед, то онҳо калима ва шарҳашонро мувофиқ гузоранд. Кори гурӯҳҳоро санҷед. Гурӯҳе, ки аксари калимаҳоро дуруст ва мувофиқ гузоштааст, ғолиб дониста мешавад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳашонро хонанд.

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар бо навбат бурову равон хонанд. Синфро назорат кунед ва ба тарзи хониши хонандагон диққат диҳед.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро таҳлил кунанд ва нақшаи матнро тартиб диҳанд. Барои ин онҳо аз усули “Хӯша” истифода бурда метавонанд (тарзи пур кардани хӯшаро ба хонандагон ёдовар шавед).

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| росткорӣ<br>устуворӣ<br>дарё<br>гӯр<br>эътибор | даъват<br>асосӣ<br>таъсир<br>ҷамъ<br>давлатдорӣ |

**Навиштани ҳисобот.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ошпази мактаб ба ёрии онҳо ниёз дорад. Ӯ бояд ҳар рӯз ба директори мактаб ҳисоботи хаттӣ супорад. Аммо ӯ вақт надорад. Аз ин рӯ, ошпаз аз хонандагон хоҳиш кардааст, ки ба ҷойи ӯ ба директор ҳисобот нависанд. Ошпаз танҳо рӯйхати маводди харидаашро бо нархаш пешниҳод кардааст.

**Рӯзи чоршанбе**

Панир – 1 кг = 65 сомонӣ

Равғани маска – 5 кг = 125 сомонӣ

Шир – 5 литр = 15 сомонӣ

Тухм – 100 дона = 75 сомонӣ

Ҳасиб – 20 кг = 230 сомонӣ

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 153. Дарсҳои 51–52.

**Барнома**. Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима.

Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- барои аниқ кардани мазмун ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои одии таҳлилӣ диҳад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои сода дода тавонад;
- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- дар асоси мазмуни матн хулосаи кӯтоҳ нависад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад;
- барои хондани калимаҳои мушкил стратегияи мувофиқро истифода барад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Ҷавоби дурустро дар варақи алоҳида ё дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки кори иҷрокардаашонро санҷанд. Миқдори ғалатҳоро аниқ созанд ва ба худ мувофиқи меъёрҳо (чанд ғалат ба чанд хол баробар аст) баҳо гузоранд. Меъёрҳоро таҳия намоед ва пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс якчанд расм омода намоед. Хуб мешавад, ки агар дар расмҳо ягон амал тасвир шуда бошад. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед. Расмҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ба онҳо як дақиқа вақт барои муҳокимаи расм ҷудо кунед. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки расмро ба гурӯҳи дигар супоранд. Ҳамин тавр, расмҳо аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Вақтро назорат кунед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс аз коғазҳои ранга даврачаҳо (чоркунҷа ё секунҷа) омода намоед. Дар тарафи болои он калимаҳои мушкилфаҳми матн ва дар пушти он шарҳи онҳо (ё калимаҳои ҳаммаъно)-ро нависед. Даврачаҳоро ду тақсим кунед. Онҳоро омехта намуда, ба ҳар як хонанда як қисми давраро супоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф давр зада, нисфи дигари калимаро ёбанд. Даврачаҳоро бо ҳам часпонанд, калима ва

маънои онро хонанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калима ва шарҳи онро ба аҳли синф хонанд. Дар охир ба тариқи пурсиши умумӣ бори дигар маънои калимаҳоро муҳокима кунед.

**Хондан**. Номи матн (расм, калима, мавзӯи асосӣ)–ро ба хонандагон гӯед. Аз онҳо пурсед: «Ба фикри шумо матн дар бораи чӣ аст?» Ба хонандагон барои фикр кардан вақт диҳед. Сипас ақидаи онҳоро пурсед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки пешгӯйии худро дар хотир нигоҳ доранд.

Матнро ба якчанд қисм ҷудо кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки то ҷойи муайянкардаи шумо матнро хонанд (ё матнро хонед ва дар ҷойи аниқ ист кунед). Ба хонандагон савол диҳед: Чиро фаҳмиданд? Оё ин қисми матн ба пешгӯйии онҳо мувофиқ аст ё не? Ба фикри онҳо баъд чӣ мешавад?

Ҳамин тавр, якчанд маротиба хондани хонандагонро боздоред, бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Дар охир бо хонандагон муҳокимаи умумӣ ташкил намоед: *Акнун, пас аз хондани матн шумо дар бораи пешгӯйии худ чӣ гуфта метавонед? Барои тасдиқи пешгӯйии худ аз матн ягон далел ёфтед? Оё маълумоти матн барои иваз шудани пешгӯии шумо ёрӣ расонд? Кадом маълумот?*

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| Хонандаи А | Хонандаи Б |
|---|---|
| Машғул | зиёрат |
| аввал | хуррам |
| аъло | баъд |
| ҳайтбахш | лаззат |
| зиндагӣ | зиннат |

**Навиштани ҳисобот.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ошпази мактаб ба ёрии онҳо ниёз дорад. Ӯ бояд ҳар рӯз ба директори мактаб ҳисоботи хаттӣ супорад. Аммо ӯ вақт надорад. Аз ин рӯ ошпаз аз хонандагон хоҳиш кардааст, ки ба ҷойи ӯ ба директор ҳисобот нависанд. Ошпаз танҳо рӯйхати маводди харидаашро бо нархаш пешниҳод кардааст.

**Рӯзи панҷшанбе**

Биринҷ – 25 кг = 250 сомонӣ

Сабзӣ – 50 кг = 100 сомонӣ

Нахуд – 2 кг = 26 сомонӣ

Равғани зағер – 1 л = 18 сомонӣ

Зира – 100 г = 8 сомонӣ

Намак – 1 кг = 1 сомонӣ

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 154. Дарсҳои 53–54.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо (муоширaт бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (хониши бурро бо риояи оҳанг аз рӯйи аломатҳои китобат)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;

– ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
– суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
– барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
– ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
– хоно, зебо ва тоза нависад;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз ҳар қатор кори як нафарро санҷед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Сипас аз ин хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи қатори худро санҷанд ва ғалатҳоро ба ҳамсинфонашон нишон диҳанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф панҷ савол нависед. Ҳамаи саволҳо бояд ҷавоби ҳа ё не–ро талаб кунанд. Хонандагон дар гурӯҳи дунафарӣ машғул шуда, ба як савол ҷавоб медиҳанд ва як савол мепурсанд. Агар хонанда ба саволаш ҷавоби не гирад, он гоҳ саволи навбатиро аз хонандаи дигар мепурсад. Агар ҷавоб ҳа бошад, онро месанҷанд ва ба саволи навбатӣ мегузаранд. Синфро назорат кунед, то мағали беҳуда нашавад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкили матнро муайян кунед. Ҳарфҳои дохили онҳоро омехта карда, дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шакли дурусти калимаро нависанд. Сипас якҷоя бо хонандагон калимаҳоро хонед ва маънои онро аз мазмуни матн муайян намоед. Аввал ҷумлаеро, ки калимаи мушкилфаҳм дорад, хонед ва онро бо хонандагон муҳокима намоед. Агар хонандагон аз мазмуни ҷумла аниқ карда натавонанд, ҷумлаи пешин ё ҷумлаи баъдинаро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳо ва маънои онҳоро дар дафтари луғат нависанд.

**Хондан**. Хониши дақиқавӣ. Пеш аз дарс: дар варақи алоҳида рӯйхати хонандагонро мувофиқи сатҳи малакаи хонданашон тартиб диҳед. Яъне, хонандаи 1 хеле хуб мехонад ва хонандаи охирони рӯйхат хеле суст мехонад. Рӯйхатро ба ду қисми баробар тақсим карда, онро буред. Ҳар ду қисми рӯйхатро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафара ташкил намоед. Яъне хонандаи якуми қисми якуми рӯйхат бо хонандаи якуми қисми дуюми рӯйхат.

Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло дар як дақиқа чанд калима хонданро машқ мекунед. Шумо вақтро муайя карда, барои оғоз кардани хондан дастур диҳед. Гӯед :“Сар кардем!” Хонандаи гурӯҳи А ба хондан яку якбора шурӯъ мекунад, хонандагони Б назорат карда, калимаҳои ғалатхондаи хонандаи А-ро қайд мекунанд. Бо тамом шудани 60 сония “Ист!” гуфта, хонданро боздоред. Аз хонандагони Б хоҳиш кунед, ки миқдори калимаҳои хондаи хонандаи А-ро шуморанд ва калимаҳои ғалатхондаро аз миқдори умумӣ кам кунанд. Масалан, агар хонанда 80 калима хонда, 9 ғалат карда бошад, он гоҳ 80–9=71. Яъне хонандаи А 71 калимаро дуруст хондааст. Ин амалро дубора иҷро намоед, акнун хонандаҳо нақшҳояшонро иваз мекунанд. Бо як матн ду-се маротиба чунин машқ кунед.

Ба хонандагон гӯед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондан, бозии «Курсии сеҳрнок»-ро гузаронед. Яъне, як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват карда, ба курсие шинонед ва хонандагони дигар аз ӯ дар бораи матн савол медиҳанд. Се чор хонандаро бо навбат ба «Курсии сеҳрнок» шинонед, то онҳо ба саволҳо ҷавоб гӯянд.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| Хонандаи А | Хонандаи Б |
|---|---|
| тайёр | муқаррарӣ |
| ҷӯй | бойигарӣ |
| кӯҳсор | аввал |
| кӯҳистонӣ | хирадмандӣ |
| тилло | эҳтиром |

**Навиштани ҳисобот.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки ошпази мактаб ба ёрии онҳо ниёз дорад. Ӯ бояд ҳар рӯз ба директори мактаб ҳисоботи хаттӣ супорад. Аммо ӯ вақт надорад. Аз ин рӯ ошпаз аз хонандагон хоҳиш кардааст, ки ба ҷойи ӯ ба директор ҳисобот нависанд. Ошпаз танҳо рӯйхати маводди харидаашро бо нархаш пешниҳод кардааст.

**Рӯзи ҷумъа**

Ҳасибча – 10 қуттӣ = 120 сомонӣ

Тухм – 125 дона = 96 сомонӣ

Гушти мурғ – 10 кг = 150 сомонӣ

Помидор – 4 кг = 8 сомонӣ

Пиёз – 5 кг = 20 сомонӣ

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 155. Дарсҳои 55–56.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан ба мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаи дидаву шунида. Таҳлили матни

навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳои мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- барои аниқ сохтани маънои калимаҳои мушкилфаҳм стратегияи мувофиқро истифода барад;
- дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
- ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
- дараҷаи фаҳмидани матнро мушоҳида ва арзёбӣ кунад;
- навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
- сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад;
- хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
- барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра).

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз коғазҳои нодаркор тӯбча омода намоед. Онро ба тарафи хонандае партоед. Хонандае, ки тӯбро медорад, як ҷумла (ё як ҷузъ)–и вазифаи хонагиро ҷавоб мегардонад. Хонанда тӯбчаро ба хонандаи навбатӣ ҳаво медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи аксари хонандагон пурсида мешавад.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Оид ба мавзӯи дарс ду савол омода намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз ҷойҳо хеста, аз ҳамдигар савол пурсанд. Агар ба савол ҷавоб ёфтанд, он гоҳ дунафарӣ барои ёфтани ҷавоб бо дигарон саволу ҷавоб мекунанд. Дар натиҷа гурӯҳи чорнафарӣ пайдо мешавад. Аз гурӯҳҳои хоҳиш кунед, ки ба назди шумо омада, ҷавобҳои саволҳоро гӯянд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонандагон ба ҷойҳои худ мешинанд ва дарсро идома медиҳед.

**Кор бо луғат**. Курсиеро дар назди тахтаи синф гузоред. Ба хонандагон гӯед, ки матни дарси имрӯзаро аз назар гузаронанд ва маънои калимаҳои нофаҳморо аз шумо пурсанд. Шумо дар курсӣ нишаста ба саволҳои хонандагон ҷавоб гардонед. Масалан, *Маънои калимаи .... чист? Калимаи ... маънои ...–ро дорад.*

**Хондан**. Ҷумлаи якуми матнро хонед ва дар яке аз калимаҳо ғалат кунед. Масалан, калимаи «меомад»-ро «мемонад» хонед. Нафаҳмидам гуфта, ҷумларо бори дигар хонед ва калимаи «меомад»-ро дуруст хонед. Ҳа, акнун фаҳмидам, гӯед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки вақти хондани матн агар ягон калимаро ғалат хонанд, маънои онро дуруст намефаҳманд, аз ин лиҳоз, ҷумларо бори дигар хонед ва ғалати худро ислоҳ кунед. Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки матнро бо овози баланд хонад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки хониши хонандаро гӯш кунанд. Агар хонанда ғалат содир кунаду баргашта онро ислоҳ кунад, ӯро аҳсан гӯед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро ба ҳамдигар хонанд ва хониши якдигарро мушоҳида кунанд ва ба ҳамдигар ёрӣ расонанд.

Дар тахтаи синф се савол нависед:
*Дар матн чӣ ҳодиса рӯй дод?*
*Ҳодиса дар куҷо рӯй дод?*
*Ҳодиса кай рӯй дод?*

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки барои ҷавоб додан аз матн маълумоти заруриро муайян кунанд. Тарзи алоқаманд кардани мазмуни саволро бо маълумоти матн ба хонандагон нишон диҳед. Ин корро якҷоя бо хонандагон иҷро намоед. Сипас аз онҳо хоҳиш намоед, ки мустиқалона кор кунанд. Дар асоси саволҳо муҳокима ташкил намуда, матнро таҳлил намоед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| пушаймонӣ | хиёнаткор |
| хирадмандӣ | сахӣ |
| раҳнамоӣ | эҳтиром |
| дунё | ғайбатчӣ |
| ҳасадхӯр | мудаввар |

**Нақли хаттӣ аз рӯйи расм.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси расм ҳикоя тартиб диҳанд. Тартиби навиштани ҳикояро аз рӯйи расм ба хотири хонандагон расонед. Ба маълумоти дарсҳои пешин такя кунед.



**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 156. Дарсҳои 57–58.

**Барнома**. Муқоисаи навъҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Муайян ва таҳлил намудани воситаҳои тасвир дар матн. Равону бурро мувофиқи синтагмаҳо хондан. Алоқаманд кардани мазмуни матн ба таҷрибаи худ. Тартиб додани дастурҳо. Таҳияи матни хурд оид ба мазмуни матн. Хоно, зебо ва тоза навиштан. **Имло**: имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, я, ё, аломати ъ, ҳарфҳои такрор, аз сатр ба сатр гузаронидани калима. Калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъно. Калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломат.

**Салоҳиятҳо:**
2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои муқобилмаъно ва ҳаммаъноро муайян карда тавонад;
- калимаҳои фарққунандаи навъҳои матнро муайян карда тавонад;
- шеърро аз ҳикоя, афсона ва чистон фарқ карда тавонад;
- аз матн воситаҳои тасвир (одам, макон, ҳодиса)-ро муайян карда тавонад;
- матнро буррову равон мувофиқи синтагмаҳо хонад;
- дар асоси номи матн мазмуни онро пешгӯйӣ карда, мазмуни онро бо таҷриба ва дониши заминавии худ алоқаманд карда тавонад;
- мазмуни матни хондаро бо суханони худ ба дигарон нақл карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- андешаҳои дигаронро эҳтиром (таҳаммул) кунад;
- фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён карда тавонад;
- дар вазъиятҳои шинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда тавонад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои мураккабтар дода тавонад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Курсии сеҳрнок. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват намоед. Хонанда дафтарашро бо худ гирад. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки аз ӯ бо навбат саволҳои вазифаи хонагиро пурсанд. Ҳамин тавр, якчанд хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шаванд. Бо ҳам суҳбат карда, аз якдигар пурсанд, ки онҳо рӯзи (ҳафтаи) гузашта чӣ кор карданд. Инчунин рӯзҳои истироҳатии навбатӣ (шанбе ва якшанбе) чӣ кор карданианд гӯянд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки оид ба яке аз ҳамсинфонашон нақл кунад. Масалан, *Рустам рӯзи шанбе ба хонаи бобояш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо ҷӯраҳояш футбол бозӣ кардааст. Ин ҳафта ба театр рафтанӣ аст.* Шумо метавонед ин намунаро ба хонандагон хонед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Шарҳи онро нависед. Мувофиқи миқдори ҳарфҳои калима дар тахтаи синфи катак кашед. Бозии “Майдони муъҷизот” гузаронед. Яъне, синфро ба панҷ (шаш) гурӯҳ ҷудо намоед. Ба хонандагон шарҳи калимаи пинҳонро гӯед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки як ҳарфро гӯянд. Агар ин ҳарф дар калима бошад, онро ба катакчаи мувофиқ нависед. Бозиро то кушодани калима (ё ёфтани гурӯҳе) идома диҳед. Ҳамин тавр бо калимаҳои дигар бозӣ кунед. Гурӯҳе, ки калимаҳои бештарро мекушояд, ғолиб дониста мешавад. Ҳар дафъа такроран шарҳи калимаро ба хонандагон гӯед, то онҳо дар хотир нигаҳ доранд.

**Хондан**. Хониши такрорӣ. Нигаред ба § 7. Дарсҳои 13–14.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| миллат | маданият |
| қулла | кӯҳҳо |
| маънӣ | ғалла |
| ҳидоят | якрӯза |
| поянда | имрӯз |

**Нақли хаттӣ аз рӯйи расм.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки нақли хаттии дар дарси пешин навиштаашонро ба ҳамсинфонашон супоранд. Кори якдигарро хонда, ғалатҳоро муайян кунанд ва барои беҳтар шудани кор тавсияҳо пешниҳод намоянд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 157. Дарсҳои 59–60.

**Барнома**. Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.

2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- барои аниқ кардани мазмун ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои одии таҳлилӣ диҳад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои сода дода тавонад;
- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- дар асоси мазмуни матн хулосаи кӯтоҳ нависад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад;
- барои хондани калимаҳои мушкил стратегияи мувофиқро истифода барад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Як рӯз пеш аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаро дар варақаҳои алоҳида иҷро кунанд. Номашонро дар варақа нависанд. Варақаҳоро ҷамъ карда, пас аз дарс вазифаҳои хонандагонро санҷед. Рӯзи дигар дар гӯшаи вазифаҳои хонагӣ овезед. Хонандагон вазифаҳои худро таҳлил мекунанд.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Як луғати асосии мавзӯи имрӯзаи дарсро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар муддати як дақиқа ҳар чи бештар калимаҳои ба луғат ҳаммаъно ё алоқамандро нависанд. Барои мураккаб кардани ин машқ аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки ибораҳои мувофиқро нависанд. Калимаҳои навиштаи хонандагонро ҳисоб кунед ва ғолиб(он)ро аниқ созед.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Калимаҳои ҳаммаънои онро аз фарҳанг ёбед ва нависед. Сипас калимаи ҳаммаъноро нависед ва аз

хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаи асосиро аз матн ёбанд. Ҳамаи калимаҳои мушкилфаҳмро ҳамин тавр таҳлилу муҳокима кунед.

**Хондан**. Матнро пешакӣ хонед ва доир ба мазмуни матн чор ё панҷ ақида таҳия намоед. Ақидаҳо бояд дуруст ва нодуруст бошанд (Нигаред ба замима). Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ақидаҳоро хонанд ва ба онҳо розӣ ё норозӣ будани худро аниқ созанд (Шумо метавонед ақидаҳоро хонед). Пас аз пур кардани ҷадвал аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва пас аз хондани матн ба бори дигар ҷадвали пуркардаашонро санҷанд. Оё ягон ақидаи онҳо бо мазмуни матн мувофиқ омад ё не? Чаро? Як намунаро якҷоя бо аҳли синф таҳлил кунед. Тарзи таҳлил карданро ба хонандагон фаҳмонед. Ҳангоми фаҳмондан аз матн мисол оред.

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф кашед ва тарзи пур кардани онро ба хонандагон фаҳмонед. Яъне, онҳо мувофиқи ҷонишинҳои саволӣ аз матн маълумотро дарёфта, дар ҷадвал менависанд. Нигаред ба намунаи замима.

| Кӣ? Киҳо? | Дар куҷо? | Кай? | Чӣ кор карданд? |
|---|---|---|---|
| Намуна | | | |

Кӣ? Киҳо? – симоҳои матн

Дар куҷо? – макон

Кай? – замон

Чӣ кор карданд? – амал

Дар асоси маълумоти ҷадвал саволу ҷавоб ташкил намоед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| шаҳриён<br>пурсуҷӯ<br>рӯҳ<br>ӯро<br>дирӯз | маймун<br>тайёр<br>ҳайвон<br>дӯст<br>осмонбӯс |

**Нақли хаттӣ аз рӯйи расм.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси расм ҳикоя тартиб диҳанд. Тартиби навиштани ҳикояро аз рӯйи расм ба хотири хонандагон расонед. Ба маълумоти дарсҳои пешин такя кунед.



**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 158. Дарсҳои 61–62.

**Барнома**. Машқи стратегияҳо барои муайян кардани маънои калима. Машқи стратегияҳои хондан бо мақсади дарки маънии матн. Истифодаи стратегияҳои навиштан ба мақсадҳои гуногун. Таҳқиқи сохтори матни сода. Муайян кардани ҳиссиёт ҳангоми гуфтор. Тартиб додани матни хурд оид ба ҳодисаҳои дидаву шунида. Таҳлили матни навишта ва муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, ӣ, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи сода. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва

аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали  номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– барои аниқ сохтани маънои калимаҳои мушкилфаҳм стратегияи мувофиқро истифода барад;
– дар раванди хондани матн дуруст хондани худро назорат кунад;
– ҳодиса, макон ва замони дар матн омадаро гуфта тавонад;
– дараҷаи фаҳмидани матнро мушоҳида ва арзёбӣ кунад;
– навиштаҳои худро муқоиса карда, ғалатҳоро аниқ сохта, ислоҳ кунад;
– сохтори матнҳои содаро донад ва дар асоси сохтор матн таҳия карда тавонад;
– хурсанд ё ғамгин будани гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро интихоб намояд;
– барои беҳтар шудани нутқи дигарон тавсияҳои содаи шифоҳӣ диҳад (тарзи гуфтор, шеърхонӣ ва ғайра).

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Номҳои хонандагонро дар варақчаҳои алоҳида нависед. Варақчаҳоро печонда, дар қуттие андозед. Як варақчаро интихоб кунед ва аз ин хонанда вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр 5–6 хонандаро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Дар асоси мавзӯи дарс як ақидаи асосии мубоҳисавиро таҳия намоед. Онро дар тахтаи синф нависед. Дар охири ақида илова кунед “Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед?” Хонандагон дунафарӣ машғул шуда, ақидаро муҳокима мекунанд. Гурӯҳ ба аҳли синф розӣ будан ё набудани худро иброз медорад ва онро шарҳ медиҳад.

**Кор бо луғат**. Пеш аз дарс калимаҳои  мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Аз калимаҳои мазкур истифода бурда, ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро дар як кунҷи тахтаи синф нависед. Ҷумлаҳои тартибдодаатонро дар тахтаи синф ё варақи калон нависед. Аммо ҷойи калимаи мушкилфаҳмро холӣ гузоред. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз байни калимаҳо калимаи мувофиқро интихоб карда, ба ҷойи холӣ гузоранд. Ҳамин тавр ҳамаи ҷумлаҳоро пур кунед. Маънои калимаҳоро якҷоя бо хонандагон шарҳ диҳед.

**Хондан**. Матнро як маротиба ба хонандагон хонед. Онҳоро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки матнро дар гурӯҳ хонанд ва саволномаи дар замима додашударо пур кунанд. Агар замимаи китоби дарсӣ надошта бошед, ҷадвали мазкурро дар тахтаи синф кашед.

Номи матн
Симоҳои асосӣ
Ҳодисаи асосӣ
Макони ҳодиса
Хулоса
Пеш аз оғози кор як намунаи ҷадвали дар асоси матнҳои пешин пуршударо ба хонандагон намоиш дода, тарзи пур кардани онро фаҳмонед. Ё якҷоя бо аҳли синф дар асоси матни шинос ҷадвалро пур кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон тарзи пур кардани ҷадвалро медонанд.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| рӯйпӯш | кӯҳҳо |
| ёла | июн |
| гулпӯш | июл |
| дарё | май |
| кӯҳ | кӯшиш |

**Нақли хаттӣ аз рӯйи расм.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки нақли хаттии дар дарси пешин навиштаашонро ба ҳамсинфонашон супоранд. Кори якдигарро хонда, ғалатҳоро муайян кунанд ва барои беҳтар шудани кор тавсияҳо пешниҳод намоянд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни навиштаашонро ба аҳли синф хонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 159. Дарсҳои 63–64.

**Барнома**. Азназаргузаронӣ ва муайян кардани калимаҳои мушкилфаҳм. Дар асоси мазмуни матн муқаррар кардани маънои калимаҳои мушкилфаҳм. Тарзи назорати хониш ва ислоҳи ғалатҳо. **Имло**: имлои ҳарфҳои у ва ғ, и ва ӣ, аломати ъ, ҳарфҳои такрор. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ. Аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар. Сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳо. Аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла.

**Салоҳиятҳо:**

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар аксари ҳолатҳо риоя мекунад.
2.2.1. Дар аксари ҳолатҳо қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад.
2.3.1. Қоидаҳои маъмули хонданро медонад ва риоя мекунад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- калимаҳои мушкилфаҳмро аз матн аниқ намуда, бо воситаҳои гуногун маънои онҳоро муайян карда тавонад;
- ҳангоми хондан ғалати содиркардаашро дарк карда, онро ислоҳ намояд;
- манзара, ҳодиса ва симоҳои матнро хаёлан тасаввур кунад;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ донад;
- мақсади истифодаи аломати вергулро пас аз калимаҳои пайиҳамомада ва баъзе ҳолатҳои дигар гуфта тавонад;
- сохтори ҷумла, миқдори калимаҳои ҷумла, тартиби онҳоро гуфта тавонад.
- дар аксари ҳолатҳо суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда тавонад;
- калимаҳои ифодакунандаи ном, ҳаракат ва аломатро дар нутқи шифоҳӣ бамаврид истифода барад;
- ҳангоми муоширaт дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром кунад;
- суханони гӯянда ва ҳамсуҳбат(он)-ро бодиққат гӯш карда, ҷавоби мувофиқ диҳад;
- барои ифодаи фикр ва пурсидан дар охири ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ аломати нуқта ва савол гузорад;
- ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузорад;
- хоно, зебо ва тоза нависад;
- калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Дар доираи мавзӯи дарс бо истифодаи калимаи "агар" як савол таҳия намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар синф гашта, дар муддати 3 дақиқа ҳарчӣ бештар аз ҳамсинфонашон саволро пурсида, ҷавоби онҳоро шунаванд ва дар хотир гиранд. Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ҷавоби хонандагони дигарро ба аҳли синф гӯянд.

**Кор бо луғат. Бозии "Бинго!"** Барои тартиби иҷрои бозӣ нигаред ба ***§ 17. Дарсҳои 33–34.***

**Хондан**. **Хониши умумӣ.** Пеш аз дарс порчаи матнро дар тахтаи синф (ё дар варақҳои калон) нависед. Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло якҷоя матнеро мехонед. Ба хонандагон чунин муроҷиат намоед: *Ҳоло мо якҷоя ба сайри "матн" меравем! Шумо таёред? Барои ин мо бояд як шеърро якҷоя хонем.* Як шеъри хурдро якҷоя бо аҳли синф хонед. Ба хондани матн шурӯъ кунед. Ҳангоми хондан ба талаффуз, оҳанг, зада ва синтагмаҳо диққат диҳед. Инчунин, матнро бо шавқ хонед. Сипас бори дигар матнро бо хонандагон якҷоя хонед. Ҳар як ҷумларо хонед ва барои дуруст дарк кардани он ба хонандагон савол диҳед. Инчунин, аз хонандагон пурсед, ки шумо чӣ тавр хондед? Дар куҷо ист кардед? Дар куҷо овози шумо бошиддаттар буд? Чаро?

Таҳлили матн. Диққати хонандагонро ба аломатҳои китобат равона кунед. Мақсади истифодаи онҳоро фаҳмонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чанд ҷумла доштани матнро ҳисоб кунанд. Диққати хонандагонро ба ҳарфҳои калон равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки чаро дар ин ҷо ҳарфи калон истифода шудааст (аввали ҷумла, номи одам, номи макон).

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва ба саволҳои машқи дар замима омада ҷавоб гардонанд. Ба хонандагон барои иҷрои тест вақти кофӣ диҳед. Ҷавоби тестҳоро бо аҳли синф муҳокима ва таҳлил кунед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| манъ | даъват |
| эҳтиёткор | фаъол |
| гиёҳ | инъом |
| қатъиян | неъмат |
| ҷамъоварӣ | саъба |

**Нақли хаттӣ аз рӯйи расм.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси расм ҳикоя тартиб диҳанд. Тартиби навиштани ҳикояро аз рӯйи расм ба хотири хонандагон расонед. Ба маълумоти дарсҳои пешин такя кунед.





Расмҳо аз китоби дарсии «Забони англисӣ» барои синфи 6. Highway to English 6». Душанбе, 2009 иқтибос шудаанд. Рассом Зебо Давлатшоева.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 160. Дарсҳои 65–66.

**Барнома**. Дар амал истифода бурдани стратегияҳои хониш. Муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн. Муқоисаи навъҳои матн. Муайян ва арзёбии рафтори симоҳои матн. Ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб додан. Машқи навиштани нақли хаттӣ (матни хурд) дар асоси матни хонда. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурдро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

– стратегияҳои пешгӯӣ, тасаввур кардан, саволгузориро истифода бурда тавонад;
– воситаҳои тасвири бадеии матнро муқаррар карда тавонад;
– навъҳои матнро муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунад;
– симоҳои матнро муайян кунад ва ба рафтори онҳо баҳо диҳад;
– дар асоси матни хонда ба саволҳои эҷодӣ ҷавоб дода тавонад;
– матнҳои ҳаҷман калонтар офарад, яъне дар доираи мавзӯъ нақли хаттӣ, иншо ва ҳикоя (40-50 калима) нависад;
– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян созад;
– суханони шунидаашро айнан ва мазмунан нақл карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс–пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Якчанд калимаҳоро доир ба мавзӯи дарс дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро дар гурӯҳҳои чорнафара муҳокима кунанд ва мавзӯи дарсро аниқ созанд. Гурӯҳҳо мавзӯи дарсро дар вароқи алоҳида навишта ба шумо месупоранд. Ҷавоби гурӯҳҳоро хонда, аниқ созед, ки кадом гурӯҳ мавзӯъро дуруст муайян намудааст.

**Кор бо луғат**. Пеш аз калимаҳои мушкилфаҳми матнро муайян кунед. Ба ҳар калима ду ё се пешҷавоб омода намоед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафара ҷудо намоед. Ба хонандагон гӯед, ки калимаи махфие доред ва аҳли синф онро бояд ёбад. Сипас мавзӯи умумӣ ё номи навъи ашёро эълон мекунед. Пешҷавоби якумро пешниҳод намуда, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки дар гурӯҳашон 2 дақиқа муҳокима намоянд. Ҳар гурӯҳ намунаи худашро мегӯяд. Агар гурӯҳҳо калимаро дуруст муайян карда натавонанд, омӯзгор пешҷавоби дуюмро пешниҳод мекунад. Ба хонандагон боз ду дақиқа вақт дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки ҷавобашонро гӯянд. То калимаро ёфтани гурӯҳҳо омӯзгор пешҷавобҳоро пешниҳод кардан мегирад. Агар гурӯҳ калимаро баъд аз пешҷавоби 1- ум, ки аз ҳама душвор аст, муайян кунад, 50 хол, ба пешҷавоби дуюм 40 хол, ба пешҷавоби сеюм 30 хол, ба пешҷавоби чорум 20 хол ва ба пешҷавоби панҷум 10 хол дода мешавад.

**Намуна: Мавзӯъ:**
**Калимаи махфӣ:**
**Пешҷавоби 1:**
**Пешҷавоби 2:.**
**Пешҷавоби 3:**
**Пешҷавоби 4:**
**Пешҷавоби 5:**

**Хондан**. Машқи амалии малакаву маҳорат. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат хонанд. Пас аз хондан бори дигар тарзи таҳияи саволҳои ***«Як ба як», « Фикр кун, таҳқиқ намо»*** ва ***«Муаллиф ва шумо»***-ро бо хонандагон машқ кунед. Якҷоя дар асоси матн як савол таҳия намоед. Сипас ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки як варақаи борик гирифта, саволи таҳиякардаашонро дар он нависанд. Саволҳоро ҷамъ оварда, дар қуттие омехта кунед. Дар назди тахтаи синф курсие гузоред. Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ба назди тахтаи синф омада, як саволро интихоб намояд. Саволро мехонад ва ба савол ҷавоб мегардонад. Аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки дурустии ҷавобро санҷанд. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, он гоҳ саволи дуюмро мегирад ва ба он ҷавоб мегардонад. Хонандае, ки ба саволҳои бештар ҷавоби дуруст мегардонад, ғолиб дониста мешавад.

Таҳлили сохтори матн. Якҷоя бо аҳли синф сохтори матнро таҳлил кунед. Саволҳо барои муҳокимаи сохтори матн: *Ин матн афсона аст? Ҳикоя аст? Шеър аст? Аз куҷо фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Фарқи ин навъи матнро гуфта метавонед?* Доир ба ин навъи матн ба хонандагон маълумот диҳед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| маъқул<br>таваллуд<br>ниҳоят<br>бойигарӣ<br>меҳнатдӯст | таърих<br>хуррам<br>зиндагонӣ<br>ғайрат<br>ёфтан |

**Нақли хаттӣ аз рӯйи расм.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки нақли хаттии дар дарси пешин навиштаашонро ба ҳамсинфонашон супоранд. Кори якдигарро хонда, ғалатҳоро муайян кунанд ва барои беҳтар шудани кор тавсияҳо пешниҳод намоянд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни навиштаашонро ба аҳли синф хонанд.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар

раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд? Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 161. Дарсҳои 67–68.

**Барнома**. Таҳлили матн. Муайян намудани тартиби ҳодисаҳои матн. Муайян кардани сабабу натиҷа дар матн. Муайян кардани воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Таҳлили сохтори матн. Навиштани воқеаҳои дидаву шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, й,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.

2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**

- қисми тахайюлӣ ва ҳақиқии матнро ҷудо карда тавонад;
- воқеаҳои ҳикояро (матнро) ба тартиби хронологӣ ҷобаҷо гузошта тавонад;
- алоқаи байни ҷумлаҳоро муайян карда тавонад;
- матнро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда тавонад;
- сохтори матнро таҳлил кунад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои одӣ ҷавоб дода тавонад;
- андешаҳои худ ва дигаронро ба мақсадҳои гуногун (бовар кунонидан, ҳикоя кардани ҳодиса ё воқеа, дастур додан ва дар бораи чизе хабар додан) нависад;
- дастурҳои шифоҳии ду-сеамаларо иҷро кунад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Блитс-пурсиш. Ба аҳли синф як ҷузъи вазифаро хонед, ба онҳо 15 сония вақт дода, вазифаро пурсед. Ҳамин тавр тамоми вазифаи хонагиро пурсед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Як ашёи атрофро интихоб кунед ва дар бораи он ба хонандагон нақл кунед (шарҳ диҳед). Ба хонандагон як дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки як ашёи атрофро интихоб кунанд ва онро ба аҳли синф шарҳ диҳанд. Якчанд хонандаро пурсед.

**Кор бо луғат**. **Майдони муъҷизот.** Барои маълумот оид ба тартиби иҷрои фаъолияти мазкур нигаред ба ***§ 19. Дарсҳои 37–38.***

**Хондан.** Таркиби матн. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва дар асоси он нақша тартиб диҳанд. Бори дигар тарзи пур кардани нақшаи матнро бо хонандагон машқ кунед (нигаред ба дарсҳои пешин). Кори гурӯҳҳоро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми кор, гурӯҳҳо бо навбат кори худро муаррифӣ мекунанд.

Пеш аз дарс матнро хонед ва 2 саволи навъи *“Як ба як”* ( саволҳои одие, ки ҷавобашонро ба осонӣ аз матн ёфтан мумкин аст), 2 саволи ***“Фикр кун, таҳқиқ намо”*** (саволҳое, ки ҷавобашон дар қисмҳои гуногуни матн омадаанд) ва 2 саволи навъи ***“Муаллиф ва шумо”*** тартиб диҳед.

Саволҳоро дар панҷ вараќи алоҳида нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона бори дигар хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор (панҷ)-нафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд ва аз матн ба саволҳо ҷавоби мувофиқ ёбанд ва онҳоро нависанд. Гурӯҳҳо варақаҳоро бо ҷавобҳо ба шумо месупоранд. Натиҷаи кори гурӯҳҳоро санҷед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| **Хонандаи А** | **Хонандаи Б** |
|---|---|
| хушбахтӣ | оё |
| ғавғо | куҳна |
| асабӣ | зиёдатӣ |
| хурӯс | миннатдор |
| як | ҳатто |

**Нақли хаттӣ аз рӯйи расм.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, дар асоси расм ҳикоя тартиб диҳанд. Тартиби навиштани ҳикояро аз рӯйи расм ба хотири хонандагон расонед. Ба маълумоти дарсҳои пешин такя кунед.



**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 162. Дарсҳои 69–70.

**Барнома**. Тарзи таҳияи саволҳо ба мақсади хондани матн. Тарзи пурсидани саволҳо. Дастурҳои сода. Тозанависӣ. Навиштани хулоса ба матни хонда. Тартиб додани нақшаи матни хурд. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, ӯ, й, аломати ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ ва истифода мебарад.
2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.
2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- барои аниқ кардани мазмун ва қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои одии таҳлилӣ диҳад;
- оид ба тартиби иҷрои амалҳо (фаъолиятҳои таълим) дастурҳои сода дода тавонад;
- калимаҳоро аз рӯйи маъно фарқ карда, бамаврид истифода барад;
- барои ифодаи фикр ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навишта, дар охир аломати нуқта гузорад;
- калима ва ҷумлаҳои чопиро бо ҳарфҳои дастнавис зебо, тоза ва беғалат рӯйнавис карда тавонад;
- дар асоси мазмуни матн хулосаи кӯтоҳ нависад;
- пеш аз хондани матн савол таҳия карда тавонад;
- барои хондани калимаҳои мушкил стратегияи мувофиқро истифода барад;
- барои ба тартиб овардани маълумот аз воситаҳои графикӣ истифода барад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз коғази ранга ду даврача омода созанд: даврачаи сурх ва даврачаи сабз. Ба онҳо гӯед, ки агар вазифаи хонагиро тайёр карда бошанд, даврачаи сабзро ва агар тайёр накарда бошанд, даврачаи сурхро боло бардоранд. Сипас аз хонандагоне, ки вазифаро омода кардаанд, хоҳиш кунед, ки бо хонандагони даврачаи сурхро бардошта якҷоя кор кунанд ва вазифаро омода намоянд. Агар тамоми синф омода бошад, он гоҳ яке аз усулҳои пурсиши вазифаи хонагиро истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф як ҷумлаеро аз матни дарси имрӯза нависед. Дар се варақ се ҳиссиётро нависед: хурсандӣ, ғамгинӣ, ҳаяҷон. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда, ҷумлаи навиштаи шуморо бо ҳиссиёти гуногун ба ҳамдигар хонанд. Шумо

метавонед бо навбат варақаи навбатиро боло бардоред ва хонандагон ҳиссиёташонро иваз карда, ҷумларо ба ҳамдигар мехонанд.

**Кор бо луғат**. Калима ва шарҳи онҳоро дар варақаҳои алоҳида нависед ва ба ин васила ҷуфти калима ва шарҳро таҳия намоед. Шумораи варақаҳои омода кардаатон бояд ба шумораи хонандагони синф мувофиқ бошад. Варақаҳоро дар қуттӣ гузоред. Дар тахтаи синф ҷадвалро барои қайд кардани холҳо кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Қуттиро дар болои мизи худ гузошта, аз гурӯҳҳои дунафара хоҳиш кунед, ки омада яктогӣ варақа гиранд (ҳар хонанда як варақа мегирад). Агар «калима» ва «шарҳи» гирифтаи хонандагон ба ҳам мувофиқ ояд, гурӯҳи дунафарӣ соҳиби 1 хол мешавад. Агар варақаҳои гирифтаи гурӯҳи дунафарӣ мувофиқат накунанд, гурӯҳ ягон хол намегирад. Онҳо бояд варақаҳоро ба қуттӣ гузоранд. Шумо ин бозиро то мувофиқ омадани ҳамаи калимаву шарҳашон идома медиҳед. Холҳоро ҳисоб карда, натиҷаҳоро дар ҷадвал нишон диҳед. Гурӯҳи дунафарие, ки холи зиёд мегирад, ғолиб дониста мешавад.

**Хондан**. Дар тахтаи синф ҷадвали иборат аз се сутун кашед. Дар сутуни аввал «медонам», дар сутуни дуюм «донистан мехоҳам» ва дар сутуни сеюм «донистам» нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвалро дар дафтар кашанд. Номи матн ё мавзӯи асосии онро ба хонандагон гӯед. Аз онҳо пурсед: «Шумо дар бораи ин мавзӯъ чиро медонед?» Як ё ду ақидаи хонадагонро ҳамчун мисол дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки чиро дар бораи мавӯи матн медонанд, бо як калима ё ибора дар сутуни якум нависанд. Синфро назорат кунед ва ба хонандагон ёрӣ расонед. Сипас ба сутуни навбатӣ гузаред. Як мисол оред: Ман доир ба ин мавзӯъ чиро донистан мехоҳам? Мисолро дар сутуни 2 нависед. Аз хонандагон пурсед ва як ё ду ақидаи хонандагонро ҳамчун мисол дар тахтаи синф нависед. Матнро хонед ё аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд. Пас аз хондани матн ба маълумоти ҷадвал баргардед. Ба маълумоти ду сутуни аввал такя карда, маълумоти хонандагонро муҳокима намуда, як мисолро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон 2 дақиқа вақт дода, хоҳиш намоед, ки дар сутуни сеюм он чирок и аз матн донистан мехоҳанд, қайд кунанд.

**Ҷадвал:**

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
|---|---|---|
| | | |

Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҷадвалҳояшонро муҳокима намоянд. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоби умумӣ ташкил намоед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| Хонандаи А | Хонандаи Б |
|---|---|
| шодӣ<br>пинҳонӣ<br>чӯҷа<br>ҳамагӣ<br>гуруснагӣ | якум<br>ӯро<br>аёдат<br>дуюм<br>сеюм |

**Исмҳои хос**. Аз хонандагон пурсед, ки дар кадом ҳолатҳо ҳарфи аввали калимаҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад? Муҳокима ташкил намуда, ақидаҳои хонандагонро дар тахтаи синф нависед. Дар ҷамъбасти муҳокима қоидаи ҳарфи калон ва исмҳои хосро ба хонандагон пешниҳод намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои зеринро рӯйнавис карда, ба ҷойи нуқтаҳо яке аз калимаҳоро интихоб намоянд ва интихобашонро шарҳ диҳанд.

1) Рӯзи ... мо соати 14:00 ба театр меравем. (Душанбе, душанбе)
2) ... шаҳри зебову дилоро аст. (Душанбе, душанбе)
3) Дар боғи бобоям як гули ... аҷиб мерӯяд. (Садбарг, садбарг)
4) Дирӯз ман ва ... аз фанни математика баҳои “5” гирифтем. (Садбарг, садбарг)
5) Сагчаи мо ... ном дорад. Вай хеле шӯх аст. (Паҳлавон, паҳлавон)
6) Писари ман ... аст. Ӯ гӯштингири моҳир аст. (Паҳлавон, паҳлавон)
7) Дирӯз ману рафиқонам аз сахро як даста ... чидем. (лола, Лола).
8) ... духтараки аълохон аст. Ӯ дар оянда муҳандис шудан мехоҳад.(лола, Лола).
9) Дар маркази деҳаи ... дарахти .... калон мерӯяд. (Чанор, чанор).
10) Деҳаи ... дар ноҳияи Ҳисор воқеъ аст. (Лолагӣ, лолагӣ)
11) Имрӯз Замира куртаи сурхи .... пӯшидааст. (Лолагӣ, лолагӣ)
12) Дар атрофи деҳаи ... ... ... ... мерӯяд. (Чилчанор, чил чанор)

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса бароварда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 163. Дарсҳои 71–72.

**Барнома**. Хониши ифоданок. Риояи синтагмаҳо ҳангоми хондан. Таҳлили сохтори матн ва муайян кардани қисмҳои асосии он. Алоқаманд кардани дониши базавӣ бо ахбори дар матн омада. Ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб додан. Навиштани матни хурд дар қолаби муайян. Муайян кардани мазмуни матни шунида. **Имло**: имлои ҳарфҳои я, у, ӯ, и, ӣ,ъ, ё, я, ю, ҳарфҳои такрор дар калима. Аз сатр ба сатр гузарондани калима. Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ. Сохтори матн. Аломатҳои китобати нуқта, вергул ва аломати савол. Ҳарфи калон дар аввали номҳои одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои географӣ.

**Салоҳиятҳо**:
2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро мувофиқи синну соли худ муайян мекунад.
2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.
2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 250 калима)-ро, ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.
2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.

**Мақсадҳои таълимии дарс. Хонанда бояд:**
- матнро мувофиқи синтагмаҳо хонда тавонад;
- сохтори матнро муҳокима карда, унсурҳои онро гуфта тавонад;
- таҷриба ва дониши худро бо ахбори дар матн омада муқоиса карда тавонад;
- дар асоси матни хонда ба саволҳои таҳлилӣ ҷавоб дода тавонад;
- фикру ақидаашро тавассути матнҳои сохторашон гуногун (иншо, ҳикоя, мактуб, табрикнома) баён карда тавонад;
- мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ)-и шунидаро муайян кунад;
- хониши ифоданокро гӯш карда, мазмуни хурсандӣ , ғаму андӯҳ ва қаҳру ғазаб доштани онро муайян карда тавонад.

**Равиши дарс**. ***Нигаред ба §2. Дарсҳои 3–4***.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ машғул шуда вазифаи хонагии якдигарро санҷанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки оид ба дурустии иҷрои вазифаи ҳамнишинаш ба аҳли синф гӯяд. Намуна, *Ҳамсинфи ман (номи ӯ)*

*вазифаи хонагиашро тайёр кардааст. Ӯ вазифаро дуруст иҷро кардааст. Ё ӯ ба якчанд хато роҳ додааст, ки мо онҳоро якҷоя ислоҳ кардем.* Ин тарзи сухан гуфтанро ба хонандагон ёд диҳед.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим.** Якчанд мақсади асосии таълимии дарсро интихоб карда, ба хонандагон муаррифӣ намоед.

**Гуфтан. Муаррифӣ ба аҳли синф.** Хонандагон мувофиқи тартиби муқарраршуда ба аҳли синф мавзӯи интихобкардаашонро пешниҳод мекунанд.

**ФДЗ.** Дар тахтаи синф мавзӯи дарсро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки 3 чизи оид ба мавзӯъ медонистаашонро нависанд. Сипас 2 чизе, ки оид ба мавзӯъ донистан мехоҳанд ва як савол оид ба мавзӯъ нависанд.

**Кор бо луғат**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳоеро, ки барояшон душворфаҳм аст, муайян кунанд. Аз аҳли синф хоҳиш намоед, ки калимаҳои нофаҳморо ба шумо гӯянд. Ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед. Калимаҳоро бо навбат хонед ва аз хонандагон пурсед: *Шумо маънои ин калимаро медонед?* Агар хонандагон дуруст ҷавоб диҳанд, ҷавоби онҳоро тасдиқ кунед. Агар хонандагон маънои калимаро надонанд, онро шарҳ диҳед (яъне калимаҳои ҳаммаъно ё шарҳи калимаро пешниҳод намоед).

**Зуд ва бехато.** Калимаҳои дар тахтаи синф навиштаатонро дар варақчаҳои алоҳида нависед (зиёда аз панҷ калимаи нав). Варақчаҳоро ба қуттие гузошта, омехта намоед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали иборат аз чор хонача кашанд:

**Намуна:**

| | |
|---|---|
| | |
| | |

***Оид ба тартиби иҷро нигаред ба § 3. Дарсҳои 5–6***

**Хондан.** Викторина бо саволҳои навъи "***Як ба як***", "***Фикр кун, таҳқиқ намо" ва "Муаллиф ва шумо".*** Дар асоси матн 12 савол (4 саволи навъи "***Як ба як***", 4 саволи"***Фикр кун, таҳқиқ намо***" ва ***4*** саволи ***"Муаллиф ва шумо"***) омода карда, онро дар варақи алоҳида нависед. Сипас дар тахтаи синф ба монанди ҷадвали поён ҷадвал кашед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ***"Як ба як"*** | 5 | 10 | 15 | 20 |
| ***"фикр кун, таҳқиқ намо"*** | 5 | 10 | 15 | 20 |
| ***"Муаллиф ва шумо2*** | 5 | 10 | 15 | 20 |

Дар сутуни якум категорияи савол ва дар сутунҳои дигар холҳо барои ҷавоби дуруст ба ин саволҳо.

Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо викторина ташкил мекунед ва хонандагон бояд ба савол ҷавоб гардонанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бодиққат мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои панҷнафара ҷудо намоед. Барои муайян кардани гурӯҳе, ки аввалин шуда саволро интихоб мекунад, як чистон гӯед. Гурӯҳе, ки чистонро тезтар меёбад, аввалин шуда савол интихоб мекунад. Гурӯҳ мегӯяд: "Муаллиф ва шумо" – *10 хол*. Саволе, ки барои ин категория ва ин хол омода кардаед, ба аҳли синф хонед. Ба гурӯҳҳо як дақиқа вақт диҳед. Гурӯҳе, ки аввалин шуда даст боло мекунад ва ҷавоби дуруст медиҳад, соҳиби 10 хол мешавад. Холҳои гурӯҳҳоро дар як тарафи тахтаи синф ба қайд гиред. Гурӯҳ категория ва саволи дигарро интихоб мекунад. Гурӯҳе, ки ҷавоби дуруст додааст, саволи навбатиро интихоб мекунад. Дар бозӣ гурӯҳе ғолиб дониста мешавад, ки холи зиёдтар гирифтааст. Бозиро то саволи охирон идома диҳед.

**Навиштан**. Имлои дунафарӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат калимаҳоро ба ҳамдигар хонанд ва нависанд.

| Хонандаи А | Хонандаи Б |
|---|---|
| ёрӣ | оғӯш |
| хурӯс | шеър |
| кӯҳна | талаффуз |
| пӯстлох | зиёнкор |
| сӯй | хушфеъл |

**Исми хос**. Аз хонандагон пурсед, ки дар кадом ҳолатҳо ҳарфи аввали калимаҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад? Муҳокима ташкил намуда, ақидаҳои хонандагонро дар тахтаи синф нависед. Дар ҷамъбасти муҳокима қоидаи ҳарфи калон ва исмҳои хосро ба хонандагон пешниҳод намоед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои зеринро рӯйнавис карда, ҳарфи аввали калимаҳои ифодакунандаи исми хосро бо ҳарфи калон нависанд.

1) Мо дар сайёраи Замин зиндагӣ мекунем.
2) Сайёраи замин дар атрофи меҳвари худ дар давоми 24 соат як маротиба давр мезанад.
3) Оби дарёи кофарниҳон хеле хунук аст.
4) Оби дарёи варзоб хеле соф аст.
5) Тобистони гузаштаману бародарам ба искандаркӯл рафтем.
6) Мусобиқаи қаиқронӣ имсол дар сирдарё баргузор мегардад.
7) Ман дар деҳаи тезгар зиндагӣ мекунам.
8) Ватани мо тоҷикистон ном дорад.
9) Боду ҳавои ноҳияи ванҷ дар фасли тобистон хеле салқин аст.
10) Ноҳияи мурғоб хунуктарин минтақаи ҷумҳурии тоҷикистон аст.
11) Дар ноҳияи сангвор дараҳои хушманзара хеле зиёданд.
12) Ҷамоати даҳана яке аз калонтарин ҷамоатҳои шаҳри кӯлоб мебошад.
13) Дар ноҳияи ашт боғҳои зардолу хеле зиёд аст.
14) Духтари амаки сайфиддин дузандаи хеде моҳир аст. Аммо ӯ дар оянда иқтисодчӣ шудан мехоҳад.

**Тавсияҳо барои кор бо хонандагони сустхон**. Дар замима ба китоби дарсӣ намунаҳои матнҳо барои хонандагоне, ки малакаи сусти хондану навиштан доранд, оварда мешаванд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи матни асосӣ ин матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб диҳанд. Бо онҳо тарзи хондану навиштанро зиёдтар машқ кунед.

**Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ.** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки машқҳои китоби дарсиро интихобан иҷро намоянд.

**Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: *Аз мақсадҳои пешниҳодшуда кадомашро ноил гаштаанд? Дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Чӣ мушкилӣ доранд?* Ба якчанд хонанда оид ба беҳ шудани корашон тавсия диҳед.

**Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред.

**Арзёбӣ.** Аз замимаи роҳнамои мазкур мувофиқи салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс як ҷадвал ё воситаи арзёбиро интихоб кунед. Интихобан ду ё се хонандаро дар давоми дарс мушоҳида карда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ кунед. Дар асоси натиҷаи арзёбӣ хулоса баровarда, барои такмили малакаҳои хонандагон усули таълимро мутобиқ созед.

## § 164. Дарсҳои хониши иловагӣ – 6 соат.

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб), симоҳои асосӣ, мавзӯъ, фикри асосӣ, лаҳзае, ки маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд ё нашуд, барои чӣ?), хулоса. Кор бо рӯзномаву маҷаллаҳо ва кроссворду сканвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,

**Тавсияҳо ба омӯзгор. Хониши берун аз дарс чист?**

Хониши берун аз дарс (хониши беруназсинфӣ) гуфта фаъолияти мустақилона хондан, таҳлил кардан ва хулоса баровардани хонандагонро дар назар доранд, ки аз доираи китобҳои дарсӣ берун аст. Онро чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст?

Дар синф гӯшаи “Хониши берун аз дарс” (беруназсинфӣ, беруназмактабӣ) ташкил кунед. Барои ин гӯша рафҳои китобмонӣ, ҷевон ё сабадҳои махсус омода созед. Дар ин

гӯша китобҳои бадеӣ, энсиклопедия (донишнома)-и бачагонаро гирд овавед. Шумо ин корро аз ҳисоби фонди китобхонаи мактаб, сарпарастон ё аз маблағҳои падару модарон ба анҷом расонед. Рӯйхати китоб, рӯзнома ва маҷаллаҳои гирдовардаро тартиб диҳед. Ба хонандагон мақсад ва вазифаҳои ташкили ин гӯшаро фаҳмонед. Дар дафтари махсус рӯйхати хонандагонро тартиб дода, таърихи гирифтан ва баргардондани китобҳоро дар ҳамин  дафтар дарҷ кунед. Раванди китобхонии хонандагонро арзёбӣ кунед. Нигаред ба "Рӯзномаи хониш".

Мақсадҳои хониши берун аз дарс (беруназзинфӣ, берунамактабӣ):

- инкишофи шавқу рағбати маърифатҷӯйии хонандагон;
- шиносоии хонандагон бо муаллифон ва китобҳои бачагона;
- инкишофи завқи китобхонии хонандагон;
- тавассути китобхонӣ ташаккул додани сифатҳои шаҳрвандии хонандагони хурдсол.

*Эзоҳ: муфассалтар дар ин бора нигаред ба китоби Лутфуллоев М. "Методикаи таълими "Забони модарӣ" дар синфҳои ибтидоӣ. Нашриёти «Маориф». - Душанбе, 1985. Саҳ. 86.*

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо

**Равиши дарс.** Дарси мазкур ба хониши беруназзинфии хонандагони синфи сеюм бахшида мешавад. Чунон ки маълум аст, таълим набояд дар доираи мактаб маҳдуд гардад. Бо мақсади назорат ва арзёбии он ки мактабу омӯзгор то кадом андоза шавқу ҳаваси донишандӯзии хонандагонро ривоҷ додаанд, ин гуна дарсҳо ба роҳ монда мешаванд.

1) Ташкили дарс
2)  Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
3) Дар оғози дарс ҳамроҳи хонандагон моҳияти китобхониро муҳокима кунед.
4) Китоб ё матнҳои барои хониши беруназзинфии хонандагонро муҳокима намоед.

Шумо метавонед аз фаъолияти зерин низ истифода баред:

**Фаъолият: Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?**

1. Муаллиф:___________________________________
2. Номи матн (ҳикоя, афсона, шеър)_____________
3. Жанр ________________________________________
4. Мазмуни асосии матн (дар бораи чӣ?)____________аст.
5. Воқеа (дар куҷо?)_______ ба вуқӯъ омадааст?
6. Воқеа (кай?)_______ ба вуқӯъ омадааст?
7. Симоҳои асосӣ _________________________________.
8. Лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд ___________________
9. Мавзӯъ ва фикри асосӣ_____________________________.

3) Ба хонандагон тарзи ташкили "Рӯзномаи хониш"-ро нишон диҳед ва фаҳмонед.
а) Дар паҳноии дафтар ҷадвали зер тасвир мешавад.

| № | Ному насаби муаллиф | Номи ҳикоя | Кай хондам? | Чанд саҳиф а буд? | Симоҳои асосӣ | Мавзӯъ | Фикри асосӣ | Лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд (нашуд) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

б) Рӯзнома баъди хондани китоб пурра карда мешавад.

в) Ин ҷадвал барои назорат ва арзёбии китобхонии мактаббачагони хурдсол лозим аст.

5) Оид ба матн ё китоби хондашуда тарзи маълумотнома навиштанро омӯзонед.

Бо мақсади назорати китобхонии мактаббачагон ва одат кунондани онҳо ба хулосабарорӣ аз матн ё китоби хонда хонанда бояд тарзи навиштани таассуроти худро ёд гирад. Хаттӣ баён кардани таассуроти худ аз китоби хондашуда барои такмили малакаи иншонависӣ дар синфҳои болоӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Навиштани таассурот бояд бандҳои зеринро дар бар гирад:

1. Муаллиф
2. Жанр
3. Номи матн (ҳикоя, афсона, китоб)
4. Мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа)
5. Лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд, барои чӣ?)
6. Хулоса

Намунаи навиштани маълумотнома дар бораи ҳикояи «Гунҷишкаки якрав»-и Акобир Шарифӣ. Тазкираи адабиёти бачагон. Ҷилди 2. Наср. - Душанбе, 1989. Саҳ. 300-303.

Ман ҳикояи Акобир Шарифӣ «Гунҷишкаки якрав»-ро хондам.

Дар ҳикоя сухан дар бораи гунҷишкаки якрав меравад. Он гунҷишкак Хурдӣ ном дошт. Хурдӣ насиҳатҳои падару модарро гӯш намекард. Оқибат вай ба чанголи гурба афтод. Гунҷишкакро аз чанголи гурба Бахтёр халос кард. Гунҷишкак пас аз ин воқеа падару модарашро гӯш мекард ва боэҳтиёт шуд.

Дар ин ҳикоя ба ман ҳамон лаҳзае, ки Бахтёр ба гунҷишкак раҳмаш омад ва онро аз чанголи гурба халос кард, маъқул шуд. ( Ба ман суханҳои гунҷишкак маъқул шуд. Гунҷишкак мегӯяд, ки агар калон шавам, некии Бахтёрро фаромӯш намекунам.)

Ҳамеша падару модари худро гӯш кунед. Онҳо ҳамеша барои шумо некӣ мехоҳанд. Шахсонеро, ки ба шумо некӣ кардаанд, фаромӯш накунед. Ба некии онҳо бо некӣ ҷавоб диҳед.

6) Дар баробари муҳокимаи матнҳои хондашуда ва навиштани маълумотнома, шумо метавонед тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо, тарзи пур кардани сканворд ва кроссвордҳои содаро нишон диҳед. Як-ду намуна якҷоя пур карда мешаванд, намунаҳои дигарро танҳо хонандагон мустақилона кор мекунанд. Дар дарсҳои муҳокимаи хониши беруназсинфӣ чистон, зарбулмасалу мақолҳоро низ метавонед истифода баред. Машқҳои сароидан ва расмкашӣ ба мазмуни шеъру ҳикоя ва афсона низ аз манфиат холӣ нестанд. Дарсҳои муҳокимаи хониши беруназсинфӣ аз дарсҳои муқаррарӣ он қадар фарқ накунанд ҳам, ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар интихоби матн, чистон, зарбулмасалу мақолҳо нисбатан озод бошанд. Дар ҳар сурат, муваффақияти ин дарсҳо чун дарсҳои дигар ба эҷодкорию кордонии шумо вобаста аст.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои таълим бо воситаҳои зерин арзёбӣ карда мешаванд: Мушоҳидаи раванди мустақилона хондану навиштан муддати тӯлониро дар бар мегирад. Онро метавон тавассути намунаи ҷадвали зер мушоҳида ва арзёбӣ намуд.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ҳа** | **Не** | **Маълум нест** |
|---|---|---|---|
| Шавқу ҳаваси хондан дорад. Берун аз дарс мунтазам китобҳои бадеӣ мехонад. | | | |
| Рӯзномаи хониш дорад. Мунтазам рӯзномаи хонишро пур мекунад. | | | |
| Ба ин ё он жанр таваҷҷуҳ дорад. Масалан, хондани афсонаҳо (матнҳо дар бораи табиат)-ро дӯст медорад Китобро мувофиқи завқаш интихоб мекунад. | | | |
| Мустақилона дафтари "Имло" ва "Луғат"-ро истифода мебарад. Ба ин дафтарҳо калимаҳои навро, ки ҳангоми хониши китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо бо онҳо дучор меояд, ворид мекунад. | | | |
| Ба ҳал кардани сканворд, кроссворд ва анаграммаҳо машғул мешавад. | | | |

**Арзёбии малакаҳои хонандагон дар рейтинги чорум – 4 соат**

**Барнома**. Дар доираи машғулияти мазкур малакаҳои хондану навиштани хонандагон санҷида шуда, маълумоти ҷамъбастӣ ҷамъ оварда мешавад. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани малакаи хондани хонандагони синфҳои дуюмро санҷида ба қайд гиред.

**Тартиби гузарондани арзёбӣ**

Барои гузаронидани арзёбӣ дастур ва намунаҳои зеринро истифода бурда метавонед:

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи зерин:

**Ҷадвали санҷиши малакаҳои хондан**

| **Ному насаби хонанда** | **Дар як дақиқа чанд калимаи шиносро дуруст хонд** | | | | **Дар як дақиқа чанд калимаи матнро дуруст хонд** | | | | **Холи умуми аз дарки матни хонда** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |

2) Санҷиши хондани калимаҳои шинос. Бо воситаи арзёбии зерин омӯзгорон ба салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

- *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
- *Миқдори зиёдтари усулро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад. Дар як дақиқа 40-50 калимаро дуруст хонда метавонад;*

Шумо метавонед якчанд калимаҳои шинос/маъмулро интихоб карда, дар варақ нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Вақтро назорат кунед, калимаҳои ғалатхондаи хонандаро хат кашед ва бо тамом шудани дақиқаи якум хонандаро аз хондан боздоред. Миқдори умумии калимаҳои хондаи хонандаро ҳисоб кунед, калимаҳои ғалатхондаро ихтисор кунед ва натиҷа бароварда, дар ҷадвал ба қайд гиред.

**Намуна:**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шикор | муаллиф | иҷозат | зимистон | беихтиёр | хирс | луғат |
| шабонарӯз | сиҳатӣ | малика | тобистон | зиндагӣ | рӯзгор | қаҳратун |
| гунҷишкак | кирмак | дастархон | неъмат | форам | мунтазир | ҳикоя |
| Шеър | ахбор | дастурамал | намак | пиёз | гӯшт | равған |
| Грамм | тухм | меҳрубон | ҳодиса | ногоҳ | тӯб | қадим |
| Табиат | зӯр | вохӯрдан | саҳар | сонӣ | ғалла | тарбуз |
| Ҷустуҷӯ | бемадорӣ | бародар | хӯрдан | хӯса | карам | бодиринг |

3) Суръати хониш. Бо воситаи арзёбии зерин омӯзгорон ба салоҳиятҳои зерин баҳо медиҳанд:

- *Унсурҳои маъмули матнро мешиносад ва истифода мебарад.*
- *Миқдори зиёдтари усулро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.*

Яке аз воситаҳои хубе, ки шумо айни замон истифода мебаред, дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан, ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти муқарраршуда матнро мехонад. Сипас мо миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Натиҷаро дар ҷадвали боло менависем.

4) Санҷиши дарки маънӣ. Дар ин қисми арзёбӣ малакаи хониши бошууронаи хонандагон санҷида мешавад. Салоҳияти зеринро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳед:

- *Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калонро, ки миқдори ками калимаҳои ношинос доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.*

Яке аз воситаҳо дар асоси мазмуни матн ба саволҳои дараҷаи гуногун ҷавоб додан аст. Дарҳол пас аз хондани матне, ки барои санҷиши суръати хониш истифода шудааст, ба хонанда якчанд савол дода мешавад ва ба ҷавобҳои ӯ хол гузошта мешавад.

| Саволҳо | дуруст | нодуруст |
|---|---|---|
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| | 1 | 0 |
| Ҷамъ: | | |

**Навиштан**

1) Пешакӣ барои ҳар як хонандаи синфи дуюм ҷадвали алоҳида тартиб диҳед. Нигаред ба намунаи зерин:

Ҷадвали санҷиши малакаҳои навиштан.

| Ному насаби хонанда | Ҳусни хат ва қоидаҳои хат | | | | Имло/Нахв | | | | Матнрофарӣ/мазмун | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 | Рейтинги 1 | Рейтинги 2 | Рейтинги 3 | Рейтинги 4 |
| Замираи Рустам | 35 | | | | 37 | | | | 4 | | | |
| Ҷамшеди Асрор | 33 | | | | 30 | | | | 3 | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

2) Ҳусни хат ва қоидаҳо. Мақсади воситаи мазкур муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои хат (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд, сархат гузоштан) аст. Барои ин матни хурде ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Хонандагон матнро дар дафтар мекӯчонанд. Омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мегирад.

Намунаи матн:

*Падараш ҳар ду фарзандашро бо меҳрубонӣ ба оғӯш гирифта, насиҳат кард. "Аз шумо хоҳиш дорам, ки ҳар рӯз ба оина нигоҳ кунед. Писарам, ту кӯшиш кун, ки бо кирдори хубу нек зебоии чеҳраатро зеботар гардонӣ. Ту, духтарам, кӯшиш кун ки безебии чеҳраатро бо кору амали хуб зеботар ва мақбули дигарон гардонӣ." Аз "Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким"*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, таҳти кунҷи 65°). | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ:** | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | |

2) **Санҷиши имло**. Рӯйхати калимаҳои шиносро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб бодани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфӣ *ӯ, ӣ, ъ* ё ҳамсадоҳои такрор асосан ба ғалат роҳ диҳанд. Сипас калимаҳоро хонед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред. Сипас холи гирифтаи хонандаро бо холи қисми санҷиши наҳв ҷамъ карда, ба ҷадвал нависед.
**Намуна:**
Дур, буд, мӯр, тӯр, машҳур, занбӯр, пурхӯр, зӯр, анбӯр, ҷӯра, мағрур, танбӯр, масрур, шӯр, мавзӯъ, баъд, минбаъд, сонӣ ва амсоли он.

Меъёрҳо:
Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол
Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол
Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3 хол

3) **Санҷиши наҳв/синтаксис**. Барои санҷиш метавонед ба хонандагон якчанд калимаи шинос пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки як ё ду ҷумла нависанд
Намуна: *зимистон, афсона, буд-набуд, харгӯш*
Сипас ҷумлаи навиштаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои поён санҷида ба онҳо хол гузоред.

| Меъёрҳо | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷамъ: | | | |

4) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонанда якчанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз ӯ хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Сипас кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида мешавад ва натиҷаи холҳо ба ҷадвал дарҷ мегардад. Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

| **Меъёрҳо** | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |

## VI. Ҷадвалҳои арзёбии малакаҳои хонандагон

Дар фасли мазкур ҷадвалҳои арзёбии малакаҳои хондан, навиштан ва гуфтану шунидан пешниҳод мегарданд. Шумо метавонед вобаста ба салоҳиятҳо ва мақсадҳои таълимии дарс онҳоро барои арзёбии малакаҳои хонандагон истифода баред.

### 6.1. Ҷадвалҳои арзёбии малакаҳои хондан

| **Нишондиҳанда** | **Тамоман не** | **Қисман** | **Пурра** |
|---|---|---|---|
| Ном (унвон)-и матн (асар)-ро гуфта метавонанд. | 0 | 1 | 2 |
| Муаллифи матн (асар)-ро гуфта метавонанд. | 0 | 1 | 2 |
| Қисмҳои аввал, мобайн ва охири матнҳои содаро муайян карда метавонад. | 0 | 1 | 2 |
| Аз қаҳрамон (ҳо), замон ва макони баргузории воқеаҳои матнҳои хурдро гуфта метавонад. | 0 | 1 | 2 |
| Сархатҳои матнро нишон дода метавонад. | 0 | 1 | 2 |
| Матнҳои содаро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ ва дарки маънӣ) хонда метавонад. | 0 | 1 | 2 |
| Шарҳи маънои калимаҳои душворро аз луғати зери матн ёфта метавонад. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |

### 6.2. Ҷадвалҳои арзёбии малакаҳои навиштан

Ҷадвали арзёбии қоидаҳои навиштан.

| **Меъёрҳо:** | **Тамоман не** | **Қисман** | **Пурра** |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, тахти кунҷи 65°). | 0 | 1 | 2 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 0 | 1 | 2 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 0 | 1 | 2 |
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 0 | 1 | 2 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 0 | 1 | 2 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |
| **Ҳамагӣ** | | | |

**Санҷиши наҳв/синтаксис**.

| Меъёрҳо | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷамъ: | | | |

Ҷадвали ҷамъбастии малакаҳои навиштан

| **Меъёрҳо** | **Тамоман не** | **Қисман** | **Пурра** |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст. | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст. | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |

| **Меъёрҳо** | **Тамоман не** | **Қисман** | **Пурра** |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, таҳти кунҷи 65°) аст. | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Тартиби калимаҳои ҷумла мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикианд. | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҷумлаҳо мантиқан ба ҳам алоқаманданд. | | | |
| **Ҷамъ:** | | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | |

**6.3. Ҷадвалҳои арзёбии малакаҳои гуфтан**

| **Меъёрҳо** | **Тамоман не** | **Қисман** | **Пурра** |
|---|---|---|---|
| Фикрашро озодона баён мекунад. | 0 | 1 | 2 |
| Бо забони адабӣ гап мезанад. | 0 | 1 | 2 |
| Мувофиқи мавзӯъ суҳбат менамояд. | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода мебарад. | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ:** | | | |

| Нишондиҳандаҳо | Не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён мекунад. | 0 | 1 | 2 |
| Пастиву баландӣ ва оҳанги овозашро идора карда метавонад. | 0 | 1 | 2 |
| Фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён мекунад. | 0 | 1 | 2 |

**Ҷадвали санҷиши малакаи нақл кардани хонандагон**

| Нишондиҳандаҳо | Не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Ҳангоми нақл қоидаҳои забони адабиро риоя мекунад. | 0 | 1 | 2 |
| Овоз ва оҳанги гуфторро хуб идора мекунад. | 0 | 1 | 2 |
| Диққати шунавандагонро ҷалб мекунад. | 0 | 1 | 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Шавқовар нақл мекунад. | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матнро риоя мекунад. | 0 | 1 | 2 |
| Фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён мекунад. | 0 | 1 | 2 |

### 6.4. Варақаи назорати фаълияти хонандагон ҳангоми корҳои гурӯҳӣ

| **Нишондиҳандаҳо** | **Не** | **Баъзан** | **Доимо** |
|---|---|---|---|
| **Фикрашро озод баён мекунад.** | **0** | **1** | **2** |
| **Барои самаранокии кори гурӯҳ ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунад.** | **0** | **1** | **2** |
| **Ҳамгурӯҳонашро бодиққат гӯш мекунад.** | **0** | **1** | **2** |
| **Сухани дигаронро намебурад.** | **0** | **1** | **2** |
| **Барои такмили кори гурӯҳ аз сарчашмаҳо (китоби дарсӣ ва дигар адабиёт) истифода мебарад.** | **0** | **1** | **2** |
| **Хонандагони камфаъоли гурӯҳро ба фаъолият даъват мекунад.** | **0** | **1** | **2** |

Сарчашмаҳои интертентӣ


http://www.betterlanguageteaching.com/esl-activities/85-warmup-activities
http://www.fluentu.com/spanish/educator/blog/spanish-class-ideas/
http://www.gcasd.org/Downloads/Activating_Strategies.pdf
www.teachingenglish.org.uk/article/presenting-vocabulary
http://busyteacher.org/4197-5-best-ways-to-introduce-new-vocabulary.html
http://busyteacher.org/2921-teaching-english-vocabulary-10-fabulous-ways-to.html
eal.britishcouncil.org/teachers/great-ideas-introducing-new-vocabulary
Spelling Words Well, May 2013. http://www.spelling-words-well.com/spelling-bee-rules.html

http://www.readingrockets.org/content/pdfs/original_alert15.pdf
http://www.readingrockets.org/teaching/reading101/fluency
http://www.readingrockets.org/strategies
http://www.readingrockets.org/strategies/timed_repeated_readings
http://www.readingrockets.org/article/two-methods-developing-fluency
http://www.luchiksveta.ru/enziklop_giv/giv.html#bottom9
https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9B%D0%B5%D0%B2

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ 2-юм

**бароии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Холов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 29.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 51.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши №100/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru